АБДУХАЛИЛ ХОЛИҚЗОДА

# ҲАВОДИСИ РӮЗГОРИ МАН

Душанбе
«__________»
2023

ББК
Х–66

Муҳаррир: ***Толиб Луқмон***

Ороиши муқова: ***Оят Шукуров***

**Холиқзода Абдухалил**. Ҳаводиси рӯзгори ман. – Душанбе: «__________», 2023. – 288 с.

ISBN 978-99985-…

© Холиқзода Абдухалил, 2023

*Чу по дорӣ, бирав, дасте биҷунбон,*
*Туро бедаступоӣ маслиҳат нест.*
***Мавлоно***

## ПЕШГУФТОР

Китобе, ки хонанда дар даст дорад, ба навъе идомаи китоби аввали муаллиф –“Моҷарои рафта” аст, ки дар соли 2018 ба чоп расида буд. Ҳадаф аз навиштани китоби аввал шиносондани насли ҷавони тоҷикистониён ба асли худашон буд, зеро бар асари пошхӯрии давлати Шӯравӣ ва ҷанги дохилӣ дар Тоҷикистон ва ба илова ба шарофати ҷаҳонишавӣ, бисёр ҷавонони тоҷик дар хориҷ аз кишвар бузург шуданд ва аз асли худ дур монданд. “Моҷарои рафта”– таърихчаи шифоҳии Тоҷикистон аз расму одат ва суннатҳои мардуми тоҷики асри Шӯравӣ ва замони аввали Истиқлол ҳикоят мекунад, ки аз сӯи хонандагон хуш пазируфта шуд.

Китоби “Ҳаводиси рӯзгори ман” ба ҳамон сабк навишта шуда, бештар ба ковиши қуввату заъфҳои кишвар бахшида шудааст. Ин китоб низ шомили ёддошту мушоҳидаҳо ва афкори муаллиф аст, ки дар солҳои гуногун навишта шудаанд. Матлабҳое, ки дар ковиши заъфҳо навишта шудаанд, ба сони оинаанд, ки муаллиф ҳамроҳ бо пешниҳодҳои созандаи худ дар рӯбарӯи мухотаби ҳамватани худ гузоштааст. Мақсад аз оинадорӣ бармало кардани заъф баҳри рафъи он аст. Ба оина наметавон шӯрид, шӯридан ба оина худшефтагист, ки дар тиб онро беморӣ медонанд!

Муаллиф ин номаро ба ду сабаб навиштааст: нахуст, ин ки иншо кардан тақозои табиаташ гашта ва дувум, натавонистааст ба тақдири миллату кишвараш бетафовут бошад. Ёддошту мушоҳидаҳои нависанда дар солҳои гуногун навишта шуда бошанд ҳам, тарзе чида шудаанд, ки дар дарки муҳтаво халал эҷод намекунанд.

Нависанда дар нигориш аз муҳаббати дӯстон баҳра бурдааст. Устодон Абдунабӣ Сатторзода, Абдулқодири Рустам, Сайфуллоҳ Муллоҷон ва Толиб Луқмон дар вироиш ва тасҳеҳи матн заҳмат кашиданд, ки ба ҳусни асар афзуд. Муаллиф аз лутфи ин устодони забардаст сипосгузор мебошад.

Шоири ширинкалом Ҳасани Қарибӣ ин бор ҳам, мисли китоби қаблӣ, ташвиққунанда ва дастгири муаллиф буда, бо тавсияҳо дар чидмону интихоби унвонҳо хидмати босазое дар “шоирона” шудани матн ба харҷ додааст. Нигоранда ба ин дӯсту бародари азиз миннатдории худро баён медорад.

Тарроҳии зебои муқоваи китоб кори меъмор ва наққоши боистеъдоди ҷавон Оят Шукуров аст. Нависанда аз лутфу заҳмати ӯ сипосгузор мебошад.

Агар боз ҳам каму костие дар матн ба чашм бирасад, хонанда бузургворӣ кунад ва бибахшад, зеро шуғли асосии нигоранда қаламкашӣ нест.

# БА ҲАР ҲОЛАТ, КИ БУДАМ, БО ТУ БУДАМ, МЕҲАН, ЭЙ, МЕҲАН

***(Лоҳутӣ)***

Тоҷикистон кишварест дар Осиёи Миёна, ки аз пораҳои аморати Бухорои собиқу хонии Қӯқанд ва генерал губернатории Туркистон ба дасти болшевикон сохта шудааст. Аз ҷиҳати ҷуғрофӣ кишвар ба ду қисм–ҷанубӣ ва шимолӣ тақсим мешавад, ки қисмати шимолиро аз ҷанубӣ қаторкӯҳҳои Зарафшон ҷудо мекунад ва ягона роҳи мошингарди байни ин ду қисмати кишвар аз ду гардана–Анзоб ва Шаҳристон мегузарад. (Дар забони мо тоҷикҳо барои ифодаи ин маънӣ вожаи "ағба" маъмул бошад ҳам, вале истилоҳи ноби "гардана" ба завқи ман бештар муносиб аст). Дар замони шӯравӣ ин роҳ дар ҳарду гардана душворгузар буд ва зимистон баста мешуд. Солҳое, ки зимистон сарду пурбарф меомад, роҳ бар ин гарданаҳо то шаш-ҳафт моҳ баста мебуд ва қисматҳои водии Фарғонаву Истаравшан ва Зарафшон ба водии Ҳисору қисмати ҷанубии кишвар тавассути қаламрави кишвари ҳамсоя роҳи заминӣ доштанд. Имрӯзҳо давлат дар ҳарду гардана тунел ё нақби нақлиётӣ зада, ҳарду қисмати кишварро дар тамоми сол ба ҳам васл кардааст.

Вале аз ҷиҳати маҳал кишвар ба ҳафт қисмат тақсим аст. Шимол ба қисматҳои водии Зарафшону Истаравшан ва водии Фарғона, ҷануб ба Хатлон, Рашт, Бадахшон ва қисмати марказӣ – водии Ҳисор ҷудо дониста мешавад.

Қаблан мушкили роҳу равуо дар қисмати ҷануби кишвар ҳам вуҷуд дошт. Роҳи байни қисмати ҷанубу маркази

кишвар ба вилояти Бадахшон низ душворгузар ва дар зимистонҳо баста мешуд. Ҳоло давлат дар ин самт низ роҳ бино карда, ки натанҳо ин ду қисмати кишварро ба ҳам васл намуд, балки то ба Чин рафта, кишварро аз бунбасти нақлиётӣ низ раҳо сохт.

Қаблан, бар асари набудани роҳ дар байни қисматҳои кишвар, мардуми маҳалҳо дар инзиво ба сар мебурданд, ки ба ваҳдату ҳамгироӣ мусоидат намекард. Як заминаи падидаи маҳалгароӣ ҳамин омил низ будааст. Ин падидаро ман дар китоби "Моҷарои рафта" мухтасар тасвир кардаам. Хушбахтона, имрӯз ин вазъ ба таври назаррас дар ҳоли тағйир аст, роҳҳо имкон медиҳанд, ки равуо ва ҳамгироӣ дар байни мардуми маҳалҳо сурат бигирад ва мардумро дар зеҳну афкор низ якпорча гардонад.

Падидаи маҳалгароӣ зеҳни ҳар як фарди соҳиб-андешаро машғул медорад, зеро дар таърихи навини мо сабаби асосии бебандубориҳо низ ҳамин падида ба ҳисоб меравад. Умедворам, ҳоло, ки шароити мусоид фароҳам шуда ва ҷомеа ҳам асари асафбори ин падидаро таҷриба кардааст, бо кӯшиши зиёиён ва бахусус ҷавонон, ҷанбаи тафриқаандозии он коҳиш ёбад ва шояд рӯзе аз байн бурда шавад.

Вақте дар бораи беадолатиҳое ки дар замони шӯравӣ дар ҳаққи халқи тоҷик раво дида шуд, аз ҷумла ин ки дар натиҷаи "табартақсим" мо аз марказҳои худ маҳрум шудем, гап меравад, шӯравигароҳо доду даъво мебардоранд, ки "Шӯравӣ буд, ки ба тоҷикон кишвар сохт ва ин кишварро обод ҳам кард". Ин зеҳният дар байни қисми шӯравигаро устувор аст, ки ин кишвари Тоҷикистон, ки мо дорем, туҳфаи болшевикон ба мо тоҷикон аст. Ангор, мо дар ҳаво муаллақ будаем ва болшевикон омаданду барои мо замине сохтанд ё аз ҷайбашон дар овардану густарданд ва моро дар он ҷой доданд.

Дар асл, болшевикон аморати Бухороро барои манфиатҳои худ тиккаву пора карданд, тибқи мақоли “тақсим созу ҳукумат кун” онро ба “ҳудудҳои миллӣ” ҷудо сохтанд ва ба мо як пораи комилан ноободи ин сарзамин расид ва он ҳам дар натиҷаи муборизаҳои ҷонбаркафи фарзандони фарзонаи миллати тоҷик. Дар замони ин тақсимоти беадолатона ва баъд аз он, ҳар фарди тоҷик, ки барои ҳаққи миллати худ даҳон кушод, сар бохт. Чун он вақт мардуми тоҷик дар чанголи кашокаши таърих бечора монда буд, лоилоҷ ба вазъ тан дод ва ба ободонии ин пораи муқаддаси хоки Ватан азм кард.

Зеҳнияти дигаре, ки дар миёни шӯравипарастон роиҷ аст, ин аст, ки гӯё ҳар чизеро, ки дар ин паҳно сохта шудааст, болшевикҳо сохтаанд. Гӯё мардуми тоҷик дар он замон ба давлати Шӯравӣ шомил набуданд. Ангор, падару бобои мо ба мисли маймунҳо дар шохи дарахтон мезистанд ва болшевикон хонаву ҷой бино кардаанду ба онҳо гуфтанд: “Марҳабо”!

Кишвари Тоҷикистон дар қисмати хурди сарзамине бино шудааст, ки дар он ҳамеша аҷдоди мо маскун будаанд. Агар Тоҷикистон дар замони шӯравӣ пешрафте дошт, он маҳсули дасти мардумест, ки дар он сукунат доштанд. Ҳамин мактабу дармонгоҳу бемористонҳое, ки дар ин сарзамин сохта шудаанд, ҳадди аксар аз будҷаи худи Тоҷикистон ва ба дасти худи мардум сохта шудаанд. То ҳол обилаи дасти кишоварзи пахтаву тамокупарвари ин диёр нахушкидааст ва гарди рӯи чоруқи чӯпонони ин диёр пок нашуда! Маҳсулоти кишоварзии минтақа, бахусус пахта, дар шаҳрҳои шимоливу ғарбии Шӯравӣ коркард мешуд ва он корхонаҳо нақши шаҳрсозро доштанд. Агар ба он мантиқи заиф такя намоем, метавон гуфт, ки кишоварзони тоҷик ҳам ба он шаҳрҳо ёрона медоданд?!

Дар замони авҷи ҳукумати Шӯро шумори ҳадди аксари мардуми ғайрибумӣ дар Тоҷикистон аз даҳ дарсад беш набудааст. Табиист, ки ин мардуми ғайрибумӣ низ дар сохтусози кишвар ба ҳамон андоза саҳм доштаанд. Ва агар имрӯз ҳам фарзандони онҳо шаҳрванди ин кишвар будан хоҳанд, ҳеч монеае дар пеши рӯй надоранд.

Вале ин зеҳнияти бардавор, ки гӯё мо ҳеч будем ва абадан мадюни болшевикон бояд бошем, ҳадди ақал тавҳинест ба обилаи дасти деҳқон ва гарди чоруқи чӯпони бумӣ. Бояд бо ифтихор гуфт, ки мардуми асили бумӣ бо вуҷуди он ки ба ақибмондатарин ҳошия ронда шуданд, тавонистанд барои худуояндагонашон як кишвари шукуфон бино кунанд.

Мутаассифона, ғайр аз ду–се нерӯгоҳи барқ, тақрибан ҳамаи корхонаҳои азиме, ки Шӯравӣ бунёд карда буд, ба дарди замони Истиқлол нахӯрд, ҳама бекор ва ба оҳанпора табдил шуд. Ин корхонаҳои саноатӣ бештар ҷузъи занҷираҳои тавлидотии Шӯравӣ буданд, ки бо гусастани робитаҳои иқтисодии байни ҷумҳуриҳои Шӯравӣ аз кор монданд ва дар раванди хусусигардонӣ бо нархҳои ночиз фурӯхта шуданд. Касоне, ки ин корхонаҳоро хариданд, онҳоро барои маҳсулоти ниёзи рӯз мутобиқ накарданд, балки аксаран замину таҷҳизоти онро қисм-қисм фурӯхтанд ё то ҳол бекор хобидаанд. Вале баъди солҳои духазорум, фитрати азалии мардуми тоҷик имкон дод, ки кишвар рӯ ба рушд оварад ва дар тӯли камтар аз бист сол корҳои ободонӣ бамаротиб зиёд иттифоқ уфтад. Дар ҳоли ҳозир кишвари моро метавон ба ҳавлии падарӣ ташбеҳ кард. Кишвари хурд, вале маҳбуб. Он аз падару бобоёнамон ба мо мерос мондааст. Ниёгонамон тавонистанд дар ин гӯша шароите муҳайё намоянд, ки мо дар он бо рифоҳ бузург шудем. Акнун навбати мост, ки онро ҳифз намоем ва ободу сарсабз баояндагон биспорем.

## ВАЗЪИ ПОЙТАХТ

Дар солҳои 1997 то 2000 шаҳри Душанбе сарду торик, валангору бенур ва ба навъе дар муҳосира буд. Дар ҳамаи даромадгоҳҳои шаҳр блок-посҳо гузошта буданд. Дар дохили шаҳр низ дар роҳҳои асосӣ рӯи роҳро бо блокҳои бетонӣ баста, аз ҳисоби ин ё он фармондеҳ пос гузошта буданд. Ҳини убур аз ин посҳо саворон ва ҳатто пиёдагон кофтукоб ва ғорат мешуданд.

Роҳҳо таъмирнадида ва асфалташон харобшуда буд, ҷой-ҷой гӯё бомб афтида бошад, чуқуриҳои зиёд дошт, ки мошин аз он ба душворӣ мегузашт. Таъмини хонаҳои истиқоматӣ бо обу барқ мушкил шуда буд. Фишори об танҳо ба ошёнаи аввали биноҳо ва он ҳам на ба ҳама ҷой мерасид, сокинон ба ошёнаҳои болоӣ дастӣ об мекашонданд. Системи тасфияи об аз кор уфтода буд ва ба шаҳр оби чиркини лойолуд дода мешуд. Вақти аз лӯла рехтан шаффоф намояд ҳам, дар рӯи фарши сафеди душ чиркаш маълум мешуд. Дар ин бора аз Комрон латифаи ҷолибе шунидаам:

Як донишҷӯи африқоӣ ба Душанбе омад. Рӯзи аввал, вақте дар ҳаммом оббозӣ мекард, дид, ки аз баданаш ба кафи ҳаммом оби сиёҳ мешорад. Ӯ ба тааҷҷуб омад ва худ ба худ гуфт: "Ана, барои чӣ тоҷикон сафедпӯстанд! Оби ин кишвар пӯсти сиёҳро сафед мекунад!"

Барқ ҳамагӣ чанд соат дода мешуд. Системи гармидиҳии мутамарказ комилан аз кор монда буд. Дар фасли сармо сокинони хонаҳои баландошёна гармидеҳҳои барқии худсохтро истифода мекарданд, ки ба ноқилу таҷҳизоти барқӣ фишор оварда, сабаби сӯхтани симу ноқилҳо ва таркишу тахриби таҷҳизоти барқӣ мешуд. Бисёр воқеъ мешуд, ки дар асари расиши кӯтоҳ дар хонаву муассисаҳо сӯхтор ба

амал меомад ё коблу трансформаторҳо сӯхта, маҳаллаҳои шаҳр ҳафтаҳо бебарқ мемонд. Системи барқи шаҳр, ки дар замони шӯравӣ сохта шуда буд, бо назардошти таъмини гармии марказӣ тарроҳӣ шуда, табиӣ буд, ки фишори болоро таҳаммул намекард. Аз ин сабаб баъзеҳо, аз ночорӣ, барои гарм кардани хонаҳо ҳатто дар ошёнаҳои баланд бухориҳои аловӣ насб карда буданд. Хулоса, шаҳр ҷангзада ва валангор буд.

Силоҳбадастон, ки онҳоро мардум “боевик” меномиданд, дар шаҳр бедод мекарданд. Саркардаҳои ин гурӯҳҳо “ҷондор”–у навкари бешумор доштанд, ки дар асл ба ғорату чаповул машғул буданд ва суди яғморо бо саркардагонашон бо ҳам медиданд. Дар шаҳр гаштани мошинҳои сиёҳшиша манъ бошад ҳам, онҳо беэътино ба қонун, шишаи мошинҳояшонро сиёҳ мекарданд. Онҳо аксаран ба дуздиву куштор ва ғасбу тааррuz машғул буданд ва дар паси шишаҳои сиёҳ қиёфаашонро панаҳ мекарданд. Ин тоифа дар кӯчаҳо бо суръати баланд ба қоидаи ҳаракат итоат накарда, мошин меронданд ва нӯги силоҳашонро аз шиша берун карда, ба ваҳму тарси шаҳрвандон меафзуданд. Мошинронии беназму қоидаи онҳо бисёр ба садама меанҷомид ва нафарони бегуноҳи аз тасодуф зарардидаро гунаҳкор мекарданд, мезаданд ва ҳатто мекуштанд.

Мардуми шаҳр аз ҷабри посҳо ва тарси ин авбошон камтар аз хонаҳо ба берун мебаромаданд ва агар бароянд ҳам, ҳанӯз торик нашуда, ба хонаҳо паноҳ мебурданд. Баъд аз соатҳои чор-панҷи бегоҳ кӯчаву хиёбонҳои шаҳр комилан холӣ мешуд, фақат ҳамин мошинҳои сиёҳшиша бо суръат мегаштанд ва туъма меҷустанд, ҳеч духтаре ё аёле аз дасташон эмин набуд.

Дар замони шӯравӣ танҳо тирезаҳои ошёнаи аввал, аҳёнан дуюм метавонист панҷараи оҳанӣ дошта бошад. Вале

дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ шаҳр ончунон ноамн шуд, ки сокинон дари даромади хонаҳоро оҳанӣ ва ба тирезаҳо то ошёнаи охир панҷараҳои фӯлодӣ насб карданд. Ҳоло ҳам он панҷараҳои оҳаниро дар тирезаҳо метавон дид. Он замон устод Лоиқ суруда буд:

*Шаҳр бедарвоза бошад, аз дари оҳан чӣ суд?...*

Воқеан, бо вуҷуди ин ҳама дару панҷараи фӯлодӣ одамон аз дасти ба ном "фармондеҳон" ва дар асл авбошон эмин набуданд. Он солҳо одамон воқеан сахт зaҷр кашиданд, дурудароз дар ҳолати бади равонӣ зистанд, афсурдагӣ, яъсу ноумедӣ дар чеҳраҳо пайдо буд.

## ЧӢ РЕЗӢ ЧУНИН ХУНИ МАН БЕГУНОҲ?
## (*Фирдавсӣ*)

Зарари асосии ҷангҳоро мардуми бегуноҳ мебинанд. Бахусус дар ҷангҳои дохилӣ тарафҳои мусаллаҳ метавонанд худро ҳимоят кунанд, вале мардуми бегуноҳи бесилоҳ қурбон мешаванд. Албатта, ҷангҷӯҳо ҳам кушта мешаванд, вале онҳо манфиатбари ин ҷанг ҳастанд ва агар кушта шаванд ҳам, ҳаққашон аст.

Мушкили дигаре, ки бар асари ҷанг ба сари ҷомеа меояд, ҳарҷу марҷи баъдиҷангӣ аст. Одатан тарафи ғолиб баъд аз ғалаба ба ҷанговарони худ имтиёзҳое раво мебинад. Ҷанговарон низ худро ҳақдор меҳисобанд ва аксар аз он суистифода мекунанд, ки боз ҳам барои мардуми бегуноҳ дардисарсоз мешавад. Аз устод Абдулқодири Рустам ҳикояти ҷолибе шунидам, ки дар ин ҷо оварданаш муфид аст:

Баъд аз Ҷанги бузурги Ватании солҳои 1941-45 низ ҷанговарони аз ҷанг баргашта, ки онҳоро “фронтовик”(куҳнасарбоз) меномиданд, мушкилоти зиёд халқ карда

будаанд. Аз таърих медонем, ки Сталин маҷбур шуд бар зиддашон чораҳои қатъӣ андешад.

Боре ба роҳбари ҳукумати вақти Тоҷикистон, Бобоҷон Ғафуров, иттилоъ расид, ки як собиқадори ҷанг дар шаҳри Хуҷанд кушта шудааст. Бобоҷон Ғафуров як муфаттиши кордонро ба он ҷо равон мекунад, то қазияро тафтиш намояд ва чун масъала ҳассос ба шумор мерафт, дастур медиҳад, ки аз натиҷа шахсан ба ӯ гузориш диҳад. Муфаттиш пас аз муддате бо парванда ба назди Ғафуров меояд ва арз мекунад, ки қазияро боз кардааст ва кушандаи он "фронтовик" падараш будааст.

Мақтул бо суистифода аз "куҳнасарбоз" буданаш ба озори мардум машғул буда ва ҳатто ба духтари мардум таҷовуз мекардааст. Ба насиҳати падару бузургон аҳаммият намедода ва ҳатто ба онон беэҳтиромиву ҷафо раво медоштааст. Падари бечора ба муфаттиш иқрор карда буд, ки аз шарми мардум маҷбур шудааст, ки шарри писари нохалафашро биканад.

*Ба нопокзода мадоред умед,*
*Ки зангӣ нагардад ба шустан сапед.*
*Зи бадасл чашми беҳӣ доштан,*
*Бувад хок дар дида анбоштан.*
*Падар чун ба фарзанд монад ҷаҳон,*
*Кунад ошкоро бар ӯ бар ниҳон.*
*Гар ӯ бифканад фарру номи падар,*
*Ту бегона хонаш, махонаш писар.*

Бобоҷон Ғафуров парвандаро аз дасти муфаттиш гирифта, дар сандуқ мегузорад ва он падарро аз ҷавоб муоф мекунад. Рӯҳи Бобоҷон Ғафурови ҷавонмард шод, ангор, ранҷи дилу ҷони он падарро дар умқи ҷонаш ҳис карда буд.

# ТУРО ОШТӢ БЕҲТАР ОЯД ЗИ ҶАНГ
## (*Фирдавсӣ*)

*Ҷанги девонавори мо бигзашт,*
*Сулҳи деринтизори мо омад...*
***Лоиқ Шералӣ***

Тоҷикистони азиз баробари аз чанголи Шӯравӣ раҳо шудан ба вартаи нооромиву ҷанги дохилӣ фурӯ рафт, ки ин бесуботӣ панҷ сол давом ёфт. Низоъ дар Тоҷикистон дар байни шӯравигароҳо ва истиқлолхоҳон сар шуда бошад ҳам, ба зудӣ ба ҷанги байни маҳалҳо табдил шуд. Дар натиҷаи қудратхоҳии чанд тан ва дахолати кишварҳои хориҷӣ мардуми зиёд талаф гашту бехонумон шуд. Чун ҷанг дар байни маҳалҳо буд, намояндаҳои маҳалли мағлуб ба Афғонистон паноҳ бурданд ва панҷ сол дар он кишвар дар ҳолати бисёр сахт гузаронданд. Дар навиштаҳои афғонистониён аз ҷузъиёти бади зиндагии онон дар он давра огоҳ мешавем. Нақлҳои зиёд дар бораи ҳоли зори мардуме, ки дар он солҳо маҷбуран Ватанро тарк карда, ба Афғонистон паноҳ бурда буданд, низ шунидаам.

Дар солҳои 1992-93 нерӯи мусаллаҳи мухолифон ба Афғонистон фирор кард ва марзи мо бо он кишвар дар тӯли панҷ сол ором набуд. Дар ниҳоят, рӯзи 27 июни соли 1997, бо миёнҷигарии Созмони милал ва кишварҳои пуштибони тарафҳо–Русияву Эрон, дар Маскав "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон" тасвиб шуд.

Имзои ин созишнома ба миллату мардуми тоҷик хурсандии беандоза оварда бошад ҳам, то ба оромӣ ва амнияти комил расидани кишвар се соли дигар гузашт. Бар асари муқарраароти ин созишнома мухолифин ба Ватан баргаш-

танд ва марз бо Афғонистон ором шуд, вале ҳамон тур, ки зикраш дар китоби “Моҷарои рафта” рафт, дар давоми се соли аввали баъди оштӣ вазъи амният дар дохили кишвар бадтар шуд. Агар то ин дам танҳо ҷангсолорони Фронти халқӣ бедодгарӣ мекарданд, ки кам набуданд, акнун дастаҳои мусаллаҳи мухолифон низ ба кишвар ворид шуда, авҷи бедодиро ба фалак расонданд ва ба мардум, махсусан одамони бесилоҳ, зулми беандоза раво диданд. Аз соли 1997 то соли 2000 тохтутози силоҳбадастон ва фармондеҳони ду тараф ба авҷи аъло расид ва хонанда аз китоби “Моҷарои рафта” медонад, ки чӣ балоҳое ба сари хонадон ва наздикони муаллиф низ омад.

Ҷилои Ватан барои мардуми ин сарзамин бори аввал рӯй надодааст. Солҳои бисти асри гузашта низ бар асари ҳуҷуми аскари сурх қисме мардум ба Афғонистон паноҳ бурдаанд. Боре дар як нишасти дӯстона Вазири умури дохилии кишвар Рамазон Раҳимзода аз замони бачагияш ҳикояеро нақл кард, ки маро хеле муттаассир кард ва ман беихтиёр гуфтам:

– Инро бояд навишт!

– Бинавис, – билофосила ҷавоб дод ӯ. Ман ҳам қавл додам, ки онро менависам.

Шиносоии ман бо Рамазон Раҳимзода ба воситаи дӯсту бародари азизам Саймумин Сатторович Ятимов иттифоқ уфтод, ки ба дӯстиву бародарӣ расид. Ӯ шахси боистеъдод, илова бар ин ки дар касбаш муваффақ ва китобҳои илмӣ навиштаву соҳибунвон аст, ҳунари шеъргӯӣ ва мусиқинавозӣ ҳам дорад. Бо тахаллуси “Ниҳонӣ” шеър мегӯяд. Дар замони навиштани ин сатрҳо Рамазон Раҳимзода дар мансаб дар хидмати миллат аст, Худованд ба умраш баракат диҳад ва ба обрӯяш бияфзояд!

Он ҳикояро навиштам ва чун марғубу омӯзанда аст, дар поин оварданашро лозим медонам, то ҳар касе, ки ба ҷанг меандешад, бидонад, ки чӣ балое ба сари мардум меорад. Нақли ин ҳикоят сахт аст, чӣ расад ба хонданаш. Вале овардани онро салоҳ медонам, зеро китобҳои таърих омӯзандаанд, агар ақле дар кор бошад. Шоир чи накӯ фармуда:

*Чу аз оштӣ шодӣ ояд ба чанг,*
*Хирадманд ҳаргиз накӯшад ба ҷанг.*

***(Абушакури Балхӣ)***

## КУНУН БИШНАВ АЗ МАН ЯКЕ ДОСТОН
## (*Фирдавсӣ*)

Зикр кардан зарур аст, ки дар ин ҳикоят саҳнаҳои мудҳиш ҷой доранд ва хондани он ба ноболиғон ва афроде, ки равони заиф доранд, тавсия намешавад.

*Лаънат ба касе, ки аз Ватан канда шавад,*
*Афтад ба ғарибию ба кас банда шавад.*

Замони бачагиям ба назди бобоям дӯстонаш бисёр меомаданд ва дар меҳмонхона нишаста суҳбат мекарданд. Ман дар назди бобоям нишаста, суҳбати онҳоро гӯш мекардам. Аммо баъзан маро барои нашунидани ҳикояҳое, ки ба гӯши бача муносиб набуданд, бо баҳонаи чой ё чизҳои дигар ба берун мефиристоданд.

Боре ҳангоми як чунин нишаст дар меҳмонхонаи бобоям, пирамарди ҳамсоя аз Расул ном дӯсти бобоям, ки дар деҳаи дигар мезисту гаҳ–гоҳе ба дидани бобоям меомад,

хоҳиш кард, ки қиссаи ишқаш бо Нозанинро ҳикоят кунад. Дигарон низ хоҳиши ӯро пуштибонӣ намуда, исрор кардан гирифтанд. Бобоям ба ман "рав, чой биёр" гуфта, фармон дод. Ҳис кардам, ки ӯ намехоҳад ман ин қиссаро гӯш кунам ва ин амр баръакс эҳсоси кунҷковиамро барангехт ва азм кардам, ки қиссаро бояд ҳатман шунавам. Аз дар баромада, ба ҳамсояамон, ки вақтҳои ҷамъ шудани дӯстони бобоям омада дастёрӣ мекард, гуфтам:

– Бобом гуфт, ба ту гӯям, ки чой биёрӣ.

Ӯ ба сӯи хона барои чой рафт. Ман ба роғи дар наздик шуда, гӯш кардам. Ин дӯсти бобоям ба хоҳиши аҳли нишаст эътино накард магар, ки онҳо ба бобоям рӯй оварданд:

– Абдукарим, худат ҳикоят кун, ту, ки ҳамаашро медонӣ, – ва исрор варзиданд. Бобоям ҳам гуфт:

– Монед ӯро, ғам надиҳед, ман ҳикоят мекунам.

Ва ба ҳикоят сар кард:

Ман,–гуфт ӯ,–дар ҷавониям барои кор ба Фарғона рафта будам. Дар он ҷо ҳамроҳи коргарони рус дар корхонаи пахтатозакунӣ ба кор даромадам. Баъд аз муддате инқилоб шуд ва русҳои ҳамроҳи ман аъзои Ревком шуданд ва маро ҳам ҳамроҳашон бурда, аъзо карданд. Маълум шуд, ки онҳо қаблан ташкилоти махфӣ ташкил карда, бо инқилобиҳои Тошканду Русия робита доштаанд. Баъд аз чанде яке аз онҳо, ки сардорашон буд, маро даъват карда гуфт:

– Ба зудӣ инқилоб то ба ҷойҳои шумо ҳам меравад ва мо барои ту супорише дорем.

Ман, ки бо онҳо унс гирифта, аъзои ревком шуда будам ва медидам, ки тарафдори касони мисли ман бенавоянд, гуфтам:

– Ҳар супоришу фармоише бошад, иҷро мекунам!

Ӯ гуфт:

– Амири Бухоро ба Афғонистон гурехт, бойҳову босмачиҳо низ ба он сӯ мегузаранд, то бо ёрии инглис қувва ҷамъ карда баргарданд ва бо ҳукумати мову ту – камбағалон биҷанганд ва ҳокимиятро соҳиб шуда, мисли пешин моро истисмор кунанд. Ту бояд ба Афғонистон равӣ, чанд моҳ дар байни гурезаҳо бигардӣ ва иттилоъ ҷамъ оварда баргардӣ.

Ӯ ба ман дастуру супоришҳои лозимаро дод ва баъд як коргари низомӣ ду рӯз ба ман тарзи ҷамъоварии иттилоот ва ба чи чизҳо аҳаммият доданро омӯхт.

Ревком ба ман асп ва харҷи роҳро дод ва ман рӯзи дигар ба роҳ баромадам ва ба деҳаи зодгоҳам раҳсипор шудам, ки хешу таборро зиёрат кунам ва баъд ба сафар идома дода, ба Афғонистон барои иҷрои супориш биравам. Вақте ман ба деҳ расидам, мардумро дар ташвишу изтироб ёфтам. Чанд хонавода кӯч баста буданд, чанди дигар ҳам озими Афғонистон буданд. Ҳама аз ман мепурсиданд, ин Ленин чӣ касест, ки Амир аз ӯ тарсида гурехтааст ва оё ин Ҳуррият воқеан ҳамон тавр ки мегӯянд, девсурату хунхор аст, ки ҳеч лашкаре пешашро гирифта наметавонад? Ман ба қадри донишу тавонам ба ҳама мефаҳмондам, ки Ҳуррият ба мардум кордор нест, замину сарвати бойҳоро гирифта, ба ҳама тақсим мекунад ва барои ҳама зиндагии баробар месозад. Расул – бо сараш ба сӯи дӯсташ, ки нигоҳашро аз дастархон намеканд, ишора карда, гуфт бобои Абдукарим,–яке аз ҷавонмардони намоён ва дорандаи деҳа буд, беҳтарин аспи деҳа аспи сафеди ӯ буд, қитъаҳои замину чорво дошт, ба назди ман омада гуфт:

– Ман медонам, ки ҳуррият шавад, маро осуда зистан намемонанд. Ман ҳам тайёрӣ дидаам, ки биравам, вале ин ҳама зану бачаро куҷо мебарам?

Ман ҳарфе барояш надоштам, вале ӯ аз нигоҳам рамуз гирифт ва бо сари хам баргашта рафт.

Расул, ки то ин дам каҷпаҳлӯ кашида менишаст, болиши зери кашашро тела дода, ба пушт дароз кашид ва рӯболо хобид.

– Дар деҳа Нозанин ном духтаре мезист, ки овозаи зебоияш дар тамоми обрав вирди забонҳо буд, – ба нақлаш идома дод бобоям.

– Болои баланд, пӯсти сафеду мӯи сиёҳ ва чашму абрӯи тасхиркунанда дошт. Ҳарки ӯро медид, ба осонӣ аз ӯ чашм канда наметавонист. Ман ду – се рӯз дар деҳа дам гирифтам ва ба сӯи марз раҳсипор шудам. Дар роҳ роҳгузарони зиёд саворави пиёда ба сӯи марз мерафтанд. Ногоҳ дидам, Расул низ аспашро этак карда мерафт ва дар болои асп хонуме савор буд. Сари хонум бо рӯймоли сафед пӯшида буд. Расул ҳикоя кард, ки чанд сол боз ошиқи Нозанин буда ва аз ӯ дил канда натавониста, ӯро бо худ гирифта будааст. Нафақаи аҳли оилаашро барои як -ду сол таъмин карда буд ва изҳори умед менамуд, ки агар Худо хоста бошад, то он замон бармегардад.

Мо чанд рӯз ҳамсафар будем, аз рӯд гузаштем ва шабе дар бошгоҳи гурезагон дар канори рӯд хобида, рӯзи дигар ба дохили мулки афғон роҳ гирифтем. Бегоҳии рӯзи дигар ба як деҳе расидем ва дар он ҷо чанд нафар тоҷикони пеш аз мо омадаро вохӯрдем, ки дар қаторашон ду-се нафари шинос аз деҳаҳои атрофи мо ҳам буданд. Баъзе гурезагон аллакай ним сол ва бештар дар ин ҷо зиндагӣ мекарданд. Онҳо ба мо нақл карданд, ки ин заминҳои қишлоқи ҳазораҳост ва сардори деҳа ба онҳо иҷозат додааст, ки дуртар аз қишлоқ барои худашон коза бисозанд ва ба ивазаш дар корҳои қишлоқ ёрӣ кунанд. Мегуфтанд, обкашониву чӯпонӣ ва дигар корҳои қишлоқиёнро мекунанд ва дар ивазаш нон меёбанд. Ману

Расулро тарғиб мекарданд, ки ҳамин ҷо бимонем. Расул қарор кард, ки барои муддате ҳамин ҷо назди шиносҳо мемонад ва онҳо ҷамъ шуда, зуд барояш як козаи хасин аз қамиш дуруст карданд. Ман он шабро дар он ҷо рӯз кардаму хайрухуш карда, ба Кобул раҳсипор шудам.

– Ҳамин тавр дар роҳ сахтӣ кашида бошам ҳам, дар Кобул дар саройи хубе ҷойгир шудам, ки кӯфтагии роҳро зуд рафъ кард. Вақте аз байн се моҳ гузашт, рӯзе Расул маро кофта омад. Нозанин ҳамроҳаш набуд. Ба суоли ман, ки "Нозанин куҷост?"- ҷавоб надода, маро ба чойхона даъват кард ва гуфт:

– Биё, қисса дароз аст, як чойник чой мегирем, ман муфассал ҳикоят мекунам.

Расул хеле ошуфта менамуд. Лоғар ва афсурданамо буд. Мо ба як чойхона даромада, дар кунҷе нишастем ва чойу нон фармоиш додем. Расул оҳе кашиду пурсид:

– Кай ба Ватан бармегардӣ?

– Ба зудӣ, корам қариб тамом шуд, – ҷавоб додам ман, дарвоқеъ иттилооти фаврие ҷамъ шуда буд, ки бояд мерасондам.

– Маро ҳамроҳат бар, агар зиндон кунанд, агар паронанд ҳам, Ватан хуб аст! Лаънат ба касе, ки аз Ватан канда шавад, – гуфту дар чашмонаш осори ашк пайдо шуд.

– Чаро туро бояд паронанд? Ту гуноҳе надорӣ, замину чорвоятро мегиранд, дигар касе кордорат намешавад, – дилбардорӣ кардам ман. Ӯ ба ман нигоҳи маъюсонае афканд ва гуфт:

– Ман ба ту ҳамаашро нақл мекунам, ту маро ба Ватан бар ва роҳнамоӣ кун, агар илоҷат шавад, ёрӣ кун.

Ин суханони ӯ ва ҳоли афсурдаву нигоҳи маъюсонааш ҳам раҳмдилии маро бедор мекард, ҳам кунҷковиямро. Бесаброна ҳикояти ӯро интизор будам. Ӯ қисса кард:

– Пас аз рафтани ту ҳамшаҳриҳомон маро шадидан огоҳ карданд, зинҳор, ки Нозанин ва аспамро афғонҳо набинанд, ки дарди сарам мешаванд, кашида мегиранд ва ҳатто шояд худамро ҳам нобуд кунанд. Мо пеши инҳо ҳеч қадре надорем, огоҳ карданд маро. Аспро ҳамроҳи хару аспҳои ҳамшаҳриён дуртар рондам ва Нозанинро таъкид кардам, ки ҳеч гоҳ аз коза набарояд. Худам аз атрофи коза дур намерафтам. Дар дохили коза чолае канда, тангаву тиллои овардаамро дар он гӯр карда мондам. Танҳо чанд пули хурде барои харҷи рӯзмарра дар ҳамёне нигоҳ доштам.

Нозанин дар торикии шабҳо барои қазои ҳоҷат зери назари ман берун мебаромад ва зуд ба коза бармегашт ва гӯё дар зиндон мезист. Бо гузашти ду–се ҳафта ҳолати рӯҳияш ба ҳам рехтан гирифт. Бисёр мегирист. Ман саъй мекардам дилбардорияш кунам, аз коза намебаромадам, суҳбат мекардам, вале ҳузури ман низ на ҳамеша рӯҳашро шод мекард. Ман ба қарор омадам, ки ӯро аз ин ҷо бибарам. Фикр кардам ба Кобул меравам, шаҳри калон аст, ҷое меёбам, зиндагиро сомон мебахшам. Дар ҳамин фикр будам, ки рӯзе бемор шудам. Гулӯям дард карда, ҳарорати баданам баланд шуд ва ман тамоман беқувват шуда, дар коза афтода мондам. Беҳису беёд мешудам, вале ҳар замон ба худ оям, таъкид мекардам:

– Ноз, аз коза набаро, агар касе омад, зери шол панаҳ шав, то набинадат.

Як вақт даҳонам хушк шуд ва баданам сӯхтан гирифт. Об хостам, об набуд, Нозанин барои рӯфтан ба замини коза об зада, обро тамом карда буд. Ҷои обгирӣ дар байни козаҳои мо ва деҳи ҳазорагон буд. Ман ҳарчанд ба Нозанин таъкид кардам, ки "нарав, даркор нест, ҳолам беҳ шавад, худам меравам", ӯ маро гӯш накарда, шолро ба сараш андохт ва давида аз коза баромад. Ман дар дасту поям ҷону мадор ҳис

намекардам, ки аз ҷоям бихезам. Дере нагузашта, Нозанин бо талвоса парида ба коза даромад. Рангаш канда буд. Тез-тез нафас мекашид. Тамоми вуҷудаш меларзид.

– Чӣ шуд? – бо ҳаяҷон пурсидам ман.

– Ҳеч чиз, – забонаш гирифта ҷавоб дод ӯ ва ба пиёла об гирифта, бо дастони ларзон ба сари болини ман овард. Ҳамин вақт садои суми аспе баромад ва сояи саворае рӯи девори хасии коза афтод. Соя як дам таваққуф кард ва баргашта дур шуд. Ман аз Нозанин ҳарчи пурсидам ӯ ҷавоби дурусте надод, фақат "як саворро аз дур дидам, гурехтам" гуфт. Ман фаҳмидам, ҳамон хатаре, ки шиносҳо ҳушдор дода буданд, даррасидааст. Нисфирӯзӣ бо душворӣ бархоста баромадам ва ҳамсояамро хоҳиш кардам, рафта аспамро биёрад. Бояд ҳарчи зудтар аз ин ҷо мегурехтам, "як – ду манзил меравам, аз ин бало дур мешавам, он тарафаш Худо подшост", фикр мекардам ман. Тарафи бегоҳ аспро дар хами коза бастам ва қарор кардам фардо субҳ ҳаракат кунам, зеро аз изтироби имрӯза ё аз гузаштани вақт баданам каме қувват пайдо карда бошад ҳам, ҳанӯз барои таҳаммули роҳ кофӣ набуд, умед мекардам, то субҳ ҳолам беҳтар мешавад. Вале қисмат барои ман чизи дигаре пешбинӣ карда буд.

Вақте ки ҳаво торик шуд, садои пои асп баромад, он ба коза наздик шуда бозистод ва пас аз ҷунбуҷӯле дари латтагии коза бардошта шуду як ҳайкали бадҳайбате ворид гардид. Дар рӯшании моҳ, ки аз роғҳои қамиш мегузашт, ман ба ӯ нигоҳ карда, ба ваҳшат уфтодам. Қади ин дев ончунон баланд буд, ки сараш ба сақфи коза мерасид ва ӯ сарашро ба пеш хам карда, бо чашмони суп-сурхи пурхун козаро аз назар мегузаронд. Бисоти коза хеле сода – аз як рахти хоб, ки мо рӯзона печонда мемондем ва шолчае бо ду пӯстак ва як чойнику пиёла иборат буд. Дар рӯи шолча дастархоне партофта

будем, ки нону тути хушк ва мағзи чормағзи рӯяш бо як парда пӯшонда монда буд ва дар канораш латтаи дастпоккунӣ таҳ карда мехобид. Дар кунҷ сатили об низ бо як дӯлча меистод. Дев ин ҳамаро аз назар гузаронд ва дар қатори ин ҳама нигоҳаш аз ман низ, гӯё чизе аз бисоти беҷони коза бошам, лағжида гузашт ва ба Нозанин, ки сарашро бо шолча пӯшида менишаст, дармонд. Қадаме ба сӯи ӯ гузошту шолро аз сараш бардошт. Шолро аз дастони Нозанин, ки онро аз дарун сахт дошта, сарашро ба зонувонаш зер карда менишаст, бидуни заҳмат кашида гирифт ва нӯки по ба зери манаҳи Нозанин гузошта, сарашро бардошт. Пӯсти рӯю гардани Нозанин дар равшании моҳ мисли шир ва хату холу мижгону абрувонаш мисли асари қалами сеҳрноки наққош зебо буд. Ӯ бо ҳайрат қиёфаи духтарро аз назар гузаронд ва ба сӯи ман баргашта, бо заҳрханд гуфт:

– Занат зебост, вале ин шаб моли ман мешавад.

Кӯшиши бархостани маро дида, ба як ҳаракат шамшери дарози ҳамоил дар миёнашро аз ғилоф даркашид ва қадаме гузошта, онро ба гулӯям монд.

– Ман қизилбоши ин деҳаам, ҳар чизу касе, ки дар ин сарзамин вуҷуд дорад, моли ман аст! Фаҳмидӣ?! – гуфта нӯки шамшерро ба гулӯям халонд. Дарди ҷонкоҳи захм ва фишор ба роҳи нафас тамоми нерӯи бе ин ҳам бар асари касалӣ заифи маро аз байн бурд. Ӯ ба чашмони ман нигариста, осори тарсу ваҳшати мехостаашро дид магар, ки шамшерро пас кашид ва дигар ба ман эътиное накарда, дар муқобили Нозанин ба як зону нишаст ва чоки гиребони ӯро боз карда, баданашро аз назар гузаронд. Аз дидааш ба ваҷд омада, аз ҳалқаш садоҳои "ҳм", "ҳм", ҳамон садое, ки харҳо ҳангоми бо ҳам вохӯрда, фӯк ба фӯк шудан мебароранд, дардода бо сараш ба сӯи рахт ишора карда:

– Боз кун, – гуфт ва ҳаракати духтарро интизор нашуда, шамшерро ба замин гузошт ва дароз шуда, бо дасташ рахти печондаро тоб дода боз кард. Бо як ҳаракати тунду тези даст куртаро аз сари духтар кашида гирифт, ки садои даридан ва кандани кӯкҳои он баромад. Ман бори аввал бадани Нозанинро урён медидам, то ин дам ман барои ҳамхоба шудан бо ӯ либосҳояшро каме боз мекардам ва ҳеч гоҳ баданашро комилан луч накарда будам. Ваҳшӣ Нозанинро пуштнокӣ ба рахт хобонда, эзорашро низ кашид ва бо дасти дигар шалвори худро поин кард. Узви бозшудаи ӯ деви ҳақиқӣ буданашро тасдиқ мекард. Ӯ бо як ҳамла ба болои духтар парид. Садои чеғи Нозанин ба атроф печид, дев бо даҳонаш даҳони духтарро пӯшида, лабонашро мемакид ва дар рӯи бадани ӯ ҳаракат мекард. Ӯ дигар мисли даррандае, ки пас аз моҳҳои гушнагӣ сайдеро ба даст овардааст, ба ҷисми духтар дарафтода буд. Сару рӯи ӯро мемакид ва ба зарб ҳаракат мекард. Ва гоҳе ҳам бо заҳрханда ба ман менигарист ва лобуд, аз таҳқири ман ҳам лаззат мебурд. Намедонам ин ҳамлаи ӯ чи қадр давом кард, вале ҳоло ҳам ба назарам чунин менамояд, ки соатҳо идома карда бошад. Нозанин дигар нолиш мекард ва гӯё беҳуш буд. Дев корашро ба охир расонд ва дар болои ҷисми духтар аз ҳаракат бозмонд. Пас аз лаҳзае бархоста нишаст ва бо латтаи лаби дастархон узвашро тоза карда, пардаи рӯи дастархонро бардошт ва нону туту чормағзро пеш кашид ва нонро пора карда, туту чормағзро дар он печонда, ба даҳонаш халонда хӯрдан гирифт. Нозанин дар рӯи рахт зонувонашро ҷамъ карда, манаҳашро ба рӯи зонувонаш зер карда, бо пироҳани даридааш ҷисми урёнашро пӯшида, нола карда менишаст. Аз гулӯяш садои ҳиқ – ҳиқи гиряолуд бо нафаси гирифта берун меомад. Шамшер дастааш сӯи рахт ва нӯкаш сӯи ман дар замин байни мо мехобид. Ман ҳамаи ин

саҳнаро аз зери пардаи меҳ, вале возеҳ медидам, фақат чашму гӯшҳоям кор мекард, боқӣ ҳеч узви баданамро ҳис намекардам. Гӯё узви дигаре ҳам надоштам. Заъф ва тарс ончунон ҷисмамро фаро гирифта буд, ки мисли гунҷишке, ки аз дами мор фалаҷ мешавад, натанҳо ба ҳаракат қодир набудам, балки ба фикр кардан низ қобилият надоштам. Дев пас аз шикамашро пур кардан боз духтарро ба рахт хобонда, ҳамон саҳнаро такрор кард. То дамидани субҳ чанд бор амали ваҳшиёнаашро такрор кард. Қариби субҳ бархоста, шалворашро ба тан кард, аз сатил як дӯлча об ба ҳалқаш рехт ва ҳамёни аз зери дастархон намоёншударо ба ҷайбаш андохта, ба берун баромад ва "соҳиб" гуфта, маро садо кард. Ман хазида аз коза сар берун кардам, "зину банди асп куҷост?" гуфта пурсид. Ва ба сӯи нигоҳи ман рафта, зину бандро ёфт, зинро ба рӯи аспам партофта, пуштангашро кашид ва бо як даст лаҷомро ба сари асп кашида, бо як ҷаст худро ба болои он гирифт ва хам шуда ресмони аспашро аз пағози коза кушода етак карда рафт.

Ман намедонам то рӯз шудан чи қадр гузашта бошад, дар ҳамон даромади коза беҳушу беёд афтодам. Нозанин ҳамон тавр беист нолаву гиря мекард. Рӯзи дигар вазъи саломатиям якбора бад шуд. Ман ду рӯзи дигар беҳушу ёд хобидам. Шаби сеюми баъди фоҷеа он девсурат боз омад. Ва тамоми он амалҳо аз нав такрор шуд. Ман аранг-аранг воқеаро дарк мекардам. Вале ин дафъа духтар ҷеғу фиғон намезад, танҳо нола мекард.

Панҷ – шаш рӯз пас аз оғози фоҷеа ва ду бор омадани он ваҳшӣ, вазъи саломатии ман беҳбуд ёфт. Рӯз, ки шуд, ман шолро канор кашида, чоларо боз кардам ва тангаву тиллоро гирифта, бо фӯтае ба миёнам баста, аз коза берун омадам ва дидам, ки мардҳои ҳамсоя ҷамъ шудаанд ва байни худ бо

овози паст суҳбат мекунанд. Онҳо ба гӯшаи чашм козаи моро назорат мекарданд ва бо берун омадани ман парешон шуданд. Ду нафарашон назди ман омада, суоломез ба чеҳраам нигаристанд. Онҳо аз тамоми ҷузъиёти ҳодиса хабар доштанд, козаҳои мо дуртар аз ҳам воқеъ шуда бошанд ҳам, сарусадои шабҳо то дуртарин коза расида буд. Ман ба замин нигоҳ карда:

– Ба ман як асп даркор, аз ин ҷо меравам, – гуфтам. Рӯзҳои ҷумъа дар канори қишлоқи афғонҳо бозори мол воқеъ мешуд ва аз иттифоқ ин рӯз ҷумъа буд. Ман азм карда будам, ки ба бозор рафта, аспе бихарам ва Нозанинро савор карда, аз ин ҷо биравам. Аввалин хоҳишам ин буд, ки ӯро, ки бо гуноҳи ман, ҷафо кашида ва ба ин ҳама бало гирифтор шуда буд, ба ҷое амн бибарам ва баъд фикр бикунам, ки чӣ бояд кард.

– Ҳеч гоҳ ин корро накун, агар пул доштанатро ин даранда фаҳмад, аз сад ҷонат як ҷонат халос намехӯрад, ҳам пулатро мегирад, ҳам саратро, то даъво накунӣ, – гуфтанд он ду нафар, – ғайр аз ин фирори туро ҳам инҳо аксуламал меҳисобанд ва дур нарафта, дастгират мекунанд, маслиҳат ин аст, ки мон каме вақт гузарад, баъд шабе ноаён хоҳӣ рафт, мо худамон маркабе бароят пайдо мекунем,–маслиҳат доданд онҳо.

Ман қобилияти андешарониро аз даст дода будам, вале мефаҳмидам, ки ин ҳамшаҳриҳо низ ин ҷо гаравгони ин қабилаи ваҳшӣ будаанд. Кӣ медонад, то омадани ман чи рӯзҳоеро дидаанд.

Ман дар барзах мондам, на зинда будам, на мурда. На обрӯ монда буд, на номус. Ҳар касе, ки аз кӯчаи нангу номус гузаштааст, ҳоли маро хуб дарк мекунад. Ман ҳеч хоҳиши зиндагӣ кардан надоштам. Баъд аз беморӣ ҷони бо ин дев

ҷангидан надоштам, бахусус, ки ӯ танҳо набуд, чандин бор аз дур дида будам, ки деҳи қизилбошон аз ин ғӯлҳо зиёд дорад. Гоҳ дар сарам фикре пайдо мешуд, ки бо онҳо бичангам ва кушта шуданро авло медонистам, вале боз фикр мекардам, ки ҳоли Нозанин бе ман чӣ мешавад?

Расул давом дод, ки вақте ба коза баргаштам, Нозанин рахтро печонда, козаро ба тартиб оварда буд ва дар гӯшае сарашро байни зонувонаш халида, бо дастонаш пушти сарашро пӯшида менишаст ва ба гӯшам чунин расид, ки зери лаб замзама мекунад. Фикр кардам, нолаи ӯ ба гӯшам замзама расидааст. Рӯйи ӯро бо даст сӯи худам гардонда, ба ваҳшат уфтодам, лабҳояш кабуд гашта буданд, дар гарданаш осори лабу дандонҳои дев сурху кабуд нақш баста буд. Ҷасорат накардам ҳарфе барояш гӯям ва ростӣ, ҳарфе ҳам надоштам, чӣ ҳам мегуфтам?!

Мо бо хомӯшии тазйиқовар вақт мегузарондем ва ман шабро дар ҷойи нишастаам нимхобу нимбедор рӯз мекардам. Вазъи саломатии ман каме беҳбуд пайдо кард ва қобилияти дарку фикррониам низ ором–ором бармегашт. Ва ба тадриҷ ман умқи фоҷеаи ба сарам омадаро дарк мекардам. Гоҳ қаҳру ғазабам ба дараҷае мерасид, ки дандонҳоям шақар – шақар ба ҳам мезаданд. Акнун тамоми вуҷудам месӯхт, гоҳ арақ мекардам, гоҳ аз сардӣ андомамро ларза мегирифт. Гунаҳкори ягонаи ин фоҷеа дар назди Нозанин ман будам. Ман ӯро ба бало гирифтор кардам. Баъзан фикре ба сарам меомад, ки дигар ҳаёти ман ва ҳаёти Нозанин ҳеч арзише надорад. Ҳарду бояд аз дунё нест шавем ва ин ҳама бенангиву беномусиро бо худ дар хок пинҳон кунем. Хок чи чизҳоеро ҳазм накарда...

Шаби дигар боз девсурат омад. Ангор, ӯ реҷаи мураттаб сохта буд ва акнун як шаб пас ба козаи мо меомад. Ин дафъа

ӯ аспро дошта, аз беруни коза "соҳиб" гуфта садо кард. Ман хеста берун баромадам. Ӯ бо аспи худам омада буд. Қиёфаи ӯ ин дафъа хеле ваҳшатноктар аз дафъаҳои гузашта метофт. Чашмонаш аз косахонааш берун зада буданд ва ранги рӯяш хокистарӣ буд. Пайваста лаб мелесид. Ман аз ҳамсояҳо шунида будам, ки ӯ ба банг рағбат дорад, мисли ин ки ин дафъа аз ҳад беш банг зада буд.

Чилбурро ба сӯи ман партофту "аспро банд" гуфт. Ман аспро ба пағози коза бастам ва ӯ бо сар ишора кард, ки ба коза дароям. Ба коза даромада, дидам, ки Нозанин аллакай рахти хобро густарда истеғ истодааст. Ман ба кунҷи коза гузаштам, қизилбош бо ишораи сар ба ман фармони нишастан дод ва ба духтар рӯй овард. Ба назарам, дар қиёфаи духтар осори табассум пайдо шуд, вале аз он ки рӯймол аз ду тарафи рӯяш овезон буд, дақиқ дида натавонистам. Қизилбош ӯро аз китфаш пахш карда, ба рахт нишонд ва камарбанди шамшерашро кушода, ба замин партофт. Ин дафъа дастаи шамшер дар байни мо дар масофаи барои ҳарду дастрас мехобид. Дев ба кор оғоз кард. Аввал духтарро рӯболо хобонд, вале пас аз талоши зиёд қонеъ нашуда, ӯро парӯ гардонд. Духтар нолиш мекард. Аз ин ҳолат ҳам қонеъ нашуда, ба қафои духтар зад, ки дар натиҷа боз доди духтар ба фалак печид ва хун ба рӯи дастархон парид.

Аз доди Нозанин ва намуди хун якбора чизе дар майнаи ман таркид. Ноҳудогоҳ даст ба шамшер дароз кардам ва онро ба каф оварда, аз ғилоф даркашидам. Дар ин лаҳза дев ба сӯи ман баргашт ва шамшерро дар дасти ман дида, даҳон боз кард, ки чизе гӯяд. Ман бо тамоми қуввае, ки доштам, шамшерро ба гардани ӯ задам. Шамшери вазнин гардани ӯро бурид ва сараш дар пеши пои ман афтид. Лабонаш ҳанӯз ҳам кашида мешуданд ва ба ман чизе мегуфтанд. Коза пур аз

хун шуд. Нозанин парида хеста, бо нигоҳи ваҳшатзада ва лучи модарзод дар кунҷи коза рост меистод. Ман пас аз лаҳзае ба худ омада, сару тани девро дар латта печонда, ба ҳам бастам. Бастаро кашола карда, ба берун баровардам ва аспро оварда, бор карданӣ шудам, ки зӯрам нарасид. Нозанин, ки ба худ омада либос ба бар карда буд, ба ман дарафтид:

– Чаро ӯро куштӣ? Акнун ҳоли мо чӣ мешавад, моро мекушанд, – аз ин қабил ҳарфҳо мегуфту фиғон мекард. Ман дӯғ задам, ки хомӯш бошад, метарсидам мардум мефаҳманд ва фармудам, ки аз тарафи дигар ёрӣ кунад. Ҷасади ин девро, ки дар зинда буданаш кӯҳ метофт, бо ёрии Нозанин ба асп бор кардам ва ба обкандае бурда партофтам ва ба рӯяш хок кашида, панаҳ кардам. Баргашта пайи хунро ҳатталимкон аз козаву сару либос тоза кардам ва либосҳои оғушта ба хунро ҷамъ карда, дар латтае печонда бурда, дар ҷои дигар гӯр кардам.

Нозанин боз ба навҳа даромад. Ман бо ӯ гап заданӣ шавам, эътибор намедод ва пайваста " чаро ӯро куштӣ?", "ту чӣ кор кардӣ?" гуфта, ба навҳааш идома медод.

Субҳи рӯзи дигар яке аз ҳамшаҳриҳо ба ман гуфт, ки афғонҳои қишлоқ ба деҳоти атроф барои молхарӣ рафтаанд ва баъди як – ду рӯз бармегарданд, фурсат мусоид аст, то бигурезӣ. Бахти ман хандид, то ду рӯзи дигар касе қизилбошро суроғ намекард, ҳамқишлоқиёнаш фикр мекарданд, ки ӯ ба айлоқҳои атроф барои молхарӣ рафтааст. Онҳо ҳар ҳафта ба айлоқҳои атроф рафта, мол меоварданд ва рӯзи ҷумъа дар бозор савдо мекарданд. Ман фурсатро муносиб даништа, Нозанинро ба асп савор карда, бо шитоб ба сӯи марз рондам. Ба ҳамон бошгоҳи наздимарзӣ дар канори рӯд расида, дам гирифтем ва ният доштам рӯзи дигар аз рӯд бигзарам, ҳарчи бодо бод! Агар бикушанд, агар зин-

дон кунанд, дар Ватан бикунанд. Вале Нозанин қатъиян розӣ намешуд. Ҳама дар гиряву навҳа ба сар мебурд. Ман вазъи ӯро ба таври худам фаҳмида, исрор накардам. Фикр кардам, бар болои он ҳама ранҷу азоби кашидааш хатари боздошту ҷазо дар Ватан бор шуда, сахт тарсидааст. Чанд рӯзе ин ҷо бимонем, шояд бигзарад. Тақрибан дар давоми як ҳафта ӯ ба тадриҷ ором шуд. Ман, ки худамро дар назди ӯ гунаҳкор меҳисобидам, бо ӯ суҳбат кардам ва гуфтам, ки ман худамро дар назди ӯ масъул меҳисобам ва ҳамеша бо ӯ хоҳам буд. Шабе ҳангоми хоб ман барои навозиш ва дилдорӣ ӯро оғӯш кардам. Ӯ бо итоб оғӯши маро рад кард ва худро канор гирифт.

– Чӣ шуд? – саросема шудам ман.

– Намехоҳам, – гуфт ӯ.

– Чаро? – ҳайрон шудам ман.

– Ту мисли қизилбош наметавонӣ!

Хун ба сарам зад, бори дигар худро таҳқиршуда эҳсос кардам; ман барои ин тухми шайтон зану фарзандонамро дар Ватан гузошта омада будам, барои ӯ он марди девсиратро куштам, омода будам ҳар хоҳишашро иҷро кунам, вале ӯ барои чанд лаҳзаи шаҳваташ ба ман хиёнат кард, эҳсоси мардии маро таҳқир кард. Вуҷудам ба як хики пур аз ғазаб табдил шуда буд! Дастам худ аз худ ба сӯйи шамшер, ки ба девори кулба рост меистод, дароз шуд ва гӯё омӯхта шуда бошад, ҳамон ҳаракати ба гардани қизилбош шамшер заданро такрор кард. Сари зан аз танаш ҷудо шуд. Ин дафъа ман ором будам. Аз зону бархостам, ҷасадро ба рахти хоб печондам ва ба асп бор карда бурда, ба рӯд андохтам. Баргашта кулбаро тоза кардам ва шабакӣ ба сӯи Кобул асп рондам. Ман ба суроғи ту омадам, Худоро шукр, ки зуд пайдоят кардам, маро бо худат бибар, ту урусҳоро мешиносӣ, агар

тавонӣ, ёриву роҳнамоӣ кун, агар натавонӣ ҳам, ҳеч мушкил нест, ман ба ҳар чӣ пеш ояд, омодаам.

Пас аз чанд рӯз мо ҳамроҳ баргаштем ва ӯро ба ҷурми сарватманд буданаш, ки душмани синфӣ ҳисоб мешуд, барои як муддати кӯтоҳ зиндон карданд. Ҳоло, ки мебинед, зиндаву саломат аст ва даврони пирӣ меронад.

– Бобои Расул, аз барои Худо, бигӯ, ҳамаи ҳамин қисса рост аст? – пурсид яке аз ҳозирон. Бобои Расул, ки то ин дам рӯ ба девор мехобид, ба сӯи аҳли нишаст тоб хӯрд. Чашмонаш нам доштанд. Шояд барои он, ки нишастагон ҳолашро пай набаранд, гуфт:

– Ҳоло ҳам вақте Нозанинро ёд мекунам, нӯки биниям мехорад.

## ЯКЕ КУШТА ФИТОДА
### *(Рӯдакӣ)*

Як ҳикояти дигарро, ки аз забони Раиси кумитаи Амнияти миллӣ шунидам, меорам, ки то чӣ ҳад бад шудани вазъи амнияти мардумро бозгӯст. Саймумин Сатторович Ятимов, дӯсти азизи ман, дар зимни як суҳбат ҳодисаи мудҳишеро нақл кард, ки дар охири солҳои навад рӯй дода будааст. Ба қавли ӯ, ки он вақт раиси Раёсати амнияти шаҳри Душанбе буд, рӯзе ба идораи шаҳрӣ иттилоъ мерасад, ки ҷондори як фармондеҳ пиразанеро сар буридааст. Дар натиҷаи таҳқиқоти аввалия маълум мешавад, ки ин ҷондор шаҳрванди Афғонистон, узви дастаи як фармондеҳ ва худаш низ гурӯҳи қавии ҷондорон доштааст.

Дар натиҷаи як амалиёти фаврии барқосо, ин “ҷондор” бо ҷондоронаш боздошт шуда, дар рафти тафтишот маълум

мешавад, ки ӯ бо духтари ин хонадон ҳамзистӣ дошта ва иҷборан дар хонаи онҳо зиндагӣ мекардааст. “Ҷондор” ба ҳар чиз хӯрда гирифта, духтарро азият ва лат мекардааст. Падару модари духтар аз вазъи духтарашон дилхун бошанд ҳам, ёрои ба ҷондор ҳарфе гуфтан надоштаанд. Ниҳоят, рӯзе модари духтар ба “ҷондор” насиҳат карданӣ мешавад ва мегӯяд, ки писарам, шумо духтари моро интихоб кардед, дар хонаи мо меҳмон ҳастед, мо шуморо ҳамчун писар қабул дорем, хоҳиш мекунам, ором зиндагӣ кунед ва ин духтарро ин қадр зарбу лат накунед.

Ҷондор сари пиразанро ба зери каш гирифта, бо як ҳаракат гулӯяшро мебурад...

## КУҶО ДОНАНД ҲОЛИ МО...
***(Ҳофиз)***

Ман низ бар асари ин авзоъ дар охири солҳои навад ва аввали солҳои дуҳазорум дар ҳолати бади равонӣ мезистам. Ду ҳодисаи мудҳише, ки ба сари хонадони ман омада буд, дар асл сарборие ба ин фишорҳо шуда, рӯҳияи маро комилан хароб карда буд (тафсилоти ин ҳаводис дар китоби “Моҷарои рафта” омадааст). Ғайр аз талафоту ранҷи кашидаи худам, ҳолати равонии аҳли хонадон маро хеле нигарон мекард. Махсусан, аз вазъи падару модарам нигарон будам, зачри дар пайи фоҷеаи Абдуҳалим кашидаи онҳо метавонист ба саломатияшон садамаи сахт занад. Падарам шахси боимон, табиатан иродаи қавӣ ва таҳаммули зиёд доштанд, вале, аз ҷумла, бар асари захме, ки доғи як фарзанд ва зарбаи гаравгонгирии писари дигар, бар дилашон гузошт, ба бемории дил гирифтор шуданд. Борҳо оҳи сӯзони дилашон-

ро шоҳид будам. Боре шунидам, ки бо Худо роз мегуфтанд: “Худоё, чӣ хатое аз ман рафт, ки сазовори ин ҷазо шудам?! ”

Он солҳо пизишкон барои дармони бемории дил дар Тоҷикистон танҳо табобати доруӣ мефармуданд, ки на ҳамеша муассир аст. Мутаассифона, саломатии падари азизам ба тадриҷ бад шуд ва дар ниҳоят, мо рӯзи 27 сентябри соли 2005 падарро аз даст додем. Падар барои ман намоди инсони комил ҳастанд ва саъйам ҳамеша бар ин буда, то номи неки он бузургворро сазовор бошам. Рӯҳашон шод бод!

Модарам, ки умрашон дароз бод, дар тӯли тамоми ин солҳо аз ёди он фоҷеаҳо азият мекашанд. Доғи фарзанд воқеан сӯзанда аст. Худованд ба ҳеч кас ин мусибати тоқатфарсоро раво набинад!

Ҳамлаҳо ба наздиконамро ман таҳқир ба худам ҳисобида, ба шиддат хостори ба ҷазо расондани ҷинояткорон будам. Худро дар назди хонадон масъул медонистам, зеро, аз як сӯ, ташкилкунандаи тиҷорате, ки сабабгори асосии ҳамлаҳо буд, ман бошам, аз сӯи дигар ба навъе сардори хонавода шуда будам. Мурочиати мукаррар ба мақомот ба ҷое нарасид. Баръакс, ба назди ман аз сӯи он гурӯҳҳои ҷиноӣ намоянда меомад, ки ариза навишта, аз гуноҳи ҷинояткорон гузарам. Таҳдиду фишор меоварданд. Ман эҳсос кардам, ки зӯри мақомот ба ин гурӯҳҳо намерасад ва ором – ором ба қарор омадам, ки бояд худам интиқом бигирам. Бар асари ин тасмим, батадриҷ, ҳисси кинхоҳӣ тамоми вуҷудамро фаро гирифт. Ин ҳис мисли захр шабу рӯзамро ба ҳам зада буд. Ман дигар хобу хӯрро намедонистам ва ба ин натиҷа расидам, ки бе ситондани қасос рӯҳи ман ҳеч гоҳ ором нахоҳад гирифт. Ман мефаҳмидам, ки ин амали ман ҷиноят ҳисоб хоҳад шуд, вале худамро тасаллӣ медодам, ки ҳама кореро, ки аз дастам меомад, кардам, то ин ки ҷинояткорон ба ҷавоб

кашида шаванд, вале бесалоҳиятии мақомот барои ман роҳи дигар намегузошт. Ҳақ бояд ба ҳақдор мерасид!

Мағзи ман дигар орому қарор надошт, шабу рӯз фақат дар ҳамин бора меандешидам. Васвос доштам. Нақшаи ситондани қасос дар зеҳнам пухта мерасид. Интиқом тарзе бояд ситонда мешуд, ки ман ва наздикон зери шубҳа набошем...

Ҷузъиёти нақшаҳои он рӯзҳоро шарҳ намедиҳам, фақат ҳамин қадарашро мегӯям, ки дар доираҳои марбута робитаҳои лозимаро барқарор карда будам ва дар роҳи амалӣ кардани нақшаи кинхоҳӣ қадамҳое ҳам бардоштам, вале хушбахтона, ҳодисаҳои баъдӣ ниёз ба ин амалро аз байн бурд ва маро аз муртакиб шудан ба ҷурму ҷиноят нигоҳ дошт, ки ҳазорон бор ба Офаридгор шукрашро кардаам ва боз мекунам!

## АРӮСИ ҲАЗОРДОМОД

*(Ҳофиз)*

Дар солҳои аввали баъди истиқлол дар Душанбе ҳодисаи ҷолибе рух дод. Дар замони шӯравӣ бар зидди фолбину ҷодугарон ва табибони фиребкор мубориза бурда мешуд. Вале дар замони озодӣ ва ошкорбаёнӣ бозори ин қабил кулоҳбардорон гарм шуд. Зане бо номи Саида дар ин кор хеле муваффақ шуда, сарватманд гашта буд. Ман ин занро боре дар хиёбони Неъмат Қаробоеви шаҳри Душанбе дида будам. Як мошини калони хориҷӣ омада дар канори роҳ истод ва чун он замон мошинҳои хориҷӣ кам ба чашм мехӯрд ва ин мошин дарозу назаррас ҳам буд, диққати маро ҷалб кард. Ронандаи мошин фуромада, мошинро давр зада, дари ақиби онро кушод ва пас аз лаҳзае пои зан бо кафши

барроқи пошнабаланд аз мошин пайдо шуд, ки дар банд занҷири тилло ва ҷавоҳир дошт. Зан бо такаббур аз мошин берун омад ва бо телефони ҳамроҳ суҳбат мекард. Либосҳояш ҳам пурҷило буданд ва дастону гарданашро низ тилову ҷавоҳирот оро медоданд. Ронандаи бозуболо дар пушти зан меистод ва ман фикр кардам, ки шояд ҷондораш аст. Ман лаҳзае ба ин саҳна хира шудам, зеро чунин саҳнаҳоро танҳо дар филмҳо дида будам. Дар замони шӯравӣ ҳатто раису раисаҳо худашон дарро кушода, аз мошин поин мешуданд. Расми даркушоӣ ва тамаллуқ дар Шӯравӣ аз одоти буржуозӣ ва накӯҳида ҳисоб мешуд. Вақте ин саҳнаро ба дӯстон арз кардам, онҳо гуфтанд, ки ин зан Саида аст ва ӯ табиби худхондаест, ки ҳаррӯза одамон барои табобату ҷодугарӣ ба дари хонааш дар навбат меистанд ва ӯ аз ин роҳ хеле сарватманд шудааст.

Як рӯз хабаре фазои иттилоотии шаҳрро тарконд. Дар маркази шаҳр, дар рӯбарӯи бинои Ҳукумати ҷумҳурӣ мошинеро тарконданд. Дар ин таркиш марде бо номи Алӣ кушта шуд. Алӣ корманди гумрук ва шавҳари Саида буд. Мардуми тоҷик расм доранд, ки чанд рӯзи баъди дафн, субҳ ба сари қабр мераванд ва дуову фотиҳа мекунанд. Субҳи рӯзи дувум ё сеюми дафни Алӣ, Саидаро дар болои қабри шавҳараш паррониданд.

Ҷузъиёти ин ҳодисаи гӯшношунид чунин буд: Алӣ ҷавонмарди зебое буд, ки Саида бо вуҷуди оиладор будан, бо ӯ робита пайдо карда буд ва ниҳоят ҳарду аз оилаҳои аввалашон ҷудо шуда, бо ҳам издивоҷ мекунанд. Пас аз чанде Саида аз Алӣ дилхунук шуда, ба ҷондораш ошиқ мешавад ва ба ӯ супориш медиҳад, ки Алиро нобуд созад. Вале чун Алӣ қаблан ба наздиконаш гуфта буд, ки Саида дар пайи нобуд кардани ӯст, писари Алӣ ба қасоси марги падараш Саидаро

дар сари қабр парронд ва аз кишвар фирор кард. Мегуфтанд, ки мақомот барои боздошти он писари ҷавонмард хеле кӯшиш накарданд.

## ХАЛЪИ СИЛОҲ

Рӯзи 16 феврали соли 2000 ба ҷони Раиси Маҷлиси Олӣ Маҳмадсаид Убайдуллоев сӯиқасд шуд. Дар натиҷаи таркиши бомбе, ки дар зери мошини ӯ гузошта буданд, муовини собиқи раиси Кумитаи амният Шамсулло Ҷобиров, ки дар дохили он мошин буд, захмӣ шуда, дар бемористон фавтид. Худи Убайдуллоев ҷароҳатҳои вазнин бардошт, вале зинда монд.

Дар натиҷаи баргаштани дастаҳои мусаллаҳи мухолифон, аз як сӯ, вазъи амниятӣ баду бадтар шуда бошад, аз сӯи дигар, рақобатҳои сиёсӣ низ шиддат мегирифт. Таркишу ҳамлаҳои интиҳорӣ зуд–зуд ба амал меомад. Танҳо дар ҳамин як-ду моҳи аввали соли 2000 ин сеюмин таркиши интиҳорӣ дар шаҳри Душанбе буд. Пойтахт акнун маркази даҳшату ваҳшат мешуд. Агар қабл аз воруди мухолифон танҳо ҷони мардуми бегуноҳу бесилоҳ дар хатар бошад, акнун ҳеч кас, ҳатто давлатмардон худро амн ҳис намекарданд. Ин буд, ки ҳукумат барномаи халъи силоҳро аз дасти фармондеҳони нофармон рӯи даст гирифт ва барои таъмини амнияти худ дасти ин сархӯронро аз сари мардум низ кӯтаҳ кард.

Аз дӯсти гиромиям Раҳмоналӣ Амирзода, ки он солҳо шаҳрдори Кӯлоб буд, нақле шунидам:

Он солҳо дар Кӯлоб ва атрофи он силоҳбадастони гурӯҳи бародарон Чоловҳо бедодӣ мекарданд. Аз дасти онҳо

мардум ба дод омада буд. Ба кори маъмурони давлатӣ низ дахолат мекарданд. Рӯзе набуд, ки ошуфтагие барпо накунанд. Ҳангоми яке аз сафарҳои раҳбари давлат фурудгоҳро муҳосира карда буданд ва мегуфтанд, ки ба ӯ гап доранд. Мо, гуфт Раҳмоналӣ, маҷбур шудем чархболи Раисҷумҳурро дар фурудгоҳи дигар қабул кунем. Хулоса, аз мақомоти маҳаллӣ ҳеч касро эътироф намекарданд.

Ман ба раиси вақти Кумитаи Амнияти миллӣ вазъро арз кардам ва хоҳиш кардам, ки чорае бинад. Ӯ дар ҷавоб гуфт: "Раҳмоналӣ, ман ҳам зиндагӣ дорам, зану кӯдак дорам, сари маро ба ҷанҷол наяндоз!"

Ин бечора масъули амнияти хонаводааш буд, на масъули амнияти миллат. Ростӣ, вақте ҳаводиси мудҳиш ба хонадони ман ҳам рух дода буд, ман аз мақомоти қудратӣ хеле умедвор будам. Танҳо ҳаминро бояд зикр намоям, ки намояндаи Кумитаи амният баъд аз шаш моҳи озодии бародарам Абдулҳаким аз гаравгонӣ, ба ман муроҷиат кард ва ҷузъиёт меҷуст, донистан мехост, ки ба чӣ маблағе ва восита ӯро озод кардам, дар ҳоле, ки ҳама атрофиён аз қазияи фирори Абдулҳаким огоҳ буданд.

Маъракаи халъи силоҳ чӣ ошуфтагие дар шаҳр барпо кард! Як бегоҳ аз телевизор эълон карданд, ки бо силоҳ гаштан ва ҷондор доштан мамнӯъ аст. Рӯзи дигар дар тамоми посҳо милисаҳои мусаллаҳи моску зиреҳдор бо зиреҳпӯшҳои ҷангӣ пайдо шуда, ба дастгир кардани силоҳдорону мошинҳои сиёҳшиша оғоз карданд. Як фармондеҳи пакана, шабеҳи Раҳмон Ҳитлер (қаҳрамони манфӣ дар китоби "Моҷарои рафта"), бо исми Миша буд, ки мӯйҳои дароз дошт ва либоси низомии сиёҳ пӯшида, сарашро бо шоли арафотӣ баста мегашт. Яке аз аввалинҳо ӯро дошта, ба милисахона бурда, мӯйсарашро тарошида, бемӯй ва шол аз теле-

визор нишон доданд. Ин дигар як муши мурдае буд, ки аз кирдораш тавба мекард ва ваъда медод, ки дигар авбошияшро такрор намекунад. Боқӣ фармондеҳони саркаш дар як – ду ҳафта мисли калламушҳо дар сӯрохҳо ҷой шуданд. Маълум шуд, ки тамоми зӯру ҷасорати онҳо дар муқобили мардуми бесилоҳ будааст.

Албатта, дар тафтишоти ин посҳо бегуноҳон низ озор диданд. Дар яке аз ин рӯзҳо мо вақти говгум аз сафари корӣ аз ноҳияи Ёвон бармегаштем. Дар даромадгоҳи шаҳр дар мавзеъи корхонаи биринҷ ҳамин гуна пос гузошта буданд ва мошинҳоро тафтиш мекарданд. Фазо рӯшан набуд. Ман аз байни блокҳои бетонӣ мошинро оҳиста ронда гузаштам. Аз низомиёни посдор касе ба ман ишорати ист надод ва ман ба ҳаракат идома додам. Аз пас садои доду фарёд баланд шуд. Ман мошинро боздоштам, ҳамин замон садои тири Калашников фазоро тарконд. Ман мошинро қафо ронда, ба пос омадам ва бо норозигӣ аснодро нишон додам. Пас аз даъвои кӯтоҳ ва тафтиши мошин моро ҷавоб доданд. Мо дар мошин се нафар будем. Ман дар фармон, Исмоил дар нишастгоҳи пеш ва Ваҳҳоб ном дӯсти панҷиямон дар ақиб. Субҳи дигар иттифоқан дидам, ки он тири шабона зери шишаи ақиби мошинро шикофта даромада, дақиқ дар пушти сари Ваҳҳоб дар дохили нишастгоҳ дармонда буд. Як иттифоқи нодир он шаб фоҷеаро пешгирӣ карда буд. Худованд умри Ваҳҳобро дароз гардонад!

Қавле ҳаст, ки “Ба ҷангал оташ афтад, хушку тар месӯзад”. Шояд касони бегуноҳ ҳам дар ин гирудор осеб дида бошанд, вале амнияте, ки баъди дафъи ин ҷангсолорон ҳоким шуд, хеле арзишманд аст.

## ДОДГОҲИ АВВАЛ, ГАРАВГОНГИРӢ

Баъд аз боздошти силоҳбадастону ҷангсолорон додгоҳҳои онҳо баргузор шуд, ки ин маърака аз тариқи садову симо ба таври густарда пахш мешуд. Дар давоми як – ду сол дар ин додгоҳҳои пурсарусадо бедодгарони зиёд ба сазои аъмолашон расиданд. Ман дар ду додгоҳ иштирок доштам.

Пас аз ба Русия фиристодани оила ва фарзандон, хонаеро дар рӯбарӯи Донишгоҳи омӯзгорӣ ба офис табдил дода будам. Рӯзе дар офис машғули кор будам, ки Исмоил аз дар даромад ва гуфт, ки кормандони милиса омадаанд ва Абдулҳакимро мепурсанд. Майори милиса ба утоқи кориям даромаду салом кард ва пурсид:

– Холиқов Абдулҳаким?

– Не, ман бародараш, ӯ дар кишвар нест, – ҷавоб додам ман.

– Ӯ бояд дар таҳқиқоти парвандаи ҷиноӣ иштирок кунад, – гуфт майор ва тавзеҳ дод, – қаблан ӯро гаравгон гирифта буданд, мо гаравгонгиронро боздошт кардем ва бояд бо ӯ рӯбарӯ кунем.

Ман фаҳмондам, ки ҳоло омадани ӯ имкон надорад ва агар ниёз бошад, ман метавонам ҳамкорӣ кунам ва ба ӯ бо ҷузъиёти ҳодиса комилан ошно буданамро шарҳ додам. Онҳо ҷинояткорро барои иқдомоти таҳқиқотӣ ҳамроҳашон оварда буданд. Бо маслиҳати пешакӣ ӯро ба толори маҷлисгоҳ дароварданд ва маро даъват карданд. Вақте ман аз дар даромадам, ӯ, ки дар пешгаҳи толор дасташ ба дасти милисае кишанзада нишаста буд, аз ҷояш бархост. Майор пурсид:

– Ҳамин касро гаравгон гирифта будӣ?

Ӯ бо диққат ба ман нигаристу гуфт:

– Монанд аст, вале ӯ зардинатар буд.

Исмоил беихтиёр як дашноми қабеҳе доду ба сӯи ӯ ҳаракат кард. Милисаҳо монеъ шуданд ва ман низ аз Исмоил хоҳиш кардам, ки худашро нигоҳ дорад. Ҷинояткор бо хоҳиши майори милиса тамоми ҷузъиёти гаравгонгириро ҳикоят кард. Муфаттиш ин ҳамаро сабт мекард.

Аз суханони ӯ маълум мешуд, ки онҳо муддати дарозе аз паси Абдулҳаким назорат карда будаанд. Дар беруни хонаи ӯ майдончаи варзишие буд, ки онҳо дар он гӯё "машқ" мекардаанд ва дар асл мошин ва худи Абдулҳакимро хуб шиносоӣ карда, соати рафту омад ва дигар ҷузъиёти барои касбу қасди касифашон лозимро дунбол мекардаанд. Дақиқан мушаххасоти мошин, вақт, ҷой ва дигар ҷузъиёти ба гаравгон гирифтани Абдулҳакимро гуфта дод, ки ман фақат тасдиқ мекардам.

Майор пурсид:

– Баъд аз гурехтанаш чӣ кор кардед?

– Қасд доштем, як нафари дигарро аз ин оила бигирем, вале дигар касеро пайдо накардем, – беибо ҷавоб дод ӯ.

– Худашро чаро нагирифтед? – ба сӯи ман ишора карда пурсид майор.

– Ӯ бояд дар озодӣ мебуд, то пул бидиҳад, – ба розкушоӣ идома дод ҷинояткор. Ҳамин тавр он рӯз ҷаласаи рӯёрӯӣ бо он ҷинояткор баргузор шуд ва ман бори аввал пуррӯӣ ва забондарозии як муҷримро шоҳид шудам.

Баъд аз чанде, вақте маро ба додгоҳ барои шоҳидӣ даъват карданд, дар дохили қафасаи додгоҳ ҳашт–нуҳ нафар муттаҳам бо шумули ҳамин ҷинояткор ва Намоз – командир, раиси ситоди қисми низомии мухолифон нишаста буданд.

Додрас пас аз шиносоӣ кардани ман пурсид:

– Аз инҳо киро мешиносед?

Ҳардуи инҳоро ном бурдам. Ҷузъиёт пурсид ва ман он чиро, ки медонистам, баён кардам. Ҷинояткор садо баланд кард:

– Ҷаноби додрас, вақте маро ба офисашон оварданд, ҳамин кас модари маро дашном дод, хоҳиш мекунам, инро дар протокол қайд кунед.

Додрас бо истеҳзо гуфт:

– Барои он ки бародарашро гаравгон гирифтӣ, ба тую модарат бояд раҳмат мегуфт?!

Ин вақт Намоз ба ман муроҷиат кард:

– Бародар, ман ба ту ёрӣ кардан мехостам, ту маро гунаҳкор медонӣ?

Ангор, ӯ худаш ба афсонаҳои бофтааш бовар карда буд, ки Абдулҳаким дар Шаҳритус ва гаравгонгираш ким–кадом Восите буд. Аҳмақ фикр мекард, ман намедонам, ки Абдулҳаким дар деҳаи ӯ ва дар дасти худи ӯ маҳбус буд.

– Ман ба ту бародар нестам, – ҷавоб додам ман. Додрас аз ман хоҳиш кард, ки ба онҳо аҳаммият надиҳам ва танҳо ба суолҳои ӯ ҷавоб диҳам.

Додгоҳ онҳоро, ки ғайр аз гаравгонгирии Абдулҳаким дар сӯиқасду куштор ва ҷиноятҳои сангини дигар низ муттаҳам буданд, ба ҷазоҳои сангин маҳкум кард.

Шунидам, вақте барои Намоз ҳукми сангин хонданд, ӯ даъво карда буд, ки шарикони воломақомашро ҳам ба ҷавобгарӣ бикашанд, зеро барои ин ҷиноятҳо танҳо ӯ гунаҳкор нест.

Дарвоқеъ, касоне, ки ба маҳкама кашида шуданд, аксаран сарбозону афсарони сатҳи миёнаву поин буданд. Онҳо касоне буданд, ки ҷиноятро бевосита содир карда буданд, вале оё касоне, ки ба дасти онҳо силоҳ дода, онҳоро пуштибонӣ мекарданд, гунаҳкор набуданд?! Онҳо намедонистанд, ки зердастонашон ба чӣ корҳо машғуланд? Бадеҳист, ки онҳо натанҳо медонистанд,

балки шарики ин ҷиноятҳо буданд. Вале, агар ба ҳар ҳол исботи ширкати сардорони онҳо дар ин ҷиноятҳо мушкил бошад, аъмоли зердастонашонро дониста, барои пешгирӣ чораҷӯӣ накардан ҳам худаш ҷиноят аст! Ин ҳам маълум аст, ки сардорони дар озодӣ будаи онҳо дар замони баргузор шудани додгоҳҳо ба ҷабрдидагон ва шоҳидон фишор меоварданд, то аз гуноҳи зердастони ҷинояткорашон гузаранд, ки худи ҳамин исботи шарики ҷиноят ва мӯҷиби ҷазо будани онҳост.

Ман баъид медонам, ки фармондеҳи қисми ҳарбии бисту панҷи мухолифин дар қазияи гаравгонгирии Абдулҳаким шарик набошад. Деҳаи Намоз бо деҳаи фармондеҳаш ба ҳам часпидаанд. Абдулҳаким дар ҳамон ҷо нигаҳдорӣ мешуд. Бо назардошти шароити амниятии ҷорӣ дар он ҷо имкон надорад, ки "ҳазрат" аз "қаҳрамонӣ"-ҳои зердастонаш хабар надошта бошад. Ин хонадон иддиои роҳбарии кишварро дошт, чӣ тавр метавон бовар кард, ки онҳо аз деҳаи худашон хабардор набуданд?! Хуб хабардор буданд, бе иҷозати онҳо ҳатто пашша наметавонист дар ин деҳот пар бизанад! Ман, ки он замон худ он ҷо рафтаам. Яъне як гурӯҳи низомии зери дасташонро мудирият карда наметавонистанд?! Кулли он минтақа комилан таҳти гуфту фармони онҳо буд! Вале ҳатто агар ҳам хабар надошт, ҷавобгарии ӯ камтар нест, зеро қонунан, масъули асосии риояи қонун аз сӯи зердаст маҳз фармондеҳ аст!

Намедонам, шояд он замон аз сабаби яке аз намояндагони аршади мухолифон будани хонаводаи ҳазрат тасмими сиёсӣ гирифта шуда бошад, ки ин оилаи табаҳкор аз ҷавобгарӣ озод карда шавад, вагарна ҷои онҳо низ дар ҳамон қафас буд!

Имрӯз дар матбуоти тоҷик худсонсуре аз сӯи қаламкашон дида мешавад. Ба фикри ман, онҳо аз тарси он

ки фардо тарафи муқобил ба қудрат мерасад, аз навиштани ҳақиқатҳо даст нигоҳ медоранд. Ман ҳам метавонам ҳамин ҷо қаламро мутаваққиф намоям ё ба тарзе тоб диҳам, ки фардоро дар хатар нагузорам. Вале ин садоқат ба мухотабро аз байн мебарад. Бояд ҳақро гуфт, зеро фақат гуфтани ҳақ фардои моро, агар имконе ба беҳ шудан дошта бошад, беҳ месозад. "Ҳеч касе ба он андоза комил нест, ки озодӣ ва шарафи дигарон ба дасти ӯ супурда шавад"- мегӯяд мутафаккири судонӣ Маҳмуд Муҳаммад Тоҳо. Набояд аз ҳеч касе бут сохт. Ҳар шахс фақат як шахс аст ва аъмолаш бояд интиқодпазир бошад!

## ДОДГОҲИ ДУВУМ, ҶИНОЯТ

Бори дигар аз додгоҳи низомӣ ба ман даъватнома фиристоданд. Дар вохӯрӣ бо додрас маълум шуд, ки қотили бародари дигарам Абдуҳалим боздошт шудааст ва ман бояд ҳамчун ҷабрдида дар додгоҳ иштирок кунам. Ба гуфтаи додрас, нафарони дигар ҳам аз дасти ин ҷинояткор ҷабр дида буданд, вале касе ҳозир набуд, дар додгоҳ иштирок кунад. Қотил афсари ҳамон қисми низомие буд, ки фармондеҳаш ба корхонаи пахтатозакунии ман дастдарозӣ карда буд ва ҳикояти он дар "Моҷарои рафта" нақл шудааст. Ин гурӯҳ яке аз хунхортарин гурӯҳҳои силоҳбадастон буд, ки ҷиноятҳои махсусан сангин содир карда буданд. Ман бо ду нафар ҷабрдида тамос гирифта, хоҳиш кардам, ки дар додгоҳ иштирок кунанд, то ҷинояткор ба сазояш бирасад, вале онҳо дар ин масъала ҳатто суҳбат кардан нахостанд. Саркардагон ва қисми ҷинояткорони ин гурӯҳ дар озодӣ буданд ва табиист, ки одамон ҳоло ҳам аз ин гурӯҳ метарсиданд.

Аз сӯи ин гурӯҳи ҷиноӣ ба ман ҳам фишору таҳдид сар шуд. Вақти рух додани он фоҷеа дар мошини Абдуҳалим се нафар хонумҳои ҳамкори мо ва бародари хурдиям Абдураҳим низ буданд, ки дар додгоҳ шаҳодат медоданд. Ман дар ҳар мурофиаи додгоҳӣ онҳоро ҳамроҳӣ мекардам, зеро хонумҳо аз ин гурӯҳ тарсу ҳарос доштанд.

Рӯзе пеш аз мурофиаи додгоҳ, Саъдӣ ном як фармондеҳи ин гурӯҳ дар назди даромадгоҳи биной додгоҳ ба ман бо дӯғу пӯписа таҳдид кард, ки маро мекушад, устухонҳоямро мешиканад ва аҳли авлоди маро несту нобуд мекунад. Ман оромона ба ӯ пешниҳод кардам, ки ба пушти бино гузашта, дур аз чашми одамон гап занем. Ӯ бо хашм пеш гузашта, ба тарафи пушти бино равон шуд ва ба назди мошинаш расида, дари онро кушод ва ба сӯи ман: "Ман ҷоятро ёфта, туро нест мекунам" гӯён ба мошин нишаста, бо суръат хоку сангро пош дода, мошинашро сур карда рафт.

Дар рафти мурофиа, вақте ман шаҳодат медодам, ҷинояткор аз дохили панҷараи додгоҳ ба ман таҳдид мекард, мегуфт: "Агар ин қафас набуд, медидӣ бо ту чӣ мекардам", хабар надошт, ки ман барои ӯ чӣ нақшае омода карда будам ва ҳамин панҷара ӯро аз чанги ман халос карда буд.

Дар мурофиаи охирини додгоҳ ман аз додрас тақозои қасос кардам, вале додгоҳ ӯро ба муҳлати ҳаждаҳ сол аз озодӣ маҳрум намуд. Мутаассифона, ин бор ҳам болодастони ин ҷинояткор беҷазо монданд, вале баъдан аксарашон ба ҳар роҳ ба сазои аъмоли худ расиданд. Баъзе аз муътодӣ, баъзе дар зиндон, аҳаде аз беморӣ, дигаре аз тири ҷинояткоре мисли ху- даш нобуд шуд. Саъдӣ командир моҳи декабри соли 2018, дар синни 56 солагӣ ба таври пурасрор ғайб зад ва ҷасади ӯ пас аз 25 рӯз аз рӯди Вахш пайдо шуд. Хас кам, ҷаҳон пок! Нобудашон!

## ГУЗАШТАИ НОГУВОР

Олмониҳо дар ҷанги дуюми ҷаҳон зидди инсоният ҷиноятҳои сангин содир карданд, вале пас аз он масъулияти худро дарк карданд ва тавонистанд мардона гуноҳони худро эътироф намоянд, аз ҷабрдидагон узр хоҳанд ва ғаромат бипардозанд. Ин амал воқеан ҷасорату мардонагӣ мехоҳад ва ба одамият дарс мешавад, то дар оянда пеши роҳи фоҷеа ва бадбахтиҳо гирифта шавад.

Ман дар тӯли ин солҳо чунин изҳори пушаймониро танҳо як бор дар мусоҳибаи як фармондеҳ хондам. Ин фармондеҳи ҳамон қотиле буд, ки зикраш дар ёддошти қабл рафт. Ин гуфтугӯ ба забони русӣ дар ҳафтаномаи "Asia plus" нашр шуда буд ва ҳоло ҳам бо унвони мусоҳиба бо Суҳроб Қосимов дар интернет дастрас аст. Хулосаи ин мусоҳиба ин буд, ки фармондеҳ бо пушаймонӣ изҳор карда буд: "Муттаассифам, ки бо халқи худ ҷангидам", "Акнун мефаҳмам, ки худиҳоро кушта будаам".

Вале чизи дигари ҷолиб ин аст, ки ин мусоҳиба дар фосилаи кӯтоҳе бо мусоҳибаи фармондеҳи тарафи дигар бо номи Мирзо Ҷага нашр шуда буд. Ҷага изҳори омодагӣ карда буд, ки агар он ҳолат пеш ояд, боз ҳам хоҳад ҷангид. Ӯ гуфта буд, ки "агар ба хонаат ҳамла сурат гирад, бояд биҷангӣ!" Дуруст аст, агар ба хона ва хонадонат ҳамла кунанд, бояд ба муҳофизат бихезӣ, вале ин ҳам мусаллам аст, ки агар ба хонаи касе ҳамла карда бошӣ, ногузир ба хонаат ҳамла хоҳанд кард. Устод Рӯдакӣ гуфта:

*Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,*
*То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт.*

Ин ду мусоҳиба чор – панҷ сол пеш нашр шуда буд ва ҳарду мусоҳибадиҳандагон ин дунёро тарк кардаанд ва умедворам, дар он дунё ҷавоби гуноҳони худро бидиҳанд.

Ба наздикӣ яке аз саркардагони Фронти халқӣ – Абдулмаҷид Достиев дар мусоҳибааш ба хабаргузорие гуфт: "Рӯшан мегӯям, қишри ба балоғат расидаи давраи ҷанг ҳама гунаҳкоранд. Ҳеч кас бегуноҳ нест." Ва дар бало монд. Он қадр ба сараш тохтанд, чандин рӯзнома бар зиддаш матлаб нашр карданд. Ҳатто ба ӯ таҳдид ҳам карданд, дар ҳоле, ки ҳарфи ӯ қобили фаҳм аст. Ба андешаи ман, ин ҷо суитафоҳум дар истилоҳот аст. Қишри ба балоғат расидаи он замонро ба ду даст метавон ҷудо кард, касоне, ки бевосита дар низоъ иштирок карданд, гунаҳкоранд ва касоне, ки иштирок накарданд, масъуланд.

Карл Ясперс, мутафаккири олмонӣ эҳсоси масъулияти ҷанги ҷаҳонии дуюмро барои олмониҳо ба чанд навъ ҷудо кардааст: ҷавобгарии ҷиноӣ барои касоне, ки бевосита ҷиноят содир кардаанд, ҷавобгарии сиёсӣ барои ҳамаи миллат, зеро миллатҳо масъули онанд, ки чӣ ҳукуматеро интихоб кардаанд, ҷавобгарии ахлоқӣ, ки кори виҷдони ҳар нафар аст ва ҷавобгарии бунёдӣ, ки формулаш “агар ман натавонистам аз ҷиноёт пешгирӣ кунам, пас ман ҳам масъулам” мебошад.

Тибқи ин фармоиш, ҳамаи касони ба балоғатрасидаи он давра ба ин ё он мизон дар шурӯъи ин низоъи миллӣ гунаҳкор ё масъуланд. Ҳарфи муҳимме дар ин нукта коршиноси ҳуқуқи башар, яҳудитабори олмонӣ Ҳанна Арендт гуфтааст, ки ин ҳисси гуноҳ ва масъулият набояд аз берун таҳмил шавад, балки бояд аз сӯи ҳар як фард дарк ва эътироф шавад.

Дар бораи ин фоҷеаи миллӣ бояд китобҳо навишта ва дар мактабу донишгоҳҳо дарс дода шавад, то ин ки наслҳои

оянда аз такрори он масуният пайдо намоянд. Барои расидан ба як иҷмоъ дасти таърихнигорону коршиносон бояд боз бошад, то ҳама паҳлуҳои он ҷанг омӯхта ва ба аъмоли омилон баҳо дода шавад. Қадамҳои баъдии ин равиш маҳкум кардани омилони низоъ ва ҷовидона кардани ёди қурбониёни он буда метавонад.

Яке аз сабабҳои асосии ҳарҷу марҷ дар кишвар парокандагии миллат аст, давлат гӯё ин мушкилро дарк карда, шиорҳоеро аз қабили "Ваҳдат асоси субот аст" ва амсоли инҳо рӯи даст гирифтааст. Вале дар асли ҳол ваҳдати миллӣ танҳо бо ҳамин шиорҳо хатм мешавад ва ба воқеият табдил нашудааст. Чунин "ваҳдат", ки бештар аломатҳои зоҳирӣ дорад ва ба шиору зоҳирпарастӣ аҳаммият медиҳад, ваҳдати воқеӣ ба бор намеорад. Дар таърих набуди ваҳдат ва сарҷамъии миллат дар ниҳоят борҳо ба таркишҳои иҷтимоӣ мунҷар шудааст.

Дар ҷомеа гурӯҳҳои мухталиф зиндагӣ мекунанд ва манфиатҳояшон низ гуногун аст. Манфиати коммунист ва сармоядор, диндор ва атеист, суннӣ ва шиа ва ғайра ҳеч гоҳ ба ҳам намеоянд ва онҳо тобеъи як шиор ва як равия шуда наметавонанд. Ваҳдат риояи манфиати ҳамаи гурӯҳҳои ҷомеа аст!

Ба андешаи ман, мо ба як эътирофу афви ҳамагонӣ ниёз дорем, ки дар асоси он як бахшиши миллӣ эълон шуда, сулҳу ризояти умумимиллӣ ба вуҷуд ояд ва решаи кудурату нифоқ канда шавад. Фақат дар ҳамин ҳол мо метавонем ба ризояти ҳамагонӣ ва ваҳдати воқеӣ бирасем, ки саодати миллиро ба бор хоҳад овард.

Фақат дар ҳоли бахшиши умумимиллӣ роҳи даст ёфтан ба як ваҳдати воқеии миллӣ боз хоҳад шуд. Ваҳдат, ба андешаи ман, гуфтани ҳарфҳои пуртумтароқ нест ва танҳо

бо шиор ба даст намеояд. Ваҳдат, ҳамон тавр ки гуфтем, дар асл риояи манфиатҳои ҳамаи қавму гурӯҳ ва маҳалҳои кишвар аст, ки дар ниҳоят манфиати умумии миллиро ташкил мекунад. Одатан, ҷомеаҳои инсонӣ тибқи қарордоди иҷтимоӣ, ки аксаран шифоҳист ва масъалаҳои мансубияти қудрат, истифода аз зӯр ва хатҳои сурхро дар байни қавму гурӯҳҳо муқаррар мекунад, зиндагӣ мекунанд. Ин масъаларо ҳам Ибни Халдун дар китоби “Муқаддима” ва ҳам Дуглас Норт, муаллифи китоби "Хушунат ва назми иҷтимоӣ" (Насилие и социальные порядки), ки барандаи ҷоизаҳои байналмилалӣ шудааст, ба навъи ҷолиб ба баррасӣ кашидаанд.

## МИЛЛАТИ ХУШБАХТ

Дар байни миллатҳо сарнавишти миллати Олмон ҳамеша қобили таваҷҷуҳи банда будааст, зеро ин миллат низ дар гузаштаи начандон дур ҷанги хонумонсӯзеро таҷриба кард. Дар натиҷаи ҷанги ҷаҳонии дувум ин кишвар комилан ба хок яксон гардид. Вале дар муҳлати нисбатан кӯтоҳ олмониҳо натанҳо тавонистанд кишварашонро барқарор намоянд, балки яке аз кишварҳои пешгом ва муассири ҷаҳон гаштанд. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ ин ҷост, ки рушди назаррас дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон ба вуқӯъ пайваст, дар Ҷумҳурии Демократии Олмон чунин пешравӣ ба назар нарасид. Ин нукта бозгӯи он аст, ки омилҳои ирқу жен ва рангу рӯй ба ин рушд таъсире надошта, зеро дар ҳардуи ин ҷумҳуриҳо олмониҳо мезистанд. Фарқи ҷумҳурии аввалӣ аз дувумӣ дар иқтисоди бозорӣ, ҷомеаи озод ва мардумсолорӣ ба ҷои иқтисоди нақшавӣ, ҷомеаи баста ва

низоми саркӯбгар будааст. Ҳамин иддио дар мисоли Ҷумҳуриҳои Куреи Ҷанубӣ ва Шимолӣ низ тасдиқ ва исбот мешавад. Бешак, рози "муъҷизаи иқтисодӣ"-и олмониҳои ғарбӣ ва куреиҳои ҷанубӣ чизе ба ғайр аз мардумсолорӣ, авлавияти қонун, шоистасолорӣ,ояндабинӣ ва рақобати солими иқтисодӣ нест.

Аз ҷанги дохилии мо тоҷикон ҳам муддати қобили таваҷҷуҳе гузашт, кишвар ба амну осоиштагӣ расид, вале чаро дар масъалаҳои таъмини рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мо ба ҷое нарасидем? Аснои навиштани ин нома ҳамин суол ҳамеша дар гӯшаи зеҳни муаллиф ҳузур доштааст.

## МИЛЛАТИ МУВАФФАҚ

Вақте дувуним ҳазор сол қабл қавми яҳуд дар асорат дар Бобил ба сар мебурд, аз байнашон касоне пайдо шуданд, ки ба мардумашон аз оянда умед бахшиданд. "Пешгӯӣ" сохтанд, то яҳудиҳо бовар кунанд, ки қавми баргузида ҳастанд. Итминон дошта бошанд, ки озод мешаванд, барои таҳаққуқи ин орзу бикӯшанд ва юғи ғуломиро аз гардан барандозанд, ки андохтанд.

Дар Таврот, китоби динии яҳудиён омадааст, ки дар замони фатҳи Бобил Куруши Кабир яҳудиёнро аз асорат озод кард ва иддае бар онанд, ки Куруш бар асари даъват ва ҳамкории яҳудиён ба Бобил лашкар кашид ва бо ёрии онон бар он кишвар даст ёфт. Дар он замони торики ин қавми мазлуму афсурда аз миллати яҳуд касоне ёфт шуданд, ки бар каломи пайғамбарони шасту саду шаст сол пеш зистаашон афзуданд ва ба мардумашон бовар ва эътимод доданд, ки

қавми баргузидаи Худоянд ва Яҳве Курушро барои наҷоташон фиристода. Зиҳӣ он зиёие, ки аз қаъри қарнҳо ояндаи рӯшанеро барои миллаташ бибинад ва раҳнамун бошад!

Чизи ҷолиби дигаре, ки аз қавми яҳуд ба мушоҳида мерасад, интиқод аз худ аст. Дар дунё шояд беш аз ҳама латифа дар бораи ҳамин қавм сохта шуда бошад. Онҳо дар ин латифаҳо чун оина менигаранд, нуқсҳои худро мебинанд ва заъфҳои худро мешиносанд.

Мутаасифона, ҷомеаи имрӯзаи тоҷик бештар дар зери таъсири гузашта, гузаштанигар аст, оянданигар нест. Як сӯ фахрфурӯшӣ дар авҷ аст, аз қабили "мо ориёием", "мо тамаддуни бузург офаридаем", "забони мо забони аҳли биҳишт аст", "мо ғолибонро ҳазм кардаем" ва ғайра. Вале ин ҳама ба дарди имрӯзу фардои мо намехӯрад. Касе намегӯяд, ки ин ҳама корро гузаштагон карданд, намегӯяд мо чӣ кардем, намегӯяд дар оянда чӣ кор бояд кунем? Сӯи дигар бардатабиатӣ ба гунаи арабпарастӣ, русгароӣ, ғарбзадагӣ ва ғайра моро намегузорад, ки "худ" бошем. Ба мисли он зоғе, ки ба хироми кабк тақлид карда, равиши табиии худро ҳам фаромӯш кардааст.

Яҳудиён барои мардуми тоҷик бегона нестанд, онҳо ҳамчун як аққалияти мазҳабӣ, асрҳо дар сарзамини тоҷикон маскун будаанд ва дар рушди фарҳанги тоҷик саҳми шоиста гузоштаанд. Дар солҳои "бозсозӣ" шумори зиёди яҳудиён Шӯравиро тарк карданд. Вале пас аз пошхӯрии Шӯравӣ, раванди муҳоҷирати яҳудиёни сокини Тоҷикистон суръат гирифт ва дар муддати кӯтоҳ касе аз онон дар кишвар боқӣ намонд. Гӯё онҳо аз пешомади баде бӯ бурда буданд.

## ГАШТЕ ДАР ХАТЛОН

Хатлон яке аз се вилояти кишвар буда, аз ҷиҳати ҷамъият бузургтарин ва аз ҷиҳати масоҳат дар ҷои чорум аст. Маркази он шаҳри Бохтар аст, ки то ба наздикӣ Қурғонтеппа номида мешуд. Ҳудуди вилоят ба 21 ноҳия тақсим аст. Дар замони шӯравӣ ин минтақа ба ду вилоят – Кӯлоб ва Қурғонтеппа ҷудо буд.

Муаллифи "Таърихи ҳумоюн" Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ менависад, ки вилояти Хатлон дар нимаи дувуми асри нуздаҳ ба аморати Бухоро ҳамроҳ карда шуда ва то он дам мустақил будааст. Дар он замон иёлати Хатлон аз панҷ ҳукумат: Кӯлоб, Балҷувон, Ховалинг, Кангурт ва Қурғонтеппа иборат будааст. Ӯ аҳолии Қурғонтеппаро аз қабилаи лақай ва тос, аҳолии шаҳри Кӯлобро тоҷик, атрофи шаҳрро туркнажод, аҳолии Балҷувонро турку тоҷик, аҳолии Ховалингу Кангуртро тоҷик ба қалам медиҳад. Қабл аз замони шӯравӣ паҳнои ҳамвори вилоят чарогоҳи қавмҳои бодиянишин будааст. Мардуми тоҷик бештар дар минтақаҳои кӯҳии ин сарзамин маскун будаанд ва дар солҳои панҷоҳ-шасти асри бист ба даштҳои ҳамвор муҳоҷир шудаанд.

Дар ҳоли ҳозир сокинони вилоятро намояндагони тамоми минтақаҳои Тоҷикистон ташкил мекунанд, зеро дар замони муҳоҷиркунонӣ дар қатори муҳоҷирони минтақаҳои Балҷувону Кангурту Ховалинг, ҳамчунин аз минтақаи Қаротегину Зарафшону Бадахшон ва Фарғона низ мардумро ба ин ҷо овардаанд. Агар ба вилояти Кӯлоби онвақта, ки шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои Москва, Фархор, Совет ва Данғараро дар бар мегирифт, сокинони минтақаи Балҷувону Ховалингро муҳоҷир карда бошанд, ба навоҳии Вахшу атрофи Қурғонтеппа ва Шаҳритусу Қубодиён бештар

аз водиҳои Рашту Зарафшон ва Истаравшану Фарғона низ кӯч додаанд.

Чунин ба назар меояд, ки мардуми ин диёр дар ҳамзистии дурудароз ва омехтагӣ бо қавмҳои ҳамсояашон баъзе хусусиятҳои онҳоро қабул ва ҷойнишини хусусиятҳои тоҷикӣ кардаанд. Нармрафторӣ, дурӯягии тоҷикӣ, ки дар навиштаҳои гузаштагон яке аз хислатҳои накӯҳидаи миллат ба қалам дода шуда буд, ба чобукӣ ва устуворӣ иваз шудааст.

Боре бо даъвати дӯстам Абдулмумин Ятимов ба сайри Ховалинг рафтем. Ҷои наҳори мо дар боғи Бӯрихон Салимов қарор шуда буд. Бӯрихон дар як интихоботи раёсатҷумҳурӣ номзад буд ва изҳороти аҷибу ғарибаш солҳо дар сари забонҳо мегашт. Аз вохӯрӣ бо ин мард лаҳзаҳои ҷолибе дар хотирам мондааст. Ӯ нақлҳои ҷолиби худро бо суханҳои қабеҳ "оро" медод. Ману Абдулмумин писаронамон – Фаридун ва Алишерро ҳамроҳ гирифта будем ва ман маҷбур мешудам, ки ҳар замон аз Фаридун хоҳиш кунам, ки дуртар равад ё гӯшҳояшро бибандад.

Яке аз нақлҳои Бӯрихон хотирмон аст. Ӯ дар замони шӯравӣ аз рӯи роҳбараш, ки ба ӯ зулм раво дида буд, ба Маскав шикоятнома менависад ва вақте ҷавоб намегирад, шахсан ба Кремлин барои арз меравад. Ӯ дархост мекунад, ки Андропов роҳбари вақти Шӯравӣ қабулаш кунад, вале чун ҷавоби рад мегирад, ба мақбараи Ленин рафта, ба рӯи курсӣ баромада, бо садои баланд ба ҷасади Ленин мурочиат мекунад:

"Бархез, эй доҳии камбағалону бечорагон! Идеяи туро хор карданд, касе ба доди мазлумон намерасад!".

Ӯ гуфт, ин амалаш чӣ шӯре барпо кард! Маъмурон давиданд, ӯро аз мақбара берун кашиданд ва ба бинои КГБ burданд. Дар он ҷо тафтиш карда, мебинанд, ки ӯ воқеан

чандин бор нома навиштааст ва ҳоло ҳам қасди баде надошта, фақат барои додхоҳӣ ба назди “доҳӣ” омадааст. Дар ниҳоят ӯро ёрдамчии роҳбари Шӯравӣ қабул карда, арзашро сабт мекунад ва пас аз чанде аз Маскав кумисиюне омада, қазияро баррасӣ ва ӯро қонеъ мекунад.

Чизи дигаре, ки ӯ нақл кард, дар боби муҳоҷиркунӣ буд. Ӯ гуфт, миёнаи солҳои панҷоҳ моро муҳоҷир карда ба ноҳияи Москва (ҳоло Ҳамадонӣ) оварданд. Мо бачаҳои шашҳафтсола вақте ба мактаб мерафтем, лақайбачаҳо, ки теъдодашон аз мо хеле зиёд буд, моро бо сангу чӯб мезаданд. Мегуфтанд "ин Ватани мост, шумо ба Ватани худатон баргардед". Танҳо дар солҳои шаст шумораи мо-тоҷикбачаҳо зиёд шуд ва дигар мо боло гирифтем. Ин ду нақл ва иттилоъи муаллифи "Таърихи ҳумоюн" таъйиди ҳамон фикри боло аст, ки мардуми тоҷики ин минтақа дар асари ҳамсоягии дуру дароз бо қабоили дигар омехта шудаанд ва баъзе хусусиятҳои онҳоро қабул кардаанд, ки ҳақталошӣ, ҷасорат, устуворӣ ва софиву садоқат аз қабили онҳост.

Хотираи аввалини худи ман аз Кӯлоб ба соли 1983 бармегардад. Он сол ман ба донишгоҳ қабул шудан натавониста, ба шуъбаи корхонаи заминшиносӣ, ки падарам раиси он буданд, ба кор даромада будам. Ин корхона дар тамоми минтақаҳои кишвар шуъба дошт. Шуъбаи панҷекатии он бояд аз шуъбаи кӯлобияш бор мегирифт ва падарам ба он ҷо корвони мошинҳои боркашро фиристоданд. Ман ҳам дар ин сафар ҳамроҳ будам. Шуъбае, ки мо кор доштем, дар мавзеъи Сари Хосор ҷойгир будааст. Мо аз Панҷекат ба Душанбе сафар карда, як шаб дам гирифтем ва субҳи рӯзи дигар ҳаракат карда, ҳангоми торикӣ ба канори деҳе дар ноҳияи Балҷувон расидем. Ронандагон аз Душанбе маҳсулоти оши палав харида буданд ва ният доштанд, ки бегоҳ дар ҷое ош пухта дам

гиранд ва рӯзи дигар сафарро идома диҳанд. Вақте мо дар майдони канори деҳае барои ошпазӣ тайёрӣ медидем, пирамарде ба назди мо омада, ҳол пурсид ва чун донист, ки мо мусофирем, даъват кард, ки меҳмони ӯ бошем. Вақте ронандагон рад карданӣ шуданд, ӯ бо қатъият исрор кард ва моро иҷборан ба хонааш бурд. Мо аз ин ки дар ин дергоҳ хонаводаеро нороҳат мекунем, хиҷолатзада будем. Моро ба як хонаи дароз даровярданд, ки дар он аллакай дастархон густарда буданд. Дар як муддати кӯтоҳ пиразани соҳибхона ду навъ хӯрок омода намуда, моро сер кард ва пирамард пешниҳод кард, ки дар ҳамин меҳмонхона бихобем. Чунин меҳмондории саховатмандона дар ин диёр маъмул аст.

Ман дар ин ҷо бори аввал либоси ҷолиби занҳои ин минтақаро, ки аз занҳои Киштӯд–маҳалли мо дар ноҳияи Панҷекат фарқ дошт, дидам. Пиразан қарси сафеде ба сар андохта буд ва остинҳои фарохе дошт, ки дастҳояшро пинҳон мекарданд. Ва ба фарқ аз занҳои маҳалли мо, аз мардон рӯй намепӯшид, балки то дари меҳмонхона ғизоро меовард.

Дар тӯли фаъолияти соҳибкорӣ бо мардуми ин маҳал робитаҳои зиёд доштаам ва мушоҳидаҳои инҷониб бозгӯи меҳмондӯстӣ, ҳақталошӣ, садоқату самимият ва дар аҳду дӯстӣ устувору содиқ будани ин мардум аст.

## ҒАМЕ БАР СИНА ЧУН КӮҲИ БАДАХШОН

***(Амир Хусрав)***

Бадахшон яке аз ифтихороти Тоҷикистон аст. Фарзандони фарзонаи он ба ин Ватан хидматҳо кардаанд. Шириншо Шотемур – зодаи ин диёр, яке аз бунёдгузорони Тоҷикистон ҳамчун Ҷумҳурии Шӯравӣ буд. Аввалин генера-

ли шӯравии тоҷик Мастибек Тошмуҳаммадов зодаи ин қисмати Ватан аст. Тими футболи Тоҷикистон, ки дар замони шӯравӣ номбардори кишвар буд, "Помир" ном дошт. Фарзандони ин диёр имрӯз ҳам номбардору муаррифи фарҳанги тоҷикӣ дар дунёанд.

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тақрибан чилу панҷ дарсади масоҳати кишвари маро ташкил диҳад ҳам, ҳамагӣ се дарсади ин сарзамин, водии канори рӯдҳо, қобили зист аст, вале ҳатто дар ин ҷойҳои қобили зист мардум дар шароити сахте умр ба сар мебаранд. Аз ҳамин сабаб ҷамоати ин вилоят камшумор аст. Ин сарзамин ба навъе термоси табииро мемонад, ки таърихан мардум дар минтақаҳои душворгузар зиндагонӣ карда, бо дунёи берун робитаи камтар доштаанд. Ин аз як сӯ забонҳои қадимӣ ва ойину одоти онҳоро ҳифз карда, ва аз сӯи дигар вижагиҳое низ ба бор овардааст, ки мо баъдтар ба он мепардозем.

Баландтарин қуллаи Осиёи Миёна – қуллаи Исмоили Сомонӣ, ки дар замони шӯравӣ Коммунизм ном дошт, бо баландии 7496 метр дар ҳамин вилоят ҷойгир шудааст. Пиряхи Федченко ва кӯли Сарез аз падидаҳои овозадори табиии ин гӯшаи кишвари мананд. Табиати бикру нотакрори ин гӯшаи Ватан сайёҳонро аз тамоми рӯи дунё ҷалб мекунад. Манбаъҳои зиёди оби гарми шифоии зеризаминии ин диёр ҳайратангезанд. Махсусан, чашмаи Фотимаи Заҳро дар ноҳияи Ишкошим фавқулода аст. Аз дили шах оби гарми мусаффо фаввора мезанад ва ба ҳавзи табиии сангӣ мерезад. Одамон аз сӯрохи хурде ворид шуда, дар он ҳавзи сангӣ оббозӣ мекунанд, онро шифобахш медонанд ва аз гармии он лаззат мебаранд.

Ман тибқи мақоли "шунидан кай бувад монанди дидан", ҳамеша орзуи дидани Бадахшонро доштам. Хушбахто-

на, ниҳоят ин имконият даст дод ва дар тӯли ду сафар қисми зиёди ин гӯшаи нотакрори Ватанро сайр кардам.

Дар замони шӯравӣ ба Бадахшон ду роҳ – шарқӣ аз шаҳри Ӯши Қирғизистон ва ғарбӣ – аз Душанбе сохта шуда буд. Роҳи ғарбӣ нообод ва душворгузар буда, дар фаслҳои баҳору тирамоҳу зимистон баста мешуд. Хати парвоз ба шаҳри Хоруғ вуҷуд дошта бошад ҳам, камтар ба дард мехӯрд, зеро ҳавои минтақаи баландкӯҳ дар фаслҳои баҳору тирамоҳу зимистон абрнок мешуд ва парвоз ҳафтаҳо мавқуф меуфтод. Мардуми Бадахшон дар ҳолатҳои зарурӣ аксар маҷбур буданд, ки чанд рӯзро сарф карда, ба воситаи Қирғизистон ба пойтахт омадурафт кунанд. Имрӯзҳо дар замони Истиқлол Ҳукумати кишвар роҳи Бадахшонро аз нав сохт, ки натанҳо дар зимистон баста намешавад, балки ба Чин пайваста, кишварро аз бунбаст раҳонид ва ин шоистаи ситоиш аст.

Ин роҳ аз сӯи коршиносон яке аз зеботарин роҳҳои ҷаҳон дониста шудааст. Воқеан, манзараҳои ин роҳ нотакроранд, бахусус, вақте кас аз соҳили рости рӯди Ому ҳаракат мекунад, ҳамзамон ду Бадахшонро мебинад. Ва гӯё дар пеши назари кас манзараҳои "қабл ва баъд" ҷилва мекунанд. Мувофиқи қарордоди тақсимоти байни импературиҳои русу инглис, аз соли 1895 Бадахшон ба ду қисм тақсим шуда, рӯди Панҷ марз таъйин гардид ва соҳили чапи рӯд ба Афғонистон, ки зери таъсири Британиё буд ва қисмати рост ба аморати Бухоро, ки дастнигари Русия ба ҳисоб мерафт, дода шуд.

Роҳ аз Душанбе ба Хоруғ лаб–лаби ҳамин рӯдхона меравад. Сайёҳ манзараҳои Бадахшони Тоҷикистон ва Афғонистонро гӯё дар кафи дасти худ мебинад. Чунин ба назар меояд, ки тарафи Афғонистон мисли музей дар гузашта бозмондааст. Деҳаҳо аксҳои сад сол пеш гирифтаи аккосонро

ба ёд меоранд. Онҳо аксаран хонаҳои болоиҳам бо бомҳои гилӣ доранд ва бе долу дарахтанд. Деҳаҳоро ба ҳам пайроҳаҳо мепайванданд. Ҷое, ки ин пайроҳаҳо аз бағали кӯҳ мегузаранд, овринґҳо сохта шудаанд, ки дар китобҳои таърихии дар бораи минтақаҳои кӯҳии кишвар навишташуда ба чашм мерасанд.

Деҳаҳои тарафи Тоҷикистон сарсабз, бомҳо шиферпӯш, роҳҳо васеъ ва мошингарданд. Роҳҳо бағали кӯҳҳоро бурида мегузаранд. Ҳамаи деҳаҳо мактаб ва бунгоҳҳои тиббӣ доранд ва барқкашӣ шудаанд. Ободие, ки дар замони ҳукумати Шӯравӣ ба ин диёр омада, дар замони Истиқлол бештар шуда, фарқи ду тарафи рӯдро боз ҳам бармалотар кардааст.

Вилояти Бадахшони Тоҷикистон ба ҳафт ноҳия тақсим мешавад ва марказаш шаҳри Хоруғ аст. Ноҳияи калонтарини вилоят Мурғоб, зиёда аз ними масоҳати вилоятро ишғол кардааст. Теъдоди қобили таваҷҷуҳи қирғизон, ки тақрибан панҷ дарсади аҳолии вилоятро ташкил мекунанд, дар ҳамин ноҳия маскунанд. Табиати Бадахшон ва кӯҳҳои сарбафалаки он зебову нотакроранд, вале Помир – Мурғоб – Боми ҷаҳон чизи дигар аст. Намедонам, ки оё чунин падида дар ҷои дигари дунё вуҷуд дошта бошад. Ноҳияҳои Рӯшону Хоруғ дар баландии зиёда аз ду ҳазор метр аз сатҳи баҳр воқеъ шудаанд ва дар атроф кӯҳҳо ба баландии ду ҳазор метри дигар ба чашм мехӯранд. Барои расидан ба ноҳияи Мурғоб, аз гарданаи Кӯҳтезак бояд боло рафт, ки дигар он кӯҳҳои ду ҳазор метрӣ низ дар зер мемонанд. Яъне дар атроф дигар кӯҳе ба назар намерасад ва иртифои замин дар ин макон аз чор ҳазор метр болост. Зичии ҳаво дар ин ҷо кам аст ва бадани инсон ба камбуди оксижен мувоҷеҳ мешавад. Зарабони дил зиёд шуда ва бар асари камтарин ҳаракат дучанд мешавад, ба ҳадде, ки шахс садои тапиши дилашро бармало мешунавад.

Манзараи табиати Мурғобро метавон ба манзараи рӯи Моҳ ташбеҳ кард. Паҳнои бузурге бо талу теппаҳо ва ранги сиёҳ бе ҳеч дарахту гиёҳе ба ҷилва меояд, ки ба сухан қобили тасвир нест. Манзараи рамаи гӯсфандони саҳроии Помир ва хашговони хонагӣ одамро ба ҳайрат меорад, ки онҳо чӣ мехӯранд? Ин ҷо аз рустаниҳо танҳо як хори болиштмонанде мерӯяд, ки ҳам барои ҷонварон хӯрок аст ва ҳам барои одамон ҳезум.

Ҳавои Мурғоб нуҳ–даҳ моҳ дар сол сард аст ва доим бод мевазад, ки таъсири ин сардиро ба бадан дучанд мекунад. Аз норасоии оксижен рухсори сокинони ин ҷой сурх аст ва одатан қомати кӯтоҳ доранд. Ин омил ба кӯтаҳумрии сокинон низ сабаб мешавад. Дар Мурғоб ба сахтӣ метавон зист, вале ба дидан меарзад, ҳатто агар роҳаш нообод ва сафарро сахт кунад ҳам.

Наваду панҷ дарсади аҳолии вилоят тоҷиконанд. Забони модарии тоҷикони ноҳияҳои Ванҷу Дарвоз ба ғайр аз язғуломиҳо форсии тоҷикӣ буда, забони модарии боқӣ забонҳои шарқии эронианд. Ванҷиву дарвозиҳо суннимазҳаб ва боқии тоҷикони ин диёр шиъамазҳабони исмоилиянд.

Исмоилиҳои Бадахшон дар гузашта сахттарин заҷрро аз дасти ҳамсоягони дигармазҳаби худ кашидаанд, ки ба урфу расм ва афкору тарзи зиндагии онҳо таъсири амиқ гузоштааст. Дар гузашта, ки мазҳаб таъинкунандаи сиёсат будааст, ҳамсоягони суннимазҳаби ин мардум ба онҳо ҳамчун душмани баддин муносибат карда, зулми зиёд раво дидаанд. Доим ба ин сарзамин бо баҳонаи мазҳабситезӣ ҳамлаҳо бурда, қатлу куштор ва ғорат мекардаанд. Ин муносибати беруниён тавъам бо шароити ҷуғрофии маҳдуди зист ба афкори онон таъсиргузор будааст ва дар тӯли асрҳо ба сурати ғаризаӣ ба ҳар омили беруна бо нобоварӣ муносибат мекунанд, пеш аз

ҳама, онро душман медонанд ва бехатарии худро дар ваҳдати дохилиҷомеаии худашон мебинанд.

Дар замони ҷанги шаҳрвандии солҳои навад фармондеҳони бадахшониасл бо ёрии гарнизони руси мустақар дар он ҷо, аз воруди силоҳдорони Фронти халқӣ ба вилоят пешгирӣ карда буданд ва мардум дар симои онҳо наҷотдиҳандагони худро медид. Ин амр ба ҳофизаи таърихии берунҳаросӣ зам шуда, силаҳшӯронро дар раъси ҷомеа гузошт ва онҳо бахусус барои ҷавонон намунаи ибрат шуданд. Фармондеҳони мазкур худашонро соҳибихтиёр дида, ба қочоқи маводи мухаддир ва силоҳ даст мезаданд ва ба қонун итоат намекарданд. Аз ин сабаб вазъ дар вилоят ҷиноӣ шуда бошад ҳам, ба зулми силоҳдорон нигоҳ накарда, мардум дар атрофи онҳо басиҷ буд.

Иқлими Бадахшон сард ва шароити зист дар он ҷо сахт мебошад. Дар вилоят замини ҳамвори корам кам аст ва ғайр аз ин, фасли киштукор кӯтоҳ буда, барои кишти зироат мусоид нест. Ба сабаби дурафтода ва сахт будани шароит, корхонаҳои саноатӣ низ дар вилоят вуҷуд надоранд, ки ин сабаби фақру бекории мардум аст, ки низ барои ба аъмоли ғайриқонунӣ ҷалб шудани ҷавонон мусоидат мекунад.

Тобистони соли 2012 дар Бадахшон раиси бахши вилоятии Кумитаи амнияти миллӣ Абдулло Назаров аз сӯи яке аз ҳамин гурӯҳҳо кушта шуд. Дар изҳороти ҳукумат гуфта мешуд, ки ӯро барои сахтгир буданаш дар риояи қонун ва халал расонданаш ба қочоқчиён куштанд, тарафи муқобил мегуфт, ки худи ин ҷенерал ба фасоду қочоқ олуда буд ва дар як мунoқишаи тақсим кардани суд кушта шуд. Дар асари ин ҳодиса роҳбарони гурӯҳи ҷиноӣ омилони ин кушторро пинҳон карданд ва ба мақомот муқобилияти мусаллаҳона нишон доданд. Ҳукумат барои боздошти ҷинояткорон ба ви-

лоят қувва ворид намуд, зеро кормандони пулиси маҳаллӣ ба ҷои таъмини авлавияти қонун, бештар бо ҳамдиёронашон ҳамкорӣ мекарданд. Ҷинояткорон занону кӯдаконро чун сипар ба кӯча баровардa, тазоҳурот ташкил намуданд. Дар даргирие, ки рух дод, зиёда аз ҳафтод нафар кушта шуд.

Аз изҳороти бадахшониҳо, ки дар расонаҳо нашр мешуд, бармеомад, ки ба ҳисси берунҳаросии таърихии онҳо фасодзадагии мансабдорони давлатӣ изофа шуда, эътимоди онҳоро ба қонунсолорӣ ва адолат коста буд. Ин даргирӣ бо боздошти омилони ҷинояти қатли ҷенерол Назаров ва афви иштирокчиёни зиддият тамом шуда бошад ҳам, қурбониёни зиёд дошт ва вазъи куллиро дар вилоят тағйир дода натавонист. Баръакс, обрӯи фармондеҳони ғайрирасмиро дар байни ҷавонон болотар бурд. Ин аст, ки агар нафаре ҷиноят содир кунад ҳам, онро ба дасти мақомот намесупоранд ва тарҷеҳ медиҳанд, ки қазияро худашон дар дохил ҳал кунанд, ҳатто ҷабрдидаҳо ҳам бар зидди мақомот ба эътироз даст мезананд ва тарафи ҷинояткорро мегиранд.

Дар давоми ин солҳо вазъ чандин бор дар вилояти Бадахшон ноором гашт. Фитнаи бузурги баъдӣ дар моҳи майи соли 2014 ба вуқӯъ пайваст, ки боз ҳам қурбонии зиёд дошт. Вале дар натиҷаи ин низоъ, ҳукумат фармондеҳони ғайрирасмии вилоятро афв кард ва онҳо аҳд карданд, ки аз ин пас ба қонуншиканӣ даст намезананд. Ин дафъа аз сӯи ҳукумат ба пешвоёни ғайрирасмӣ ҳушдор дода шуд, ки дар ҳолати қонуншиканӣ дигар гузаште нахоҳад буд.

Боре суханронии раиси навтаъини вилоят Ёдгор Файзовро аз телевизион дидам, ки ҷолиб буд. Мегуфт, вақте маро ба ин мансаб таъин намуданд, тамоми наздикону дӯстонам ба ҷои табрик кардан афсӯс хӯрданд ва азояндаам нигаронӣ изҳор карданд, ки худи ҳамин бозгӯи вазъи ҷиноии минтақа

аст. Ҳарфи дигари ҷолиби ӯ ин буд, ки мегуфт, чаро мо бадахшониҳо, ҳатто агар касе наздикамонро кушад, бо мақомот ҳамкорӣ намекунем? Ман қаблан дар асоси мушоҳидаҳоям ба ин хулоса омада будам ва ин ҳарфҳои раиси вилоят таъйиди дурустии хулосаам шуд.

Имрӯз, ки ноябри соли 2018 аст ва ман ин сатрҳоро менависам, вазъ дар Бадахшон боз ҳам буғранҷ аст, ҳукумат мехоҳад дар он ҷо тартиботу қонунро ҷо андозад, вале боз ҳам пешвоёни ғайрирасмӣ муқобилият нишон медиҳанд ва мардум аз онҳо пуштибонӣ мекунад. Худованд оқибаташро ба хайр гардонад!

Умедворам, ки дар ҷомеаи мо фасоду маҳалгароӣ решакан шавад ва қонунсолориву шоистасолорӣ рӯи кор омада, эътимоди мардуми шарифи Бадахшонро ба даст орад ва онҳо низ худашонро як ҷузъи ҷомеаи кишвар ҳис кунанд (ки ҳастанд!) ва ба ҳимояи қонун эътимод пайдо намоянд.

Ин ёддошт дар соли 2018 навишта шуд ва ман чун дар он нигаристам, лозим надидам, ки тағйире ворид намоям, вале зарур аст, ки таҳаввулоти баъдиро, ки бар асари ташаннуҷ дар ин қисмат рух дод, илова бинамоям.

Моҳи ноябри соли 2021 як сокини вилоят ҳангоми боздошт кушта шуд, ки бар асари он дар шаҳри Хоруғ тазоҳурот шакл гирифт. Тазоҳургарон талаб карданд, ки омили кушта шудани он шаҳрванд муҷозот шавад. Саранҷом тазоҳурот бо ташкили гурӯҳи тафтишотӣ аз ҳисоби кормандони мақомот ва фаъолони маҳаллӣ, ки бояд қазияро баррасӣ мекарданд, хотима ёфт. Пас аз ноороми̇ҳои моҳи ноябр шабакаи интернет дар қаламрави вилоят маҳдуд карда шуд ва аз он ҷо маълумоти дақиқ камтар мерасид.

Дар идомаи ин ноороми̇, 14 майи соли 2022 аз нав дар маркази вилоят тазоҳурот баргузор шуд ва рӯзи 15 моҳи май

гурӯҳҳои муташаккил иборат аз ҷавонон дар ноҳияи Рӯшон роҳи байналмилалиро бастанд ва талаб карданд, ки раиси вилоят аз кор гирифта шавад ва фитна оғоз карданд. Дар музокирот бо ташкилкунандагони ин фитна намояндаи гурӯҳи мазкур ба мақомоти қудратӣ пешниҳод карда буд, ки ҳукумат қудрату аслиҳаро ба ҷавонони бадахшӣ супорад, онҳо ҷасуранд ва аз уҳдаи ҳимояти ҳукумату марзу бум бармеоянд. Ин иддао бозгӯи он аст, ки онҳо гузаштҳои ҳукуматро тарсу заъф талаққӣ карда, пуррӯй шуда буданд. Вале ин дафъа вазъ ба гунаи дигар буд. Бо назардошти марзи тӯлонӣ, ки назораташ сахт буд ва ҳузури гурӯҳҳои ифротгаро дар он сӯи марз, дар Афғонистон, ин фитна метавонист оқибатҳои асафборе дошта бошад. Ҳукумат бе эътино ба иддаоҳои роҳбандон, ки иборат аз истеъфои раиси нави вилоят ва берун бурдани қисмҳои низомӣ аз он қаламрав буд, ултиматум гузошт, ки онҳо бе чуну чаро роҳро боз кунанд. Музокироти серӯза натиҷа надод ва кор ба ҷанг кашид, ки дар натиҷа аз ҳарду тараф шумори зиёд кушта шуданд.

Чунин назар ҳам садо дод, ки ин охирин нидои ҷанги дохилӣ буд. Умед мебандем, ки ин фитна охирин нооромӣ дар ин минтақа ва дар кулли кишвар бошад!

## БУЗУРГИЮ МЕҲРАШ ҲИСОРИ МАН АСТ
### *(Фирдавсӣ)*

Ноҳияҳои тобеъи марказ дар водиҳои Ҳисор ва Рашт ҷойгир шудаанд. Дар водии Ҳисор дурдонаи Тоҷикистон–шаҳри Душанбе, пойтахти тоҷикон ҷойгир шудааст. Дар дараҳои хушобу ҳаво ва ободи Варзобу Ромит ва Алмосӣ рӯдхонаҳои кӯҳии ҳамном ҷориянд, ки ин дараҳоро

мусаффо ва истироҳатгоҳи душанбегиён гардондаанд. Зодаи озодаи дараи Алмосӣ, дӯсти азизу гиромии банда Суҳроби Зиёро ҳамаи форсизабонони дунё мешиносанд, ӯ бо гузоришҳои созандааш аз тариқи хабаргузории "ВВС"-и форсӣ муаррифи Тоҷикистон барои ҷаҳон аст. Суҳроб намоди зиёии миллӣ, вораста аз ҳисси маҳалгароист.

Водии Ҳисор имрӯз маскани омадагон аз тамоми кунҷу канори кишвар аст. Ба ин водӣ дар замони шӯравӣ тоҷикони Самарқанду Бухорову Панҷекат ва дигар шаҳрҳои тоҷикнишин кӯчида омадаанд ва фарҳанги бе ин ҳам болои мардуми ин диёрро ғанитар кардаанд. Ҳамин водӣ маркази тоҷику Тоҷикистон аст ва тамоми орзуву омоли мардуми тоҷик дар асрҳои оянда дар ҳамин сарзамин таҳаққуқ мепазирад!

Водии Рашт дар гузашта Қаротегин ном дошт, аз сабаби маҳдудияти ҷуғрофӣ ҳамеша мустақил буда, дар соли 1877 ба Аморати Бухоро мулҳақ шудааст. Дар замони ҷанги дохилии кишвар солҳои зиёд ноором буд, ки дар ин бора зиёд гуфтанду навиштанд. Ба истиснои шумори андаки қирғизон, мардуми ин водӣ саросар тоҷиканд. Мардуми тоҷики ин водӣ ба чанд ноҳия–Файзободу Оби Гарм ва Ғарму Нурободу Тоҷикобод ҷудоянд. Дар мансубият ба маҳаллашон таассуб меварзанд ва дар ҳоли зиддият бо ҳам ба сар мебаранд. Тоҷикони ин диёр аҳли илму тиҷорат ва сарватдӯстдоранд. Ман дар ҳамкорӣ бо касони аз ин диёр садоқат дар дӯстиву вафо ба аҳд камтар таҷриба кардаам. Умедворам, ки ин падида хосияти умумӣ надошта бошад. Дар тиҷорат маҳорат доранд ва дар замони шӯравӣ бо ургутиён, ки ба соҳаи савдо мусаллат буданд, рақобат меварзиданд. Ин рақобат баъдан дар солҳои аввали ҷанги дохилӣ ба даргириҳо дар байни онҳо анҷомид, ки қурбониву хисороти зиёд ба бор овард.

Агар дар шаҳри Қурғонтеппа ургутиҳо зарар дида бошанд, дар ноҳияҳои Шаҳринаву Турсунзода ғармиёни муқимӣ зиён диданд. Худо кунад он рӯзҳо бираванд ва барнагарданд!

## ДАР ОҲАНГИ СУҒДӢ, НАВОЕ ДАРӢ

**(*Маликушшуаро Баҳор*)**

Вилояти Суғд аз лиҳози ҷуғрофӣ қисме дар водии Фарғона, қисме дар музофоти Истаравшан ва қисме дар водии Зарафшон ҷойгир аст ва таърихан ба қисматҳои дигари Тоҷикистон роҳу рафтуомади камтар доштааст. Дар замони шӯравӣ ҳарчанд аз тариқи гарданаи Шаҳристон ва Анзоб, дар байни қисмати шимолу ҷануби кишвар роҳи мошингард сохта шуда буд, вале он дар фасли сармо баста мешуд. Ғайр аз ин, ин роҳ кӯҳӣ буда, сифати хуб надошт ва аз тариқи он ҳаракати нақлиёти мусофирбари умумӣ мамнӯъ буд. Равуои мусофирбар танҳо аз тариқи хоки Ӯзбекистон, ки масофааш хеле тӯлонӣ буд, имкон дошт. Ҳатто водии Зарафшон, ки шомили ин вилоят аст, дар ҳолати ҷудоӣ аз маркази вилоят ба сар мебурд, зеро роҳи ин водӣ ба маркази вилоят аз тариқи гарданаи Шаҳристон буд ва зимистонҳо баста мешуд.

Қисмати водии Фарғона ва Истаравшани вилоят дар ҳоли ҷудоии ҷуғрофӣ аз қисматҳои дигари Тоҷикистон воқеъ бошад ҳам, дар чорроҳи тиҷории байни Фарғонаву Тошканд ва Бухоро ҷойгир шудааст, ки мардумони ин водиро ба тоҷирони муваффақ табдил додааст. Иқлими қисмати фарғонаии ин вилоят мулоим буда, ба табиати сокинонаш нақш гузоштааст, ки онҳо мардумони мулоимтабиатанд.

Ҳамон тавр ки зикраш рафт, вилояти Суғд ба ду қисмат тақсим мешавад. Хонанда дар бораи расму русум ва

хусусиятҳои мардуми водии Зарафшон аз китоби “Моҷарои рафта” тасаввур пайдо кардааст ва дар бобҳои оянда, ки хоҳ нохоҳ қаҳрамонон аз он минтақа низ хоҳанд буд, огоҳии бештар пайдо хоҳад кард. Дар ин ёддошт бештар таваҷҷуҳ ба қисмати фарғонаии вилояти Суғд хоҳад буд.

Хуҷанд ягона шаҳри бузургест, ки аз шаҳрҳои тоҷикнишин ба мо тоҷикон расидааст. Марв, Самарқанд, Бухоро, Чоч ва дигар шаҳрҳои бузурги мо ба ҷумҳуриҳои дигар шомил шудаанд. Инро ҳам бояд гуфт, ки нақши Хуҷанд таърихан аз сабаби ба хонигарии Қӯқанд шомил буданаш, дар садаҳои пеш аз инқилоби сурх дар рушди фарҳанги тоҷик нисбат ба Бухорову Самарқанд камрангтар будааст. Вале Хуҷанд шаҳри суннатӣ буда, ҳамчун осорхона бисёр суннатҳои миллиро нигоҳ доштааст.

Дар "Ёддоштҳо"-и устод Садриддин Айнӣ мехонем, ки аҳолии Бухоро дар ҳоли табақотӣ ба сар мебурдаанд. Авлодҳои шайху рӯҳониён аз духтар додану гирифтан ба ғайр худдорӣ мекардаанд. Ҳикояти "Духтари ноком" дар ҳамин асар имрӯз ба назари мо афсона намояд ҳам, асоси воқеӣ доштааст. Одамони касбу кори гуногун дар ҳалқаи худ ва бо расму суннатҳои хос мезистаанд.

Баъзе ҷузъиёти ҳамин муносибатҳо ҳоло ҳам дар ҳаёти иҷтимоии Хуҷанд ба мушоҳида мерасанд. Дар Хуҷанд авлоди "тӯраҳо" ҳастанд, ки дар ҷомеа соҳиби эҳтироми хос мебошанд ва мисли ҳамон "шайхҳо"-и Бухоро танҳо дар дохили табақаи худашон издивоҷ мекунанд. Номи онҳо нисба ё пасванди "хон" дорад ва ҷолиб ин аст, ки касоне, ки аҳли ин табақа нестанд, ин нисбаро ба фарзандонашон гузошта наметавонанд. Табақаҳои дигар аз қабили "сайидҳо" ва "мирзоён" низ вуҷуд доранд, ки ба исмҳояшон ин нисбаҳоро илова мекунанд. Агар касе аз аҳли табақаҳои ғайр ин пасвандҳоро ба

номи фарзандаш гузорад, ӯро "худхонда", "ҷаълӣ" ва ғайра гуфта, маҷбур мекунанд номашро иваз кунад. Мисли ин ки қаблан ин равиш дар байни ҳамаи мардуми бумӣ роиҷ будааст. Аслан, масъалаи номгузории мо тоҷикон ва таърихи он мавзӯи ҷолибест, ки қарор аст ёддоште дар ин бора нависам ва он дар ҳамин китоб дар ҷои худаш хоҳад омад.

Мардуми шаҳри Хуҷанд худро аз дигарон болотар медонанд ва ба омадагон муносибати таҳқиромез раво мебинанд. Масалан, касони аз ноҳияҳои Зарафшон ба Хуҷанд омадаро "масчоӣ" гуфта таҳқиромез ном мегиранд. Агар касе аз минтақаи дигар омада, дар Хуҷанд маскун шавад, ӯро дар байни худашон "сойкелдӣ" ном мебаранд. Дар ин шаҳр қабристоне бо номи "Ғарибон" ҳаст, ки бегонагонро дар он ҷо дафн мекунанд.

Мардуми шаҳри Хуҷанд дар замони ташкилшавии Тоҷикистони Шӯравӣ аз мардумони ноҳияҳои дигаре, ки ба ин кишвар дохил шуда буданд, пешрафтатар ва табиист, ки нухбагони Шӯравӣ баъд аз дар ҳудуди Ӯзбекистон мондани Самарқанду Бухоро бештар ба неруи инсонии ин минтақа такя мекарданд. Ин падида дар зеҳни сокинони минтақаҳои дигар, бахусус ҷануб, эҳсоси маҳалгароиро тақвият медод. Фарзандони фарзонаи ин минтақа низ барои сохтани Тоҷикистон ва ободию рушди он ҷоннисориҳо кардаанд. Ҳодисаи қатори Калинин–яке аз сарони ҳукумати Шӯравиро боздошта, ба Тоҷикистон ҳамроҳ шуданашонро талаб кардани конибодомиҳо мисоли рӯшани миллатдӯстии мардуми ин водӣ аст.

Мардуми шаҳри Хуҷанд ба истиснои сокинони Истаравшан, ягона мардуми Тоҷикистони имрӯза ҳастанд, ки дорои фарҳанги шаҳрианд. Онҳо суннатҳои устувор доранд ва дар тиҷорат дорои маҳорати хосанд. Пажӯҳишгарони рус, ки дар замони қабл аз инқилоби сурх ба ин ҷо омадаанд, халқи

тоҷикро ба ду даст тақсим кардаанд: шаҳрнишин ва кӯҳистонӣ. Ба ақидаи онҳо, барои шаҳрнишинон тиҷорат ва манфиат нисбат ба масъалаҳои ҳувият ва миллат бештар аҳамият доштааст.

Дар замони шӯравӣ қисмати фарғонаии вилоят аз лиҳози ҷуғрофӣ дар муҳосираи Ӯзбекистон монда, бо қисмати марказиву ҷанубӣ робитаи камтар дошт, ки дар натиҷа ҳуввияти миллӣ ва забонии онҳо камранг шуда буд. Вале ба ибораи маъмули русӣ "бахт набуд, бадбахтӣ ба додам расид", марзбандии Ислом Каримов ба кам шудани таъсири Ӯзбекистон сабаб шуд. Имрӯз ба туфайли нақбу роҳҳои сохтаи давлат, Хуҷанд ва ноҳияҳои он ба қисматҳои дигари кишвар роҳи доимӣ пайдо карданд ва аз ин таъсири ҳалокатбор раҳиданд. Дар умум, мардуми ин диёр дорои фарҳанги баланд ва хушзеҳнанд.

## УСТОД ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Воқеан, яке аз саодатҳое, ки дар ҳаёт насиби банда шудааст, ин буда, ки бо устод Лоиқ Шералӣ ҳамзамон буда ва чанд боре ба дидораш расидаам. Устод Лоиқ аз он бузургони миллат буд, ки дар замони шӯравӣ ба камол расид ва дар ҷомеа аз эҳтирому ҷойгоҳи хосе бархурдор буд. Дар ёдам ҳаст, охири солҳои ҳаштодум аввалин ҷашни "Ширу шакар" дар Кӯлоб ба муносибати рӯзи таваллуди устод баргузор шуд, ки дар он устод Лоиқ шеърхонӣ ва овозхони маъруф Давлатманди Хол аз ашъори ӯ сурудхонӣ кард, ки аз тариқи телевизион ва расонаҳо ба таври густарда пахш шуда буд. Он солҳо замони авҷи камоли эҷодиёти устод Лоиқ ва ӯ "гули сари сабади" миллат буд.

Дар солҳои охири ҳаёташ устод Лоиқ шоҳиди нобасомониҳои замони фурӯпошии Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ низ шуд, вале ба ҳеч тарафе нагаравид ва ҳамеша мухолифи низоъи миллӣ монд. Ӯ тамоми ваҳшонияти ҷанги миллаткушро дар умқи ҷонаш ҳис карда буд:

*Ҷон ба қурбони ту, эй меҳани хунинкафанам,*
*Будӣ байтушшарафам, гаштаӣ байтулҳазанам.*
*Душманат чор тараф аҷнабию хонагиянд,*
*Тани танҳо ба чӣ нерӯ сафи аъдо шиканам?*
*Дӯст душманнасақу душмани ту дӯстнамост,*
*Рост гӯям, бипаронанд зи чашму даҳанам...*
*Гирям аз он ки туро ҳукм ба куштан карданд,*
*Эй ту ҳам появу ҳам мояи инсон буданам...*
*Гирям аз он ки ту танҳоиву ман танҳотар,*
*Ватанам, о Ватанам, о Ватанам, о Ватанам!*

Аз ин марсия мӯи бадани инсон мехезад! Ҳамон тавр ки зикр шуд, дар он солҳо кишвар дар дасти як идда ҷангсолор гирифтор шуда буд. Барои он тоифа ҳаёти инсон қадр надошт. Хурдро аз бузург намешинохтанд. Вале устод Лоиқ бо як ҷасорати хос ҳамеша дар муқобили онҳо қад алам намуда ва ҳеч гоҳ бо эшон созиш накардааст.

Ҳамсабақи донишгоҳиям Азизмурод дар ин бора ҳикояти ҷолибе нақл кард. Овардани ин ҳикоятро лозим медонам, зеро он аз як сӯ исботи ҷумлаи қаблӣ бошад, аз сӯи дигар шахсияти Устодро ба хонанда беҳтар шинос мекунад. Азизмурод гуфт:

– Устод дар бемористон бистарӣ буд ва аз ман, ки ба аёдаташ рафта будам, хоҳиш кард субҳ биёям ва ӯро бо мошин ба ҷашни як нафар дар маҳаллаи Яккачинор бибарам. Ман,

тибқи қарор, субҳ ба назди бемористон ҳозир шудам. Баробари устод фармондеҳе низ бо ҷондоронаш аз дари бинои бемористон баромад. Он рӯзҳо ин тоифа бо ҳамҳамаву дабдабаи хос мегаштанд. Фармондеҳ дар бар либоси низомии саҳроӣ, мусаллаҳ бо туфангча дар байн, чор ҷондори мусаллаҳ то буни дандон аз чор сӯ ӯро иҳота карда мерафтанд. Дар ҷайбҳои махсуси сарисинагии ин ҷондорон тирдонҳои зиёд ва норинҷакҳо ҳамоил буд, ангор, инҳо ба ҷанги Ҳитлер мерафтанд. Дар асл, инҳо бо халқи бесилоҳ меҷангиданд ва устод ба онҳо ва аъмолашон нафрат дошт. Ин фармондеҳ устодро дидан замон ба дастфишорӣ шитобид. Баъд аз пурсупос, ки устод бе майл "ҳа", "не" гуфта ҷавоб медод, фармондеҳ пурсид:

– Устод, куҷо меравед, ман шуморо бо мошин бурда расонам?

Устод:

– Ман ба Яккачинор ба ҷашни дӯстам меравам, мошин ҳаст,- гуфта ба сӯи ман ишора кард.

– Ман ҳам ҳамон ҷо меравам, устод, биёед, бо мошини ман равем,–пешниҳод кард фармондеҳ. Устод боз ҳам рад кард. Вақте фармондеҳ исрор кард, устод кафид:

– Бо туву амсоли ту ман на ба тӯй меравам, на ба худоӣ! Ҳатто ба ҷаноза ҳам намеравам! Рав, паноҳат ба Худо! – ғайр аз баланд шудани садои устод, ангушти ишораташ низ теғвор ба сӯи фармондеҳ баланд шуд.

Ман сахт тарсидам,–гуфт Азизмурод,–ин фармондеҳон он рӯзҳо "худашон шоҳу табъашон вазир" буд. Бисёр касонро бе гуноҳ куштанд ва ман тарсидам, ки ба устод осебе расонанд. Ранги фармондеҳ зард шуд, башаст баргашта рафту бо бондаш ба мошинҳои сиёҳшишаашон нишаста, бо суръат аз мо дур шуданд.

Рӯзе аз рӯзҳои моҳи июни соли 2000 хабари мудҳише расид, ки устод Лоиқ Шералӣ бо ҳоли бад ба бемористон уфтодааст. Мо фавран ба бемористони Қаряи боло рафтем. Дар саҳни ҳавлии бемористон одамони зиёд бо чеҳраҳои андӯҳгин интизор буданд. Ҳол пурсидем, гуфтанд Устод дар ҳоли беёдӣ дар бахши эҳёст ва ба назди ӯ роҳ намедиҳанд. Он замон дар Душанбе воситаҳои ахбори умум хеле фаъол набуданд ва иттилоърасонӣ бештар аз даҳон ба даҳон сурат мегирифт. Мо дар давоми чанд рӯзи бемории Устод зуд – зуд ба бемористон мерафтем, вале ҳоли ӯ яксон вазнин мемонд. Мутаассифона, дар рӯзи сиюми июни соли 2000 хабари марги Устод Лоиқ Шералӣ расид.

Рӯзи дафни ӯ ва ходими сиёсӣ–давлатӣ Назархудо Додхудоев ҳамзамон шуд. Ҷасади ҳардуи онҳоро дар театри Опера ва балети шаҳри Душанбе барои видоъ гузоштанд. Мо барои видоъ ба он ҷо рафтем. Дар толори болои зинаҳои ошёнаи дуюми театр дар ду канор тобутҳо гузошта шуда буд. Фазо пурандӯҳ буд, фавҷи мардум барои видоъи ин ду фарзанди номдори миллат меомаданд. Одамон саф кашида, аз дар медаромаданд, аз зинаҳо боло баромада, бо сари хам аз назди ҳарду тобут мегузаштанд ва дар берун саф-саф меистоданд. Рӯз гарм буд. Мо пас аз адои расми видоъ ба берун баромадем. Яке аз дӯстон пешниҳод кард, ки ба мағозае даромада, об нӯшем. Вақте ба мағоза даромадем, дар телевизори болои сари фурӯшанда консерти пуршӯр мерафт. Ман аз фурӯшанда пурсидам:

– Ҷӯра, медонӣ, ки имрӯз рӯзи мотам аст?

Ӯ ба ман ба аломати суол нигарист ва давоми суоламро интизор шуд. Ман ба телевизор ишора карда гуфтам:

– Магар имрӯз рӯзест, ки консерт гузорӣ?

Ман фикр карда будам, ки ин консертро ӯ аз магнитофон гузоштааст.

Ӯ ба телевизор нигоҳ кард ва гуфт:

– Инро ман нагузоштам, ин барномаи телевизион аст.

Диққат кардам, воқеан шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон буд...

Дар замони шӯравӣ расми хубе буд, ки дар рӯзи фавти шахсиятҳои номдор азо эълон мешуд. Парчамҳо хамида мешуданд ва аз садову симо мусиқии ҳазин пахш мегашт. Интизори ман ин буд, ки рӯзи дафни шоири миллат рӯзи сӯг эълон гардад, вале ҳадди ақал имкон надошт, ки он рӯз ҷашну сур канор гузошта шавад?

Чаро ин миллат бузургонашро намепарастад? Маълум аст, ки хор кардани бузургон барои бузургони оянда ҷой намегузорад. Охир, агар миллат ҳарчи бештар бузург дошта бошад, бузургони раъс бузургтар мешаванд. Ва зиёиёне, ки масъули садову симоянд, агар бузургонро эҳтиром кунанд, магар ба бузургии худашон намеафзояд?!

Дар солҳои баъд аз истиқлол арзишҳои роиҷ, аз қабили донишмеҳварӣ ва шоистасолорӣ хеле зуд сукут карданд. Ҳар ки мансабу сарват ё зӯри бозу дошт, бузург doниста мешуд.

Рӯзе дар хурсандии дӯсте дар сари мизи зиёфат, вақте сухан аз устод Лоиқ рафт, яке гуфт:

– Устод Лоиқ бузург буд.

Сарватманде ҷабҳа гирифт:

– Чӣ, мо бузург нестем?! Як рӯз дар ресторан чор шиша арақа дукаса хӯрдем, бо як гурӯҳ ҷанг кардем ва чор нафарро лат кардем. Ин бузургӣ нест?! Мо аз Лоиқи ту бузургтарем!

Дар замони шӯравӣ аҳли илму адаб аз обрӯву эътибори боло бархурдор буданд. Илму дониш дар ҷомеа арзиш ҳисобида мешуд. Вале дар замони иқтисоди бозорӣ арзишҳо хеле зуд тағйир карданд. Дигар пулу сарват ва мансаб ҷои арзишҳои қаблиро гирифт. Ман дар поён воқеаи марғуберо

аз мушоҳидаам меорам, ки фарқи фарҳангу маърифати пойтахти пеш ва баъд аз ҷангро бармало нишон медиҳад.

Бахусус замони ҷанги шаҳрвандӣ давраи беэътибор шудани аҳли илму адаб дар чашми ҷомеа буд. Устод Лоиқ бар зидди ҳама гуна зулму истибдод қиём мекард, дарди дили миллатро месуруд ва табиист, ки ин хислаташ на ба ҳама хуш меомад. Вале ӯ ҳамеша дар сафи мардум будааст. Устод дар солҳои охири ҳаёташ дар қатори мардум талхиҳои ҳаётро чашид ва соли духазорум аз олам чашм пӯшид. Ман соле чанд бор барои зиёрат ба оромгоҳи бузургон дар Лучоб меравам. Чандин сол марқади ӯ дар пантеони Лучоб нообод монда буд. Санги хурде бо исми Устод гузошта буданд, ки бетонаш кафида, каҷ шуда буд. Рӯзе тавассути Комрон–домоди устод Лоиқ, ба Ромиш- писари устод паём фиристодам, ки марқади Устодро обод бояд кард.

Дар суҳбат Ромиш гуфт, ки шаҳрдории Душанбе ба номаи дархостияш ҷиҳати ободкории марқади устод ҷавоб надодааст. Аз гуфтаи Ромиш, сафорати Эрон низ нияти обод кардани марқади устодро дошта ва ҳатто санги навишта аз он кишвар овардаву интизори рухсати шаҳрдорӣ будааст. Шояд ҳамин мулоҳиза сабаби худдории рухсат аз сӯи шаҳрдор буда бошад, ки хостааст марқади шоири миллатро худаш обод намояд.

Ман ба ӯ гуфтам, ки барои обод кардани марқади падараш ниёз ба иҷозати касе надорад. Бояд онро обод кунад! Ба ӯ гуфтам: ободониро оғоз кун ва агар билфарз, касе монеъ шавад, ҳадди аққал дар назди виҷдони худат ҷавоб хоҳӣ дошт!

Бо машварат дастбакор шудем. Муҳандиси ширкати мо Фахриддин Назиров тарҳе пешниҳод кард. Бо ҳиммати дӯстон ва роҳбарии усто Фахриддин дар тӯли каме бештар аз

як моҳ марқади устод ба ҳамон тавр ки имрӯз ҳаст, ба тартиб оварда ва ин байт дар санги мазораш ҳак карда шуд:

*Ман баъди ҳама завол меоям боз,*
*Чун мурғи хуҷастафол меоям боз.*
*Гар баъди ҳазор сол ёдам бикунед,*
*Ман баъди ҳазор сол меоям боз.*

Санги сафорати Эрон низ ба рӯи фарши оромгоҳ афзуда шуд, ки нишони арҷу меҳри эрониён ба осори устод Лоиқ Шералист. Худованд рӯҳи Устодро шод гардонад!

## ҲУНАР ХОР ШУД, ҶОДУӢ АРҶМАНД
## (*Фирдавсӣ*)

Соли аввали донишҷӯӣ ман бори аввал ба театри Лоҳутӣ рафтам. Даромадгоҳи театр пуродам буд, вале ба фарқ аз даромадгоҳи кинотеатрҳо ин ҷо одамон бо сарулибоси расмӣ ва галстук омада буданд. Ҳама бо садои паст суҳбат ва муаддабона рафтор мекарданд. Фазо шукӯҳи хос дошт. Чандин нафар дар даст гулдаста доштанд. Вақте ба театр даромадам, толор тақрибан пур ҳам бошад, фазо ором буд. Одамон бо одоб рафтор мекарданд, ба ҳам бо таъзим салом медоданд, ба хонумҳо роҳ медоданд, фазои тасхиркунандае аз саҳифаҳои китоби румонҳои асри нуздаҳи аврупоӣ ин ҷо пиёда гашта буд.

Аз ҳамин аввал театр маро тасхир кард, он аз кино комилан фарқ дошт. Саҳна дар назари ман зинда буд. Дару деворе, ки дар рӯи саҳна ҳунармандон дар он нақш мебохтанд, руъёӣ буд ва ба таври links мармузе дар ҳар парда иваз мешуд. Нақшу нигори қаср он қадр зебову муҷалло буд, ки ман онро

қаблан танҳо дар минётурҳо дида будам ва он маро комилан мафтун гардонд. Ёдам нест, чӣ намоише буд, вале дарбори бошукӯҳи шоҳ, аъёну ашрофи асримиёнагӣ бо либосҳои муҷаллои дар китобҳо хондаам, зинда шуда, дар пешам ҳузур пайдо кард. Баъд аз поёни намоиш тамошобинон дуру дароз кафкӯбӣ ва ба коргардону бозигарон гул тақдим карданд. Ин ҳама маро он қадр мутаассир кард, ки аз он пас театррав шудам. Ҳеч намоишеро нодида намемондам.

Дар солҳои ноорромии ҷанги дохилӣ театрҳо аз кор монданд. Чанд сол ҳеч намоише надоштанд, эълонҳои куҳна дар тоблуҳои девори театрҳо ҳузни маро бештар мекард.

Рӯзе аз ҳамон рӯзҳо аз назди театри Лоҳутӣ мегузаштам, дидам, ки эълони нави намоиши "Эдип"-ро овехтаанд. Боварам наомад, зеро одатан постери намоишҳои куҳнаро барои зеби тоблуи театрҳо овехта мемонданд. Ба билетфурӯшӣ рафта, пурсидам ва фаҳмидам, ки воқеан театр имрӯз намоиш дошт! Хурсандии маро ҳадду канор набуд, ман ҳамеша мехостам боз ба он дунёи руъёӣ баргардам. Зуд билет харидам ва дар соати намоиш ҳозир шудам. Саҳни театр ва толори вурудӣ холӣ буд. Як-ду нафар аз кормандони театр дар даромадгоҳ буданду халос. Ба толор даромадам, дусе нафар нишаста буданд. Ҷои худро ёфтаму нишастам ва аз набудани тамошобинон аҷабам омад. Пеш аз сар шудани намоиш як муаллим даҳ-дувоздаҳ нафар мактаббачаҳои синфҳои болоро даровარда дар қатори пушт шинонд. Бачаҳо хеле сарусадо мекарданд.

Намоиш сар шуд, вале ба ҳушдор ва эродҳои муаллимашон нигоҳ накарда, бачаҳо оромиро халалдор менамуданд. Ба зудӣ намоиш зеҳни маро фаро гирифт ва ман дигар онҳоро намешунидам, бахусус, ки онҳо чанд радда ақибтар аз ман нишаста буданд. Ҳошим Гадо нақши Эдип-

ро хеле ҳунармандона иҷро мекард, гӯё воқеан ба нақш ворид шуда буд. Вақте ӯ чашмони худро "кӯр" кард ва бо қиёфаи "хунолуд":

– Ман танҳоям, танҳо! – гӯён фиғон кашид, яке аз он бачаҳо аз қатори ақиб:

– Эй, парво накун, мо қатитем! – гуфта чеғ кашид.

Ин лаҳза Ҳошим Гадо, рӯй ба толор овард ва дод зад:

– Кӣ гуфт?! Кӣ буд?!- ва ба боло нигариста, ба касе фармон дод:

– Чароғро даргирон!

Чароғҳои толор даргирифтанд. Бачаҳо аз ваҷоҳати "Эдип" ба ваҳшат афтода, бо доду вой аз толор баромада гурехтанд. Ҳошим Гадо бо қаҳр баргашту:

– Шуморо садқаи ҳунар кунад! – гуфта, саҳнаро тарк кард. Намоиш вайрон шуд.

Агар ба ин падида назари сатҳӣ афканем, шояд ба чунин хулоса оем, ки ҷанги шаҳрвандӣ ва ҳарҷу марҷи замони пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба паст рафтани дараҷаи маърифат ва маънавияти мардуми тоҷик сабаб шуда бошад, вале дар асл, мушкил дар ҷои дигар аст. Низоми маорифи Шӯравӣ мардуми тоҷикро бомаърифат ва огоҳ насохт. Албатта, дар солҳои 70 – 80 дар пойтахт қишри огоҳу зиёӣ шакл гирифт, ки намунаашро ман дар аввалин театре, ки дидам тасвир кардаам. Вале шумори ин қишр нисбатан кам буд, аксаран мардуми тоҷик дар шаҳристону деҳаҳо зиндагӣ мекарданд ва ба кишоварзиву чорвопарварӣ машғул буданд. Зиндагии мардум тағйири зоҳирие карда бошад ҳам, дар ботин мардуми тоҷик тибқи зеҳниятҳои суннатии худ мезистанд. Бо баруфтодани сонсури шӯравӣ сатҳи таассубу хурофот авҷ гирифт ва бо баруфтодани сади оҳании шӯравӣ ва боз шудани марзҳо сели ақидаҳои гуногуни динӣ ба киш-

вар сарозер шуд, ки ба боло гирифтани сатҳи тундравиву ифротгароии динӣ овард.

Мардум, ки дар айёми шӯравӣ ташнаи урфу расм ва дину мазҳаби хеш гашта буданд, дигар ба мавъизаву ҳукми муллоҳо хеле арҷ мегузоштанд. Муллоҳо ҳам аз фурсат истифода бурда, баъзан фатвоҳои аҷибу ғариб медоданд. Воқеан бояд тасдиқ кард, ки мубаллиғони навтаълимдидаи мазоҳиби кишварҳои зинафъ аз аҳкому шаръ дур мондани ҷомеаи тоҷикро хуб омӯхта буданд ва аз он моҳирона суиистифода мекарданд. Ин мавъизаву ҳукмҳои мутаассибона, ки шуморашон кам набуд, бехабар ҷомеаи тоҷикро ба гирдоби ҷаҳлу таассуб раҳнамун буд.

Масалан, яке аз чунин фатвоҳо, ки дар миёни мардум шӯр барпо карда буд, ин буд, ки ҳар никоҳе бо оини шӯравӣ баргузор шуда бошад, ҳалол нест ва бояд аз нав никоҳ карда шавад.

Ё дар масҷиду маъракаҳо ба одамоне, ки номашон арабӣ набошад, дастур медоданд, ки номи худро ба “номи исломӣ” иваз кунанд.

## САРГАРДОНӢ РӮИ ПУЛИ САКАРОТ

Абулфазли Байҳақии дабир дар боби хурофот ва бовари аксари мардум ба он, дар асри ёздаҳ гуфтааст:

"Ва бештари мардуми омма онанд, ки ботили мумтанеъро дӯсттар доранд, чун ахбори деву парӣ ва ғули биёбон ва кӯҳу дарё, ки аҳмақе ҳангома созад ва гурӯҳе ҳамчун ӯ гирд оянд ва вай гӯяд, дар фулон дарё ҷазирае дидам ва понсад тан ҷое фуруд омадем дар он ҷазира ва нон пухтему дегҳо ниҳодем, чун оташ тез шуд ва табаш бад-он замин расид, аз ҷой бирафт, нигоҳ кардем ва моҳӣ буд..."

Ва бо таассуф бояд зикр кард, ки ҳадди дарки мардум пас аз ҳазор сол хеле фарқ накардааст. Инсон бояд ҳар падидаеро ба ақлу мантиқ баркашад ва ба чашми хирад дар он нигоҳ кунад:

*Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,*
*Не бад – он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.*

Бибии модариям кампири Норбибӣ ба мо “аҳкоми дин”- ро меомӯхтанд.

Агар пурсанд ту бандаи кӣ?
Бигӯ: бандаи Худо.
Уммати кӣ?
Уммати Муҳаммади Мустафо.
Дӯстдори кӣ?
Чор ёри босафо.
Мазҳаб ба кӣ дорӣ?
Ба Имоми аъзам.
Дар даҳонат чӣ дорӣ?
Калимаи шаҳодат.
Дар бинят чӣ дорӣ?
Бӯи Муҳаммад...

Вақте мо бачаҳои шӯх суоле бидиҳем, ки он кадом бӯй аст ва чаро ман ҳис намекунам, бибии азизи ман фавран ба таҳдид мегузаштанд:

– Ҳар касе шаккокӣ кунад, пурсандаҳо дар он дунё забонашро аз пушти сараш берун мекашанд!

Мутаассифона, ин сабабгори суолҳои зиёди мо бачагони беақл аз қабили:

– "Пурсандаҳо аз кадом роҳ ба гӯр медароянд?"

– "Агар онҳо одамро зинда кунанд, чаро якеш ҳам аз гӯр берун наомад?"

– "Забонро чаро ва чӣ тур аз пушт мекашанд?" – ва ғайра мешуд, ки якбора ваҳшат ва хашми бибиямро меовард ва моро аз наздашон дур меронданд:

– Равед, аз наздам канортар гум шавед! Бо ин суолҳоятон кофир шудед!

Худованд бибиҷони азизи маро раҳмат карда бошад!

Зеҳнияти бибиям аз дунё ин буд, ки Худо кулолест, ки моро аз гил сохта, ба мо рӯҳ дамидааст ва дар пешониямон тақдирамонро навиштааст. Вале бо вуҷуди он ки худаш тақдири моро муайян кардааст, аз осмон бар мо назорат дорад ва тамоми гуноҳони моро сабт мекунад. Дар зери замин дӯзах ва дар осмон биҳишт бино кардааст ва пурсандаҳо гузоштааст, ки гуноҳу савоби моро бармекашанд ва мо бояд аз рӯи пули борике, ки борикияш ба ҳадди тезии корд аст, бигзарем, то ба биҳишт бирасем. Ва агар бори гуноҳ зиёдат кунад, аз рӯи он пул сарозер ба дӯзах меуфтӣ, ки дар алангаи оташаш месӯзӣ! Мегуфтанд, ҳар кӣ дар иди қурбон гӯсфанд қурбонӣ кунад, он рӯз он гӯсфандро савор шуда, аз он пули сирот мегузарад ва ғайра.

Дар Панҷрӯди замони кӯдакии ман вақти гирифтани офтобу моҳ ба рӯи бомҳо баромада, бо кӯфтан ба тағораҳо ва хондани дуо ғавғо мекарданд, то моҳ ё офтобро аз дасти дев халос кунанд, дар ҳоле ки Садриддин Айнӣ дар китоби “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро” ин амали муллоҳоро ба боди масхара кашида буд ва нишон медод, ки солҳо пеш Аҳмади Дониш инро ҳамчун як ҳодисаи табиӣ пешгӯӣ мекард.

Умуман зеҳнияти омми кишвар аз пайдоиши дунё хеле содалавҳона аст ва ҳар касеро, ки бо ин зеҳният мувофиқ нест, кофир ва бедин эълон мекунад. Аксари рӯҳониёни ба истилоҳ

"нимчамулло" то ҳол мардумро дар доми ҷаҳолат нигоҳ медоранд, зеро худашон на аз илми рӯз ва на аз илми фиқҳ бархурдоранд. Аҳёнан олимони динӣ ҳам ҳастанд, ки дониши кофӣ доранд. Масалан, навиштаи як фақеҳи тоҷик дар бораи офариниш ва назарияи Дарвин, назарамро ҷалб карда буд. Муҳтавои гуфтаи ӯ ин буд, ки фарзияи Дарвин ҳеч зиддияте бо офариниши илоҳӣ надорад, зеро пайдоиши ҳамон мавҷудоти нахустин, ки Дарвин мефармояд, аз сӯи Худо будааст. Ӯ саъй карда буд ба навъе тафсири динии офариниши дунёро ба илми рӯз мутобиқ кунад, зеро дар асри бисту як дигар он тафсирҳои метафизикӣ бояд канор гузошта шаванд, чӣ ҳар ҷавони таҳсилдида метавонад онро зери суол барад. Вале таҳсил ва сатҳи дониши ҷавонон дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон ба ҳадде таназзул кардааст, ки ба ҳар хурофае бовар мекунанд ва ба осонӣ туъмаи мағзшӯён мешаванд.

## ДАР КӮИ ХАРОБОТУ ХУРОФОТ ФИТОДЕМ

Ҳукумати Шӯравӣ ҳафтод сол ақидаи атеистиро тарғиб карда бошад ҳам, на ин ки эътиқоди динии мардум, балки хурофотро низ ба нестӣ расонда натавонист. Дар паҳнои Шӯравӣ баъд аз фурӯпошӣ сатҳи хурофот зуд баланд шуд. Масалан, имрӯзҳо дар худи Русия, ки ақидаи Марксу Ленин аз он ҷо зуҳур кард ва ба миллатҳои атроф таҳмил шуд, гурӯҳҳое ҳастанд, ки аз тарси фаро расидани қиёмат ё охируззамон, ки кадом валии навбаромад пешгӯӣ кардааст, дар нақбҳои зери замин ва ғорҳо зиндагӣ мекунанд. Пешвоёни онҳо барояшон рӯзи охиратро таъин мекунанд ва онҳо бовар карда, ба ҳамин роҳ аз хатари марг гурехтанӣ мешаванд. Чандин бор гузоришҳое аз телевизи-

он нишон доданд, ки пулис онҳоро ба зӯр аз нақбу ғорҳо берун меовард...

Сатҳи хурофот дар мо тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Миёна дар ҳамон замони шӯравӣ низ поин набуд. Масалан, дар Панҷрӯд дар замони бачагии ман ғайр аз мубориза барои раҳоии Офтоб тавассути кӯфтани тағораву сатилҳо аз даҳони "тимсоҳ", дар хушксолӣ “Сусхотун” ном маросиме барпо мекарданд ва як сангпуштро аз як пояш овехта, дар атрофаш рақс мекарданд ва бо навҳасарой талаб мекарданд, ки бориш биёрад ва ғайра.

Боре ман беихтиёр дар як чунин ҳодиса иштирок кардам. Ин ҳодиса солҳои 1995-1996 рӯй дода буд. Он замон иртибот бо деҳа ба мисли имрӯз набуд. Телефонҳо собит буданд. Барои робитаи байнишаҳрӣ дар шаҳру ноҳияҳо марказҳои телефон буд, ки тибқи фармоиши мизоҷон онҳоро бо муштарӣ васл мекарданд. Баъзеҳо дар хонаашон телефон доштанд ва метавонистанд аз хона фармоиш кунанд, вале ҳамон ҳам гоҳо то чанд соат вақт мегирифт, зеро хати телефон заъф дошт ва фармоишҳо зиёд буд. Мо, ки телефон надоштем, гоҳ-гоҳ аз маркази телефони шаҳрӣ тамос гирифта, аз ҳоли наздикон огоҳ мешудем.

Боре аз Панҷрӯд хабар доданд, ки Шаҳноза – духтари бародарам сахт бемор шудааст ва ӯро ба бемористони Панҷекат бурдаанд. Мо фавран ба роҳ баромадем, зеро тибқи хабар ҳоли бемор хеле бад ва аз суҳбати наздикон бӯи ноумедӣ меомад. Роҳ он замон аз тариқи гарданаи Анзоб мегузашт ва ба шиддат хароб буд. Вақте ба бемористон расида ва Шаҳнозаи сесоларо дидем, мо ҳам сахт мутаассир шудем. Ранги ӯ мисли коғаз канда, ғайр аз пӯсту устухон ҳеч нишони гӯшту хун дар андомаш намонда буд. Ба илова пизишкон мӯи сарашро тарошида, сӯзани хунгуза-

рониро ба раги сараш васл карда буданд, ки хеле ваҳм меангехт. Табаш боло, нафаскашияш хеле тез буд. Ангор, дар ҳоли ҷон додан буд. Дар утоқ чанд кӯдаки дигар ҳам бо ҳамин ҳол бистарӣ буданд.

Модарам ва наздикон ҳама дар зери андӯҳу ғам ашк мерехтанд. Мо зуд пизишкро пайдо карда, вазъи бемор ва илоҷи корро пурсидем. Ӯ ба мо фаҳмонд, ки ин як бемории вирусӣ аст ва аз Душанбе гурӯҳе омадааст, ки бояд навъи ин вирус ва доруи зидди онро ба зудӣ муайян кунад. Дар ҳоли ҳозир Шаҳноза табобати доруии лозимаро мегирад. Вале дар масъалаи хатар ба ҳаёти кӯдак "ҳеч чиз гуфта наметавонам" гуфта ҷавоб дод. Вақте мо ба сари кӯдак баргаштем, модарам аз ман хоҳиш карданд, ки Шаҳнозаро ба "гулӯгир" нишон диҳем. Он замон дар деҳаи Ҷартеппаи музофоти Самарқанд табиби халқие ба ҳамин ном машҳур буд. Муносибати ман ба фолбину дуодармонӣ ва дигар амалҳои шарлатанҳо мушаххас аст, ман онҳоро фиребгар, кулоҳбардор медонам ва дар оила ин ба ҳама маълум буд. Ман ба модарам фаҳмондам, ки ба бадани кӯдак уфунат сироят кардааст ва пизишкон пайи таҳқиқи навъи он ҳастанд, то доруи дармонашро муайян кунанд. Вақте модарам диданд, ки ман моил ба ин тавтиа нестам, аз роҳи дигар кор гирифтанд:

– Ин занҳои дигар, ки фарзандонашон ҳамроҳи Шаҳноза бистариянд, ба модараш гуфтаанд, ки "гулӯгир" ягона роҳи халосии кӯдак аз марг аст. Агар кӯдакро ба назди ӯ набарем ва Худо накунаду фоҷеае иттифоқ уфтад, ин алам ҳамеша дар дили модараш хоҳад монд. Аз ту чӣ меравад? Як қадам роҳ аст, хоҳиш мекунам, аққалан барои дили модараш бурда нишон диҳем.

Хоҳарбузургам Ибодат низ дар тақвияти ҳарфҳои модарам исрор кард, гуфт:

– "Аз карнайчӣ як пуф", шояд ҳамин "гулӯгир" сабаб шаваду Худованд раҳми кӯдакро хӯрад?!

Ба суоли ман, ки ин "гулӯгир" чӣ кор мекунад, табобат мекунад ё фол мебинад? касе ҷавоб дода натавонист.

Бадии кор дар он буд, ки падари кӯдак комилан худро гум карда буд. Каси дигар ҳам набуд, ки мошин ронад. Ман бояд зидди эътиқоди худам амал мекардам. Вале худамро таскин медодам, ба худам мегуфтам, шояд ӯ пизишк бошад, меравам, мебинам чикора аст ва ҳамон ҷо қарор мекунам.

Хулоса, мо беморро ба деҳаи Ҷартеппаи Самарқанд бурдем. Хушбахтона, он солҳо марзи байни Панҷекату Самарқанд боз буд. Хонаи "гулӯгир"- ро ёфтем. Ин "гулӯгир" як зани 45-50 солаи ӯзбек буд, вале забони моро медонист.

– Падари кӯдак кист? – баробари муродамонро арз кардан пурсид ӯ. Бародарам қадаме пеш ниҳод.

– Чикораӣ? Куҷо хондӣ? – бо оҳанги ғазаб суол дод "гулӯгир".

Вақте донист, ки донишгоҳи тиббиро хатм кардааст, ин хонум ба доду фарёд даромад:

– Ҳа, мединистута мехонию бачата табобат карда наметонӣ, боз пеши манба мебиёрӣ?! Ман мединститути туя ҳиччи ҳисоб намекунам! Мана дута дипломам ҳаст! Лекин шумоҳо духтуро барин кӯрсавод не ман!

Ҳеч кас аз мо чунин ҳамларо интизор набуд. Фолбину муллотабиб ва дигар шахсони ин тоифа усулҳои хоси муносибатро бо муштариёнашон доранд. Ин хонум ҳам тибқи мақоли "беҳтарин дифоъ ҳамла аст", амал мекард. Ӯ намехост соҳибони бемор аз ӯ суоле бипурсанд, бо ин ҳамла босалоҳият будани худро нишон дода, аз суолдиҳӣ пешгирӣ мекард.

Тамоми ин саҳна дар назди дарвозаи ӯ гузашт. Ӯ ба сӯи хонааш гашта, бо забони ӯзбекӣ чизе гуфт. Як духтар аз хона

бо таште баромада, онро зери соябони канори ҳавлӣ гузошт. Ин хонум раҳораҳ остинҳояшро бар мезад. Ман намедонистам чӣ пеш меояд. Вале ҳаракатҳои ӯро зери назар доштам. Ӯ ба назди ташт рафта, ба мо ишора кард, то наздаш равем. Дар канори ташт як зарфи рӯйпӯш меистод. Дастҳояшро, ки остинҳояш барзада буд, ба дохили он зарф халонда, аз он ҷо тар берун овард ва:

– Биёр кӯдака бинам, – гуфта фармон дод.

Вақте ки хоҳарбузургам Шаҳнозаро наздик овард, ӯ бо ангуштони дасти чапаш даҳони кӯдакро кушода нигоҳ кард ва якбора дасташро ба гулӯи кӯдак халонд ва берун кашида, ба болои ташти обдор афшонд. Аз дасташ гӯгирдчӯби шикастае ба ташт афтид. Ӯ боз бо ангуштонаш даҳони кӯдакро кушода, гулӯи ӯро дид ва боз ба бародарам, ки аз дарвоза даруntар наомада буд, нигоҳ карда, ба таъназанӣ даромад:

– Мединститута хондию кӯдака эҳтиёт карда наметонӣ! Ман духтур набошам ҳам, касби худама нағз медонам!

Ӯ воқеан "касби" худашро хуб медонист. Фикр мекард, ки агар ба мо маҷол диҳад, ҳатман суолборонаш хоҳем кард. Ман дарёфтам, ки ҳангоми дастонашро ба зарфи рӯйпӯш халондан, гӯгирдчӯби шикастаро, ки тар шуда меистод, дар байни ангушти ишорат ва дарозаш гузошта ва он ду ангушташро ба гулӯи Шаҳноза халонда, гӯё гӯгирдчӯбро берун оварда аст. Гӯгирдчӯбе, ки дар оби ташт шино мекард, тар шуда буд ва маълум буд, ки чанд рӯзе дар об истодааст, вале ҷои шикастааш ҳанӯз обзада нашуда буд, ки аз ҳамин гувоҳӣ медод.

Мо чанд пуле ба ӯ дода, аз дасташ халос шудем ва ба бемористон баргаштем. Раҳораҳ хоҳарбузургам бо модарам изҳори ҳайрат мекарданд, ки ин гӯгирдчӯб чӣ гуна ба гулӯи кӯдак даромадааст ва умедвор буданд, ки баъд аз гирифтани

он, ҳоли Шаҳноза беҳ мешавад. Ба ман талқин карданӣ мешуданд, ки ин зан кори худашро нағз медонад. Аз лабони фишурда ва қиёфаи турши ман рамуз гирифта, хомӯш шуданд. Ман ҷавоб додам:

– Бале, ин зан ба кори худ ҳушёр аст! – онҳо аз ҷавоби ман оҳанги кинояро эҳсос карда, дигар ҳарфе нагуфтанд ва мо ба бемористон расидем. Он рӯз таби Шаҳноза баланд шуда, ба чил дараҷа расид. Ба сабаби аз бемористон берун бурдан ва доруҳояшро сари вақт нагузарондан ҳоли кӯдак якбора бад шуд, ки маро дар назди пизишк ва виҷдони худам хиҷолатзада мекард. Рӯзи дигар пизишк хабар дод, ки доруи зидди вирус аз Душанбе омадааст ва онро ба Шаҳноза ва дигар кӯдакони бемор гузарониданд. Бо гузашти як рӯз аҳволи Шаҳноза рӯ ба беҳбуд овард ва баъд аз як ҳафта сиҳат ёфта, ба хона ҷавоб дода шуд. Модар ва хоҳарбузурги ман бо вуҷуди сирри "гулӯгир"-ро фаҳмонда додани ман, дар ғайбам ҳоло ҳам аз каромоти ӯ ба атрофиён нақл мекунанд.

## КАФАНИ КУҲНА

Убайди Зоконӣ ҳикоят мекунад:

“Шахсе дар ҳолати назъ уфтод, васият кард, ки дар шаҳр карбоспораҳои куҳна ва пӯсида талабанд ва кафани ӯ созанд.

Гуфтанд: ғараз аз ин чист?

Гуфт: то Накир Мункар биёянд, пиндоранд, ки ман мурдаи куҳнаам ва заҳмати ман надиҳанд.”

Дар деҳаи Ғӯсари ноҳияи Панҷекат, ки қаблан деҳи туркон будааст, ҳоло мардуми тоҷики аз деҳаҳои дигар омада низ зиндагӣ мекунанд. Падари шарикдарси

донишгоҳиям Азизмурод – Мирзомурод аз деҳаи Зимтут ба ин ҷо кӯчида маскун шуда буд. Модари Мирзомурод дар Зимтут дар хонаи авлодияшон бо писарбузургаш Элмурод ва оилаи ӯ зиндагӣ мекарда ва боре дар фасли сармо ба Ғӯсар ба хонаи писари хурдияш Мирзомурод меҳмон мешавад. Шароити зист дар хонаи Мирзомурод нисбат ба Зимтут беҳтар буда, зеро ҳаммом доштааст ва хонаҳо дар зимистон гарм карда мешудаанд. Вақте Элмурод модарро ба Зимтут баргардонданӣ мешавад, Мирзомурод мухолифат нишон медиҳад ва ба модараш мегӯяд, ки дигар ба Зимтут барнагардад ва ҳамин ҷо дар шароити беҳтар зиндагӣ кунад. Модар ҳам моил ба зиндагӣ дар шароити беҳтар будааст ва пешниҳоди дар Ғӯсар монданро қабул мекунад. Элмурод ҳилаи хубе барои бурдани модар месозад, ба ӯ мегӯяд:

– Модар, ин ҷо деҳи туркҳост, фардо дар қабристон Накир Мункар ба туркӣ мепурсанд, чӣ тур ҷавоб медиҳӣ?

Ҳамин кофӣ буд, ки пиразан бошитоб чизҳояшро ҷамъ карда, дигар ба суханҳои Мирзомурод ҳеч эътиное накарда, ба Зимтут бишитобад.

## БЕ РӮИ ТУАМ НА АҚЛ БАРҶОСТ, НА ДИЛ
### *(Рӯдакӣ)*

Дар Панҷрӯд одамон маъракаҳои хурсандии худро одатан зимистонҳо – замони кам будани кори кишоварзӣ баргузор мекунанд. Дар ин маъракаҳо мардум гирди дастархонҳо нишаста, суҳбат мероянд ва насиҳати бузургонро гӯш мекунанд, қиссаҳои бобоёнашонро мешунаванд ва ғайра.

Муҳаммадисҳоқ, ҳамдарси мактабиям ҳикоятеро аз бобояш нақл кард. Бобои ӯ Муҳаммадризо шахси ширингуфторе будааст. Муҳаммадисҳоқ гуфт:

– Рӯзе бобоям дар маъракае ба ҷамъе мегӯянд: аҳли фалон авлод шири пухтахӯрдаанд, зуд ақлашон медароянд, аҳли фалон авлод шири хомхӯрдаанд, баъд аз биступанҷсолагӣ ақлашон медароянд ва зиндагияшонро пеш мебаранд, авлоди бисмадон аз шир ранҷидаанд, баъд аз сисолагӣ соҳибақл мешаванд.

Яке аз ҳозирон мепурсад:

– Бобои Муҳаммадризо, ақли авлоди худатон баъди чандсолагӣ медароянд?

Бобо бо табассуми малеҳе ҷавоб медиҳад:

– Баъди мурдан!

Дар Панҷрӯд дар забони мардум як мақоли танзомезе ҳаст, ки мегӯяд: "Баъди мурдан тани сиҳат!"

Худо раҳмат кунад бобои Муҳаммадризоро, ки аз авлоди тоҷики асил буд!

## КАС НАБУД АЗ РОЗИ ДОНИШ БЕНИЁЗ
### *(Рӯдакӣ)*

Дар боби ин ки чаро мактаб натавониста пеши роҳи хурофотро бигирад, моро зарур аст, ки назаре ба мактаби замони Истиқлоли Тоҷикистон бияндозем. Вале сараввал ба як қиёси таърихӣ назар кунем.

Устод Садриддин Айнӣ дар китоби “Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро” ба баррасии таназзули ҳавзаи илмии Бухоро пардохта, ҷараёни ин инқирозро чунин шарҳ медиҳад, ки Абдуллоҳхон, хони Бухоро дар асри 16, дар расми кушо-

дани мадрасаи нави бинокардааш дар байни ду довталаб мунозира баргузор карда, Мавлавӣ Мирзоҷони Шерозиро ба ин мадраса мударрис таъйин мекунад. Мавлавии мазбур бо ҳимояти хон бар ҳамаи уламои Бухоро бартарӣ касб карда, ихтиёри ҷадвали дарсҳоро ҳам ба дасти худ мегирад ва шарҳу ҳошияҳои таълифкардаи худро ба ҷадвали дарсии мадрасаҳо ворид мекунад. Дар ин равиши худхоҳона пайравони ин мавлавӣ низ шарҳу ҳавошии навиштаи худро ба китобҳои дарсӣ меафзоянд ва он қадр зиёдаравӣ мекунанд, ки ба зудӣ ҳамаи фанҳои аслӣ аз ҷадвал берун шуда, таълим дар мадрасаҳо ба шарҳу ҳошияхонӣ бадал мешавад.

Устод Айнӣ бо танз тавзеҳ медиҳад, ки агар то он замон ҳавзаи илмии Бухоро боиси обрӯву шарафи ин шаҳр буда бошад, "вазъи асафиштимоли имрӯзааш" боиси тамасхур аст, вале ба уламову аҳолии мағрури ин диёр маълум нест.

Ҷолиб аст, ки чизе монанд ба ҳамин иттифоқи таърихӣ дар мактабҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол низ рӯй дод. Роҳбарон ва масъулони соҳаи маориф дар навиштани китобҳои дарсӣ ба муаллифони наздики худ афзалият медоданд. Сабаби асосии ин падида фасоди молӣ буд, албатта. Вале дар натиҷа ба дасти хонанда китобҳои пастсифат мерасид, ки яке аз омилҳои аслии паст шудани сатҳи дониш дар мактабҳо аст. Китобҳои мазкур ба интиқоди шадиди зиёиён бархӯрданд, ки дар натиҷа вазъи китобҳои дарсӣ каме беҳтар шуд. Масалан, дар китоби риёзии синфҳои ибтидоӣ, муаллиф чунин мисол оварда буд: "Дар қабристон се гӯр буд, як мурдаи дигар оварданд, чанд гӯр шуд?", ки аз завқу сатҳи фаросати ин шибҳимуаллиф дарак медиҳад. Боре муаллиме шикоят карда буд, ки китоби таърихи барои синфи панҷум навиштаи яке аз ин муаллифонро ҳатто худи муаллим намефаҳмад, чӣ расад ба талабаи хурдсол!

Рӯзе дӯсти ҳамхидмати аскариям Имомалӣ бо пешниҳоде ба наздам омад. Хоҳиш мекард дар маблағгузорие ба ӯ ёрӣ намоям. Мақсад чопи китобҳои дарсӣ буд. Мегуфт, агар дар музояда иштирок карда, фармоиши чопи китобҳои дарсиро баранда шавам, он сӣ то панҷоҳ дарсад суди холис хоҳад овард. Вақте ман шубҳа кардам, ки дар музоядаи инчунин тиҷорати фоиданок ғолиб омадан душвор хоҳад буд, ӯ ба содалавҳии ман хандида гуфт:

– Албатта, сода ҳам нест, ғалаба бо ҳамкории кормандони вазорат ва музоядачиён ба даст меояд, понздаҳ дарсад ҳақи онҳоро бояд дод, онҳо худашон масъаларо ҳал мекунанд. Ба таври сода гӯям, аз маблағҳое, ки барои чопи китоби дарсӣ аз буҷа ҷудо мешуд, беш аз панҷоҳ дарсадаш дуздида мешуд.

Агар омили фасоди молӣ ва хешутаборбозӣ набуд, олимоне ҳам буданд ва ҳастанд, ки аз уҳдаи ин кор ба таври шоён мебароянд. Масалан, устод Абдунабӣ Сатторзода китоби дарсии адабиёти клосики тоҷикро барои синфи ҳашти мактаби миёна навишта буд, ки як нусха ба дасти ман ҳам расид. Аз рӯи инсоф бояд гуфт, ки китобҳои адабиёти тоҷики замони мактабхонии ман бад набуданд, камбудие, ки он китобҳо доштанд, ин буд, ки дар он китобҳо танҳо маводе, ки ба идеолоҷии Шӯравӣ мувофиқ бошад, интихоб мешуд. Вале китоби навиштаи устод Сатторзода намунаи беҳтарини китоби дарсӣ аст. Дар он интихоби мавод, таҳлили афкору андеша, фасоҳати забон дар сатҳест, ки хонанда матлабро хуб мефаҳмад ва шавқу завқи омӯхтанро дар ӯ бармеангезад.

Устод Сатторзода ҳамон устодест, ки сахтгирияш дар қабули имтиҳони донишгоҳам дар "Моҷарои рафта" омадааст. Ӯ дар радаи олимон ва пажӯҳишгарони адабиёти форсии тоҷикӣ ягонаи даврон аст. Ба исботи ин ҳарф, имрӯз, ки

ман ин сатрҳоро менависам, хабар омад, ки ба узвияти Фарҳангистони забону адаби форсии Эрон, ки ниҳоди марҷаъи соҳа дар дунёи форсизабонон мебошад, пазируфта шуд. Боиси ифтихори инҷониб аст, ки ғайр аз шогирдӣ ба дӯстии эшон низ мушарраф гаштаам.

Баъд аз хатми мактаби Панҷрӯд ҳам, ман вақти ба деҳа рафтанам ҳамеша ба мактаб сар мезадам. Дар охири солҳои навад ва аввали дуҳазорум муаллимони замони мактабхонии ман ё калонсолу бознишаста шуда ё барои ёфтани қут ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта буданд. Ҳарчанд дар ин ҷо забони форсӣ ба ҷои вожаи "меҳнатӣ" вожаи "корӣ"-ро талаб кунад ҳам, вале ман махсус вожаи "меҳнатӣ"-ро истифода мекунам, зеро ин муҳоҷират иҷборӣ ва хориовар буд. Сабаби ба муҳоҷирати меҳнатӣ рӯй овардани муаллимон маоши паст дар соҳа буд, ки барои рӯзгузаронӣ кифоят намекард. Аз он ҳайати муаллимони замони мактабхонии ман танҳо ду-се нафар монда буданд. Муаллимони дигари мактаб ҳама хатмкардаҳои худи ҳамин мактаб ва бе маълумоти олӣ ё ҳадди аксар хатмкардаи донишкадаи шаҳри Панҷекат буданд.

Маоши пасти муаллимони замони Истиқлол онҳоро водор мекард, ки барои рӯзгузаронӣ аз хонандагон ба ҳар роҳ музд тамаъ намоянд. Яке китоб мефурӯхт, дигаре ба ивази пул баҳои беҳтар мегузошт ва ғайра. Дар натиҷаи ин аъмоли номатлуб, агар муаллими замони Шӯравӣ бо тамоми бурду бохташ як қишри обрӯманди ҷомеа буд, муаллими замони Истиқлол ба бечораи дастнигар табдил шуд. Агар дар замони Шӯравӣ ба як нафар бо эҳтиром муроҷиат карданӣ шаванд, ӯро "муаллим" ном мебурданд, ки маънои шахси бомаърифат ва донишманду муҳтарамро дошт, аммо акнун ба ин маънӣ камтар истифода мешавад. Мутаассифона, имрӯз

дар забони кӯчагӣ "муаллим" бештар маънои бенавову бечора ва дастнигарро дорад.

Дар донишгоҳҳо ҳам вазъ беҳтар аз ин нест. Донишгоҳҳо якбора дастгоҳи пулкоркунӣ шуда, дар фасод ғарқ гаштанд. Аксаран муаллимон ба донишҷӯён на барои дониш, балки барои пул баҳо мегузоранд. Дар солҳои аввали Истиқлол донишгоҳҳое буданд, ки муаллимонашон ба донишҷӯ иҷозат медоданд ба Русия мардикорӣ равад ва ҳар замон пул фиристад. Ба ивази он пул ин муаллимони миёнарав бе ҳузури донишҷӯ ба ӯ баҳо "мехариданд" ва дар зимн худашон ҳам чанд сумаке ба даст меоварданд. Он солҳо дар бораи ин поённомаҳои қалбакӣ қазияҳои додгоҳӣ баргузор шуда буд.

Мутаассифона, муҳимтарин соҳаи кишвар, ягона роҳи наҷоту пешгирӣ аз ҷаҳлу таассуб ва танҳо василаи умед ба рушд ва ояндаи дурахшон он қадр таназзул кард ва фосид шуд, ки моро аз ояндаи хуб ноумед мекунад. Агар он насле, ки ман аҳлаш ҳастам, бо он ҳама омӯзишу парвариши Шӯравӣ, ба ҷаҳлу нодонӣ гирифтор шуда, ба фитнаву дасиса дода шуд ва осон ба ҷанги дохилӣ кашида шуд, пас вой бар ҳоли мо, вақте зимоми ин кишвар ба дасти насли дар солҳои Истиқлол дарсхонда мерасад!

Ман дар китоби "Моҷарои рафта" назарамро дар бораи мактабҳои тоҷикии Шӯравӣ баён карда будам. Хулосаи ман аз мактабҳои тоҷикии Шӯравӣ ин буд, ки хонандаро дар рӯҳияи таҳлилу андеша тарбия намекард. Барномаи мактабҳои тоҷикӣ ҳатто нисбат ба барномаи мактабҳои русии худи Шӯравӣ заифтар буданд. Ҳол он ки дар умум мактаби Шӯравӣ дар муқоиса бо мактаби Ғарб хеле ақибмонда буд. Ба ин ақидаи банда мухолифоне низ буданд, ки мегуфтанд низому омӯзиши Шӯравӣ беҳтарин дар дунё буд. Як

нигоҳи сатҳӣ ба рушди кишварҳои Ғарб, ки маҳсули дониши дастпарвардҳои мактабашон мебошад, дар муқоиса бо вазъи иҷтимоиву иқтисодии кишварҳои пасошӯравӣ кофист, ки афзалияти мактабҳои ғарбӣ исботи худро ёбад.

Касоне ҳам буданд, ки мегуфтанд, пеш аз мактаби Шӯравӣ мо мактаби куҳна доштем. Ман бо ин ақида, ки мактаби Шӯравӣ аз мактаби куҳнаи аморати Бухоро бартариҳое дорад, мувофиқам, вале низоми омӯзишии ҳар замонро бояд бо муодили замонии худаш муқоиса кард.

Ҳамин тавр, агар мушкилоти соҳаи маорифро бо як ибора ифода карданӣ шавем, онро "маблағгузории нокифоя" гуфтан мумкин аст. Зеро сабаби асосии фасоди соҳа низ ҳамин камбуди маблағ аст, ки ба маоши паст ва дар натиҷа ба фирори мағзҳо ва ба фасодкорӣ даст задани кормандони соҳа овардааст. Мусаллам аст, ки сабаби маблағгузории нокифоя касри будҷа аст. Дахлу кифояти будҷаи кишвар ба гардиши иқтисодӣ ва молиёт вобаста аст. Ман дар бобҳои баъдӣ мушоҳидаҳоям аз таърихчаи иқтисоди кишварро ба тасвир мекашам, бахусус, ки шуғли инҷониб имкон додааст, ки дар ҷараёни моҷаро ҳузур дошта бошам ва ҳаводиси ҷолиберо шоҳид шавам.

## ШӮЪЛАИ УМЕД ВА ФАЗОИ СОЗАНДА

Ишора шуд, ки ҳукумат баъд аз дафъ кардани фармондеҳони нофармон ва дастаҳои онҳо ба тадриҷ посҳоро ҳам аз шаҳр бардошт. Даҳшати замони ҷангсолорон он қадар ба зеҳнҳо хутур карда буд, ки шаҳр ором шуда бошад ҳам, мардум одат карда буданд, ки торик нашуда, дар хонаҳо руст шаванд.

Чи тавре гуфта омад, вазъи Душанбе то аввали солҳои дуҳазорум хеле бад буд. Корхонаҳо аз кор монда буданд. Одамон бештар дар ғами ҷон буданд то дар ғами кор ва табиист, ки рукуди иқтисодии комил кишварро фаро гирифта буд. Ягона нишонаи тиҷорат дар кишвар–мағозаву фурӯшгоҳҳо, ки соҳибонашон ба умеди пуле ба даст овардан боз карда буданд, қаблан аз тарси тороҷи силоҳдорон торик нашуда, мағозаҳои худро мебастанд. Дар солҳои аввал силоҳдорон дафъ шуда бошанд ҳам, одамон эҳсоси амният надоштанд ва тибқи одат, дар рӯшноӣ худро ба хона мерасонданд ва боғу хиёбонҳои шаҳр холӣ мешуданд.

Барои ба ҳолати одӣ баргардонидани зиндагии шаҳр, саранҷом ҳукумат ҳатто қарори махсус содир кард, ки мағозаву фурӯшгоҳҳо то дер кушода бошанд ва муассисаҳои фароғатӣ, аз қабили боғу гулгашт ва ошхонаву ресторонҳо то соати ёздаҳи шаб боз бошанд. Оҳиста – оҳиста дар давоми як – ду сол шаҳр ба зиндагии маъмулии шаҳрӣ баргашт. Фазои кишвар торафт ором мешуд. Зиндагӣ назм пайдо мекард. Дар дили мардум шӯълаи умед фурӯзон мешуд.

Ором-ором сармоягузорони дохиливу хориҷӣ ба иқтисоди кишвар маблағгузорӣ оғоз карданд. Масалан, дар соҳаи фановарии иттилоотӣ (IT) ширкатҳои маъруфи хориҷӣ маблағгузориҳои сангине анҷом доданд, ки дар кишварҳои пасошӯравӣ назир надошт. Ин ширкатҳо аз Тоҷикистон, ки аз ҷиҳати масоҳат чандон бузург нест, ҳамчун майдони санҷишӣ истифода менамуданд. Технологияҳои навро аввал дар ин ҷо бо харҷи камтар насбу санҷиш карда, пас аз он дар кишварҳои дигари пасошӯравӣ роҳандозӣ мекарданд. Дар натиҷа технологияҳои навини телефониву интернетӣ пеш аз дигар кишварҳо ба тоҷикистониён дастрас мешуд. Табиист, ки ин корхонаҳо ба кормандони зиёд ниёз доштанд ва дар

натиҷа ҷойҳои кории нав месохтанд, ки, аз як сӯ, вазъи молии одамонро беҳ намояд, аз сӯи дигар, ба буҷҷа молиёти бештар ворид мекард.

Дар китоби хотироти Ли Куан Ю, ки дар бораи муваффақият ва рушди Сингапур менависад, хондаам, ки ӯ ва тимаш барои даъват кардани ширкатҳои маъруф чӣ қадр заҳмат мекашанд, ба онҳо имтиёз медиҳанд ва онҳоро хуб нигаҳдорӣ мекунанд. Аммо ба бахти мо он солҳо ширкатҳои хориҷӣ худ бо хоҳиши худашон ба Тоҷикистон омада буданд ва маблағгузорӣ мекарданд.

Бонкҳои хориҷӣ ба бонкҳои маҳаллӣ вомҳои имтиёзнок медоданд. Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд ба бонкҳои тиҷоратии кишвар, ки ҳама хусусӣ шуда буданд, вомӣ имтиёзнок медод ва билохира ба саҳмияи баъзеи онҳо ворид шуд. Мақсади ин бонк, ки аз сӯи эътилофи бонкҳои ғарбӣ махсус барои дастгирии иқтисодҳои "дар ҳоли рушд" ташкил карда шудааст, ба назм овардан ва ба истондорти ғарбӣ наздик кардани низоми иқтисодии кишварҳои "ҷаҳони дуввум" аст. Бонк саҳми корхонаро мехарид, намояндаашро ба ҳайати саҳмиядорони он ворид мекард ва дар тасмимгириҳо иштирок карда, тарзи дурусти корро ёд медод ва аз фасоду қонуншиканиҳо пешгирӣ мекард. Баъд аз барқарор кардани назму низом, он саҳмро ба соҳибаш фурӯхта, аз саҳмдорӣ мебаромад. Ин бонк ҳамчунин дар сохтани нармафзор ва дигар барномаҳое, ки корхонаҳо ниёз доштанд, қисми аъзами маблағгузориро ба гардан мегирифт. Он замон чунин менамуд, ки тамоми заминаҳо барои рушди иқтисод омода мешуданд.

Барои фазои мусоиди соҳибкорӣ чанд омил бисёр муҳим аст. Пеш аз ҳама дахлнопазирии молу мулки шахсӣ, қонунҳои одилона ва додгоҳи иқтисодии озод барои рушди соҳибкорӣ омилҳои калидӣ ҳисоб мешаванд. Дар аввали

солҳои дуҳазорум ҳукумат афви молу мулк гузаронд ва дар ҷомеа эътимод эҷод шуд, ки дигар молу мулк дахлнопазир аст. Муддате, то ташаннуҷ пайдо кардани мубориза ҳои интихоботӣ додгоҳҳои иқтисодӣ ҳам озод буданд ва ин ба эътимоди сармоягузорон меафзуд. Ман худам адолати додгоҳиро он вақт таҷриба карда будам. Дар байни ширкати мо ва кумитаи гумрук баҳси додгоҳие ба вуҷуд омада буд, ки нақлашро дар идома меорам.

Камбуди асосӣ дар роҳи рушди иқтисодӣ норасоии манбаъҳои энержӣ буд. Дар аввали солҳои дуҳазорум раисҷумҳури Ӯзбекистон Ислом Каримов, ки мухолифи оштии миллии тоҷикон буд, аз имзои созишномаи оштӣ ба хашм омада, марзҳои кишварашро баст, содироти газро қатъ кард ва хатҳои барқро бурид. Кишвар нафту гози худӣ надошт, тавлиди барқи дохилӣ кифоят намекард, бо ин ҳол ҳукумат сохтмони сади Роғунро авлавият эълон карда буд ва ин ба ҳама умед мебахшид, ки ин норасоӣ низ ба зудӣ ҳалли худро меёбад.

## ДОДГОҲИ ИҚТИСОДӢ, АДОЛАТ

Дар замони шӯравӣ ҳамлу интиқоли пахта мутамарказ буд. Дар ҳар минтақа истгоҳҳои давлатии махсуси роҳи оҳан барои нигоҳдорӣ ва кашондани пахта сохта шуда буд, ки анбор ва таҷҳизоти лозимаро дошт. Замоне ки тиҷорати пахта ба ширкатҳои хусусӣ дода шуд, онҳо метавонистанд пахтаи худро дар ҳар анборе нигоҳ доранд ва аз ҳар истгоҳе бор кунанд.

Соле раиси навтаъини гумруки вилояти Хатлон қарор кард, ки пахта фақат дар анборҳои гумрук нигаҳдорӣ ва

боргирӣ шавад. Гарчанд тасмимашро барои ба назм даровардани ҳамлу интиқоли пахта маънидод карда бошад ҳам, дар асл мехост ба ин восита даромади изофӣ ба даст оварад.

Нигоҳдории пахта ва боркунии он ба қатор таҷҳизоти махсус мехоҳад, ғайр аз ин, анбордор дар ҳамли саривақтии бор низ масъул аст. То ин дам мо аз анбори як ширкати хусусӣ истифода мекардем ва аз коргузорияш қаноатманд будем. Қаблан аз хидмати анборҳои гумрук истифода карда, аз сифати хидматашон норозӣ будем ва аз ин сабаб бо раиси гумруки вилоят вохӯрда, ба ин қарораш эътироз кардем, вале ӯ моро бовар кунонд, ки хидматро дар сатҳи лозима ба роҳ мемонад.

Мо бо Кумитаи гумруки вилояти Хатлон қарордод бастем ва ба анборҳои он кашондани пахтаҳоямонро оғоз кардем. Воҳиду меъёри ҳамли пахта дар Шӯравӣ вагони қатор буд. Як вагони қатор дусаду чил бастаи тақрибан дусадкилоӣ мебурд, ки онро "марка" меномиданд. Мо ду марка пахтаамонро ба анбори гумрук интиқол додем. Баъд аз чанд рӯз хабар омад, ки анбори гумрук оташ гирифта, пахтаҳои мо сӯхтаанд. Арзиши ин ду марка тақрибан як саду ҳаштод ҳазор долларро ташкил мекард. Ман ба раиси гумрук нома навишта, тақозои ҷуброни хисорот кардам. Баъд аз кашолкорӣ онҳо аз ҷуброни хисорат саркашӣ карданд ва ба номаҳои мо ҷавоб надоданд. Он замон ҳуқуқдони ширкати мо Ҷалил Халилов ном нафаре буд. Ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки ба додгоҳи иқтисодӣ аз рӯи гумруки вилояти Хатлон шикоят барад, то ки хисороти моро ҷуброн кунад. Вакил чанд рӯз кашолкорӣ мекард ва дар ниҳоят андешаашро арз намуд. Ӯ нигарон буд, ки агар мо аз рӯи гумрук даъво кунем, шояд онҳо баъдан ба корҳои мо халал эҷод намоянд. Ман ба ӯ гуфтам, ки агар баъдан коршикание нисбати мо анҷом шавад, боз ҳам қонун ва додгоҳ ҳаст ва вазифаи ӯст, ки аз манфиат ва

ҳуқуқҳои ширкати мо дифоъ намояд. Дар он сӯхтор пахтаи ширкатҳои дигар ҳам сӯхта буд. Масъулони он ширкатҳо ва соҳибкорони шинос аз даъвои ман алайҳи гумрук аҷабашон омада, сар меҷунбонданду изҳори нобоварӣ мекарданд, ки ин даъво ба ҷое бирасад. Пас аз чанд ҷаласа ва баррасӣ, додгоҳ ба фоидаи мо қарор кард ва гумрукро муваззаф ба пардохти ҷуброни хисорот намуд.

Ҳуқуқдони мо дар мурофиаҳои додгоҳӣ иштирок карда, қазияро бурда бошад ҳам, аз оқибати он сахт нигарон буд, соҳибкорони шинос низ вақте шуниданд, ки қазия ба суди мо ҳал шудааст, нигаронӣ зоҳир карданд.

Насли ман ва калонтарҳо одамони шӯравӣ ҳастанд ва давлатро як чизе ҷудо аз худ ва болоӣ медонанд, онҳо аз он тарс доштанд ва даъвои ман алайҳи гумрукро ба навъе "ҷанг бо давлат" медонистанд, дар ҳоле, ки ман худро як ҷузъи давлат ва ин даъворо сирф иқтисодӣ медонистам. Байни мо ва гумрук қарордод, он ҳам бо исрори тарафи муқобил баста шуда буд. Онҳо масъули нигоҳдории пахтаи мо буданд. Агар бо гуноҳи онҳо пахтаи мо сӯхт, кӣ бояд хисороти моро ҷуброн кунад? Куҷои ин додхоҳӣ "ҷанг" аст?

## ТО КАЙ ҒАМИ ОН ХӮРАМ, КИ ДОРАМ Ё НА
## (*Хайём*)

Соҳибкоронро ман ба ду гурӯҳ медонам. Косиб ва Халлоқ. Гурӯҳи аввал пайи ягон касбанд ё коре оғоз мекунанд, то харҷи зиндагияшон дар ояд. Аз ноомади кор рӯҳафтодаву афсурда мешаванд, вале ҳар қадр, ки корашон хуб бичархад ҳам, ҳадафашон ба даст овардан ва бештар кардани сарвату сармоя мемонад. Аксаран бо зиёд шудани

сарват ҳирсашон бештар мешавад. Дар аввал ҳадафашон пул ёфтан барои харҷашон бошад, дар марҳалаи баъдӣ бандаи сарват мешаванд ва сарвати ба даст омадаро барои рушди иқтисод равон намекунанд. Вале боз ҳам дар ин раванд онҳо барои ҷамъият рифоҳ бунёд мекунанд ва сазовори ситоишанд.

Барои гурӯҳи дувум сарвату сармоя василаанд. Онҳо моҷароҷӯ ҳастанд. Барои соҳибкороне, ки шомили ин гурӯҳ ҳастанд, пул чандон аҳаммият надорад, балки худи раванди кор барояшон ҷолиб аст. Эътимод ба нафси боло доранд ва ҳатто як дараҷа шуҳратпарастанд. Дар расидан ба ҳадаф ҳеч гоҳ кӯтаҳӣ намекунанд. Зери ноомади кор хам намешаванд. Ақли зирак доранд, ҳар шеберо ба фароз табдил медиҳанд. Ҳамин гурӯҳи соҳибкорон дунёро такон медиҳанд, онро пеш мебаранд.

## СОҲИБКОРӢ

*Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,*
*Аз ӯ гаҳ заръ, гоҳе бӯстон аст.*
***Носири Хусрав***

Дар ин байт, ки дар замони шӯравӣ дар васфи деҳқони хокпош хонда мешуд, дар асл маънои "деҳқон" васеътар аст. Деҳқон ба маънои соҳибкори имрӯз аст. Имрӯз ин байтро дар васфи соҳибкор метавон суруд.

Соҳибкор ба мисли занбӯри асал аст, саъй мекунад рифоҳи худу наздиконашро таъмин созад ва раҳорах барои ҷомеа моле ё хидмате тавлид менамояд. Соҳибкорони халлоқ одатан шахсони боистеъдод, кордон ва матинанд. Онҳо дар

дарку фаросат, ҷуръату матонат ва тадбир аз дигарон фарқ мекунанд ва табиатан пуркору пурэнержиянд. Онҳо барои ба даст овардани суд ба соҳае маблағгузорӣ мекунанд, коло ё хидмат тавлид мекунанд ва дар ҳамин раванд як силсила иттифоқҳое рӯй медиҳад, ки дар ҷомеа таҳарруки мусбат ба бор меорад. Агар як масъалаи доғи иҷтимоии кишвари мо сохтани ҷойҳои корӣ ва таъмини даромаду рифоҳи шаҳрвандон бошад, соҳибкор довталабона миён мебандад ва дар ҳалли ин мушкил саҳм мегирад.

Масалан, як устои сартарош барои таъмини маишати хонаводааш дӯконе мекушояд. Ҳадафаш ба даст овардани музде барои рӯзгузаронӣ бошад ҳам, қиёфаҳоро зебо мекунад ва аз музди ба даст овардааш як ҷузъеро ба будҷа мепардозад, ки қатра-қатра дарё мешавад ва дар ободонии кишвар сарф мешавад. Музди ба дастовардаи ин усто ба харид дар бозор сарф мешавад, ки дар навбати худ ба гардиши кор ва равнақи тиҷоратҳои дигар мусоидат мекунад. Аз ҳамин мулоҳиза, нафаре ҳатто агар як ҷои корӣ ва танҳо барои худаш созад ҳам, шоёни таҳсин ва дастгирист, чи расад ба соҳибкоре, ки ҷойҳои зиёди корӣ меофаринад. Ӯ ҳам дар таъмини хонаводаҳои зиёд саҳм мегузорад ва ҳам пардохтҳои болое ба будҷа мепардозад.

Вале бояд дар ёд дошт, ки соҳибкор дар марҳалаи роҳандозӣ ва фаъолият ба як қатор мушкилоту чолишҳо рӯбарӯ мешавад.

Дар марҳалаи аввал соҳибкор бо ин масъалаҳо рӯбарӯ хоҳад шуд:

– ташкили кор;
– таҳияи аснод;
– пайдо кардани сармояи аввалия;

Дар марҳалаи дувум доим бо ин чолишҳо рӯбарӯ хоҳад буд:

– рақобат дар бозор;
– баргашти сармоя;
– пардохти молиёт;
– риски варшикастагӣ;
– пардохти маоши кормандон ва ғайра;

Ҳамин тавр ӯ бо садҳо ташвишу чолиши дигар рӯбарӯ мешавад, ки истодагарӣ дар муқобили ин ҳама осон нест. Ин чолишҳо ҳаёти соҳибкорро тағйир медиҳад. Аз лаҳзаи шурӯъи кор дигар ӯ осоиш намебинад, бистучор соат мисли он "санҷоби дар чарх" ҳаракат мекунад ва чархаи корро пайваста мегардонад, ки заҳмати зиёд металабад. Як лаҳза бозистодан аз такопӯ метавонад кулли заҳматҳояшро барбод диҳад, зеро дар иқтисоди бозорӣ ҳамеша рақобат вуҷуд дорад ва соҳибкор барои гардиши кораш бояд доим сифати хидмату маҳсулотро боло барад ва нархи онро дастрас гардонад. Танҳо шахси кордон ва матинирода дар ин чарха муваффақ мешавад.

Агар шахсеро медонед, ки соҳибкориро пеша карда ва дар тӯли як муддат муваффақ будааст, пас бидонед, ки ӯ одами матинирода ва пӯёест, зеро танҳо шахси мудаббир метавонад аз монеаҳо убур намояд ва муваффақ шавад. Магар чунин шахс шоёни таҳсину дастгирӣ нест? Агар барои матонату мудаббирии ӯ офаринаш нахонем, ҳадди ақал барои суде, ки ба ҷомеа меорад, бояд қадрашро бидонем.

Таърих ниёкони мо-суғдиёнро ҳамчун тоҷирони муваффақ ва бунёнгузори "Роҳи абрешим" шинохтааст, вале, мутаассифона, имрӯз ҷомеаи мо ва низоми иқтисодӣ аз он

фарҳанги сармоядорӣ фарсаххо фосила дорад. Соҳибкорон фарҳанги дурусти соҳаро медонанд, вале вазъ онҳоро маҷбур менамояд, ки ба таври дигар рафтор кунанд ва дар натиҷа ҷомеа онҳоро ҳамчун омили рифоҳ намешиносад. Шиори соҳибкорон ҳоло ҳам ҳамон шеваи куҳнаи “то фиреб накунӣ, суд ба даст намеорӣ” мондааст ва он заминаи мушаххас дорад.

Соҳибкори тоҷикистонӣ барои ба даст овардани суд имрӯз муваззаф аст ҳаёти муҷаллои мақомоти тафтишгарро низ таъмин намояд. Шумори мақомоти тафтишотгар аз бист ба болост ва ҳар кадоми ин мақомот шуъбаҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ доранд, ки дар умум як сиёҳлашкари беохир аст. Бархӯрди мақомоти тафтишгар бо соҳибкорон аз қабл муттаҳамкунанда аст ва танҳо бо мақсади маҷбур кардани соҳибкор ба додани ришва меанҷомад. Маъмури тафтишгар ба хурдтарин ҷузъиёт хӯрда мегирад ва метавонад санад сохта, соҳибкорро ҷарима бандад, ё бадтар аз он ба додрасу додгоҳ бикашонад ва аз кору бор маҳрум намояд. Соҳибкорон медонанд, ки дар додгоҳу додрасиҳо касе ба додашон намерасад ва танҳо ҳаҷми ришва афзоиш пайдо мекунад, зеро рӯзгори мақомоти додрасӣ ва додгоҳӣ низ аз ришва бино ёфтааст. Ғайр аз ин соҳибкорон, одатан, шадидан масруф ҳастанд ва гузинаи зудтар ва осонтар раҳо шудан аз дарди сар барояшон афзалтар аст, ки ба додани ришва ҳал мешавад.

Дарвоқеъ, ин бархӯрд ба рушди иқтисод мусоидат намекунад, он ҷинояти сангинест, ки ояндаи кишварро медуздад. Аз ҷумла, дар натиҷаи ҳамин омил, афкори умумии ҷомеаи Тоҷикистон соҳибкорро як шахси беинсоф тасаввур мекунад ва обрӯи ин пешаи муҳим дар ҷомеаро коста, ба зиёд шудани сафи соҳибкорон мусоидат наменамояд.

Вале дар асл, соҳибкорӣ ва муносибат ба он дар дунёи имрӯз ба таври дигар аст. Формули имрӯзаи тиҷорат "суди ан-

дак ва гардиши боло" аст. Фиреб дар соҳибкорӣ зуд ба варшикастагӣ меоварад. Соҳибкорон дар низоми иқтисоди кишварҳои муваффақ қишри муътабари ҷомеа эътироф шудаанд. Бешак, тамоми "ҷаҳонро хуррамӣ" аз эшон аст. Соҳибкори имрӯза бояд озода бошад, дарозмуддат андешад, муштариёни доимӣ ҷалб намояд ва инсофро риоят кунад, то ин муштариён ҳамеша чархи корашро гардонанд. Набояд пайи суди бузург аз як нафар, балки пайи суди андак аз шумори зиёди муштариён бошад, ки ҳам ҳосили бештар ва ҳам обрӯву иззат меорад. Дар тиҷорати бузург низ бояд дарозмуддат андешид ва манфиати тарафи дигарро ба назар гирифт.

Бо назардошти ҳама чолишу сахтие, ки шароит ба соҳибкорон таҳмил мекунад, онҳо ба дастгирии ҷомеа ниёз доранд ва ин дастгирӣ натиҷаи дилхоҳ ба бор хоҳад овард. Ёд дорам, боре бо падари азизам аз бозори шаҳри Панҷекат ба деҳа бармегаштем, вақте ба деҳа расидем, дидем, ки ҳамдеҳаамон Хурсандмуроди Рашид фурӯшгоҳ кушодааст. Падарам мошинро боздошта, фуромаданд ва ба назди дӯкон рафтанд. Ман ҳам бо фикри он ки падарам мехоҳанд кушодашавии дӯконро муборакбод гӯянд, аз пасашон рафтам. Падарам ба дӯкон наздик шуда, салом карданд ва чанд кило картошкаву пиёзу сабзӣ ва дигар маҳсулоте, ки дар дӯкон буд, фармоиш доданд ва ба ман ишора карданд, ки он ҳамаро ба мошин бор кунам. Ман он ҳамаро ба мошин кашондам ва вақте нишастем, бо тааҷҷуб пурсидам:

– Мо ҳамаи ин чизҳоро аз бозор ба қадри кофӣ ва арзонтар харидем, чаро боз ҳам аз ин ҷо харидед?

– Хурсандмурод ба умед мағоза кушодааст, ман ин иқдоми ӯро ҳамин тавр дастгирӣ кардам, – ҷавоб доданд падарам.

# ДИГАРГУНА ШУД БАХТУ БАРГАШТ ҲОЛ
**(*Фирдавсӣ*)**

Ман дар асари додгоҳҳо, ки зикраш рафт, каме таскин ёфтам ва бовариям ба назму қонун бештар шуд. Тиҷорати пахтаро танзим кардам. Пеш аз ҳама, дар Русия ширкат кушода, фурӯши пахтаро ба танзим овардам ва дар Аврупо низ ширкат боз кардам. Акнун ширкати аврупоии мо нақши сармоягузор, ширкати русӣ харидор ва ширкати тоҷикӣ содиркунандаро мебозиданд. Ҳамин тариқ, системи хубе бино шуд ва бо ширкатҳои бузурги пахтаи дунё низ робитаи хуб барқарор кардем ва харидуфурӯши пахтаро бо онҳо ба роҳ мондем. Ҳамчунин аз кишварҳои дигар низ пахта мехаридем ва ба кишварҳои севум равон мекардем. Кор торафт бузург ва пурмаҳсул мешуд. Агар солҳои аввали тиҷорат шабу рӯзи ман дар мошин ва саҳро мегузашт, акнун вақти зиёд дар ҳавопаймо сипарӣ мешуд. Кор назм пайдо карда буд ва иштироки ман бештар ба гуфтушунид ва бастани қарордодҳо сарф мегардид.

Чун назму амният дар ҷомеа барқарор шуд ва ҳисси кину кудурат дар ман каме таскин ёфт, оҳиста – оҳиста боз ба кор дилгарм шудам ва ниҳоят рағбату энержии аввалиям баргашт. Ман то ин дам дар тиҷорат таҷрибаи кофӣ ба даст оварда будам ва коргузории муассиреро роҳандозӣ кардам. Низоми кории то ин замон дар ширкатҳои мо барқароршуда, имкон медод, ки ба корҳои бузургтар даст зада шавад, вале он сармояи бештар металабид.

Олами сармоя абзорҳои зиёде барои кор дорад, ки истифода аз онҳо зарфияти кории ширкатро ба маротиб боло мебарад. Масалан, маблағгузории гардиш аз сӯи бонкҳо имкон медиҳад, ки гардиши тиҷорӣ зиёд шуда, судоварии беш-

тар шакл гирад. Аз сababи он ки гардиши боло ҳаҷми рискро боло мебарад, абзорҳои дигар аз қабили ҳеҷкунонӣ (hedge) имкон медиҳад, ки хатарпазирӣ танзим карда шавад. Истифода аз ин абзорҳо ба мо имкон дод, ки гардишро боло бурда, корро пурмаҳсултар гардонем ва суди бештар ба даст орем. Акнун имконоти мо бештар шуданд.

Ман ҳамеша дар фикри он будам, ки барои таъмини ҳазинаҳои идориву шахсӣ даромади ғайрифаъоле дошта бошам, ки ба гардиши молии ширкат рабт надошта бошад, то ки тавонам бо хотири ҷамъ ба корҳо бирасам. Ғайр аз ин, дар тӯли солҳои соҳибкорӣ мо офиси муайяне надоштем, иҷоранишинӣ мекардем, баъзан хонаи зистро ба офис табдил медодем. Ман тасмим гирифтам, ки дар ҳаҷми як – якуним ҳазор метр биноеро харидорӣ намуда, як қисмашро офис созам ва қисми дигарашро ба иҷора диҳам. Қисми иҷора бояд он қадр даромад медод, ки аз пардохтҳои идориву шахсӣ хотири маро ҷамъ мекард.

Дар тиҷорат ду навъ даромад вуҷуд дорад, ки онро даромади фаъол ва ғайрифаъол меноманд. Даромади фаъол онест, ки аз фаъолияти ҳаррӯзаи инсон ба даст меояд. Даромад аз тиҷорат, маош ва даромад аз касбу амсоли инҳо даромади фаъол номида мешаванд. Даромаде, ки ба фаъолияти ҳаррӯзаи инсон вобаста нест, даромади ғайрифаъол ном дорад, ки иҷораи амвол, суди саҳҳом, суди бонкӣ ва амсоли инҳо намунаҳои онанд. Даромади ғайрифаъол бо вуҷуди он ки суди камтар дорад, рискаш ҳам поинтар ва босуботтар аст.

Номи кӯчаи марказии шаҳрро, ки то ҳол ба номи Ленин буд, ба номи устод Рӯдакӣ монда буданд. Ман мехостам, ки офиси хубе дар хиёбони Рӯдакӣ дошта бошам. Дар хиёбони Рӯдакӣ будани офис барои ман муҳим менамуд, зеро ман агар, аз як сӯ, худамро соҳибватан ва аз табори Устод

ҳисобам, аз сӯи дигар, обрӯи ширкати мо, ки доим меҳмонҳои хориҷӣ дошт, офиси шоиста доштанро тақозо мекард. Дар замони шӯравӣ ошёнаи аввали баъзе биноҳо дар хиёбони Рӯдакӣ фурӯшгоҳ ё ошхона буд, ки одамон онҳоро шахсӣ карда буданд. Ман пайи он мегаштам, ки ошёнаи аввали ягон биноро бихарам. Бо ҳамин мақсад аз Комрон хоҳиш кардам, ки ҷои муносиб пайдо кунад. Он замон Мастон Сафаров ном шиноси мо дар Вазорати иқтисод раиси дастгоҳ шуда кор мекард. Аз ӯ низ хоҳиш кардам, ки дар ёфтани ҷои муносиб кӯмак кунад.

## ИН БЕША ГУМОН МАБАР, КИ ХОЛИСТ (Саъдӣ)

Вақте мо бо мақсади харидан бино суроғ мекардем, сохтмонҳои зиёд пешниҳод мешуданд, вале ҷое дилхоҳ набуд. Ниҳоят, рӯзе Мастон Сафаров гуфт, ки ҳукумат барои обод кардани бинои нотамоми маъмурӣ воқеъ дар хиёбони Фотеҳ Ниёзӣ, 34 сармоягузор меҷӯяд ва масъули иҷрои ин кор Вазири иқтисод аст. Он замон Зайд Саидов Вазири иқтисоди кишвар буд. Дар вохӯрӣ бо ӯ ман бо нусхаи протоколи ҷаласаи ҳукумат таҳти рақами 9 дар 29 августи соли 2005 шинос шудам.

Вақти истеъфои Қаҳҳор Маҳкамов аз вазифаи Раёсати ҷумҳурӣ ҳукумат ба ӯ иҷозат дода буд, ки ҳамин биноро шахсӣ кунад. Ӯ ин имтиёзро ба молики ширкати "Шукур", ки зоҳиран бо ӯ дӯстӣ доштааст, вогузошта, худаш ҳамчун муовини раиси ширкат ба кор даромада буд. Ширкати "Шукур" ҳамроҳи Вазорати иқтисоди Тоҷикистон бо ширкати утришии "Теҳа" барои харидани таҷҳизоти корхонаи истеҳсоли

оби ҷав қарордод баста буд. Маблағи умумии қарордод як миллиону дусад ҳазор доллар буда, сесад ҳазор долларашро вазорат пардохтааст ва нуҳсад ҳазорашро бояд ширкати "Шукур" мепардохт. Ширкат аз пардохт саркашӣ мекунад ва илова бар он, таҷҳизотро ҳам худсарона насб карда, корношоям месозад. Ширкати утришии "Геҳа" бо ҳамдастии Вазорати иқтисоди Тоҷикистон аз рӯи ширкати "Шукур" барои рӯёндани як миллиону дусад ҳазор доллар даъво мекунанд. Аз сабаби муфлис будани ширкати "Шукур", додгоҳ биноро ба савдо мегузорад. Кумитаи амвол бо дастури додгоҳи иқтисодӣ ду бор музояда баргузор мекунад, вале харидор пайдо намешавад. Ин доду даъво панҷ сол кашол мeёбад ва ниҳоят қазия то долонҳои ҳукумат кашида мешавад. Он замон дар наздикии ин бино Қасри миллат бунёд мешуд ва дар он атроф ин ягона бинои баландошёна буд. Раисҷумҳур дастур медиҳад сармоягузоре ёбанд, ки дар музоядаи навбатӣ биноро харида, қарзи вазорату ширкати хориҷиро пардохт кунад ва биноро ба тартиб орад.

Аслан, ин бино мувофиқи нақша бояд озмоишгоҳи пахта мешудааст. Вақте ман ба дидани бино омадам, он дар ҳоли баде қарор дошт. Бино аз ду қисм – як бинои сеошёна ва як бинои ҳаштошёна иборат буд. Аз сабаби пошхӯрии Иттиҳоди шӯравӣ ва қатъи маблағгузорӣ сохтмони бино нотамом монда буд, қомати бетонии бино ба пуррагӣ сохта шуда бошад ҳам, намуди зоҳирияш ба тартиб оварда нашуда буд. Илова ба ин, бомаш напӯшида ва ин ҳама сол оби барфу борон аз боло то поин ба дохили бино мерехт. Ба ҷои дуруст кардани бом, дохили биноро бидуни нақша бо деворкашии аҷиб ба утоқҳои тангу тор ҷудо карда буданд, ки зоҳиран ба тарҳи утоқҳои меҳмонхона монанд буд. Ошёнаҳо ҷо- ҷо дару тиреза доштанд, ки аз сабаби резиши об фарсудаву корно-

шоям шуда буданд. Ҳавлии бино дар ҳоли хеле бад – вайрону валангор қарор дошт. Ман биноро аз таҳ то боло баррасӣ кардам ва ба дӯстон хулосаамро гуфтам:

– Харидани ин бино қурбонӣ ва бозсозиаш қаҳрамонӣ мехоҳад!

Воқеан, дуруст кардани ин ҳама бесарусомонӣ қаҳрамонӣ мехост! Ман, аслан, пайи қисми ягон бино дар ҳадди ҳазор метр мегаштам, ин бино бошад, зиёда аз дувоздаҳ ҳазор метр масоҳат дошт. Маблағе, ки барои ободонии он сарф мешуд, бамаротиб аз пули мавриди назари ман бештар буд.

Дар атрофи ин бино маҳаллаи деҳмонанде вуҷуд дошт. Хонаҳои қадимии якошёнаи сохти солҳои панҷоҳум ва қисми низомии рус ин минтақаро яке аз баднамудтарин маҳаллаҳои шаҳр карда буданд. Соле ки ман биноро харидам, қисми низомии русро аз ин ҷо кӯчонда, дар ҷояш Қасри миллатро месохтанд ва ҳукумат тасмим гирифта буд, ки ин маҳалли марказии шаҳрро обод кунад. Ман тасмим доштам, ки бо харидан ва обод кардани ин бино саҳми арзандае дар ободонии пойтахти кишвар дошта бошам. Худамро рӯҳбаланд мекардам, ки агар ман дар ободонии шаҳру кишварамон саҳмгузор набошам, кӣ бошад?

*Ҷон ба раҳи Ватан нисор*
*Ман накунам кӣ мекунад?*

Ду-се рӯз фикр кардам ва ҳисобу китоби пешакӣ нишон медод, ки ҳарчанд ин маблағгузорӣ сангин бошад ҳам, дар ҳоли хуб мудирият кардан судовар хоҳад шуд. Пеш аз ҳама бо хариди бино масъалаи офис ҳал мешуд, қисми боқимондаашро ба иҷора дода, даромади хуби ғайрифаъол гирифтан мумкин буд. Муҳимтар аз ин, худи биноро ҳамчун

воситаи асосӣ дар бонк ба гарав гузошта, ба гардиши калони молӣ даст ёфтан имкон дошт.

Ман аслан ба қарз муносибати эҳтиёткорона дорам, зеро гирифтани қарз душвор набошад ҳам, вале агар он сари вақт баргардонида нашавад, мушкили бузург пеш омаданаш мумкин аст. Ман қарзгирӣ ва оқибатҳои ногувори онро дар соли аввали тиҷорати пахта таҷриба карда будам.

Дар бонкҳо як намуди маблағгузорӣ ҳаст, ки онро маблағгузории гардиши молӣ номидан мумкин аст. Бонк дар ин муомила ҳамроҳ шуда, гардишро маблағгузорӣ мекунад ва рафти корро назорат карда, саҳмашро мебардорад. Дар ин таври муомила бонкҳо қарзҳои имтиёзнок медиҳанд. Ман қаблан бо бонки свисии Зюрхер Кантоналбонк ин муомиларо таҷриба карда будам ва аз он хеле пурмаҳсул истифода мебурдам. Ин бонк зери кафолати Агроинвестбонки Тоҷикистон ба мо барои харидани пахта аз ширкати бозаргонии Рейнҳарт ба маблағи ду миллион доллар лимит кушода буд. Албатта бонки свисӣ ин муомиларо бештар бо такя ба нуфузи ширкати бозаргонии Рейнҳарт пазируфта буд. Ин ширкат дар натиҷаи ҳамкории дурудароз ба мо эътимод пайдо карда буд. Ба назарам, ин бори аввал буд, ки як бонки ғарбӣ кафолати бонки тиҷории Тоҷикистонро қабул карда бошад.

Ман пайи ҳамин гуна муомила бо бонкҳои бузурги ғарбӣ мегаштам, мехостам пас аз хариду таъмири бино онро ҳамчун кафолат истифода бурда, ба маблағгузориҳои бузург даст ёбам. Бонки аврупоии таҷдид ва рушд дар Душанбе офис дошт ва ман ба воситаи ҳамин бонк ҳаракат кардан мехостам.

## ЧӢ ЗИЁН ТУРО, КИ МАН ҲАМ БИРАСАМ БА ОРЗУЕ
## (Саъдӣ)

Ман бо кормандони Бонки аврупоии таҷдид ва рушд шинос будам. Мақсад доштам, ки баъд аз бозсозӣ ва таъмири бино онро ба ҳамин бонк гарав монда, зери кафолати он бо бузургтарин бонки маблағгузори соҳаи пахта BNP Paribas қарордоди маблағгузории гардиш бандам. Ин як тарҳи пешакӣ буд, ки бояд дар ду-се сол ба иҷро мерасид, вале дар ҳоли ба иҷро расидан имконоти бесобиқаеро ба ман медод.

Ин ҷо мехоҳам як воқеаро, ки дар робита бо бонки мазкур рӯй дода буд, биёварам. Бонкҳои ғарбӣ дар шинохти муштарӣ хеле дақиқанд. Вақте ман барои ҳисоббозкунӣ ба офиси бонки BNP Paribas дар Женев рафтам, онҳо суолҳои зиёде медоданд, ки ба назари ман аҷибу ғариб буд. Масалан, як суоле, ки ба назари ман аз рӯи одоб наменамуд, ин буд, ки мепурсид: "Дар ҳолати мурдани Шумо бонк бояд ба кӣ муроҷиат кунад?" Тибқи одоби шарқӣ, магар мешавад аз як кас чунин суол кард? Вале агар дуруст фикр кунем, ин суол аҷобате надорад ва ҳатто ба суди муштарии бонк низ ҳаст, зеро аввалан, мурдан ҳақ аст ва ҳама рӯзе мемиранд ва замонашро касе намедонад. Сониян, ин иттилоъ ба бонк имкон медиҳад, ки масъалаи меросбариро аз аввал танзим кунад ва ба меросбарон низ дарди сар намеорад.

Кормандони бонк асноди маро қабул карданд, ба суолҳояшон ҷавоб гирифтанд ва гуфтанд, ки баъд аз муддате дар бораи кушодани ҳисоби бонкӣ хабар медиҳанд. Ман ба Душанбе баргаштам ва аз бонк ба пусти электронии ман

нома расид, ки дар он парвандаи як нафарро фиристода, аз ман шарҳ хоста буд. Ин парвандаи як нафар ҳамному насаби ман буд, ки чанд сол пеш дар ноҳияи Шаҳрисабзи Ӯзбакистон барои изофанависӣ дар соҳаи пахта ба қатл маҳкум шуда буд. Дар замони шӯравӣ кишт ва ҷамъоварии пахта нақшавӣ буд ва барои иҷро накардани нақшаи давлатӣ, масъулон муҷозот мешуданд. Роҳбарони хоҷагиву ноҳияҳо ва ҳатто дар сатҳи ҷумҳуриҳо аз тарси ҷазо, ба тақаллуб ва изофанависӣ даст мезаданд, ки баъд дар замони ошкорбаёнӣ маълум шуд ва сарусадои зиёд ба бор овард. Ин шахс Абдухалил Холиқов, раиси ноҳияи Шаҳрисабзи Ӯзбекистон буд ва бо ҷурми изофанависӣ ба қатл маҳкум шуда будааст. Бонк аз куҷое ин иттилоъро дастрас карда, ба шубҳа афтода буд ва мехост мутмаин шавад, ки ман он Абдухалил нестам. Аввал ин шубҳаи бонк низ ба ман сахт расид. Вале мантиқан фикр кардам, ки бонк ба шубҳа кардан ҳақ дорад, зеро маро намешиносад, вале ба назарам, аз ман пурсиданаш бемантиқ менамуд. Фарз кунем, агар ман он Абдухалил мебудам, магар иқрор мекардам?! Дар номаи бонк парвандаи Абдухалили бечора ба пайваст гузошта шуда, кӯтоҳ: "Any comment?" (Шарҳе доред?) навишта буд. Ман: "I feel sorrow for him" (Барояш мутаассифам) гуфта, ҷавоб навиштам.

Ман дар кашидани нақшаи тиҷорат воқеъбин бошам ҳам, хислати отифӣ низ дорам. Орзу мекардам, ки бо даст ёфтан ба маблағгузориҳои бузург имконоти бесобиқа пайдо хоҳам кард. Баъзан дар қаъри дил меандешидам, ки агар Худо мадад кунад, шояд рӯзе дар Тоҷикистон корхонаи тавлиди мошини "Мерседес" роҳ андозам. Хонанда ёд дорад, ки ман замони донишҷӯӣ дар Ҳинд орзуи харидани чунин мошинро карда, вале муваффақ нашуда будам. Мехостам он мошин

дар кишвари ман тавлид ва бо пули миллӣ фурӯхта шавад, то ҳар шаҳрванд онро харида тавонад.

Ин орзуҳои ман дар назари аввал дастнорас намояд ҳам, асоси воқеӣ дошт. Ворид шудан ба низоми маблағгузории бонкҳои ғарбӣ имконоти зиёд медиҳад. Имконияти молии онҳо ҳудуд надорад ва дар ҳар риштаи тиҷорат таҷрибаи зиёд доранд, ки ба муштариёнашон роҳнамоӣ низ мекунанд.

Ин нақшаҳои ман барои оянда буданд, вале ман хушбин будам, шароити кишвар низ ҳоло барои иҷрои ин "тарҳҳо"–и ман омода набуд. Яке аз камбудиҳои асосӣ норасоии барқ буд. Он замон баҳси сохтмони нерӯгоҳи Роғун доғ буд ва ҳукумат ҳар сол ба зудӣ ба кор андохтани онро ваъда мекард ва ман дилпур будам, ки то он замоне ки ман корҳоямро дуруст мекунам, масъалаи таъмини барқ низ ҳал мешавад.

## ҶОН АЗ ОН ХУРШЕД НУРАФШОН ШАВАД
### *(Нароқӣ)*

Тарҳи нерӯгоҳи Роғун дар солҳои ҳафтод, дар замони шӯравӣ таҳия шуда буд. Ин тарҳ, дарвоқеъ, тарҳи мунҳасир ба фард аст, сади он хокӣ буда, тамоми таҷҳизоту мошинолоти он дар нақбҳо дар умқи замин ҷойгиранд, гӯё давлати Шӯравӣ ин тарҳро як ҷузъи барномаи ҷанги ҳастаӣ низ ҳисоб мекардааст, ки ба ҳеҷ васила хароб кардани он имкон надорад ва дар ҳолатҳои изтирорӣ ин нерӯгоҳ метавонад пойгоҳҳои муҳимро бо барқ таъмин намояд.

Вале дар замони осоишта рисолати асосии ин тарҳ, пеш аз ҳама, захираи об барои обёрии заминҳои кишоварзӣ дар

кишварҳои поёноб будааст. Дар натиҷаи сохта шудани ин сад ва садҳои дигар, ҷараёни оби рӯди Вахш комилан қобили танзим мешуд. Ин садҳо бояд имкон медоданд, ки дар фаслҳои тирамоҳу баҳор об захира шуда ва дар фасли кишт-тукор ба майдонҳои кишт равон карда шавад. Бахусус, дар ҳоли пеш омадани хушксолӣ аҳаммияти ин садҳо хеле зиёд мешуд. Тибқи нақша, дар ҳоли танзими маҷрои рӯди Вахш, дар Ӯзбекистон бояд миллионҳо ҳектар замини иловагӣ обёрӣ мешуд. Вале дар замони Истиқлол Ислом Каримов аз тарси вобаста шудани обёрии заминҳои кишти Ӯзбекистон ба Тоҷикистон, шадидан ба сохтмони тарҳи нерӯгоҳи Роғун мухолифат оғоз кард.

Баъдҳо аз Ҳамрохон Зарифӣ, вазири вақти умури хориҷа, нақле шунидам. Ӯ гуфт, дар ҷаласаи президентҳои ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар Тошканд Ислом Каримов ба шиддат бар зидди сохтмони нерӯгоҳи Роғун баромад ва ҳатто таҳдид ба ҷанг кард. Зарифӣ гуфт, аз дӯғу таҳдиди Каримов мо сахт мушаввашу нигарон шудем ва гумон кардем, ки сохтусози Роғун қатъ хоҳад шуд. Ӯ гуфт, вақте мо ба фурудгоҳ расидем, Раисҷумҳур моро дар толори фурудгоҳи Тошканд ҷамъ кард ва фармуд: аз фардо кор дар сохтмони нерӯгоҳи Роғун ду баробар афзоиш дода мешавад!

Дар ҳамин лаҳзаҳое ки ман ин сатрҳоро менависам, яъне рӯзи 10 сентябри соли 2019 чархаи аввалу дувуми нерӯгоҳи Роғун ба кор сар кард, то ин дам дар солҳои 2009 ва 2014 нерӯгоҳҳои Сангтӯда 1 ва Сангтӯда 2 низ сохта шуданд ва мушкили таъмини барқ низ то ҳадде ҳалли худро ёфт.

# ШӮХМЕЪМОРАМ
# БА ОЛАМ ТАРҲИ НАВ АНДОХТА
***(Сайидо)***

Дар зимни музокирот бо намояндаи ҳукумат бояд тарҳи пешакии намои бино қабл аз харид мувофиқа карда мешуд. Ман бо лоиҳакашони Институти Гипростройи Душанбе ҳамкорӣ карда, тарҳи биноро омода намудам ва барои мувофиқа ба шаҳрдор Маҳмадсаид Убайдуллоев фиристодам. Зайд Саидов баргашт ва гуфт, ки шаҳрдор мехоҳад, ки қиёфаи бино бо шиша тазйин карда шавад. Ҳавои Душанбе олуда аст ва ба андешаи ман шиша аслан ба дарди кошинкорӣ дар ин шаҳр намехӯрад, зеро зуд гарду чанг мегирад ва биноро баднамуд нишон медиҳад. Ман андешаамро баён кардам ва боз ҳам исрор бар ҳамон баргашт. Ман аз харидани бино даст кашидам ва сароҳатан эълом кардам, ки биноро танҳо дар ҳоле мехарам, ки на ба дохил ва на ба зоҳири он касе дахолат накунад! Он замон ман ба авлавияти қонун ва дахлнопазирии моликияти шахсӣ эътимод доштам. Намояндаи ҳукумат баргашт ва гуфт, ки агар дар тазйини намои бино каме аз шиша ҳам истифода шавад, беҳтар хоҳад буд ва ин танҳо як тавсия аст, дигар касе ба кори ман дахолат нахоҳад кард. Ман инро ҳарфи ниҳоӣ пиндоштам ва ба харидан ва обод кардани бино розӣ шудам.

Кумитаи давлатии идораи амвол рӯзи 27 феврали соли 2006 барои фурӯши бино музояда баргузор намуд. Вакилони мо дар музояда иштирок карда, биноро харидорӣ намуданд. Барои пардохти маблағ ва тахлияву омодаи додугирифт кардани бино як моҳ муҳлат таъйин шуд. Рӯзи 28 марти соли 2006 бино ба мо супурда шуд.

Нақшаи зоҳири биноро бо шаҳрдорӣ мувофиқа намуда, ба ободонии он шурӯъ кардем. Сараввал муҳандиси сохтмон Фахриддин Назировро, ки қаблан барои ман хона сохта буд, даъват намуда, роҳбари сохтмон таъин кардам. Он замон технолоҷӣ ва таҷҳизоти сохтмонӣ дар Душанбе вуҷуд надошт. Бо як гурӯҳи чорнафарӣ ба Чин рафта, тибқи нақша қарордоди сохтусоз бастем ва маҳсулоту таҷҳизоти сохтмониро супориш кардем. Як гурӯҳ мутахассисони чиниро ба кишвар оварда, ба кор сар кардем. Аввал биноро аз таҳ то боло тоза кардем, яъне ҳамаи дару тиреза ва деворҳои дохили биноро канда баровардем ва исклети биноро тоза карда, бомро пӯшонидем ва ба кошинкории зоҳирии бино сар кардем. Мисли он замон, ки шабу рӯз дар саҳроҳои пахта кор мекардем, ҳамаи аъзои гурӯҳ миён баста, шабу рӯз кор мекарданд. Вақте бино ором- ором зебо мешуд, аз корамон лаззат мебурдем.

Мувофиқи ҳисоби пешакӣ, мо барои бозсозӣ ва таъмири бино бояд тахминан се миллион доллар сарф мекардем, ки ин маблағгузорӣ барои мо сангин буд, зеро гардиши тиҷории ширкат низ маблағ мехост. Он замон дар Душанбе ин муомилаи гӯшношуниде буд. Ман фикр кардам, ки ин маблағгузорӣ қисми асосии сармояи моро банд кунад ҳам, бояд ин корро анҷом дод. Ғайр аз ободонӣ, ҳисобу китоби пешакӣ нишон медод, ки агар бино ба иҷора дода шавад, дар 3-4 сол маблағгузориро бармегардонад ва ғайр аз ин худи биноро ба гарав монда, барои гардиш қарз гирифтан мумкин буд.

## ДИЛАМ ГАШТ ХУРРАМ ЗИ БОЗОРИ ӮЙ

***(Фирдавсӣ)***

Он замон дар Душанбе аввалин супермаркетро марде бо номи Маъруф Орифов кушода буд. Ӯ аз ман хоҳиш кард, ки қаноти сеошёнаи биноро ба ӯ иҷора диҳам.

Қабл аз боз шудани супермаркети Орима, дар Душанбе фурӯшгоҳи замонавӣ вуҷуд надошт. Фурӯшгоҳҳо ҳама ба сабки Шӯравӣ буданд, яъне харидорон ба мағозаҳо дохил шуда, ба назди пештахта меистоданд ва фурӯшанда ба онҳо бо навбат хидмат мерасонд. Дар супермаркети Орима одамон чизи хостаашонро интихоб карда, ба назди хазона меоварданд ва пардохт менамуданд. Ин имкон медод, ки харидор нарху сифати моли интихобкардаашро дуруст баррасӣ намояд ва аз навбат истодану рӯйи турши фурӯшанда низ озод бошад. Мо бо ширкати “Орима” қарордоди аввалини иҷораи биноро ба зудӣ бастем ва он ширкат тибқи қарордод ба муҷаҳҳаз намудани супермаркет оғоз кард.

Қарордоди иҷора бо “Орима” қисмати сеошёнаи биноро, ки бо зерзаминаш аз чор ҳазор метр иборат буд, дар бар мегирифт. Барои зудтар ба суд расидани кор, мо пеш аз ҳама, ҳамин қисматро такмил карда, ба ширкат супоридем. Ширкат уҳдадор шуд, ки дар се моҳ биноро муҷаҳҳаз намуда, ба кор шурӯъ кунад, ва пардохти иҷорапулӣ низ аз ҳамон таърих шурӯъ мешуд. Ширкати “Орима” таҷҳизоти лозимаро ворид кард ва кормандони турк бо суръат биноро муҷаҳҳаз ва барои кушодашавӣ омода менамуданд. Қарор буд ин супермаркет дар рӯзи истиқлоли кишвар – нуҳуми сентябри соли 2007 ба фаъолият шурӯъ намояд. Аз рӯи ҳисобҳои пешакии ман, бино мебоист баъд аз соли севум ба даромадзоӣ расад. Вале ин қарордод қисми пружаро баъд аз

якуним сол ба даромад мерасонд, ки бори молии маро сабук мекард.

Маъруф ҳам нақшаҳои зиёд дошт ва хеле хушбин буд. Ӯ мехост дар Душанбеву Хуҷанду Кӯлоб занҷираи супермаркетҳо бунёд кунад. Ҷолиб ин буд, ки ӯ, мисли ҳамон нақшаи доштаи ман, аллакай Бонки аврупоии рущдро ба маблағгузории гардиш дар ширкаташ саҳим намуда, хеле пурмаҳсул кор мекард. Ин як бори дигар ба ман исбот ва маро дилгарм намуд, ки роҳи дурустро интихоб кардаам. Ва ман бе диранг бо Бонки аврупоии таҷдид ва рушд низ вориди музокирот шудам, то зери гарави бино қарзи имтиёзноки дарозмуддат бигирам ва гардишро боз ҳам болотар барам.

## ЭЙ, КИ ДАСТАТ МЕРАСАД, КОРЕ БИКУН!
### *(Саъдӣ)*

Дар бачагӣ Мубин ном дӯсте доштам, ки баъдан Донишгоҳи тиббиро хонда, пизишк шуда буд ва дар бемористони шаҳри Панҷекат кор мекард. Ӯ мураххасияшро тобистонҳо бо ман мегузаронд. Ҳар вақт ки мураххасӣ гирад, ба Душанбе меомад ва ду-се ҳафта бо ман мемонд. Ин ҳамроҳӣ барои мо гуворо буд, замони бачагиро ёд мекардем, бо шӯхиву хурсандӣ вақт мегузарондем. Бо истифода аз ин фурсат ман ҳам барои истироҳат вақт мегузоштам ва бо як низоми нимамураххасӣ кор мекардам.

Мубин ҳикоят мекард, ки баъзан беморонро аз сабаби набудани таҷҳизоти замонавӣ дар ноҳияи Панҷекат, барои ташхис ва муолиҷа ба Самарқанд ва Тошканд мефиристанд. Ӯ худ ҳам боре бародарашро барои томографӣ ба Тошканд бурда буд. Пизишки тошкандӣ ба ӯ гуфта буд, ки

агар бойбачаҳои шумо пули як мошинашонро сарф кунанд, метавонед дар кишвари худатон, Тоҷикистон, ҳамин дастгоҳро дошта бошед ва саргардон шуда, ба кишварҳои дигар наравед.

Ин қазия маро ба фикр водор кард. Воқеан он замон дар Душанбе мошинҳои гаронқимати хориҷӣ пайдо шуда буданд ва ман ҳам як чунин мошин доштам. Ҳарфи он пизишк ба ман ҳам дахл дошт. Ман аз Мубин пурсидам, ки он чӣ дастгоҳест, вале ӯ низ дар бораи мушаххасоти он дастгоҳ иттилои зиёд надошт. Ҳамин тавр дар зеҳни ман фикре дар бораи таъсиси бемористони ҳозиразамон дар як ошёнаи бинои харидаам пайдо шуд.

Шиноси дигари ман раиси бемористони қалби Қаряи Боло буд. Рӯзе ман ӯро даъват карда, ин фикрро бароям гуфтам ва пешниҳод кардам, ки агар розӣ бошад, мешавад ин корро ҳамроҳ анҷом диҳем. Ӯ ба ин масъала мароқ зоҳир карда бошад ҳам, шояд аз сабаби банд будан, хеле фаъолият нишон надод. Вале тухм агар дар хок уфтад, рӯзе ҳатман сар мекашад.

Рӯзе ӯ занг зада, хабар дод, ки нафаре аз Эрон омадааст ва мехоҳад дар Тоҷикистон бемористон бисозад ва барои иҷора ҷой мехоҳад. Ба вохӯрӣ ӯ ҳамроҳи он нафар омад. Номи он нафар доктор Алӣ Саломат буд.

Доктор Саломат риштаи таҳсилаш тиб бошад ҳам, ба кори табобат машғул набуд, балки касбаш маблағгузорӣ ба ҳамин соҳа буд. Ман пеш аз он ки ба пешниҳоди ӯ розӣ шавам, як сафар ба Эрон рафта, аз корҳои ӯ боздид кардам ва танҳо пас аз он ба додани иҷора розӣ шудам.

Ҳамин тавр ба иловаи ширкати “Орима”, иҷорагири дувум ҳам ёфт шуд. Доктор Саломат ва тимаш барои иҷора шаш ҳазор метр дархост мекарданд ва ба зудӣ тарҳи бозсо-

зиро пешниҳод намуданд. Қарордод бастем, ки дар тӯли як солу шаш моҳ қисмати биноро таъмир карда, ба ӯ биспорем. Баробари корҳои бозсозиву таъмир, ки аз сӯи кормандони чинӣ ва маҳаллӣ анҷом мешуд, муҳандисони эронӣ низ дастбакор шуданд. Аз дувоздаҳ ҳазор метри бино даҳ ҳазор метраш иҷорагир пайдо кард ва ин маро мутмаин сохт, ки дар масири дуруст қарор дорам.

Ин ду қарордод ва чашмандозе, ки ба Бонки аврупоии таҷдид ва рушд доштам, маро хеле рӯҳбаланд мекард. Ман ба зудӣ сатҳи тиҷорати ширкатҳоямонро хеле боло медидам. Дар дилам орзу мепарваридам, ки қадами баъдӣ сохтани коргоҳи бузурги тавлидотӣ хоҳад буд. Орзу мекардам, ки кишвари ман мошин тавлид кунад. Албатта ин орзуро ҳамчунон дар қаъри дилам мепарваридам, ба касе ошкор карданашро лозим намедонистам, вале дар намоишгоҳҳои таҷҳизоту мошинолот иштирок мекардам. Пешакӣ барои ҷаҳиши бузург омодагӣ медидам.

*Гарчи ман кӯтоҳдастам, кӯтаҳармон нестам,*
*Гарчи ман кӯтоҳумрам, кӯтаҳимон нестам.*
*Ҳар чӣ аз дасти ман ояд, нотамомаш бишмарам,*
*То зи худ норозиям, аз худ пушаймон нестам.*

***Устод Лоиқ Шералӣ***

## ТАБАҲ ДИД АЗ ИН КОР БОЗОРИ ХЕШ
### *(Фирдавсӣ)*

Рӯзи ҳафтуми августи соли 2007, тақрибан як моҳ пеш аз кушодани супермаркет мақомоти қудратӣ Маъруфро ҳангоми додани ришва ба маблағи даҳ ҳазор доллар боздошт карданд.

Ба қавли наздиконаш, ӯ ҳар моҳ ба корманди аршади яке аз мақомот барои сарпарастӣ ришва медода, аммо ин бор аз пардохти ришва саркашӣ кардааст. Ба қавли дигар мегуфтанд, ки ӯро аз ҷиҳати сиёсӣ сиёҳ кардаанд ва ӯ қурбони муносибатҳои хасмонаи байни Тоҷикистону Ӯзбекистон шуд. Дар асл ҳардуи ин омил дар шикасти ин соҳибкор нақш дошт.

Асли ҳол ин буд, ки мақомдори баландмартаба аз ниҳоди қудратӣ бо Маъруф тавофуқ дошта, дар ивази ришва ба миқдори даҳ ҳазор доллар дар моҳ ӯро ҳимоят мекардааст. Вақте Маъруф бо нафари муассири дигаре вориди муомила мешавад, он нафар кафолат медиҳад, ки Маъруфро ба зери қаноти худ гирифта, аз ҳамаи балоҳо эмин дорад. Маъруф бо эътимод ба ҳимоятгари наваш аз додани ришва ба мақомдор саркашӣ мекунад. Ин буд, ки мақомдор дар пайи ёфтани ҷурм дар кори Маъруф шуд. Ин мақомдор, ки салоҳияти бузург дошт, як кумисюни муштарак ташкил намуда, ба анбори ширкати "Орима" мефиристад ва супориш медиҳад, ки фақат барои намоиш чанд ширкати дигарро ҳам тафтиш намоянд. Дар натиҷа аз анбори "Орима" як миқдор ширинии муҳлаташ гузаштаро кашф карда, моҷароро расонаӣ ва аз он ҳангома барпо намуд. Мавриди зикр аст, ки дар расонаҳо номи ду ширкат, ки аз анборашон моли муҳлаташ гузашта пайдо шуд, бурда мешуд. Агар аз анбори ширкати Маъруф ҳамагӣ як миқдори ночизи ширинии муҳлаташ гузашта ёфт шуда бошад, аз анбор ва фурӯшгоҳи ширкати дигар гӯшти мурғи кирмзада ёфта буданд, вале он ширкат бо ҷарима халос шуд. Ба Маъруф он қадр фишор оварданд, ки ӯ дар ниҳоят розӣ шуд маблағи ришваро бипардозад. Вале он мақомдор ин дафъа мехост Маъруфро дар пеши назари соҳибкорони дигари зердасташ ҷазо бидиҳад, то касе дигар худсарӣ ва саркашӣ накунад. Дар натиҷа

Маъруфро ҳангоми додани ришва ба корманди мақомот боздошт ва бо ҳамин дасиса гунаҳкор карданд.

Ҳимоятгари нави Маъруф ба ҳимояти ӯ бархост ва қазияро ҳамин тавр ба боло расонд. Мақомдор тавтиаи нав оғоз кард ва ба Раисҷумҳур Маъруфи бечораро ҳамчун ҷосус ва ҳамдасти хадамоти махсуси Ӯзбакистон муаррифӣ кард, ки гӯё ҳадафаш ворид шудан ба атрофи Раисҷумҳур бо мақсади харобкорӣ будааст. Дар асари ин тавтиа ва сиёсати тоҷикситезонаи Ислом Каримов тасмим гирифта шуд, ки Маъруф ҷазо дода шавад, зеро Маъруф ӯзбектабори ургутӣ буд. Ба ҳар ҳол кори ин мард забун шуд ва ӯро ба ҳашту ним соли зиндон маҳкум карданд.

Ин аввалин қазияи пурсарусадо дар соҳаи соҳибкорӣ буд, ки ҷомеа аз ҷузъиёташ огоҳ нашуд ва дар байни соҳибкорон нобоварӣ ба риояи қонун пайдо шуд. Дар натиҷаи боздошт ва ҳабси Маъруф фазои соҳибкории нав тавлидшуда садамаи сахт хӯрд. Бисёр соҳибкороне, ки нақшаи сармоягузорӣ доштанд, аз фикрашон гаштанд ва сармояашонро ба кишварҳои дигар, махсусан ба Дубай бурданд.

Масъулони аршади Бонки аврупоии рушд дар мулоқот бо Раисҷумҳур ба қазияи Маъруф дахл карда бошанд ҳам, суде надошт ва тасмимгири бонк аз чунин ранг гирифтани кор асабонӣ шуда, баррасии пешниҳоди моро низ мутаваққиф кард.

Дар натиҷа корҳои ширкати Орима рӯ ба таназзул овард ва иҷрои қарордоди иҷораи бинои мо низ ба иҷро нарасид ва ширкати мо низ бар асари он тавтиа зарари калон дид. Вале, муҳимтар аз ҳама, ин муомила бо соҳибкор дар фазои бе ин ҳам шиканандаи кишвар беэътимодии сармоягузоронро ба бор овард, ки иқтисоди кишвар ҳазор садама дид.

# КОР АГАР БАСТА БУД, КУШОИШ ЁФТ

***(Камолиддини Исмоил)***

Қарордоди иҷораи "Орима" ба шикаст мувоҷеҳ шуда бошад ҳам, мо таъмиру бозсозии қисмати ҳаштошёнаи биноро тобистони соли 2009 ба охир расондем ва тими эрониён ҳам охири тобистон насбу роҳандозии таҷҳизоти пизишкиро анҷом доданд. Ҳини муҷаҳҳаз кардану роҳандозии бахшҳои бемористон мутахассисони эронӣ, ки қарор буд баъдан дар ин бахшҳо кор кунанд, паиҳам ташриф меоварданд. Дар рӯзи кушодашавӣ шумори муҳандисону табибон ва парасторони эронӣ аз сад нафар зиёд буд. Баъзеи онҳо, ки қарор буд ин ҷо бимонанд, бо зану бачаашон омада буданд. Доктор Саломат барои нигаҳдории онҳо як гурӯҳи дигарро ҳам аз ҳисоби кормандони маҳалливу эронӣ ташкил карда буд. Ном бурдан аз ҳамаи онҳо имкон надорад, вале аз чанд нафар, ки саҳмашон дар рушди минбаъдаи кори дармон дар кишвари мо назаррас будааст, расми қадрдонӣ ва ҳақшиносист. Докторон Сомӣ Алдубунӣ, Ҳабибуллоҳ Мусавӣ Баҳор, Алиризо Сарзаим, Сосони Меҳробӣ, Шаҳриёр Амирҳасанӣ, Сиёвуш Фирдавсӣ, Арҷманд Таваккулиён, Алиризо Булӯриён, Сиёвуш Мансурӣ ва дигарон солҳо дар хидмати мардуми тоҷик буданд, ҳам беморонро табобат намуданд, ҳам илми навини тиброро ба кормандони маҳаллӣ омӯзонданд.

Оқоён Ҷаъфар Лаввофпур, Фарҳод Худоӣ, Алиризо Ҷаъфарӣ ва ғайра дар кори мудирият ва парасторӣ кӯмаки бебаҳое ба бемористон карданд.

Дарвоқеъ, ман медидам, ки он замон доктор Алӣ Саломат харҷи ҳангуфтеро мутаҳаммил шудааст. Ман ҳарчӣ аз мошину манзил дар имкони ширкатҳои мо буд, дар ихтиёри ӯ гузоштам, то борашро сабуктар гардонам.

Бо мувофиқати дастгоҳи Раисҷумҳур ва Вазорати тандурустӣ 7 сентябри соли 2009 рӯзи кушодашавии бемористон таъйин карда шуд. Раисҷумҳур Эмомалӣ Раҳмон аз сафари хориҷа бармегашт ва аз фурудгоҳ мустақим барои кушодани бемористон ташриф овард. Ману доктор Саломат бо доктор Алиасғари Шеърдӯст, сафири вақти Эрон ва аъзои ҳукумат ӯро дар назди даромадгоҳ пешвоз гирифтем. Раисҷумҳур хаста менамуд. Вақте мо ба толори бемористон ворид шудем, аксари меҳмонон аз зинаҳо боло рафтанд, Раисҷумҳур, Раиси Шӯрои олӣ, сафири Эрон ва ман ба лифт савор шудем. Боздидро аз ошёнаи дувум сар кардем. Вақте Раисҷумҳур аз утоқҳои бо дастгоҳҳои навтарин муҷаҳҳази бемористон дидан мекард, торафт чеҳрааш кушода мешуд. Баъд аз дидани ошёнаи сеюм ӯ хеле хурсанд шуда, ба меҳмонон гуфт:

– Хеле хуб, имконоти ин бемористон барои сайёҳдармонӣ барои шаҳрвандони кишварҳои атроф низ метавонад истифода шавад.

Ин дафъа вақте ба лифт савор шудем, Раиси Шӯрои Олӣ Убайдуллоев ба Раисҷумҳур муроҷиат кард:

– Ҷаноби Олӣ, Сафири кабир мефармоянд, ки Ҷумҳурии Исломӣ ният дорад дар Душанбе як бемористони ҳозиразамони чашм низ роҳ андозад.

Раисҷумҳур бо аломати суол ба сафир рӯй овард. Сафир қоматашро рост гирифта, сарашро боло андохт ва чашмонашро нимпӯш карда, бо оҳанги тантанадор гуфт:

– Арз шавад хидмати Ҷаноби Олӣ, Ҷумҳурии Исломии Эрон тасмим гирифтааст, ки дар кӯтоҳтарин фурсат як бемористони муҷаҳҳаз бо дастгоҳҳои пешрафта дар бахши чашмпизишкӣ дар шаҳри Душанбе роҳандозӣ бикунад. Ҳамин бемористонро ҳам мо дар муҳлати хеле кӯтоҳ – камтар аз шаш моҳ омода кардем.

Барои ман ин ҳарфҳои ҷаноби сафир ҳайратангез буд, зеро ӯ ҳамин рӯз бори аввал ҳамчун меҳмон даъват шуда буд. Тааҷҷуби ман дучанд шуд, вақте дидам, ки Убайдуллоев ба сӯи Раисҷумҳур табассуми маънидор кард.

Баъдан ҷаноби Шеърдӯст дар суҳбат бо рӯзноманигорон ин ҳарфи иттифоқан ба зеҳнаш омадаро арз кард, ки дар пай, фардои он рӯз тамоми расонаҳо аз таъсиси боз "як бемористони муҷаҳҳаз бо дастгоҳҳои ҳозиразамон дар бахши чашмпизишкӣ" аз сӯи Ҷумҳурии Исломии Эрон хабар доданд ва ҳама ба он бовар карданд, зеро кушодашавии Бемористони Ибни Сино воқеан иттифоқи нодире буд, ки баъд аз он ба ҳар иттифоқи ғайричашмдошт ҳам мешуд бовар кард. Вале баъдҳо маънии он "лабханди маънидор" – ро фаҳмидам, ки воқеан маънидор буд...

Таҷҳизоти нав дар дунё роҳҳои нави муассири ташхис ва ҷарроҳии камзахм ва дармонро имконпазир гардонда буд, вале пизишкони тоҷик аз он огоҳие надоштанд. Вақте доктор Саломат ба Тоҷикистон омада, ҳоли соҳаро дид, аз ақибмондагии он ба ҳайрат уфтод ва ба чунин натиҷа расид, ки маблағгузорӣ дар ин соҳа муваффақ хоҳад шуд.

Тиб ва дармон дар Шӯравӣ, махсусан дар солҳои охир ақиб монда буд, вале дар замони пошхӯрӣ ва солҳои баъди он, ба сабаби қатъ шудани маблағгузории кофӣ, тамоман таназзул карда буд. Масалан, соли 1996 Раисҷумҳури Русия – Борис Елтсин ба ҷарроҳии дил ниёзманд шуд. Барои ин амал ба таври фаврӣ аз Олмон таҷҳизот оварданд ва ин амалро мутахассиси олмонӣ дар бахши тозамуҷаҳҳази Маскав анҷом дод, дар ҳоле, ки он замон дар дунё ин амал ба шумори амалҳои муқаррарӣ даромада буд.

Дар марҳалаи оғози кори бемористони Ибни Сино ақибмондагии соҳаи тиб дар кишварро ман ҳам бо чашмони

худ дидам. Муқоисаи кори мутахассисони бемористон бо бемористонҳои дигар ин фарқро хеле возеҳ мекард. Махсусан дар амалҳои нав ва технолоҷии навин мутахассисони эронӣ хеле пешрафта буданд.

Бемористон дар ду ришта, муҷаҳҳаз бо технолоҷии навин ба кор оғоз кард. Коргузории низоми пизишкии Эрон аз Шӯравӣ комилан фарқ мекард. Онҳо аз нармафзор хуб истифода мекарданд, ки назорат бар интизоми кориро хуб таъмин мекунад, дар низоми беҳдоштӣ маводҳои поккунандаи навро истифода мебурданд, ки аз уфунат дар бемористон, ки яке аз мушкилоти асосии бемористонҳои Шӯравӣ буд, хуб пешгирӣ мекард.

Агар дар низоми пизишкии Шӯравӣ парасторон ҳама дар як рада бошанд, дар Эрон онҳо ба ду зина ҷудо мешуданд. Зинаи болоии парасторони эронӣ дониши хуб доштанд, ки тақрибан ба пизишкон баробар буд.

Аз рӯзи аввали кор мо мақсад гузоштем, ки мутахассисони маҳаллиро тайёр кунем, зеро аз хориҷа овардан ва нигоҳ доштани мутахассисон гарон буд. Роҳи содатарини омода кардани мутахассисон фиристодани онон барои давраҳои омӯзишӣ ба Эрон буд. Вақте мо пизишкони маҳаллиро ба бемористонҳои доктор Саломат барои омӯзиш фиристодем, маълум шуд, ки тибқи қонунҳои Эрон онҳо наметавонанд давраи омӯзишӣ бинанд, зеро асноди пизишкони тоҷик бояд бо асноди он кишвар баробар карда мешуд ва ҳамоҳангӣ аз тариқи Вазорати беҳдошти онҳо сурат мегирифт. Бюрокрасии он кишвар дар ин кор хеле мушкил эҷод карда бошад ҳам, дар ниҳоят ин ҳамоҳангӣ бо ҳамкорӣ ва исрори дӯсти азиз доктор Ҳабибуллоҳ Мусавӣ Баҳор, раиси Донишгоҳи улуми пизишкии Ҳамадон ҳосил шуд ва мутахассисони мо бо кам-

тарин расмиёт, ройгон дар бемористонҳои он кишвар давраи омӯзишӣ диданд ва мебинанд.

Мо мутахассисони бемористонҳои дигари кишварро низ барои давраҳои омӯзишӣ ба донишгоҳҳои тиббии он кишвар фиристодем.

Ҳамадон бародаршаҳри Кӯлоб аст, агар дар Кӯлоб турбати орифи Ҳамадонӣ – Мир Саид Алӣ ҷойгир бошад, дар Ҳамадон мадфани фарзанди бузурги халқи тоҷик Абӯалӣ ибни Сино воқеъ аст, ман ҳини сафар ба ин шаҳр дидам, ки ҳамадониҳо бо ифтихор яке аз хиёбонҳои шаҳрашонро Кӯлоб номидаанд.

Бо гузашти солҳо бо ифтихор метавонам бигӯям, ки имрӯз мутахассисони бемористон амалҳои душвортаринро дар ҳадди марказҳои пешрафтаи дунё анҷом медиҳанд.

*Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,*
*Агар хоре бувад, гулдаста гардад.*

**(Ваҳшии Бофқӣ)**

Ман дар бемористон бо нафарони зиёд шинос шудам ва шоҳиди воқеаҳои ҷолибе будам. Вақте бо соҳаи тиб рӯбарӯ шудам ва бо пизишкон, ки аз дониши ихтисосӣ бархурдоранд, робита пайдо кардам, дар бораи бисёр масъалаҳои доғи ҷомеа, ки ба касби онҳо вобаста аст, суҳбат мекардам ва натиҷаи ин суҳбатҳоро дар шакли ёддоштҳои оммафаҳм, ба он қадре ки худам бардошт мекардам, навишта, дар шабакаҳои иҷтимоӣ мунташир мекардам, ки чанде аз онҳоро бо мутобиқ кардан ба матн ва муҳтавои ин китоб дар идома меорам. Ҳамчунин шиносоии ман бо сиёсатмадорон ва аҳли зиёи кишвар маҳз дар ҳамин бемористон дуруст омад ва бо чанде дӯстӣ пайванд уфтод. Чанд ёддоште дар бораи ин

дӯстон низ меоварам, ки, аз як сӯ, дар фаҳми вазъу фазо кӯмак мекунад, аз сӯи дигар, ёде аз ин дӯстони ман бошад, ки расми ҳақшиносист.

Аммо пеш аз он ки ба он хотираҳо бипардозам, ин ҷо лозим медонам, ёде аз дӯсту бародари азизам Ҷон Стед кунам, ки хонанда бо ӯ аз китоби “Моҷарои рафта” ошност. Мутаассифона, ӯ дар соли 2007 ба беморechии саратони сурхрӯда мубтало шуда буд ва вақте ман ба аёдаташ рафтам, фармуд, ки дар маъракаи кушодашавии бемористон Раисҷумҳурро даъват намоям ва санге бар дари бемористон бо ёддошти ташриф ҳак кунам. Мо бо ӯ қарор кардем, ки дар расми кушодашавӣ ташриф биёварад ва бо ҳам Раисҷумҳурро пешвоз хоҳем гирифт. Дареғо, умр ба ӯ то рӯзи кушодашавӣ бақо накард, вале ман васияти ӯро ба ҷо овардам. Ҳоло ҳам вақте санги дари бемористонро мебинам, ба ёди Ҷон меуфтам.

Худо рӯҳи устод ва дӯсти азизи маро биомурзад!

## НАБОЯД, КИ ДУР УФТӢ АЗ ЁВАРОН
**(*Саъдӣ*)**

Дар замони сохтусоз мо чанд нафарро истихдом карда будем, ки қарор буд баъдан дар бемористон кор кунанд. Доктор Зарифов Асадулло Гадоевич, устод Абдулқодири Рустам, доктор Беҳрӯз Қаҳҳоров аз рӯзҳои аввали сохтусози бемористон ба кор ҷалб шуданд ва то имрӯз дар рушди корҳои ташкиливу табобатӣ саҳми босазое гузоштанд. Ҳангоми кушодашавӣ як гурӯҳи бузурги кормандони тиббии маҳаллӣ низ ба кор ҷалб карда шуданд. Докторон Мубин Аминов дӯсти бачагии ман, Абдурасул Ғафуров, Сарҳадҷон

Бобоалиев, Малика Юсуфова, Мунира Нӯъмонова, Меъроҷ Ҳақназаров, Шаҳло Бобоҷонова ба тими пизишкони бемористон аз рӯзҳои аввал изофа шуда буданд ва бо шавқ ба кори табобатӣ шурӯъ карданд. Баъдан ба тими пизишкии бемористон мутахассисони ҷавон ҷалб гаштанд, ки пеш аз ҳама, бо давраҳои омӯзишӣ, чи дар дохили бемористон ва чи дар Эрон, фаро гирифта шуда, ҳар кадом дар риштаи худ устод гаштанд, ки ба дарди мардуми кишвар шифо мебахшанд ва боиси ифтихори ман ҳам ҳастанд. Дар ин рада овардани номи докторон Нозимҷон Шодиев, Қурбоналӣ Мирзобеков, Диловар Маҳмадёров, Маҳмадсабур Қосимов, Абдусамад Абдувоҳидов, Таҳмина Ризоева, Марҷона Мӯсоева, Ноҳида Ҳамроалиева, Зикриддин Муҳиддинов боиси ифтихори ҳар гурӯҳи мудириятӣ буда метавонад. Оре, вақте ман ин сатрҳоро менависам, беихтиёр эҳсоси ифтихор мекунам, ки дар тӯли ин солҳо дар канори ин гурӯҳи фидокор ҳастам, бемористоне бино кардем, ки барои мардуми кишвар даргоҳи наҷот гашт.

Он сол, дар аввали кор, мо тақрибан ҳамаи хатмкардагони омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанберо ҳамчун парастор ба кор қабул намудем, зеро мехостем, ки мутахассисони эронӣ онҳоро аз рӯзи аввал ба тарзи дилхоҳ тарбия намоянд. Имрӯз бештари он ҷавононе, ки мо дар зарфи солҳои аввал тарбия кардем, пешсафони соҳаи тиб дар кишвар ва хориҷ ҳастанд.

## ГУЗАШТАҲО ГУЗАШТА

Ман дар замони шӯравӣ аз низоми пизишкӣ чандон иттилоъ надоштам. Онро аз берун ҳамчун як корафтода медонистам. Ба иллати мушкилоти иқтисодӣ ва

“пардаи оҳанин”-и Шӯравӣ доду ситади байни низоми пизишкии Шӯравӣ ва кишварҳои ғарбӣ шадидан маҳдуд буд. Тиби ғарб дар солҳои ҳаштод-навади асри бист ба навигариҳои инқилобӣ ноил шуда бошад ҳам, дастовардҳои он дар Шӯравӣ дастрас набуд.

Низоми пизишкии Шӯравӣ хеле хуб таррохӣ шуда, тамоми аҳолиро бо хидмати пизишкӣ фаро гирифта бошад ҳам, мисли соҳаи иқтисоди он аз сабаби аз ҳад зиёд мутамарказ будан ва набуди рақобат ба рукуд гирифтор шуда буд. Бемористонҳо аз сӯи пизишкон мудирият карда мешуданд, ки дар натиҷа як навъ собиқасолорӣ ба миён омада буд, пизишкони ҷавон на ҳамеша имкони баланд бурдани сатҳи донишу таҷрибаро доштанд, ки ин низ ба рукуди соҳа мусоидат мекард.

Дар солҳои аввали пас аз Истиқлол маблағгузории тибби тоҷик тақрибан қатъ шуд. Пизишкон танҳо аз рӯи садоқат ба касб ва инсондӯстӣ кор мекарданд. Беморон маҷбур буданд, ки тамоми доруву василаҳои масрафиро харида, ба бемористон баранд ва ба пизишк низ дастмузде бидиҳанд. Пизишкон, ки дар замони шӯравӣ аз давлат маош мегирифтанд ва як табақаи бообрӯи ҷомеа буданд, дастнигари моризон шуда монданд. Оҳиста – оҳиста ин пардохтҳои ғайрирасмӣ зиёд шуда, бори зиндагии бе ин ҳам сангини мардумро вазнинтар кард ва чун сифати табобат на ҳамеша ба талабот ҷавобгӯ буд, обрӯи пизишконро дар ҷомеа коста гардонд.

Аз фурӯпошии Шӯравӣ то соли ду ҳазору нуҳ, ки кушодашавии бемористони Ибни Сино иттифоқ уфтод, низоми пизишкии тоҷик дар ҳоли маҳдуд мезист. Пизишкон аз таҷрибаву дастовардҳои навини пизишкии дунё бебаҳра монда буданд. Вақте ман бевосита ба мудирияти бемористон оғоз кардам, бо ҳамин низоми пизишкии мероси Шӯравӣ

рӯбарӯ шудам. Бемористони Ибни Сино иттифоқи нодире буд, ки дар кишвар уфтод.

Вазорати тандурустии кишвар аз рӯзҳои аввал бемористонро ҳамчун рақиб қабул карда, ба тамоми пизишкон дастур дод, ки бо бемористон ҳамкорӣ накунанд ва беморонро аз рафтан ба бемористон манъ кунанд. Пизишкон бо бемороне, ки боре ба бемористони Ибни Сино мурочиат карда бошанд, "рав, ҳамон эронӣ табобатат кунад" гуфта, бо зарда муносибат мекарданд.

Рӯзе кӯдаки бародарам Абдучобир бемор шуда буд. Чун мо мутахассиси кӯдакон надоштем, пизишки умумии бемористон пас аз озмоишҳо машварати пизишки кӯдаконро тавсия дод. Вақте кӯдакро ба назди пизишки кӯдакон бурданд, пизишк – хонум бо дидани асноди озмоишҳои бемористони Ибни Сино якбора девона шуд ва аснодро аз дар берун андохта дод зад:

– Пулат бисёр шудааст, ки пеши эрониҳо меравӣ? Рав, ман туро табобат намекунам!

## РОҲЕ, КИ ДАР ОН НАЧОТ БОШАД, БИНАМО!
## (*Абӯсаиди Абулхайр*)

Дар солҳои Истиқлол тибби хусусӣ дар кишвар рушд кард. Бемористонҳои хусусӣ боз мешуданд ва табобатро бо роҳҳои пешрафта роҳандозӣ мекарданд. Дар пушти бинои бемористони Ибни Сино дандонпизишкие роҳандозӣ шуда буд. Рӯзе дар ин дандонпизишкӣ иттифоқи ачибе уфтод. Бар асари таъсири дору яке аз фарзандони Раисчумҳур шоки аллержӣ гирифта буд. Шоки аллержӣ иттифоқи нодир, вале хатарнокест, ки хеле сареъ ба вуқӯъ мепайвандад.

Системи эмании бадани инсон ба таъсири маводи аллержен якбора вокуниш нишон дода, метавонад ҳатто роҳи нафасро бандад, ки ба фоҷеа оварданаш аз имкон дур нест.

Вақте чунин иттифоқ бо маризи мазкур уфтод, раиси бемористони дандонпизишкӣ давида ба бемористони Ибни Сино омад. Кормандони бемористон зуд ба болои бемор ҳозир шуда, роҳи нафасашро боз карданд ва ӯро ба бемористон интиқол дода, эҳё намуданд. Бегоҳи он рӯз он бемор мураххас карда шуд. Ҳоло он хонум сафири Тоҷикистон дар яке аз кишварҳои ғарбист.

## ҲУРМАТИ МОДАРӢ АЗ ЁД БИБУРД
**(*Эраҷ Мирзо*)**

Рӯзе писаре модарашро ба бемористон овард. Пизишкон аз кори дили он модар навори сабти барқӣ гирифтанд ва ба ӯ ташхисӣ анжиографӣ тавсия намуданд. Вақте дар пазириши бемористон нархи ин хидматро ба писар эълон карданд, ӯ ба шӯр омад ва дод зад:

– Ман ба ҳаштсад сомонӣ як модари нав мехарам! Рафтем! -ба модараш шиддат кард ӯ.

Модари бечора, ки аз беҳолӣ ба зӯр роҳ мерафт, аз паси писараш сӯи баромадгоҳ қадам зад. Ман аз ин рафтор хеле ошуфта шудам, вале ба ҳоли пиразан дилам месӯхт. Аз тиреза ба берун нигоҳ кардам, то бори дигар бубинам ва мутмаин шавам, ки пиразан аз зинаҳо фуромада тавонист. Писар бо ҳамон қаҳр ба ҳавлии бемористон баромада, дари мошини гаронбаҳои хориҷиро кушоду сари фармон нишаст, модари бечора аз пасаш омада, бо азоб ба нишастгоҳи ақиби мошин савор шуд...

# ФАЗОИ МУҚАДДАС

Вақте фаъолияти бемористон оғоз шуд, мо Абдурасул Ғафуров–раиси навтаъини онро барои сафари таҷрибаомӯзӣ ба Миср фиристодем. Ӯ аз боздиди бемористонҳои он ҷо бо таассуроти беандоза баргашт. Ҳикоят мекард, ки таҷҳизот ва тарзи табобати бемориҳои гурда ва роҳҳои пешоби дар он ҷо дидааш бесобиқаанд. Аз суханони ӯ маълум мешуд, ки дар Тоҷикистон ҷарроҳии ин бемориҳо ба таври қадимӣ ва хеле номуассир анҷом мешавад. Масалан, барои гирифтани санги гурда бадани беморро бурида, ба гурда дастрасӣ пайдо мекунанд ва гурдаро сӯрох-сӯрох карда, сангро меҷӯянд. Аз чунин навъи амал гурда ҷароҳати зиёд пайдо карда, аксаран аз кор меуфтад. Дар ёфтан ва гирифтани санг ҳам на ҳамеша муваффақ мешаванд, зеро амал кӯр-кӯрона мегузарад ва кафолати ёфтани ҷои санг нест.

Дар Миср, – нақл мекард ӯ, – ин амал аз тариқи сӯрохи хурде гузаронда мешавад ва ёфтану гирифтани санг зери назорати рентген ва видео анҷом мешавад, ки кафолати сад дар садӣ дорад. Бо хоҳиши ӯ ва исрори ман сармоягузори эронӣ, дӯсти азизи ман доктор Саломат ин таҷҳизотро дастрас ва дар утоқи амали уролоҷӣ насб кард. Истифодаи ин таҷҳизот маҳорат ва таҷриба мехоҳад, аз сабаби он ки мутахассисони маҳаллӣ бо ин равиш ошно набуданд, доктор Саломат ҳузури мутахассисони эрониро низ таъмин намуд ва ин табобати пешрафта ва камзахм дар кишвари мо низ дастрас шуд.

Дар аввали кор умуман табобат ва махсусан ҷарроҳиҳо барои ман хеле ҷолиб буданд ва гоҳ-гоҳ ба утоқи амал даромада, рафти онҳоро тамошо мекардам. Барои ворид шудан ба ин қисмати бемористон, ки ба истилоҳ "фазои муқаддас" аст, як қатор муқаррароту маҳдудият бояд риоя шаванд. Масъулони

утоқҳои ҷарроҳӣ ба вуруди ашхоси ғайр хеле сахтгирӣ мекунанд, зеро ворид шудани уфунат ба ин бахш метавонад шифои захми беморро душвор кунад. Ман ба утоқи амал, албатта, бо риояи муқаррароти он ворид мешудам.

Боре ман дар як амали гирифтани санги маҷрои пешоб иштирок кардам. Ин амал бо беҳискунии аз миён ба поин гузаронда мешавад. Бемор дар рафти амал бедор мебошад, вале дард ё нороҳатие ҳис намекунад. Амали ин бемор каме мушкил гузашт ва ба дарозо кашид. Дар ниҳоят сангҳои маҷрои пешоби бемор тоза карда шуд ва духтури беҳушӣ Миратулло Исоев, ки дар болои сари бемор меистод, ба ӯ гуфт:

– Муборакат, сангҳоятро тоза карданд!

Бемор ҷавоб дод:

– Рӯтона сиёҳ мекунен, санга нагирифта бошен ҳам, ҳамон пула барнагардонем гуфта ҳамита меген.

Хандаи асабонии духтур ва шогирдаш диққати ҷарроҳи эрониро, ки дар кунҷи дигари утоқ дастпӯшҳоро мекашид, ҷалб кард ва ӯ пурсид:

– Чи миге?

– Миге дасти шумо дард накуне!–ҷавоб дод духтури беҳушӣ.

– Мо коре накардем,–таоруф кард ҷарроҳи эронӣ тибқи одат.

## БА ТАРИҚЕ, КИ КАС ГУМОН НАБАРАД
### (*Амир Хусрав*)

Ба бемористон занеро бо фишори баланде, ки барои саломатӣ хатарнок буд, оварданд. Насаби зан ошно буд. Маълум шуд, ки ӯ зани амалдорест машҳур. Сабаби

фишорбаландии зан пайдо намешуд. Ӯ бо пизишкон хеле ҳамкорӣ намекард. Тамоми озмоишҳо ва санҷишҳо нишон медоданд, ки узвҳои бадани ӯ солиманд. Ягона сабаби фишорбаландӣ метавонист вазъи асабонии ӯ бошад. Ба зудӣ ҳолат рӯшан шуд.

Шавҳари воломақоми он хонум ба аёдат омад ва кормандони бемористон беихтиёр шоҳиди саҳнаи ҷолибе шуданд. Хонум доим ба дастгоҳи назорати фишор васл буд. Баробари даромадани шавҳараш хонум ба гиря оғоз кард ва фишораш дубора боло рафт. Кормандон ёрии фаврӣ расонданд ва фишори ӯро каме поин оварданд. Хонум беист мегирист ва ба сари шавҳараш дод мезад:

– Худо бигирад корота, бадбахтам кардӣ, шармандаам кардӣ, дар байни мардум сар бардошта гашта наметонам, медонистам ҳеч гоҳ розӣ намешудам, ки туя гирам, ҳамон чӯпони ҳамсояро мегирифтам, сад бор аз ту беҳтар буд!...

Бечора шавҳар намедонист худашро ба куҷо занад. Ҳарчанд занро ором карданӣ шавад, оташи алами ӯ бештар аланга мезад.

– Аз ҳамин рӯз сар карда, ман тавба кардам, дигар кори намехостаатро намекунам, ором шав, – гуфт шавҳар.

– Сад бор ваъда кардӣ, боз ҳамон коратро мекунӣ! – ба нола идома дод зан.

Мард бо қатъият гӯшии телефонро гирифта, занг зад ва гуфт:

– Алло, маро гӯш кун! Аз ҳамин рӯз сар карда, ман дигар бо ту нестам! Ман туро се талоқ кардам! Паноҳат ба худо! – ва гӯширо хомӯш кард. Ба маҳзи гӯширо хомӯш кардани раис, ронандааш, ки дар паси дар буд, ба утоқ даромад.

Раис:

– Рав дар берун ист, ҳозир вақти бо ту гапзанӣ нест, – гуфта шиддат кард.

Ронанда бо гардани кач берун баромад.

– Ана, тамом, ором шав! Айб аст, пеши ин ҳама одам даъво мекунӣ, саломатиятро ҳам ба хатар гузоштӣ, бас кун, ором шав! – ва ба канори тахт наздик шуда, дасти занро гирифт. Зан чашмони пурашкашро ба сӯи шавҳараш гардонда:

– Ман чӣ кор кардам, ки ба ман ин қадар зулм мекунӣ? Магар ман рафиқи ҳаётият набудам? Ин ҳама сол хидмат кардам, хонадорӣ кардам, фарзанд кардам, айба намедонӣ? – гуфта шикоят кард.

– Тамом, тамом, ту барои ман аз ҳама болоӣ, маро бубахш, ором шав, – гуфта шавҳар дасти занро мемолид.

Фишори зан зуд поин шуд ва вазъаш низ ором гирифт. Шавҳар ками дигар нишаст ва баъд хайрухуш карда баромад. Ронанда бо нигоҳи суоломез ба раис нигоҳ кард ва гуфт:

– Раис, агар аз кори ман норозӣ будӣ, фармони аз кор озод шуданамро барорӣ кофист, ин ҳама талоқу малоқ чӣ маънӣ дорад?!

## УСТОД МУҲАММАДҶОН ШАКУРӢ ВА ГЕРОСТРАТ

Таърихан илми пизишкӣ яке аз қадимтарин илмҳост. Пизишкон ҳамеша як қишри босаводу донишманди ҷомеа будаанд. Ва чун одамият ҳамеша ба дониши тахассусии пизишкон эҳтиёҷ доштааст, баъзе пизишкон мағрур ҳам мешудаанд. Хушбахтона, ман дар тӯли кор дар бемористони Ибни Сино аз ин навъ шахсиятҳо камтар вохӯрдаам.

Рӯзе аз рӯзҳои тобистони соли 2012 дар даромадгоҳи яке аз шуъбаҳои бемористон бо фарзандони устод Муҳам-

мадҷон Шакурӣ вохӯрдам. Муҳаммадҷон Шакурӣ дар он рӯзгор аз нобиғагони насли қаблии мо тақрибан ягона монда буд. Ӯ аз насли ситораҳои илму маърифати тоҷик аз қабили Бобоҷон Ғафуров, Муҳаммад Осимӣ, Сотим Улуғзода, Минҳоҷ Ғуломов ва дигарон аст, ки дар зиндагияшон тавонистанд чеҳраи тоҷикро аз нав ҳамчун миллати соҳибтамаддун ба дунё муаррифӣ кунанд. Дар бораи хидматҳои устод ин ҷо зиёд гуфтани ман ҳоҷат нест, зеро ӯ мисли офтобест дурахшон, ки аз нураш ҳамагон баҳра бурдаанд ва онро бо доман пӯшида намешавад. Касе, ки аз суҳбати устод баҳра бурдааст, медонад, ки ӯ мисли ҳамон китобе, ки худаш навишта буд, ҳар суханро дар ҷояш ва ҳар нуктаро дар мақомаш истифода мебурд, ки аз забондонӣ ва хирадмандияш гувоҳӣ медиҳад. Аз зиёиёни миллат аз камтарин касонест, ки дар солҳои нифоқ рисолати маърифатгустарии худро анҷом дода ва барои тамоми миллат азизу мукаррам боқӣ мондааст. Ӯ намоди фарҳанги тоҷик буд. Баъдан касе дар сӯгвории ӯ навишта буд, ки охирин риштаи пайванди мо бо Бухоро гусаст...

Ӯ ғайр аз хидматҳои шоёне, ки бо қалам карда, ба миллати тоҷик инчунин се писар додааст. Писарони ӯ Шариф, Анвар ва Рустам ҳар кадом дар соҳаи худ олимони сатҳи ҷаҳониянд. Шариф дар соҳаи ҳунар, Анвар дар риштаи астрофизик ва Рустам дар риштаи таърих олимони шинохтаи байнулмилалианд. Ҳар кадом ба дараҷаи доктории илм расидаанд ва ба ҳайси профессор дар донишгоҳҳои муътабари дунё дарс медиҳанд. То ин дам ман бо баъзе китобу мақолаҳои онҳо шинос будам, вале аз он замон ман бо фарзандони фозили ин устоди фарзона дӯстӣ пайдо кардам, ки боиси ифтихори ман аст, бахусус байни ману Рустам ва писараш Оят робитаи наздики дӯстӣ барқарор шуд, ки то абад бардавом бод!

Рустам мисли падару бародаронаш воқеан фарди оқилу фозил аст, ки аз дӯстӣ бо ӯ метавон баҳра бурд. Банда борҳо аз машварату фазли ӯ баҳра бурдаам. Оят, писари Рустам дар риштаи худаш – меъморӣ, соҳибтахассус ва номдор аст ва ҳамон "себест, ки аз дарахт дур науфтодааст".

Сабаби он рӯз ба бемористон омадани онҳо шинос шудан бо имконот ва шароити бемористон буд, зеро устод Шакурӣ бемор шуда буд ва онҳо мехостанд ӯро дар бемористоне бо шароити хуб бистарӣ кунанд. Интихобашон ба бемористони Ибни Сино қарор гирифт ва кормандони мо тавонистанд чанд рӯзе дар хидмати он пири хирад бошанд, ки ҷои ифтихор аст.

Рӯзи дигар пас аз бистарӣ кардани устод, онҳо ба бемористон ташриф оварданд ва дар утоқи кории банда суҳбате баргузор шуд, ки ҷузъиёти ҷолиберо аз собиқаи беморӣ ва табобати устод бароям ошкор кард.

Сараввал, ман бо иттилое, ки аз мудири табобатии бемористон доштам, онҳоро аз вазъи падарашон огоҳ кардам. Бахши уролоҷии бемористон дар ҳамкорӣ бо мутахассисони нефролоҷӣ табобати лозимро барои устод анҷом медоданд. Кори гурдаҳои устод мушкил дошт, вале ҳолаш ба тадриҷ беҳтар мешуд.

Дар ин вохӯрӣ фазои самимие баргузор шуд, ки гӯё мо ҳамеша ҳамдигарро мешинохта бошем ва аз ин сабаб суҳбати гарме доштем. Дар давоми суҳбат фарзандони устод гаштаю баргашта аз тарзи кори бемористон мепурсиданд, ки қабулу мурахассии бемор чӣ гуна сурат мегирад. Эҳсос мешуд, ки нигароние доранд. Таҳпурсӣ кардам ва сабаби нигаронияшон маълум шуд.

Чанд сол пеш устод бемор шуда, дар бахши кардиологии бемористони Қаряи Боло бистарӣ шуда будааст. Марду-

ми тоҷик мариз шаванд, ба пизишки шинос муроҷиат мекунанд ва ба инсофи он пизишк вобаста аст, ки беморро ба мутахассиси лозима роҳнамоӣ кунад ё мариз аз риштаи худаш набошад ҳам, тавону нотавон ба дармони ӯ пардозад. Раиси бахши кардиолоҷии он бемористон пизишке буд, ки ба фарҳангу аҳли адаб алоқа дошт ва вақте устод бемор мешавад, шогирдону пайвандонаш ба ҳамин пизишк муроҷиат кардаанд. Устод аз дарди гурда ранҷ барад ҳам, ин пизишк ӯро дар бемористони кардиологии зери дасташ, ки ҳеч имконоти табобати гурдаро надошт, бистарӣ мекунад. Вақте вазъи устод беҳ намешавад, мутахассисон тавсия медиҳанд, ки ӯ ба бемористони тахассусии марбута гузаронда шавад.

Рустам ҳикоя кард, ки вақте барои бурдани падараш ба бемористон меояд, раиси бемористон иҷозат намедиҳад ва ба ӯ сароҳатан эълон мекунад, ки аз зиндагии падараш ҳамагӣ чанд рӯзе мондааст ва устод бояд дар ҳамин бемористон бифавтад. Ӯ марги устод Лоиқро мисол оварда мегӯяд, ки тамоми лаҳзаҳои охири ҳаёти ӯро наворбардорӣ кардааст ва дурбину таҷҳизоташро барои наворбардории лаҳзаҳои охири ҳаёти устод Шакурӣ низ омода кардааст. Рустам ба ваҳшат уфтода, ба бародаронаш занг мезанад ва онҳо ба зудӣ расида меоянд. Дар машварат бо мутахассисони риштаи уролоҷӣ маълум мешавад, ки бемории устод музмин ҳам бошад, табобатшаванда аст ва ба бемористони тахассусии уролоҷӣ ниёз дорад. Вақте онҳо ба бемористон барои интиқоли мариз меоянд, боз ҳам ба мухолифати шадиди раиси бемористон рӯбарӯ мешаванд. Пизишк мегӯяд, ки аршиве дорад, ки дар он лаҳзаҳои марги бузургони зиёди ин миллат маҳфуз аст ва ӯ ин имконро, ки лаҳзаҳои охири ҳаёти устод Шакуриро сабт кунад, аз даст додан намехоҳад. Худо паноҳ дорад аз аблаҳоне чун Герострат!

Хулоса, бо даъвову дахолати бузургон устодро аз дасти он Герострат, ки мехост бо ҳамоқат номи худро ба номи ин бузурги миллат бипайвандад, раҳо мекунанд. Устод Шакуриро бо кӯшиши дӯсти азизи банда Ҳасани Қарибӣ ба бемористони тахассусӣ дар Эрон мебаранд ва ӯ саломат ёфт ва ҳафт соли дигар ҳаёт дид ва дар ин ҳафт сол чанд асари арзишманде эҷод кард.

Ҳоло нигаронии онҳо аз ин буд, ки агар устод ба табобат дар ҷои дигар ниёз пайдо кунад, бемористон ба интиқолаш мухолифат хоҳад кард, ё на. Хушбахтона, он дафъа ҳоли устод беҳ ва ба хона мураххас шуд, вале синни боло кори худро мекард. Норасоии гурдаҳои ӯ музмин буд ва пас аз чанд гоҳе боз ба бемористон баргашт ва аз сабаби надоштани бахши диализ ва таҷҳизоти зарурӣ ин дафъа низ ӯро ба Эрон фиристодем.

## КАЛОНГИРХӮҶА

Доктор Саломат пешниҳод кард, ки дар сафараш ба Украин, ки нақшаи дар он ҷо ҳам маблағгузорӣ кардан дошт, ӯро ҳамроҳӣ намоям. Ӯ гуфт, бо раиси яке аз бемористонҳои ҷарроҳии дили он кишвар ҳамкорӣ кардан мехоҳад ва зимни ин сафар метавонем ӯро барои ҳамкорӣ дар боби ҷарроҳии дил ба Душанбе даъват намоем. Мо дар Киев вохӯрдем ва дар вақти мувофиқашуда ба мулоқоти раиси он бемористон рафтем. Ин шахс Еметс Илё Николаевич ном дошт. Ӯ шахси ҳавобаланде буд ва номи доктор Саломатро ҳамеша бо таҳриф талаффуз мекард. Моро ба ҷаласаи пизишкие, ки дар он ташхиси беморонро муҳокима мекарданд, бурд ва доктор Саломатро ба ҳамкоронаш “Саломмаликум” муаррифӣ намуд.

Ман ҳавобаландии ӯро бо истеҳзо дунбол мекардам, вале вазифаи тарҷумонӣ ба уҳдаи ман ҳам бошад, ба доктор Саломат чизе нагуфтам.

Ниҳоят, вақте доктор Саломат дар ҷаласаи хусусӣ аз ӯ даъвати ҳамкорӣ бо бемористони Ибни Сино кард, такаббури пизишк ба пуррагӣ рӯй зад. Ӯ бо иғмоз ба пешниҳоди мо розӣ шуд ва шарт гузошт, ки бемористон ба номи ӯ гузошта ва аз ӯ дар фурудгоҳи Душанбе, дар сатҳи олӣ пешвоз гирифта шавад.

Баъд аз чанд моҳи боздиди мо ӯ вазир таъин шуд ва вазирияш ҳамагӣ чор моҳ давом кард.

## ХУД ҒАЛАТ БУД ОН ЧӢ МЕПИНДОШТЕМ
**(*Ҳофиз*)**

Бемористон аз аввали фаъолияташ дар пардохти ҳаққи иҷора ба душворӣ рӯбарӯ шуд. Пардохтҳо кашол меёфтанд ва ба пуррагӣ иҷро намешуданд. Қарзи иҷораи бемористон дар назди ширкати мо, ки соҳибмилк аст, рӯз аз рӯз зиёд мешуд. Маълум буд, ки муҳосибаи пешакии сармоягузори эронӣ мушкил дошт. Ғайр аз ин мушкилоти дигари молӣ низ дошт, ки гоҳ-гоҳе дар суҳбатҳо бо масъулонаш ба гӯшам мерасид.

Мутаассифона, дар солҳои аввали фаъолияти бемористон, давлат дар моҳи январи соли 2010 ба хидмати тиббӣ ва расо баъд аз як сол ба воридоти дору молиёти сангин ворид намуд, ки шароити корро ба шиддат сахт кард. Пас аз гузаштани тақрибан як сол аз саршавии кори бемористон ман аз муҳосибон дархост кардам, ки фаъолияти молии бемористонро баррасӣ намоянд. Дар қисмати табобат низоми хубе бино

шуда бошад ҳам, дар қисмати молӣ ва қонунӣ мушкилоти зиёд вуҷуд дошт. Аз сабаби ташкили нодурусти кор бемористон дар назди ширкатҳои таъминкунанда низ қарздор шуда буд. Даромади он ба пӯшондани ҳазинаҳояш кифоят намекард. Дар суҳбатҳои қаблӣ доктор Саломат ваъда карда буд, ки дусола будҷаи хароҷоти бемористонро низ тахсис додааст ва агар бемористон даромаде ҳам надошта бошад, таъминоти молии он мушкил нахоҳад дошт. Ман натиҷаи баррасиҳоямро бо ӯ ва тими муҳосиботияш дар байн гузоштам. Он замон Эрон бо сабаби таҳримҳо дар шароити бади иқтисодӣ ба сар мебурд. Дар давоми ин се сол, ки аз рӯзи саршавии маблағгузорӣ ба тарҳи бемористон гузашта буд, шароити молии ширкатҳои доктор Саломат бад шуда буд. Ӯ сареҳан эълон кард, ки дигар ба бемористон кӯмак карда наметавонад ва пас аз чанд моҳ ба хулоса омад, ки бемористонро бибандад.

Ман афзалияти бақои бемористонро возеҳ медидам, ҳамарӯза нафарони зиёд муроҷиат мекарданд ва сатҳи табобат дар муқоиса бо бемористонҳои дигари кишвар аз замин то осмон буд. Ман ғайр аз кори пизишкони эронӣ дар бемористони Ибни Сино, дар сафарҳоям ба Эрон бо соҳаи пизишкии он шиносоӣ пайдо карда будам. Тибби Эрон дар ҳақиқат рушдкарда аст ва тамоми технолоҷӣ ва дониши рӯзро дорад. Давлати он кишвар ба ин соҳа аҳаммияти хосса қоил будааст. Маблағгузории соҳа асосан аз тариқи ширкатҳои бима амалӣ мешавад. Давлат аз будҷа маблағҳои калон барои бима кардани қисми ниёзманди мардум ва ёрона додан барои бемористонҳо ҷудо менамояд. Ин тарзи маблағгузорӣ ба бемористонҳо имкон медиҳад, ки ҳамеша технолоҷӣ ва таҷҳизоти навтаринро дошта бошанд.

Барои ба рӯз расондани сатҳи дониши мутахассисон низ низоми муассиреро роҳандозӣ кардаанд, ки тибқи он,

давлат иштироки мутахассисони соҳа дар конфронсҳои илмии дунёро маблағгузорӣ мекунад. Ва ғайр аз ин, ба мутахассисоне, ки дар ҳамоишҳои илмӣ иштирок мекунанд ва мақолаҳои илмӣ ироа мекунанд, имтиёзҳое дар назар гирифта мешавад. Ин равиш дар мутахассисон ангеза эҷод мекунад, ки пайваста дар такмил кардани донишу малакаи худ талош кунанд. Дар натиҷаи ин равишҳо соҳаи тиб ҳамеша донишу таҷҳизоти замонавӣ ва ба рӯзро дорад.

Бо роҳандозии бемористони Ибни Сино, мо бе ҳеч харҷе аз сӯи давлат дар Тоҷикистон, ба афзалиятҳои низоми пизишкии Эрон, ки бо харҷҳои ҳангуфт ҳосил мешуд, дастрасӣ ёфтем, бо бастани бемористон мо метавонистем аз ин имконот маҳрум шавем. Ҳарчанд қатъ кардани кори бемористон аз ҷиҳати молӣ ба суди ман бошад ҳам, виҷдонам иҷозат намедод, ки аз ин имконоти бесобиқа барои соҳаи муҳимтарини иҷтимоии кишвар сарфи назар намоям.

Бемористон тақрибан шаш ҳазор метр ҷойро ишғол карда буд. Дар ҳолати бастани бемористон ва ба иҷора додан, ҳар метри бино моҳе аз понздаҳ то бист доллар даромад дода метавонист. Ҳамин тавр дар як паҳлӯи тарозу суди бедардисари иҷора, яъне даромади ғайрифаъол ва дар сӯи дигар пешрафти соҳаи тибби кишвар меистод. Дар давоми ин якуним сол ман бо кормандони бемористон шинос шуда, дӯстӣ пайдо карда будам. Он замон дар бемористон тақрибан дусад нафар кор мекард. Бастани бемористон ин гурӯҳи бузургро ба анбӯҳи бекорони кишвар изофа менамуд.

Аз рӯи муҳосибаи сода ва аз назари тиҷорӣ ман бояд бе ҳеч шаку шубҳа ба бастани бемористон розӣ мешудам. Вале ҷанбаи ахлоқии масъала маро водор мекард, ки онро нигоҳ дорам. Ман, ки дар солҳои аввали ворид шуданам ба тиҷорати пахта ҳолати бухрони молиро аз сар гузаронида, дар ин зами-

на таҷриба ба даст оварда будам, муваффақ нашудани ин тарҳро барои худам як шикаст медонистам. Ҳарчанд пеш аз роҳандозии тарҳ борҳо хостам ба ҷузъиёти тарҳ ошно шавам, доктор Саломат ба ман: "Ту ин корҳоро намефаҳмӣ, аслан шумо тоҷикон дар соҳибкорӣ таҷриба надоред, ман худам медонам чӣ кунам" гуфта иҷозат надода буд. Вале ин дафъа ба ҳайси сармоягузор ва он ҳам сармоягузори ватанӣ ва соҳибмилк тасмими ниҳоиро бояд ман мегирифтам.

Раисҷумҳур, ки дар кушодашавии бемористон иштирок дошт, дар паёми онсолааш ба Маҷлиси миллӣ бемористонро дастоварди намоёни кишвар унвон карда буд ва дар ҷаласаҳои ҳукумат бемористонро намуна нишон медод, ки бевосита ба номи ман рабт дошт. То ин дам корҳое, ки ман мекардам, чандон дар ҷомеа намоён набуданд. Вале ин тарҳ иҷтимоӣ буда, дар кишвар ягона ва овозадор буд. Албатта, ҷомеа бемористонро бо номи ман мешинохт ва аз кор мондани он маро ҳамчун соҳибкори номуваффақ муаррифӣ мекард. Бо назардошти ин ҳол, бастани бемористон бадномие беш набуд.

Саранҷом пас аз таҳлилу баррасӣ ман ба натиҷае расидам, ки бастани бемористон аз ҷиҳати ахлоқӣ ҷоиз нест ва ғайр аз ин ба хулоса расидам, ки тарҳро бо мудирият метавон ба худкифоӣ расонд. Вале, пеш аз ҳама, нигоҳ доштани бемористон хидмати хубе барои соҳаи иҷтимоии кишвар буд. Ҳамин тавр, ман тасмими худро ба шарикони эронӣ эълом ва даъват кардам, ки тарҳро тақвият карда, ба худкифоӣ бирасонем. Онҳо давом додани ҳамкориро номумкин дониста, аз тарҳ хориҷ шуданд. Бемористон рӯи дасти ман дар ҳоли муфлисӣ монд.

Ростӣ, ман баъдан дарк кардам, ки он замон хеле хушбин будаам. Хушбиниям, албатта, беасос ҳам набуд. Тиме, ки

то ҳол барои мудирияти корҳо сохта будам, ба табъи дилам кор мекард. Дар ширкатҳои мо ҳар кас масъулияту салоҳиятҳои худро дошт ва корашро сари вақт анҷом медод. Ман мутмаин будам, ки дар бемористон низ ҳазинаҳоро танзим мекунам ва сисиламаротиб ва вазифаву салоҳиятҳоро таъриф карда, пайи бима меравам ва ба зудӣ вазъи молии бемористонро хуб мекунам.

Вале аз рӯзи аввал бохабар будам, ки аз сабаби вуруди таҷҳизоту мутахассисини афзалиятдошта, роҳбарони вазорати беҳдошт ва дастандаркорони соҳаи тибби кишвар аз ҳисси рашк бемористонро ҳамчун рақиб қабул карда, коршиканиро бар зидди он оғоз намуданд. Ғайр аз ин паёмҳое, ки аз долонҳои ҳукумат мерасид, бозгӯи он буд, ки бемористон дар сатҳи болои ҳукумат дастгирӣ меёбад. Раисҷумҳур борҳо дар ҷаласаҳои ҳукумат кору назми бемористонро ба масъулони Вазорати беҳдошт намуна нишон медод, ки ин ба оташи рашку ҳасади масъулон равған мерехт. Ва, муттаассифона, аз ҷумла ба ҳамин сабаб, баъдҳо тамоми пешниҳоду ибтикорҳои ман бо мухолифати масъулон мувоҷеҳ мешуд.

## ХИШТИ АВВАЛ ГАР НИҲАД МЕЪМОР КАҶ...
## (*Соиб*)

Мутаассифона, ин қисмати ёддоштҳои ман дар бораи иттифоқоте дар соҳаи иқтисод аст, ки набояд меуфтод. Вале уфтод.

Ҳамон тавр, ки дар бобҳои гузашта овардам, ман ҳамеша дар соҳаҳое, ки машғул будам, пешниҳодҳо додаам, вале фикри пешниҳодшуда ҳеч гоҳ дастгирӣ намеёфт. Масалан, дар соҳаи пахтакорӣ таҷрибаи кишварҳои дигарро

омӯхта, назарҳои созандаи худамро дар чанд мақола нашр карда будам, вале он аслан бетаваҷҷуҳ монд. Дар ҳамон замон, аввали солҳои 2000 як мақолаи васеъе аз сӯи вазири собиқи кишоварзии кишвар Ваҳҳоб Воҳидов низ дар бораи аҳаммияти пахтакорӣ ва дурнамои он бо пешниҳодҳои мушаххас чоп шуда буд, вале ҳатто баҳсе дар атрофи он баргузор нашуд. Ба андешаи ман, ки мақолаи Воҳидов онро таъйид мекард, дар ҳоли мудирияти дуруст, соҳаи пахтакорӣ метавонист то ҳадде масъалаи ҷойи кориро ҳал кунад ва иқтидори содиротии кишварро боло барад.

Солҳо баъд давлат тасмим гирифт, ки корхонаҳои ресандагӣ ва бофандагӣ бунёд шаванд ва пахта ба ҷои ҳамчун ашёи хом содир шудан, дар дохили кишвар коркард шавад, вале барои сохтани ин корхонаҳо қарзу имконот ба дасти касоне дода шуд, ки корномаи хубе надоштанд. Ман наҳваи фаъолияти ин шахсонро дар "Моҷарои рафта" дар боби "Тарзи кори ширкатҳои пахта" тасвир кардаам. Имрӯз, аксари ин корхонаҳо дар ҳоли муфлисӣ қарор доранд ва пахтаи ба меҳнат рӯёндаи деҳқони тоҷик, дар асл, тақрибан нақше дар рушди иқтисоди кишвар надорад. Дар натиҷа, акнун, лашкари миллионнафараи қувваи кории мо дар муҳоҷирати меҳнатӣ ҳастанд ва заминҳои кишоварзӣ ба деҳқонони чинӣ иҷора дода мешаванд.

Муттаассифона, бо гузашти ин ҳама сол вазъи иқтисодии Тоҷикистон ба таври боиста беҳ нашуд. Вазъи молии аксари кулли мардум ҳоло ҳам ба муҳоҷирати меҳнатӣ вобаста аст. Пешрафтҳои назаррас дар зерсохтор, аз қабили роҳҳо ва нерӯгоҳҳои барқ асосан бо қарзи кишварҳои хориҷӣ сохта шудаанд. Бахши аъзами даромади буҷаи кишвар асосан аз ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ пур мешавад, дар ҳоле, ки дар иқтисоди солим асоси даромади буҷа бояст аз пардохтҳои

молиётӣ сурат бигирад. Тавлидоти дохилӣ бештар аз маҳсулоти кишоварзии аввалия иборат аст, молу колои саноатӣ ағлаб воридотист. Ҳатто маҳсулоти зиёди кишоварзӣ аз қабили орду равған ва гӯшт воридотӣ ҳастанд. Иқтисоди кишвар ба иқлими барои кишоварзӣ ва чорводорӣ мусоид ва имконоти тавлидотӣ нигоҳ накарда, ҳатто ниёзи худро таъмин карда наметавонад ва кишвар дар вазъи воридкунанда боқӣ мондааст.

Созишномаи умумии сулҳ ва ризояти миллӣ ва ба амният расидани Тоҷикистон бо вуруди артиши НАТО ба Афғонистон тақрибан ҳамзамон уфтод ва кишварро ба минтақаи калидӣ табдил дод. Ин буд, ки самоягузорони зиёд ба кишвар ворид шуданд ва рушди иқтисодии кишвар суръат касб кард. Кишварҳои дунё барои ҷалби сармоягузорон хеле кӯшиш мекунанд ва барои онҳо имтиёзҳои гуногун эҷод менамоянд. Вуруди сармоягузорон ба Тоҷикистон як туҳфаи ғайричашмдошт буд, ки он замон бар асари ин ҳаводиси нодир иттифоқ уфтод, вале дастандаркорони соҳаи иқтисод аксар парвардаҳои низоми шӯравӣ буданд ва аз қонунҳои иқтисоди бозорӣ чизе намедонистанд. Ба ҷои он ки бо истифода аз ин имконияти нодир фазои сармоягузориро беҳтару муносибтар созанд, маносиби давлатиро барои худ абзори сарватандӯзӣ сохтанд ва кишвар ба коми фасод фурӯ рафт. Ба зудӣ сармоягузорон ба фасоди фарогир ва дахолату зӯргӯии мақомоти моливу қудратӣ рӯбарӯ шуданд, ки ҳодисаи боздошт ва дарҳам кӯбидани ширкати “Орима” яке аз аввалинҳо буд ва ман он ҳодисаро дар шикасти фазои сармоягузорӣ шохис медонам.

Мутаассифона, дар нимаи дуюми солҳои духазорум тасаллут ва фасоди комили мақомоти моливу тафтишгар дучанд гашт ва фазои сармоягузорӣ дар кишвар комилан тағйир хӯрд. Дар давоми муборизаи сиёсии аввали солҳои

дуҳазорум, бахусус дар робита бо интихоботи раёсати ҷумҳурии соли 2006, давлат ба мақомот имтиёзҳои зиёд дод, ки аз сӯи масъулон ҳамчун фурсати муносиб барои тасаллути комил истифода шуд. Масъулони давлатӣ аз имконоти дар ихтиёрашон буда ҳамчун абзор барои ҷамъ кардани сарват суистифода намуданд ва дар натиҷа вазифаи асосии онҳо, ки таъмини авлавияти қонун мебошад, коста гардид. Маълум аст, ки фасод омили маҳви ҳар гуна рушду субот аст. Дар солҳои баъдӣ ин заъфи мақомот бармало шуд.

Масалан, шаби 23 августи соли 2010 аз боздоштгоҳи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ 25 нафар маҳбусон фирор карданд, ки вазъи интизом дар ин муҳимтарин мақоми қудратиро бармало намуд. Ба иттифоқи назари коршиносон, ин фирори маҳбусон аз боздоштгоҳи Кумитаи амният нуқтаи олии заъфи мақомотро рақам зад.

Ҳукумат барои пешгирӣ аз фасод дар соли 2007 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо фасодро ташкил кард, ки ба зудӣ дар байни мардум аз сабаби олуда будан ба фасод, "агентии муомила бо фасод" ном гирифт. Дар асл, ин ниҳодро мақоми олии кишвар ба ҷои раёсати мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодии Вазорати корҳои дохила ташкил кард, зеро он раёсат бо зеҳнияти шӯравии кормандонаш ва олудагӣ ба фасод садде дар роҳи соҳибкорӣ гашта буд. Мутаассифона, кормандони ин ниҳоди нав низ бо истифода аз салоҳият ва масунияте, ки қонун барояшон медод, муомилоти фасодолудро ба шакли рӯирост анҷом медоданд. Дар ниҳоят кор ба ҷое расид, ки дар моҳҳои апрел-майи соли 2017 Кумитаи амнияти миллӣ 14 нафар маъмури аршади Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо фасод ва дигар мақомҳои молиро бо иттиҳоми ришваву чаповул боздошт кард, ки ба муҳлатҳои тӯлонӣ зиндонӣ шуданд. Дар

расонаҳо миқдори пулу сарвате, ки аз ин масъулони фасод мусодира гашт, нашр мешуд, ки намоди касодии иқтисоди кишвар буд. Дар пушти миллионҳо доллар ва молу милки мусодирашуда ба ҳамин миқдор корхонаву соҳибкори торочшудаву варшикаста ва корхонаҳои басташуда ба тасаввур мерасад. Мисоли дигар низ хеле ҷолиб аст. Моҳи октябри соли 2015 бародари яке аз раисони мақомот бо шашсад ҳазор доллар ришва боздошт шуд, ки онро барои фурӯши мансабе гирифта ва қавлашро иҷро накарда буд. Агар фарз кунем, ки ӯ ба қавлаш вафо мекард ва он ришвадиҳандаро ба мансаб мерасонд, навмансаб бояд хонаи чанд соҳибкорро месӯхт, то ришваи додаашро ҷуброн намояд, ногуфта аз он, ки ӯ бояд сарваташро зиёд ҳам мекард.

Ҳукумат бар асари ин расвоиҳо дар сохтори мақомоти қудратӣ тағйирот ворид кунад ҳам, чандон натиҷаи дилхоҳ ба даст наомад, зеро фасод дигар ниҳодина шуда буд. Сабаб ва омили ниҳодина шудани фасод дар мақомоти давлатӣ, пеш аз ҳама, ночиз будани маоши кормандони ин ниҳодҳо аст!

## ДАСТ АЗ ТАЛАБ НАДОРАМ
## (*Ҳофиз*)

Пас аз он ки бемористон ба уҳдаи ман афтид, фикр кардам, ки чӣ тур онро аз чанги муфлисӣ раҳо намоям. Пеш аз ҳама бо раиси Кумитаи молиёт Нусратулло Давлатзода вохӯрдам ва дар бораи дандоншикан будани молиёт арз кардам ва мисоли дар давоми ду сол бадтар кардани шароити молиётро тавзеҳ додам.

Яке аз шартҳои фазои хуби сармоягузорӣ ин аст, ки давлатҳо саъй мекунанд, пайваста шароити корро сабуктар

намоянд, то сармоягузории бештар ба иқтисод ворез шавад. Агар имкони сабуку беҳтар кардани шароит набошад, ҳадди ақал шароит барои сармоягузориҳои анҷомшударо ба ҳеч ваҷҳ сангинтар намесозанд, зеро сармоягузорон дар асоси қонуну қоидаи роиҷ тарҳрезӣ менамоянд ва сангин кардани бори молиётӣ метавонад ба варшикастагии корхонаҳо биёрад ва дар натиҷа эътимоди сармоягузорон коҳиш ёбад.

Моҳи январи соли 2010 молиёти бист дарсад бар нархи хидмат ва январи соли 2011 ба ҳамин дарсад молиёти гумрукӣ барои воридоти дору эъмол карда буданд. Вале ӯ гуфт, ки иҷрокунанда аст ва бо ин суол бояд ба Маҷлиси намояндагон муроҷиат намоям. Раиси Маҷлис Шукурҷон Зуҳуров дар мулоқот фармуд, ки аз дасташ коре сохта нест ва ин масъаларо танҳо ҳукумати ҷумҳурӣ метавонад ҳал намояд. Ба номи Раисҷумҳур нома навишта, рисолати тибби шахсиро ҳамчун сабуккунандаи бори будҷа тавсиф намудам ва хоҳиш кардам, ки бемористонҳои хусусӣ аз молиёт муоф шаванд. Ҷавоб бо имзои муовини сарвазир расид, ки "мувофиқ ба қонунҳои мавҷуда амал шавад".

Илова ба мушкилоти молӣ ду мушкили асосӣ ба кори бемористон халал эҷод мекард. Якум, Вазорати тандурустӣ ва кормандони соҳа бемористонро ҳамчун рақиб қабул намуданд ва ба ҳар роҳу восита бо бемористон душманӣ мекарданд. Масалан, пеш аз ҳама, дар ҷаласаи умумии вазорат эълон карданд, ки нархи хидмат дар бемористони Ибни Сино гарон аст ва ба раисони бемористонҳо дастур доданд, ки беморонро ба бемористон муаррифӣ накунанд. Ба мошинҳои ёрии таъҷилӣ низ дастур доданд, ки ҳеч бемореро ба бемористони Ибни Сино интиқол надиҳанд, дар ҳоле, ки худашон аз имкониятҳои бемористони Ибни Сино чизе надоштанд. Аз ин қабил бахилиҳо зиёд мекарданд. Ман бо Ва-

зири тандурустӣ вохӯрда, нигарониямро арз кардам ва вазир акси модарашро аз ҷевон гирифта, ба модараш қасам хӯрд, ки бар зидди бемористон коре накардааст ва намекунад, вале вазъ дигар нашуд.

Масъалаи дувум тафаккури шӯравии мардум буд, ки интизор доштанд табобат ройгон бошад. Дар натиҷа ба бемористон ағлаб касоне муроҷиат мекарданд, ки дигар дар ҳеч ҷой ба дардашон даво наёфта буданд, бинобар ин аксар бемордони вазнин ва ба дараҷаи ниҳоӣ расида муроҷиат менамуданд, ки ин, албатта, кори пизишконро душвор ва харҷи бемористонро зиёд мекард.

Ғайр аз ин, шумори зиёди беморон тавони пардохт надоштанд ва масъулони молии бемористонро лозим меомад, ки нархи хидматро поин оранд ва боз ҳам тахфифҳо бидиҳанд, ки ба беҳ шудани вазъи молии бемористон кӯмак намекард.

Чун аз сӯи масъулон кӯмаке барои аз буҳрон берун овардани бемористон наёфтам ва бо бухлу муқобилати дастандаркорони соҳа барнаомадам, дар андешаи роҳҳои дигар шудам ва дар соли 2013 барномаи бимаи тиббиро роҳандозӣ намудам. Ширкати бимаи “Суғуртаи миллӣ”-ро таъсис додем ва бо ҷалби мутахассисон барномаҳои дармонӣ сохта, ба ҷомеа пешниҳод намудем, вале бо тафаккури аҷибу ғарибе рӯбарӯ гаштем. Муштариёни ширкати “Суғуртаи Миллӣ” онро ширкати ҳиромӣ пиндошта, саъй мекарданд, ки бемор набошанд ҳам, ҳар хидмати бемористонро бо пӯшиши бима бигиранд. Баъзеҳо ҳатто кӯшиши фурӯхтани гувоҳномаҳои бимаро низ карда буданд.

Моҳияти бима дар он аст, ки шумори зиёди одамон ба сандуқи бима маблағҳои хурде пардохт мекунанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ дармонашон аз ин сандуқ пардохт мешавад.

Ширкатҳои бима одатан садҳо ҳазор муштарӣ доранд ва маблағи пардохти онҳо ба сандуқҳои бима миллион ё миллиардро ташкил медиҳад. Сандуқҳои бима ин маблағҳоро ба бонкҳо супурда ё саҳҳом харида, аз он суд мегиранд ва ҳаҷми ин маблағҳоро афзоиш медиҳанд ва пардохтҳои дармонии муштариён барояшон гаронӣ намекунад.

Ман бо нома ба Раисҷумҳур муроҷиат кардам, ки ҳадди ақал дар марҳалаи аввал барномаи ҳатмии бимаи тиббии кормандон роҳандозӣ шавад, ки дар рушди сандуқҳои бима ва интизом дар пардохтҳои тиббӣ мусоидат хоҳад кард. Ин пешниҳод аз сӯи мақоми олӣ дастгирӣ ёфт ва ба Вазорати иқтисод дастур дода шуд, ки масъала омӯхта ва роҳандозӣ шавад.

Барои ҷалби бештари муштариён ба ширкати бима ман қарор кардам, ки дар минтақаҳои кишвар шуъбаҳои он роҳандозӣ шаванд. Дар шаҳрҳои Панҷекат, Хуҷанд ва Фархор шуъбаҳои ширкати Суғуртаи Миллӣ ҳамзамон бо шуъбаҳои бемористони Ибни Сино кушода шуданд. Дар маросими роҳандозии шуъбаи шаҳри Хуҷанд, раиси вақти вилоят Қоҳир Расулзода ширкат дошт ва ӯ ба ман тавсия дод, ки нархи хидматро барои беморон дар ҳадди ҳаштод дарсад аз нархҳои Душанбе гузорам. Ман ба ӯ арз кардам, ки бо роҳандозии бима ба зудӣ хадамоти бемористон барои беморон ройгон хоҳад шуд. Дар замони раёсати Қоҳир Расулзода дар вилояти Суғд пешравиҳои назаррас иттифоқ уфтоданд. Аминам, ки агар он замон роҳандозии бима низ ба ӯ вобаста буд, дастгирӣ меёфт ва роҳ меуфтод. Вале сарриштаи кор дар Душанбе буд.

Дар мулоқот бо Вазири иқтисод Неъматҷон Бӯриев, вақте ман афзалияти бимаи дармон ва нақшаҳоямро пешниҳод намудам, ӯ аз он ба ваҷд омад ва гурӯҳи корӣ таъсис дод, то ин ки тарҳи қонун омода карда шавад. Дар ав-

валин ҷаласаи корӣ раиси раёсати ин Вазорат Умед Давлатзода баъд аз шунидани нақшаҳои ман нидо дод: "Агар ин кор иҷро шавад, шумо милёрдер мешавед ку?!". Ин бечора аз "милёрдер" шудани ман ба шиддат нигарон буд, ақл надошт фикр кунад, ки ин вазифаи ӯст, ки ин гуна барномаҳоро роҳандозӣ кунад, фикр ҳам намекард, ки дар натиҷаи "милёрдер" шудани ман чӣ нафъе ба худаш ва наздиконаш хоҳад расид. Ин дастандаркори масъул корро кашол дода, пас аз чанде ба фаромӯшӣ супурд. Ҳаминро мегӯянд "супурдани корҳои бузург ба ашхоси хурд!"

Албатта, ин танҳо як ҷанбаи кӯшиши ман барои берун кашидани бемористон аз буҳрони молӣ буд. Дар тавсеаи кор низ тамаркуз доштам. Пайваста бахшҳои нав ва таҷҳизоти замонавӣ барои табобат дар риштаҳои дигарро низ пайгирӣ ва роҳандозӣ мекардам. Мо аз таҷрибаи солҳои аввал истифода карда, таҷҳизоти нав ва мутахассисони хориҷиро меовардем ва мутахассисони маҳаллиро дар канорашон мегузоштем, то донишу таҷрибаи онҳоро азхуд намоянд ва пас аз муддате худашон корро идома диҳанд. Бо ин роҳ ва бо фиристодани мутахассисони маҳаллӣ барои давраҳои омӯзишӣ мо илми нав ва кор бо таҷҳизоти нави тиббиро хеле арзонтар ба даст меовардем, ки дар натиҷа ба обрӯи бемористон меафзуд ва ба даромади бештари молӣ мусоидат мекард.

Ман аз ҳар имконе истифода мекардам, то бо давлатмардон суҳбат карда, аҳаммияти имтиёз додан ба соҳибкорон ва ба даст овардани эътимоди сармоягузоронро таъкид намоям.

Боре яке аз мушовирони Раисҷумҳур дар бемористон бистарӣ буд ва ман бо истифода аз фурсат ба аёдаташ рафтам ва нигарониҳоямро арз кардам. Ӯ пас аз шунидани ҳарфи ман гуфт:

– Шумо дар бораи чизҳои хурд меандешед.

Пурсидам:

– Шумо ба чӣ меандешед?

Гуфт:

– Ба идеяи миллӣ.

Пурсидам:

– Идеяи миллӣ аз назари Шумо чист?

Гуфт:

– Қудсияти ҳукумат ва қудрат!

## ШУМОН

То соли 2018 қисми масоҳати бино бекор мехобид ва ман ният доштам, ки онро ба иҷора дода, даромади ғайрифаъол ташкил кунам. Вале, ба сабаби халал дар фазои соҳибкорӣ, дар ин марҳала бозори иҷора ҳам уфт кард. Бинобар ин тасмим гирифтам, ки дар ин қисмати бино меҳмонхона ва рестурон роҳандозӣ намоям, ки барои пуштибонии молии бемористон имкони бештаре медод.

Имрӯз дар дунёи тиҷорат роҳандозии кор қоидаҳои хос дорад. Пеш аз ҳар коре бояд чанд марҳала омӯзиш анҷом дода шавад, ки дар муваффақияти кор нақши созанда дорад. Ин омӯзишҳо аз интихоби ҷой, тақозои бозор, баррасии рақобат, муҳосибаи сармояи аввалия ва баргашти он иборат мебошад. Ҳар яке аз ин риштаҳо мутахассис доранд ва агар ин омӯзишҳо аз қабл дуруст анҷом шаванд, кор ба эҳтимоли зиёд ба муваффақият мерасад. Дар дунё илми бозорёбӣ ба ҳадде пешрафт кардааст, ки ҳатто урфу одат, тарзи ҳаёт, ҷараёни ҳаракати муштариён дар мавзеъи роҳандозии кор ва ғайра мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Табиатан, дар

кишварҳои аз ҷиҳати иқтисод пешрафта, рақобат дар бозор зиёд аст ва ширкатҳои махсуси тавсеъадиҳанда вуҷуд доранд, ки ин омӯзишҳои заруририро анҷом медиҳанд.

Сатҳи хидмат дар меҳмонхонаҳои Шӯравӣ ба таври шоиста набуд ва табиист, ки дар Душанбе барои роҳандозии меҳмонхона мутахассисони хуб ёфтан душвор аст. Аз ин сабаб, дар марҳалаи роҳандозии меҳмонхона аз Олмон мушовир даъват кардам ва тарҳу иҷрои меҳмонхона ва ресторон ба таври лозим роҳандозӣ гардид. Вале дар раванди мудирият, набуди мутахассиси лозима ба баҳрабардорӣ халал эҷод мекард.

Саранҷом, пас аз фарозу фурудҳо мудирияти меҳмонхона ва ресторан ба уҳдаи шаҳрвандони Гурҷистон Нино Ҷинҷолава ва Нато Гогинава гузошта шуд, ва фаъолият беҳ гашт. Ҷалби мутахассисони кордон як рози дигари муҳимми муваффақият аст.

Кормандони хориҷӣ тибқи қонун иҷозаи кор мегиранд. Рӯзе ба меҳмонхона ҳашт нафар низомипӯшон ворид шуданд. Ман, ки он вақт дар даромадгоҳ ҳузур доштам, аз вуруди чунин гурӯҳи бузурги низомиён аҷабам омад ва вақте онҳо роҳбари муассисаро пурсиданд, нигарон шудам, худро муаррифӣ кардам ва ҳол пурсидам. Сардори онон, ки ба рутба баландтар буд, бо шиддат гуфт:

– Шумо ду нафар корманди хориҷӣ доред, мо барои тафтиши иҷозаи кории онҳо омадем.

Дар суҳбат маълум шуд, ки онҳо аз худи ҳамон муассисаанд, ки ба хориҷиён иҷозаи кор медиҳад. Ман аз сардори онон пурсидам:

– Шумо худатон иҷозаи кор медиҳед, чӣ тур намедонед, ки кормандони мо иҷоза доранд ё на?

Ӯ гуфт:

– Иҷозаи корро бахши дигар медиҳад, вазифаи мо тафтиш аст.

Пурсидам:

– Беҳтар набуд, дар ҳамон муассисаатон ба утоқи дигар гузашта иттилоъ гиред?

Сардор ошуфта шуд:

– Ба мо кор ёд надеҳ, мо худамон медонем чӣ кор кунем!

Гуфтам:

– Агар медонистед, ҳашткаса барои тафтиши ду нафар намеомадед!

Бо таҳдид, ки ба ҷои лозима аз муносибати ман шикоят хоҳад кард, меҳмонхонаро бо гурӯҳаш тарк кард. Намедонад, ки мо соҳибкорони сахтҷони тоҷик зулму тааддии "боевик"-ҳоро паси сар кардаем.

Имрӯз меҳмонхонаи "Шумон" дар маркази шаҳри Душанбе дар хидмати меҳмонони пойтахту кишвар қарор дорад.

*Чист ин дилкаш бино,*
*Меҳмонсарое баҳри халқ.*

***(Воизи Қазвинӣ)***

## ГАРОНМОЯТАР КИСТ АЗ ДӮСТОН?
***(Фирдавсӣ)***

Бар асари тағйироте, ки дар пайи фирори маҳбусон аз боздоштгоҳи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ иттифоқ уфтод, Саймумин Сатторович Ятимов раиси ин кумита таъин гардид. Ӯ дар вазъе ба раисии кумита таъин гардид, ки ҳатто ин ниҳоди муҳимтарини амниятии кишвар ба тадриҷ ба коми фасоду нобудӣ фурӯ мерафт.

Аввалин шиносоии ман бо Саймумин Сатторович замоне ки ӯ сардори Раёсати амнияти шаҳри Душанбе буд, иттифоқ уфтод. Ин шиносоии мо дар охири солҳои навад, замони ҳамкориам бо бародараш Абдулмумин сурат гирифта буд. Гоҳ-гоҳ дар маъракаҳои оилавиашон ҳамдигарро медидем, як-ду бор ба меҳмонии ҳамдигар низ даъват шуда будем.

Замони раиси кумита таъин шудани ӯ бо воқеае рабт дорад, ки дар хотири ман нақш бастааст. Рӯзе ҳамкорам Исмоил ба ман муроҷиат кард, то дар раҳоии як хешовандаш, ки корманди амният буда ва бо ҷурми гирифтани ришва кораш ба боздошт кашида буд, мусоидат намоям, зеро медонист, ки ман бо роҳбари навтаъини кумита Саймумин Сатторович шиносоӣ доштам. Асли қазия аҷибу ғариб буд. Раиси кумита вақте мефаҳмад, ки кормандаш аз фарди корафтодае ришваи калон гирифтааст, ӯро ба утоқи корияш даъват карда, мегӯяд:

– Ман ин ҷо роҳбарам ва панҷоҳ дарсади ҳар пуле, ки ба даст меояд, ҳаққи ман аст! Ту чаро риоя намекунӣ?!

Корманд вақте инро мефаҳмад, хурсанд мешавад, ки "ҳампаймон"-и муътамаде пайдо кард. Тасаввур мекунад, ки агар бо раис ҳамнаво шавад, корҳои "бузурге" метавонад анҷом диҳад. Чун раисашро нашинохта буд ва зеҳнияти ришвахорӣ фарогир шуда буд, он бастаҳои пули ришвагирифтаашро ҳозир карда ва тақсимро ба уҳдаи раис мегузорад. Раис пулро ҳамчун исботи гуноҳ мусодира карда, ӯро боздошта буд ва Исмоил мехост ман восита шавам ва далолат кунам, ки накардам. Он замон аз зиракии Саймумин Сатторович аҷабам омада, ин ҳодиса дар зеҳнам нақш баста буд, зеро ришвагирӣ яке аз ҷиноятҳои душворисбот аст. Ягона исботи мутмаини ин ҷиноят боздошт ва мусодираи ришва аст, ки шоҳиди бебаҳс дониста мешавад.

Дар солҳои баъдӣ ду воқеа сабаб шуд, ки шиносоии ман бо ӯ наздиктар шавад. Бемориҳои музмини модари ин хонадон дар охирҳои умраш рӯ зад. Боре Абдулмумин ӯро барои табобат ба бемористони мо бистарӣ карда буд. Пиразан бо парасторони бемористон унс гирифта буд ва баъд аз ин ҳар гоҳ мариз мешуд, исрор мекард, ки фақат дар бемористони Ибни Сино бистарӣ бишавад. Чун беморияш музмин буд, сари ҳар чанд вақт бистарӣ шуданаш лозим меомад. Замони бистарии ӯ Саймумин Сатторович ба аёдаташ меомад ва ман ӯро пешвоз мегирифтам ва гусел мекардам. Ҳамеша баъд аз бистарӣ ва табобат шудани модараш ба ман занг зада, он қадр сипосгузорӣ мекард, ки маро дар хиҷолат мемонд, воқеан ман чунин миннатдориро аз кам касе вохӯрдаам. Одатан, баъзе мансабдорон ба худашон муносибати вижа талаб мекунанд ва ҳеч миннатдорӣ эҳсос намекунанд, гӯё ҳама аз эшон қарздор бошад. Вале ин мард аз он зумра набуд.

Ҳангоми яке аз ин ташрифҳо ӯ аз дарди камар ва фишори номуназзам шикоят кард. Ташхис нишон дод, ки сабаби дард ва хурӯҷи фишорбаландӣ кистҳо дар гурдаҳояш буд. Қабл аз он ки дар соли 2010 раиси Кумитаи амнияти миллӣ таъйин шавад, ӯ чанд сол сафири Тоҷикистон дар иттиҳодияи Аврупо шуда, кор карда буд. Аз наворҳои панҷ-шаш сол пеш дар Аврупо, гирифтааш маълум мешуд, ки ин кистҳо он замон низ вуҷуд доштаанд ва мегуфт, ки ин ҳама сол ранҷ кашида, вале таҳаммул кардааст.

Пизишкон ба ӯ амали ҷарроҳӣ тавсия карданд. Ӯ тасмим гирифт, ки ҷарроҳӣ бишавад, вале мехост ҳамагӣ як рӯз бистарӣ бошад, на бештар. Ниҳоят рӯзе интихоб шуд ва ӯро барои амал омода мекарданд. Тибқи коргузорӣ дар бемористон баъд аз бистарӣ шудани мариз ва комил шудани ташхис,

пеш аз ҷарроҳӣ бояд ризояти катбии мариз ва ё наздиконаш гирифта бишавад. Ӯ хабар додан ба хонаводаашро қатъиян манъ кард ва эълон кард, ки тамоми аснодро худаш имзо мекунад. Одатан, пайвандони бемор рӯзи ҷарроҳӣ ба бемористон омада, то тамом шудани ҷарроҳӣ меистанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ пизишкон бо онҳо машварат мекунанд ва онҳоро дар ҷараён нигоҳ медоранд. Чун Саймумин Сатторович ба хонаводааш хабар доданро манъ кард, ягона шахси наздики ӯ ман мондам. Ҳамин тавр, ӯ дониста ё надониста, масъулияти сангинеро ба дӯши ман бор кард. Хушбахтона, рафти ҷарроҳӣ бе авориз гузашт ва он шаб ӯ дар зери таъсири доруҳои беҳушӣ хобид.

Рӯзи баъд аз амал исрор кард, ки ӯро ҷавоб диҳанд. Пизишкон аз ҳайбати ӯ хоҳишашро рад карда наметавонистанд, вале аз аворизе, ки метавонист иттифоқ уфтад, нигарон буданд. Дар ниҳоят ба қарор омаданд, ки бо кафолати сардухтури Кумитаи амният, бо тавсияҳои шадид ӯро мураххас кунанд. Ӯ нисфирӯзии рӯзи пас аз амал ба кор рафт.

Саймумин Сатторович бо ҳамон арзишҳое, ки ман доштам, зери таъсири осори классикони адабиёти мо устодон Рӯдакиву Ҳофиз, Садриддин Айниву Улуғзода ва ғайра бузург шуда буд. Ман ӯро шахсияти зираку доно ва тавоно, вале самимӣ ва фурӯтан ёфтам.

Умуман, ҳамчун шахси муассир дар бораи ӯ зиёд менависанд, вале аксар иттилооти мавҷуд нокомил ё комилан хатост. Масалан, тарҷумаи ҳоли расонаии ӯ бо асл мувофиқат намекунад. Ӯ ҳанӯз аз замони шӯравӣ пас аз хатми донишгоҳ ва хидмати аскарӣ ба хадамоти бехатарии Иттиҳоди Шӯравӣ истихдом шуда буд, дар ҳоле, ки дар шарҳи ҳоли расонаияш тамоман чизи дигар менавиштанд. Сабаби ин шояд махфӣ нигоҳ доштани иттилоот аз сӯи хадамоти бехатарии

Иттиҳоди Шӯравӣ ва баъдан хадамоти махсуси Тоҷикистон буда бошад.

Мухолифони ҳукумат ӯро сабабгори аксари мушкилоти худ мепиндоранд, бахусус исломиён ӯро сабаби аз майдони сиёсат ронда шуданашон медонанд. Вале дар як фикр ҳама иттифоқи назар доранд ва он ин ки ӯро яке аз мағзҳои мутафаккири ҳукумат медонанд. Дарвоқеъ, ӯ як пояи устувори давлатдории навини Тоҷикистон аст.

Саймумин фарди шӯхтабъ, зарофатгӯй ва хушсухан аст. Зарофатгӯиҳои зиёд аз ӯ дар ёд дорам. Умедворам, рӯзе он нақлҳои ҷолибро аз навиштаҳои худи ӯ бихонем, зеро соҳибқалам аст ва шеваи баёнаш ҷолиб ва хонданитар аст.

Ман боз чанд ҳикояти хурде аз мушоҳидаҳоям меорам, ки шахсияти ин марди муассир дар тақдири кишварро ба хонанда то дараҷае кушода медиҳад.

Солҳо баъд аз ошноӣ, ман дар ҷанозаи модари ин хонадон иштирок доштам. Вақте ба ӯ арз карданд, ки муфтии мусулмонони кишвар мехоҳад аз Душанбе роҳ уфтад ва намози ҷанозаро шахсан адо кунад, ӯ шадидан ин пешниҳодро рад кард ва гуфт:

– Ҳеч ниёзе ба таъхир нест, ҷанозаро ҳамин муллои деҳ мисли ҷанозаҳои одамони дигар мехонад!

Кори мақомоти қудратиро ба кори бемористон ташбеҳ медиҳад. Мегӯяд, ҷомеа низ мисли одамон бемориҳо дорад ва вазифаи мақомот табобати он аст. Ба фикри ӯ, ҳамон тавре ки бисёр бемориҳо ба ҷарроҳӣ ниёз надоранд ва бо дору табобат мешаванд, баъзе ҷинояткорон ниёз ба зиндонӣ шудан надоранд. Бояд бо роҳи фаҳмондадиҳӣ ислоҳ шаванд ва пайи кору зиндагиашон раванд.

Вақте аз ӯ ҳикояти он “ҷондор” -и ваҳширо, ки гулӯи пиразанро бурида буд, шунидам, мӯй бар баданам истеғ шуд

ва чун Саймумин Сатторович хомӯшӣ ихтиёр кард, пурсидам:

– Баъд тақдири ҷондор чӣ шуд?

– Ҳукм гирифт, зиндон шуд, – ҷавоб дод ӯ.

– Шумо наметавонистед ӯро нобуд кунед?! – фиғони дили ман дар омад.

– Ҳукму ҷазо кори додгоҳ аст, вазифаи мо ошкор кардани ҷиноят ва боздошти ҷинояткор аст, – ҷавоб дод ӯ.

Рӯзе сармуҳандиси бемористон Фахриддин ба ман муроҷиат кард. Аз қавли ӯ Толеъ ном хоҳарзодаашро кормандони Кумитаи амният бе ҳеч сабабе озор медоданд. Ман боварам наомад ва аз худи Толеъ шарҳ пурсидам. Аз суханони ӯ бармеомад, ки ҳамсояаш тухмат карда, ки ӯ равияҳои салафиёнро тарғиб мекунад. Мегуфт, ҳар рӯз ӯро даъват карда, аз саҳар то бегоҳ озору азият мекунанд, то гуноҳҳои накардаашро ба гардан бигирад. Ман, ки Фахриддинро ҳамчун як марди беозор ва таҳсилдидаву дур аз ифрот медонистам, фикр кардам, ки набояд аз чунин авлод шахси мутаассибу ифротгаро бароя ва аз амали кормандони амниятӣ сахт нороҳат шудам ва дар вохӯрии баъдӣ масъаларо ба Саймумин Сатторович арз кардам. Ӯ ваъда кард, ки ҳатман баррасӣ мекунад ва агар касе Толеъро бегуноҳ озор дода бошад, ҳатман чора мебинад. Пас аз ду–се рӯз муҳандис Фахриддин боз ҳам муроҷиат кард, ки таъқиби Толеъ қатъ нашудааст. Ман чун дар бегуноҳии Толеъ мутмаин будам, фикр кардам, шояд Саймумин Сатторович аз серкорӣ хоҳиши маро фаромӯш кардааст ва дар вохӯрии навбатӣ боз ҳам ин мавзӯъро матраҳ кардам. Вале ӯ фаромӯш накарда буд, балки қазияро хеле хуб омӯхта будааст. Ӯ ба ман ному насаб, таърихи таваллуд, ҷои истиқомат, аҳволи оилавии Толеъро муфассал гуфт ва илова кард: "модараш фавтидааст, падараш аз

сактаи мағзӣ фалаҷ хоб аст, ӯ ягона шахси коромади он оила аст. Ӯро вақти дар муҳоҷирати корӣ буданаш дар Маскав фалон нафар ба равияи салафия ҷалб кардааст. Роҳбари ин гурӯҳ фалонӣ дар Олмон аст ва ҳисоботи суҳбатҳои телефонии Толеъ бо ин ду нафар дар парванда мавҷуд ва ӯ дар деҳааш ба таблиғи идеяҳои онҳо машғул аст."

Ман зери бори хиҷолат мондам, зеро дар коре ки набояд дахолат мекардам, дахл карда будам, бовар карда будам, ки дар ҳақи Толеъи бетолеъ зулм раво дида мешавад.

Саймумин Сатторович дар идома гуфт: "Агар корманди қобили эътимоди шумо хеши ӯ бошад, хоҳиш кунед калонони авлодашро даъват кунад ва дар ҳузури онҳо ваъда диҳад, ки аз ин корҳо даст мекашад, мо бо ҳамин шарт ӯро раҳо мекунем, зеро мо ҳам намехоҳем, ки ҳаёти ӯ ва дигар ҷавонон дар зиндонҳо бисӯзад."

Вақте ман дар ҳузури Фахриддин ва бародари бузурги Толеъ номи он ду нафарро гирифтам, онҳо ба сари ӯ шӯриданд, ки ҳоло ҳам бо онҳо алоқа дорад. Он ду нафар ҳамчун мубаллиғони салафия маълум будаанд ва Толеъ қаблан ваъда карда буд, ки робитаашро бо онҳо қатъ мекунад. Яъне ин исботи гуфтаҳои Саймумин Сатторович буд. Ниҳоят зери кафолати хешовандонаш Толеъро раҳо карданд ва ӯ пайи зиндагияш рафт.

Замони хидмати ҳарбӣ ман ҳамагӣ ду-се бор фармондеҳони аршад – ҷенералҳоро дида будам. Онҳо он қадр сахтгиру ҷиддӣ буданд, ки дар ҳузурашон ҳатто афсарони хурдтарро ларза мегирифт. Саймумин Сатторович аз қабили ҳамонҳост. Дар муносибат бо наздикону дӯстон хеле меҳрубону фурӯтан бошад ҳам, дар кор сахтгир аст. Чанд бор дар сафараш ба ноҳияҳо ҳамроҳ будаам ва бархӯрдашро бо беназмиву бетартибӣ мушоҳида кардаам. Боре дар роҳ аз ши-

шаи мошин дидем, ки як гурӯҳ низомиён дар канори роҳ хайма мезаданд. Ӯ дастур дод ва ронанда мошинро ба назди онҳо ронд. Вақте ӯ бо либоси ҷенералӣ аз мошин пиёда шуд, фармондеҳи гурӯҳ ба зердастонаш фармони "низом" дода, ба пешвози ӯ омад ва арз кард. Ҷенерал фармон дод, ки гурӯҳ саф кашад. Ман аз тирезаи мошин саҳнаро тамошо мекардам. Низомиён саф кашиданд. Онҳо либоси саҳроӣ дар тан доштанд, вале либоси чанд нафар фарқ мекард ва ғайр аз ин чанд нафар бо риши расида зоҳири номувофиқ ба оиннома доштанд. Ӯ интизоми гурӯҳро шадидан танқид карда, ба онҳо вақт дод ва ҳангоми бозгашт боз ҳам аз гурӯҳ боздид ва дар бораи аҳаммияти назму инзибот дар мақомоти қудратӣ суханронӣ намуд.

Вақте ба минтақаҳои кишвар сафар мекард, аз тамоми қисмҳои ҳарбӣ ва қисмҳои милиса дидан карда, бо сарбозу афсарон суҳбат мекард, агар вақти хӯрок бошад, бо онҳо ғизо мехӯрд, шароити зиндагияшонро баррасӣ мекард ва агар камбуде бошад, дарзамон ба рафъаш ёрӣ мерасонд. Ба дарсҳои омӯзишӣ, таъмини қисмҳо бо китобу рӯзномаҳо аҳаммияти махсус медод. Якҷоя бо сарбозу афсарон Суруди миллиро мехонд.

Ин дӯсту бародари азиз ҳоло дар мансаб ва дар хидмати миллат аст, Худо ба умру обрӯяш бияфзояд!

## РАФТОРИ НЕК, ГУФТОРИ НЕК, ПИНДОРИ НЕК

Чунин ба назар мерасад, ин некукорӣ, ки асли фарҳангу тамаддуни моро ташкил медиҳад, шӯхии шаруре бо мо бозидааст. Мисли фармудаи Исои Масеҳ, ки агар шаппотие ба як рӯят бизананд, рӯи дигаратро пеш ор,

мардуми мо даркору нодаркор некӣ пеша кардаанд. Дар муқобили душманон, ки ба сарашон теғ мекашидаанд, сар хам мекардаанд. Некукорӣ бояд макону замон дошта бошад, на дар ҳама ҳолат ситуданист. Агар дар муқобили касе, ки ҳақатро мехӯрад ё туро таҳқир мекунад, некӣ кунӣ, он ҳамоқатест, ки бештар тарсуӣ талаққӣ мешавад!

Дар китоби "Таърихи Байҳақӣ" ҳикояте ҳаст дар боби бар дор кардани Ҳасанаки вазир. Пас аз ба дор кашидани Ҳасанак, сари ӯро бо баҳонаи фиристодан ба халифа ҷудо мекунанд. Байҳақӣ аз қавли Булҳасани Ҳарбалӣ нақл мекунад, ки рӯзе Бӯсаҳли Завзанӣ дӯстони худро ба зиёфат даъват мекунад ва барои масхара кардан, ба ҷои як хӯрок дар табақи сарпӯшдор сари Ҳасанакро меорад. Рӯзи дигар ба маломати дӯсташ чунин ҷавоб медиҳад:

– Ай Булҳасан, ту марди мурғдилӣ, сари душманон чунин бояд!

Дар замони шӯравӣ на ҳамаи сарҳадҳои байни ҷумҳуриҳо дақиқ муайян шуда буд. Чанд бор тақсимот гузаронида буданд ва ғайр аз ин тибқи зарурат ҷумҳуриҳо заминҳои ҳамдигарро иҷора мегирифтаанд. Байни Тоҷикистону Қирғизистон низ ҳамин радду бадал шуда буд. Тоҷикистон дар ҳамсоягии ноҳияи Ҷиргатол аз Қирғизистон замин иҷора карда ва Қирғизистон аз мо қисми заминҳои ноҳияи Исфараро иҷора гирифта буд. Тоҷикистон баъд аз фурӯпошии Шӯравӣ заминҳои иҷораи қирғизҳоро баргардонда бошад ҳам, он замон заминҳои худро бозпас нагирифт. Дар заминҳои барои чарогоҳ иҷора гирифтаашон қирғизҳо деҳаҳо бино кардаанд ва то имрӯз онро баргардондан намехоҳанд. Ба ҳамин сабаб марзҳои байни Тоҷикистону Қирғизистон дар минтақаи Исфара муайян нашудаанд ва зуд – зуд байни сокинони ду кишвар низоъ мехезад.

Рӯзе дар ин мавзеъ байни тоҷикону қирғизҳо кашокаш ба вуҷуд меояд ва ду нафар марзбони тоҷик онҳоро ҷудо карданӣ мешаванд. Теъдоди зиёди марзбонони қирғиз ба сари онҳо рехта, халъи силоҳ карда, бо дастҳои баста ба замин хобонда, аксу наворбардорӣ ва дар интернет пахш карданд.

Саймумин Сатторович баъд аз чанде бо раиси кумитаи бехатарии Қирғизистон вохӯрд. Вақте ҷенероли қирғиз мехоста, ки барои он ҳодиса узр биёрад, Ятимов қатъиян ҳарфи ӯро буридааст:

– Узрхоҳӣ ниёз нест, айб дар марзбонони мост, ки аз силоҳ истифода набурданд, онҳо ҷазояшонро мегиранд!

Дар дафаъоти ахир, вақте қирғизон дар марз тавтиа месозанд, Саймумин Сатторович дар аввалин фурсат ба он ҷо ҳозир мешавад ва ду бори охир ҷавоби дандоншикан ба ҳамлаи онҳо ташкил кард. Гурӯҳи "Алфа" – и Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ба таври барқосо ҳамаи заминҳои ғасбшудаи моро озод кард ва дар музокирот ин бор ҳам намояндаи қирғиз ваъда кард, ки роҳи Ворухро дигар намебандад ва масъалаи марзҳо бо роҳи гуфтушунид ва музокирот ҳал карда мешавад. Бибинем ин бор то кай ба ваъда пойбанд мемонанд...

## ЧУНИН ГУФТ ХОҶА АБУЛФАЗЛИ ДАБИР

Дӯсти азизу донишмандам, устоди илми таърих Сайфуллоҳи Муллоҷон лутф карданд ва як нусха китоби "Таърихи Байҳақӣ"-ро, ки ба сирилик баргардон карда буданд, ба банда фиристоданд. Вақте китоб ба дастам расид, чанд саҳифаи аввалро хондаму аз даст гузоштам. Аввалан, забонаш як каме печидаю мураккаб менамуд (бар асари

содасозӣ ва ба дарки омма наздик кардани забон дар замони шӯравӣ, мо тоҷикони шӯравӣ хеле содахон шудаем), таваҷҷуҳи хосса мехост, то зеҳн бо он ошно шавад ва сонияан, вақт металабид. Китоб ҳамоно дар кунҷи мизи кориям меистод. Рӯзе феҳристашро варақ задаму аз "Зикри бар дор кардани Ҳасанаки вазир" гузашта натавонистам. Ҳикояти он фоҷеаи ибратбахшро хондаму дигар китобро аз даст нагузоштам, зеро мутобиқат бо забон ҳосил шуд ва муҳтавои китоб зеҳнамро тасхир кард.

Абулфазли Байхақии дабир бо як сабку забони хос муъҷизае офаридааст. Асар аз лиҳози таърихӣ бебаҳо, забонаш равону ширин ва муҳимтар аз ҳама, мувассақ навишта шудааст. Қобили зикр аст, ки аввалин бор вожаи тоҷик дар ҳамин китоб ҳак шудааст. Мутаассифона, қисмати то ба мо расида як ҷузъи хурди осори ин муаллифи забардаст мебошад. Вале, гарчанде китоби то ба мо расида фақат ба даврони Масъуд (1030-1040) бахшида шудааст, дар он ишораҳои фаровон ба ҳаводиси гузашта ва ҳатто оянда ба назар мерасанд.

Муаллиф ба воқеаҳои таърихӣ бидуни таассуб баҳои арзанда медиҳад. Бо вуҷуди он, ки худ аз дарбориёни Ғазнавӣ буд, ба ҳеч руй аз ҳақ дарнамегузарад ва ҳамвора зулму истибдодро накӯҳиш мекунад. Дар бораи Султон Масъуд мегуяд:

"Дар ӯ истибдоде қавӣ буд ва хатоҳо рафтӣ дар тадбирҳо."

Ҳеч гоҳ аз инсоф намегузарад, натанҳо ба аъмоли атрофиён, балки ҳатто ба аъмоли худ ба "чашми хирад" менигарад. Ба хонанда дарси хирад медиҳад, хоҳ нохоҳ хонанда аз ӯ панд меомӯзад: "Ва ҳар банда, ки Худои азза ва ҷалла ӯро хиради равшан ато дод ва бо он хирад, ки дӯсти ба ҳақиқат ӯст, аҳвол арза кунад ва бо хирад дониш ёр шавад ва ахбори гузаштагонро бихонад ва бигардаду кори замонаи хеш нигоҳ

кунад, битавонад донист, ки некӯкорӣ чист ва бадкирдорӣ чист ва саранҷоми ҳарду хуб аст ё на ва мардумон чӣ гӯянду чӣ писанданд ва чист, ки аз мардум ёдгор монад некӯтар."

Пайваста нақли таърихро бо мисолҳои омӯзанда ороиш медиҳад. Вале дар овардани ин мисолҳо низ саъй мекунад, ки сарчашмааш муътамад бошад, ин аст, ки муваффақ мешавад ва ба пуррагӣ эътимоди хонандаро ба даст меорад.

Хонанда ҳамроҳи муаллиф аз худхоҳиву кӯтоҳбинӣ ва истибдоди Султон Масъуд ба сутӯҳ меояд. Султони худхоҳ алайҳи ҳушдори вазир, ки хатар ба Хуросон зиёд аст, тасмим мегирад, бо лашкар ба сӯи Табаристон равад. Бехабар аз ҳоли мардуму кишвар дастур медиҳад, ки аз Омулу Табаристон «зари нишобурӣ ҳазор ҳазор (миллион) динор ва ҷомаҳои румӣ ва дигар аҷнос ҳазорто ва махфурию қолӣ ҳазор даст ва панҷ ҳазорто киш» биситонанд. Вақте омулиён арз мекунанд, ки ин миқдор мол ин ҷо пайдо нест ва агар «хоста ояд, раоёро ранҷи бисёр расад», дастур медиҳад, то «Бӯсаҳли Исмоилро ба шаҳр бояд фиристод, то ба лат аз мардумон бистонад ва бар миқдори бисёр». Ва ҳақиқате, ки Байхақӣ шоҳидаш буда: «Оташ дар шаҳр заданд ва ҳарчӣ хостанд, мекарданд ва ҳар киро хостанд, мегирифтанд ва қиёматро монист…»

Ва хулосаи Байҳақӣ: «Ва бадномие сахт бузург ҳосил шуд…; ва ҳар кас, ки ин бишнид, суханони зишт гуфт…»

Ва сазои амал: "чун боз гаштем, бозиҳои бузург пеш омад."

Дар натиҷаи ин истибдоду кӯтоҳбиниҳо қисми кишвар валангор, мардум аз султон дилсард ва ниҳоят Салҷуқиҳо ба хоки кишвараш ворид мешаванду онро пора-пора мекунанд…

Ин Султони беандеша дарбориён ва лашкариёнро ба «падариён»-у «писариён» тақсим мекунад ва тасмимҳои хато

зиёд мегирад, ки оқибат сари худашро низ мехӯрад: «Ва корҳои ноандешида мукаррар карда омада буд дар муддати нуҳ сол ва оқибат акнун пайдо меомад.»

Ва дареғи он хама заҳамот, ки ҷадду падараш Сабуктагину Маҳмуд кашида буданд, ки ин писар бо худписандиву истибдод он ҳамаро барбод дод…

Хулоса, ин асар як кӯҳи алмосро монад ва бартарияш бар кӯҳ он аст, ки ҳеч гоҳе, касе онро наметавонад соҳибӣ кунад, вале ҳарки ақл дорад, метавонад аз он сабақ бигирад!

Ва агар ба ибораи худи Байҳақӣ "Ҳар чизе ба як бор хондан биярзад", ин шоҳкори ӯ ба сад бор хондан меарзад! Эй кош, китобҳои мактабиву донишгоҳии мо ин гуна навишта мешуданд…

Ба ин синне, ки расидам, дақиқан ба хулосаи Байҳақӣ расидам, ки ин дунё ба «пашизе наярзад» ва агар коре метавон кард, фақат некӣ бошад, ки некномӣ боқӣ гузорад. Ва ин некномӣ аз устод гаштан дар пешаи худ ҳосил шавад. Ҳамон тур, ки ин пири хирад мисол аст, ки дар пешаи худ устод гашта, таҷриба андӯхта, неку бадро шинохта ва шоҳкоре таълиф карда ба мо гузошта ва номи худ сабт карда, вагарна аз он рӯзгор то ин сад ҳазор сад ҳазор нафар гузашта ва аз кам касе чунин ном ва нишоне монда. Инсон бояд худро бисозад ва он худсӯзӣ биталабад. Дареғо, ки ҷавониро сабуксарӣ хос бошад, ки панд нашнавад ва ин таҷрибаи ин ҷониб низ ҳаст. Ҳама иштибоҳот, ки кардам, аз ғурури ҷавонӣ ба худдонамӣ кардам, ҳамин тур, ки насиҳат мекунам, маро ҳам карда буданд, вале кора набуд. Дареғо, ки агар сар ба ҷо гузошта будам, ин замон корҳои зиёде тавониста будам ба сомон расонид.

# ЧУНИН АСТ РАСМИ ҚАЗОВУ ҚАДАР

***(Фирдавсӣ)***

Дар замони мактабхонии ман аз насри классикии форсӣ танҳо шаш ҷилди «Самаки Айёр» дар таҳияи Ҷумъабой Азизқулов ва Юсуфҷон Салимов ба мо дастрас буд. «Бадоеъ – ул – вақоеъ»-и Восифӣ қисман дар баргардон дастрас буд. «Наводир- ул – вақоеъ»-и Аҳмади Дониш дар китобхонаи мактаб мавҷуд бошад ҳам, қобили фаҳм набуд. Ростӣ, то ҳамин чанд сол қабл ман ба сабаби дур будан аз хати форсӣ, дар бораи дурри гаронбаҳое дар насри форсӣ, яъне «Таърихи Байҳақӣ» нашнида будам. Ин китоб воқеан дурдонаест дурахшон, ки паёми дабири фозил Абулфазли Байҳақиро ба рӯзгори мо расондааст.

Устод Рӯдакиро қофиласолори назми форсӣ меноманд, ки воқеист. Агар мехоҳем аз инсоф нагзарем, месазад ба пири хирад Абулфазли Байҳақӣ унвони қофиласолори насри порсиро қоил бошем. Аз осори ин абармард ҳамагӣ панҷ ҷилд китоб то ба мо расидааст, дар ҳоле, ки дар худи ҳамин китоб ӯ аз қисмҳои дигари навиштааш арз мекунад, вале мутаассифона, ҷилдҳои дигари осори гаронбаҳои ӯ то замони мо нарасидаанд. Ҳатман дар тохтутозҳои асрҳои баъд аз сӯи қавмҳои бадавӣ нобуд шудаанд. Ҳамин чанд ҷилди ба мо расида бозгӯи он аст, ки чӣ ганҷе аз даст рафта! Дар ин шоҳкор таъриху донишу ҳикмат бо забони ширине ба ҳам омехтаанд. Воқеан, ҳар қавме, ки меросбари чунин осор аст, ҳақ дорад ифтихор кунад. Нуктаи дигари ҷолиб ин аст, ки мо имрӯз бо гузашти тақрибан ҳазор сол ин матнро ба забони худ мехонем ва комилан мефаҳмем ва ширинбаёнӣ меомӯзем. Ман мутмаин нестам, вале шояд дар дунё дигар забоне набошад, ки соҳибонаш матни ҳазор

сол қабл навиштаро ба ин фасоҳат бифаҳманд. Зинда бод забони форсӣ!

Китоби ба дасти мо расидаи Байҳақӣ ривояти таърихии замони ҳокимияти султон Масъуд аз сулолаи Ғазнавиёнро дар бар мегирад. Дабир бо забони ширини форсӣ ба ғайр аз ҳикояти таърих афкори ҳакимонаеро ба мо аз қаъри асрҳо талқин мекунад, ки басо омӯзандаанд.

Ва нуктаи омӯзанда ин аст, ки дар таърихи Байҳақӣ мисолҳои зиёде ҳаст, ки дар замони мо назири он такрор шуд. Масалан, як ҳодисаи хеле пуршӯр, ки ба тақдири кишвару миллат таъсири амиқ гузошт, ошӯби Назарзода ном афсари вазорати дифоъ буд.

Байҳақӣ дар боби «Гирифтории сардори сипоҳ Асиғтакини Ғозӣ» ҳикояти ҷолиберо меорад. Дар аҳди Масъуди ғазнавӣ дар дарбори ӯ ду сипаҳсолори гарданкаш ба исми Арёруқ ва Ғозӣ будаанд, ки бо ҳам робитаи дӯстии қарин доштаанд. Қисме аз дарбориён ба ин ду сипаҳсолор душманӣ доштаанд ва аз онҳо ба султон Масъуд бадгӯӣ мекардаанд. Арёруқ, ки қаблан баъзе саркашиҳо зоҳир карда будааст, мавриди эътимоди султон набуда, рӯзе боздошт ва зиндонӣ мешавад. Ғозӣ ба сабаби боздошти дӯсташ ва муваффақияти бадхоҳонаш аз оқибати худ бадгумон ва навмед мешавад. Гурӯҳи душманонаш ба воситаи модари канизакаш ӯро ҳарчи бештар тарс медиҳанд ва ба иштибоҳҳо таҳрик карда, ниҳоят ӯро мутақоид мекунанд, ки султон мехоҳад ба зудӣ ӯро боздошт кунад. Байҳақӣ, ки аз тамоми сирру асрори дарбор огоҳ буд, мегӯяд, ки султон натанҳо ӯро боздошт карданӣ набуд, балки мехост сипаҳсолори Ироқ таъйинаш кунад. Дар натиҷаи иғво, Ғозӣ шабе бо сипоҳи худ фирор мекунад. Султон ба дунболи ӯ лашкар ва қосид мефиристад. Қосид Абдус ба назди Ғозӣ меравад ва мепурсад:

– Ай сипаҳсолор, кадом дев туро аз роҳ бибурд, то хештанро душманком кардӣ?

Ғозӣ ҷавоб медиҳад:

– Қазо чунин буд ва битарсониданд.

Фарҷоми кори Ғозӣ боз ҳамон боздошту зиндону марг буд.

Вақте дар моҳи сентябри соли 2015 ошӯби Абдуҳалим Назарзода рух дод, рӯзҳои аввал, ки давлат ба фурӯ нишондани он машғул ва фазои иттилоотӣ холӣ буд, шоеъае дар байни мардум паҳн шуд, ки воқеаро ин гуна тасвир мекард: дар Кумитаи амнияти миллии кишвар чун дар ҳар муассисаи дигари давлатӣ рақобат барои мансабҳо сахт буд. Як нафар аз муовинони раиси кумита орзуи раис шудан дошт. Ӯ ҳарчанд кӯшиш кунад ҳам, кораш барор намегирифт, зеро боварии Раисҷумҳур ба раиси кумита зиёд буд. Вақте ӯ дид, ки кораш барор намегирад, хост раиси кумитаро аз роҳ бардорад. Ин корро иҷро кардани худаш баробар ба худкушӣ буд, зеро қаблтар аз ин, ҳодисаи куштори намояндаи кумита дар Бадахшон иттифоқ афтода ва ӯ вокуниши шадиди ҳукуматро дида буд. Вале пайи иҷрои як дасиса мегашт, то роҳе пайдо намояд ва ба курсии мансаб нишинад.

Дар вазорати дифоъ Абдуҳалим Назарзода аз ҷангиёни собиқи мухолифон тибқи саҳмияи сифоиза кор мекард ва ба дараҷаи муовини вазир расида буд. Ин шахс дар Вазорати дифоъ хеле нуфуз дошт ва ҳикоят мекунанд, ки дар асл ҳама кор дар дасти ӯ буд. Муовини раиси кумита бо Назарзода робитаи дӯстӣ дошт. Ӯ тасмим гирифт, ки ҳамин Назарзодаро бар зидди раиси кумита бишӯронад ва мутмаин буд, бо қудрате, ки дар дасти Назарзода ҳаст, ӯ раиси кумитаро ба содагӣ аз байн мебардорад ва роҳро барои расидани ӯ ба

мансаб боз мекунад. Ором-ором ба гӯши Назарзода мехонд, ки раиси кумита дар бораи ӯ иттилоъ ҷамъ мекунад ва саъй дорад розигии Раисҷумҳурро барои боздошти ӯ бигирад. Ба андешаи муовин, Назарзода бояд ба ҷони раиси кумита суиқасд ташкил мекард. Рӯзе ӯ ба Назарзода, ки дар таҳлука афтида буд, эълон кард, ки имшаб ӯро боздошт хоҳанд кард. Назарзода, ки аз шумори мухолифон буд ва то ин дам ҳамаи сарони мухолиф дар боздошт ё зиндон буданд, осон ба доми фикандаи дӯсташ афтид ва он шаб бо гурӯҳе аз ҳам-маслаконаш силоҳ гирифта, ба кӯҳ паноҳ бурд.

Қабл аз ин бар асари дасисае дар Ғарм, мақомоти қудратӣ ба Аҳмадхӯҷа Низомов, яке аз фармондеҳони собиқи мухолифон иттиҳоми даст доштан дар ошӯбро баста, хонаашро тирборон карда буданд, вале ӯ тавониста буд ба кӯҳ паноҳ барад ва дар музокирот бо намояндаҳои ҳукумат даст надоштанаш дар ошӯбро исбот карда, зери кафолати шахсии Раисҷумҳур ба хонааш баргардад.

Назарзода ҳам фикр карда буд, ки баъд аз фирор ба кӯҳ бо ҳукумат вориди музокира шуда, бегуноҳияшро исбот мекунад ва барои зиндагии осоишта кафолат мегирад. Рӯзи дигар, вақте вазири дифоъ ба Назарзода занг зада мепурсад, ки чаро ин корро кард, ӯ гила карда мегӯяд, ки агар намегурехт, Кумитаи амният ӯро боздошт карданӣ буд ва эълом мекунад, ки фақат бо кафолати Раисҷумҳур бармегардад ва халъи силоҳ мешавад...

Дар вазъи халои иттилоотӣ ҳар гуна шоеъа бофтаву паҳн мешаванд. Вале агар ин ривоят дуруст бошад, ҷолиб аст, ки хеле ба воқеаи сипаҳсолор Асиғтакини Ғозӣ шабеҳ аст.

Ман тафсири ҳукуматро аз Вазири умури дохилӣ Рамазон Раҳимзода шунидам. Фитнаи Назарзода субҳи барвақти

рӯзи чоруми сентябри соли 2015 ташкил шуда буд. Пас аз нимашаб, пеш аз ҳама, ба идораи милисаи шаҳри Ваҳдат, ки тақрибан дар бист километрии ҷануби пойтахт воқеъ шудааст, ҳамла сурат гирифт, ки дар рӯзҳои баъдӣ навораш дар интернет пайдо шуд. Аслиҳаи ҳамлаварон аз як қисми низомӣ "дуздида" шуда буд. Дар натиҷаи оташи ҷавобии кормандони милиса ду нафар ҳамлагар кушта ва се нафари дигар захмӣ шуданд.

Тақрибан дар ҳамон замон гурӯҳи Назарзода, ки мақарраш дар гардиши фурудгоҳ будааст, аз анборҳои Вазорати мудофиа аслиҳа гирифта, барои ҳамла ба марказҳои давлатӣ дар пойтахт тайёрӣ медид. Тибқи нақша, аввал бояд милисахонаи шаҳри Ваҳдат тасарруф мешуд ва роҳ ба пойтахт аз ҷануб ба назорати онҳо медаромад, ки барои ақибнишинӣ дар ҳолати зарурӣ лозим буд.

Вале иттифоқан чанд нафари мусаллаҳи ин гурӯҳ дар гардиши фурудгоҳ ба чашми милисаҳои шабгард меафтанд ва дар байни онҳо тирпарронӣ сурат гирифт, ки навораш пагоҳи ҳамон рӯз дар интернет пайдо шуда буд. Дар ҳамин вақт хабари ноком шудани ҳамла ба милисахонаи Ваҳдат ҳам мерасад. То ин дам нерӯҳои вижаи Вазорати дохилӣ дар гардиши фурудгоҳ ҳозир шуда, ба ҷанг ҳамроҳ мешаванд. Вақте Назарзода ва ёронаш мефаҳманд, ки ба зудӣ роҳҳои атрофи шаҳр баста хоҳад шуд, аз тарси дар муҳосира мондан ба самти дараи Ромит фирор мекунанд.

Дар рӯзҳои баъдӣ ҳукумат бар зидди гурӯҳи Назарзода қувва фиристода, онро дар дараи Ромит маҳв кард.

# МУСАЛМОНОН, МУСАЛМОНОН, МУСАЛМОНӢ ЗИ САР ГИРЕД
## *(Мавлоно)*

“Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ”, дарвоқеъ, дастоварди бузурге буд ва пас аз халъи силоҳи фармондеҳони ҳарду тараф амнияти комил ба кишвар овард ва имкон дод, ки давлатмардон “дами беғам” зананд. Вале "дами беғам"–и ҳукумат мушкилоти дигар ба бор овард. Дар ин давра муборизаи жеопулитикӣ дар минтақа шиддат гирифт. Бо даромадани неруҳои НАТО ба Афғонистон, дар аввали солҳои дуҳазорум, нигаронии русҳо ва чиниҳо аз амнияти Осиёи Миёна боло гирифта бошад, Арабистони Саудӣ ва кишварҳои ҳампаймонаш баргаштани мухолифон ва бахусус Ҳизби наҳзати ислом ба Тоҷикистонро як навъ пурзӯр шудани мавқеи Эрон дар минтақа дониста, ба кор шурӯъ карданд. Онҳо дар муддати кӯтоҳ ҷавонони зиёдеро дар донишгоҳҳои исломии хориҷӣ таълим дода, ба кишвар ворид карданд. Ин ҷавонон асосан бо идеяҳои ифротии салафӣ муҷаҳҳаз буданд.

Дар замони наврасии ман дар Панҷрӯд баргузории расму маросим урфу одатҳои хос дошт. Деҳа сару сардороне дошт, ки ин маъракаҳоро роҳбарӣ мекарданд. Соҳибмаърака сарони деҳро пеш аз маърака ба хонааш даъват карда, маслиҳат мепурсид. Сарони деҳ дар ҳамин вохӯрӣ тарҳи баргузории ҷашнро мекашиданд. Агар ҷашндор доранда бошад, бо истифода аз фурсат ва имконоти ӯ барои аҳли деҳ хурсандие барпо мекарданд. Дар ин ҷашнҳо шабнишиние бо иштироки ҳофизон ё бузкашӣ баргузор намуда аз деҳаҳои ҳамсоя меҳмон даъват мекарданд. Ин ҷашнҳо хосияти исрофкорона ва пурзаҳмат доштанд ва саркорони деҳа онро ба

оилаҳои камбизоат раво намедиданд. Агар имконияти соҳибҷашн маҳдуд бошад, бо харҷи андак расмиётро ташкил менамуданд.Ҷашни ин гуна хонаводаҳо хоксорона баргузор шавад ҳам, касе онҳоро намехандид.

Дар маросимҳои азодорӣ дар Панҷрӯд аслан исрофкорӣ роиҷ набуд. Баръакс, дар хонаи шахси азодор то се рӯз хӯрок намепухтанд, балки ҳамсояҳо ба навбат ба ин хонавода хӯрок мефиристоданд. Ин расми хубе буд, зеро чи тавр метавон интизор дошт, ки оилае, ки азизи худро аз даст дода, ғарқи ғаму андӯҳ аст, ба хӯрокпазӣ машғул бишавад?! Баъдан дар рӯзҳои севум, ҳафтум, бистум, чилум ва солгарди фавт маросими хеле маҳдуде баргузор менамуданд, ки моҳияташ аз ёдбуди фавтида ва дуо кардан ба рӯҳи ӯ иборат буд.

Вақте ман аз ҷашну маросими қисмати ҷанубии кишвар огоҳ шудам, донистам, ки ҷашну маросим дар ин минтақа тамоман ба таври дигар баргузор мешудаанд. Дар байни ҷашндорон новобаста ба вазъи молии оилаҳо мусобиқа ҷорӣ буд ва хонаводае, ки ҷашни “бошукӯҳ” баргузор накунад, дар ҷомеа сархаму забонкӯтоҳ мешуд.

Як расми аҷибу ғариби дигаре, ки дар баъзе минтақаҳои ҷануб ҷорӣ буд, "ҷумъагӣ" ном дошт. Хонаводаи шахси фавтида ҳар бегоҳи панҷшанбе барои калонсолони маҳалла ва намозхонони масҷиди он зиёфат мероост. Теъдоди ин гурӯҳ баъзан ба чилу панҷоҳ нафар мерасид. Дар давоми як сол ҳар ҳафта азодори бечора ин харҷро бояд таҳаммул мекард. Дар ҳоли иҷро накардани ин расм он хонавода на танҳо забонкӯтоҳ, балки радди маърака мешуд. Одамони камбизоат низ маҷбур буданд ин расмро таҳаммул кунанд ва ноилоҷ ба қарз меғӯтиданд, ки ҳаёташонро барои солҳо талху ноком мекард. Ба илова дар рӯзҳои се, ҳафт, бист,

чил ва соли вафот маросими пурмасраф баргузор мешуд, ки як зиёфати густардаро мемонд. Ба фарқ аз Панҷрӯд, дар баргузории ин худоиҳо мардум бо ҳам мусобиқа мекарданд, агар яке гов кушад, дигаре ду сар гов забҳ мекард ва ғайра. Саршумори гову чорвои куштаи фалониву теъдоди худоихӯрони ташрифоварда ҳафтаҳо вирди забони ҳаммаҳалаҳо шуда, мусобиқаро тезутунд мекард.

Пас аз Истиқлол вазъи молии мардум ба шиддат таназзул ёфта, шиддати ин мусобиқаҳо кам шуд. Дар солҳои аввали Истқлол ин ҷашну маросим хоксоронатар баргузор шаванд, бо каме беҳ шудани ҳоли мардум аз роҳи мардикорӣ ин сабқат рӯҳияи тоза гирифт. Мардум фақат барои ҳамин ҷашну маросимҳо пасандоз мекарданд. Дар асл, ин харҷҳои бемаънӣ вазъи молии мардумро якбора бад мекард.

Кишварҳои хориҷӣ, бахусус мубаллиғони салафӣ, ки Тоҷикистонро ҳадафи жеопулитикии худ қарор дода буданд ва мехостанд дар кишвар нуфуз дошта бошанд, заъфҳои мардумро меомӯхтанд ва барои нуфуз ба он такя мекарданд. Табиист, ҳамин ҷашну маросимҳои пурхарҷ ва ҳоли бади мардум аз назари коршиносони онҳо дур намонд.

Салафия равияест, ки ба гуфтаи мубаллиғонаш, аз пайравонаш зиндагиро ба тарзи зиндагии пайғамбар тақозо мекунад ва ҳар чизи баъдан ба шариати исломӣ воридшударо куфру ширк медонад. Салафиҳо аз байн бурдани ҷашнҳои пурмасраф ва касодкунандаи мардуми тоҷикро ҳадаф қарор доданд ва то ҷое муваффақ ҳам шуданд. Намояндагони ин равия дар мадрасаҳои динии хориҷӣ таълим дида, ҳунари сухангӯии хуб доштанд ва тарғиби онҳо зидди ин маъракаҳои пурмасраф ба дили мардум менишаст ва ба зудӣ одамони зиёд пайрави онҳо шуданд.

Ҳукумат дар аввал, бахусус дар маъракаи интихоботии соли 2006, салафиҳоро дар мубориза бо Ҳизби наҳзати исломӣ ҳампаймони худ ҳисобида, ба фаъолияти онҳо аз паси панҷа менигарист. Вале баъд аз интихоботи мазкур пай бурд, ки онҳо "гӯй аз майдон" мебаранд. Шумори пайравони ин равия ба ҳадде расид, ки нигаронкунанда мешуд, бахусус дар байни равияи салафия ва рӯҳониён ва аҳли мазҳаби "ҳанафӣ", ки мазҳаби аслии мардуми кишвар аст, зиддият авҷ мегирифт. Дар асл, як фитна дар кишвар дуруст мешуд. Дере нагузашта, ҳукумат хатари ин тарқиш дар ҷомеаро ҳис кард ва дастбакор шуд. Саранҷом, дар аввали соли 2009 равияи салафия дар кишвар мамнӯъ эълон шуда, пайравони зиёди он ба зиндонҳо андохта шуданд, вале ҳукумат аз норозӣ кардани қисми зиёди мардум, ки то ҳол ба ин равия гаравида буданд, пешгирӣ намуд ва барои онҳо афве эълон кард ва ин фитна хобид.

Ҳукумат бо омӯхтани назарияи салафиён дарк кард, ки онҳо нуқтаи муҳимеро кашф кардаанд ва бо ба кор бурдани он метавон дили қишри камбизоатро, ки аксари аҳолии кишварро ташкил мекунад, ба даст овард. Барои истифода аз ин имкон дар соли 2007 Қонуни танзими расму русум қабул карда шуд, ки тибқи он барои баргузории ҷашну маросим меъёрҳо муайян гардид. Дар аввал ин қонун ба вокуниши шадиди қишри суннатгаро мувоҷеҳ шуд, ки онро шикастани суннату оинҳои ҷойуфтода ва иҳонат ба дину оинашон медонистанд. Вале ин қонун ҷой уфтод ва дар ҳақиқат он рӯҳияи сабқат дар харҷҳои миёншикани нолозимро аз байн бурд ва аз сӯи мардум хуб пазируфта шуд. Ҳар бадеро неке андар аст!

## БИГӮЯМУ НАКУНАД РАХНА ДАР МУСАЛМОНӢ
**(*Камолиддини Исмоил*)**

Дар солҳои ҳафтод ва аввали ҳаштоди асри бист дар вилояти Қурғонтеппаи онвақта нуфузи рӯҳониён дар байни ҷомеа зиёд шуда буд. Онҳо дар маъракаҳо ваъзгӯӣ мекарданд ва масҷиду мадрасаҳои пинҳонӣ ташкил карда буданд. Аз Ҳамрохон Зарифӣ, ки он солҳо корманди КГБ буд, шунидам, ки дар солҳои ҳаштодум муассисаи мазкур гурӯҳеро барои таҳқиқи фаъолияти пинҳонии исломиён дар Тоҷикистон ташкил карда буд. Ин гурӯҳ бо боздошт кардани чанд нафар шаҳрвандони Афғонистон дар яке аз деҳаҳои ноҳияи Даштиҷум, ки барои тарғиби дини ислом пинҳонӣ аз марз гузашта буданд, шабакаи густардаи махфиро ошкор кард ва аъзои он зиндон карда шуданд, ки Саид Абдулло Нурӣ яке аз онҳо ва ҷузъиёти он ҳаводис дар матбуот бозтоб ёфта буд.

Дар солҳои охири ҳукумати Шӯравӣ дар замони бозсозӣ дин озод шуд. Барои танзими масъалаҳои марбут ба дин Идораи қозиёти мусулмонони Тоҷикистон созмон дода шуд. Яке аз нафарҳои таҳсилдида дар мадрасаҳои динии дохил ва хориҷ Акбар Тӯраҷонзода масъули қозиёт таъин карда шуд, ки мардум ӯро Қозикалон меномиданд. Фаъолияти ин идора аз тарғиби дин ва танзими масҷиду мадрасаҳои динӣ иборат буд. Қозиёт ва Қозикалон хеле зуд дар байни мардум, ки дар замони шӯравӣ ташнаи дин гашта буданд, обрӯву эътибор пайдо карданд.

Соли навад, баъд аз ҳазфи моддаи шашуми Қонуни асосии Шӯравӣ, ки инҳисори ҳизби кумунистиро таъмин мекард, ташкили ҳизбҳои сиёсӣ имконпазир гашт ва Ҳизби наҳзати исломӣ сабти ном шуд. Аз он замон ин ҳизб ба му-

боризаи сиёсӣ шурӯъ кард ва дар ниҳоят ба бадбахтиҳои бузурги миллӣ оварда расонд. Аввалин иттифоқе, ки дар натиҷаи ташкили ин ҳизб ва ба майдони мубориза дохил шудани он уфтод, канор задани зиёиён аз майдони истиқлолхоҳӣ буд. Дар тазоҳуроти соли наваду як исломиён ибтикорро ба даст гирифтанд ва зуд гурӯҳҳои низомӣ ташкил карданд. Дар минтақаҳо аз нуфузи масҷид ва рӯҳониён, ки дар байни мардум маҳбубият доштанд, истифода мекарданд. Ҳизби наҳзати исломӣ ба навъе дар байни Худо ва бандагон миёнрав шуда буд. Пешвоёни он шиор медоданд, ки ҳар ки ба тазоҳурот дар майдони Шаҳидон напайвандад, кофир аст ва хонааш ҳаром ва ғайра. Дар натиҷа Ҳизби наҳзати исломӣ дар муддати кӯтоҳ ба як қувваи бузурги сиёсию низомӣ табдил шуд, ки дар мубориза бо коммунистгароён ба ҷанги шаҳрвандӣ ва дахолати Ӯзбекистону Русия анҷомид ва сабабгори бадбахтии бузурги миллӣ гашт. Умуман, ба мубориза сиёсӣ ворид шудани ҳизбҳои исломӣ абзорҳоеро аз қабили фатво ва ҷиҳод ба дасти коргузоронаш медиҳад, ки барои амнияти ҷомеа хатарноканд.

Дар аввали даҳаи дувуми солҳои дуҳазорум ташаннуҷи мубориза сиёсӣ дар байни ҳукумат ва Ҳизби наҳзати исломӣ ба авҷаш расида буд. Дар натиҷаи фитнаи Назарзода, сарони ҳизби наҳзатро ғайр аз раисаш, ки дар хориҷа қарор дошт, ҳамчун ташкилкунандагони кудато боздошт карданд ва Додгоҳи Олӣ рӯзи 29 сентябри соли 2015 ҳизбро террористӣ эълон намуда, фаъолияташро мамнӯъ кард.

Абдуллоҳ-ан-Наим, олими соҳаи фиқҳ дар рисолаи илмияш бо номи "Дар роҳи ислоҳоти ислом" ба воқеияти рӯз созгор набудани ҷумҳурии исломиро исбот мекунад. Бояд зикр кард, ки муаллифи рисолаи мазкур олими шинохтаи динист ва ба ҳеч ваҷҳ исломситез нест, балки мехоҳад

қонунҳои шариатро барои сохтани давлати исломӣ дар шароити имрӯза мутобиқ созад. Ӯ қонунҳои шариатро ба баррасӣ кашида, имконпазир набудани татбиқи онҳоро бо қонунҳои байналмиллалӣ таъйид ва ба зарурати ислоҳоти он таъкид мекунад.

Муаллифи он рисола дар чанд боб зарурати ворид кардани ислоҳот дар шариат ва созгор сохтани он бо қонунҳои истондорти имрӯзаро дар бахшҳои ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи байналмилал исбот мекунад. Дар атрофи муҳтавои аслии ин рисола, ки бо ворид кардани ислоҳот ба қонуни шариат сохтмони давлати исломиро имконпазир кардани мешавад, баҳс намекунам, ки кори мутахассисон аст. Нуктаи муҳими ин рисола ин аст, ки муаллиф бо қонунҳои байналмилалии рӯз мутаноқиз будани қонуни шариатро сароҳатан ба исбот расондааст. Ба гуфтаи ӯ, дар дунё ҳеч кишваре нест, ки дар он намояндагони як мазҳаб зиндагӣ кунанд ва ҷорӣ кардани қонунҳои шариат ва барпо кардани давлати исломӣ ба нақзи ҳуқуқи пайравони мазҳабҳои ғайр меоварад, ғайр аз ин дар масъалаи ҳуқуқи башар, бахусус ҳуқуқи зан нобаробарӣ ба вуҷуд меояд, ки ба меъёрҳои ҳуқуқи башари байнамилал мутобиқат намекунад. Барои исботи амалии ин нақзу таноқуз як нигоҳе ба кишвари ҳамсоя–Афғонистон кофист. Бо назардошти аҳаммияти вижаи ин масъала барои кишвари мо хондани он рисоларо ба алоқамандон тавсия мекунам.

Дар Тоҷикистон намояндагони дину мазҳабҳои зиёд зиндагӣ мекунанд ва барпо кардани давлати исломӣ ба нақзи ҳуқуқи пайравони дину мазҳабҳои ғайр меоварад ва ба амнияту субот мусоидат намекунад. Аслан, дар давлат ҳоким шудани идеоложиҳо ҳамеша ба фоҷеа овардааст, ки давлатҳои пешрафта таҷрибаи таърихии миллатҳоро омӯхта

ва ба ин натиҷа расидаанд, ки пайравӣ аз ҳар дину равия ва идеология бояд аз давлат ҷудо ва кори шахсии афрод бошад. Дар ҷомеаи Тоҷикистон ҳам бояд тавофуқе ҳосил шавад, ки фикри барпо кардани давлати исломӣ ё давлати идеологӣ канор гузошта шавад, вале озодии воқеии дину эътиқоди шахс таъмин шавад, зеро дини ислом дар тӯли зиёда аз ҳазор сол ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги мо шудааст. Имону эътиқод бояд кори шахсии инсон бошад. Дар асл маънои ибодат низ ҳамин аст. Шахс розу ниёзи худро мустақим бо Худованд мегӯяд ва ҳеч ниёзе ба миёнаравон надорад.

Аз Давлат Худоназаров нақли ҷолибе шунидам. Ӯ боре ба мансаби раёсати ҷумҳурӣ номзад шуда ва онро бохта буд. Ӯ гуфт, рӯзе ҳангоми намози ҷумъа ба масҷиди ҷомеъи маркази Душанбе рафтам, то ба намозгузорон муроҷиат кунам. Вақте ба дари масҷид расидам, аз дохил садои баҳс меомад ва чун аз худи ман ном бурда шуд, аз дами дар ба суҳбат гӯш додам. Яке аз намозгузорон аз толор мегуфт, ки мо аксари мардуми тоҷик аҳли суннатем, чӣ тур мумкин аст, ки Давлат Худоназаров, як шиъамазҳаб, ба мо раиси ҷумҳур шавад? Имоми масҷид дар ҷавоб ба он намозгузор гуфт, мо пешвои динӣ интихоб намекунем, ин интихоби Раисҷумҳур аст, набояд ба дину мазҳаби ӯ нигоҳ кунем, балки барнома ва тавоноии мудириятии ӯ муҳим аст. Давлат Худоназаров гуфт, ворид шудам ва дидам, ки имоми намози онрӯза эшони Тӯраҷон буд. Мисли ин ки он пир аз фақеҳони хирадманд буд.

Аз сӯи дигар, дар ҷомеаҳое мисли ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон, нақши дин дар тарбияи афроди ҷомеа басо созанда аст, ки дар оянда низ хидмати хуберо барои ҷамъият адо хоҳад кард.

## ТУРО ДОНИШУ ДИН РАҲОНАД ДУРУСТ
## *(Фирдавсӣ)*

Боре дӯстам Мирзои риш, ки ба тиҷорати сигор машғул буд, ба ман пешниҳод кард, ки метавонад як мошин сигор ба Панҷрӯд бифиристад, то ман фурӯши онро дар ноҳияи Панҷекат ташкил намоям. Мехост сигорро ба нархи умда бидиҳад ва мо бо нархи чакана бифурӯшем. Фарқи байни ду нарх зиёд буд ва муомила метавонист суди хуб орад. Ман бозорро омӯхтам ва дидам, ки ин муомила воқеан ба нафъ аст, бахусус ки Мирзо пешпардохт намехост ва танҳо баъд аз фурӯхтани бор ҳисоб кардан мехост.

Ман дар сари дастархони хонаи падар дар ин бора ҳарф боз кардам ва аз яке аз бародаронам, ки дар он ҷо мезист, хоҳиш кардам, ки сигорро қабул ва ба фурӯши он машғул шавад. Падарам, ки дар сари дастархон ҳузур доштанд, ба ман рӯ оварданд:

– Ман ба ту як маслиҳат медиҳам, ҳеч гоҳ ба тиҷорати сигор ва машрубот даст назан!

Ман, ки то ин дам фикр мекардам барои бародарам шуғли сердаромад эҷод мекунам, бе ҳеч суоле мақсади падарро фаҳмидам, як лаҳза лол шудам, сахт хиҷолат кашидам ва узр хостам. Падари азизи банда, ки дар рӯҳияи имону эътиқод тарбия ёфта буданд, фурӯши ин колоҳоро ҷоиз намедонистанд. Ман ҳеч гоҳ ба тиҷорати сигору машрубот машғул нашудам.

Ин насиҳати падарам ва дар замони аввали тиҷорат роҳи даромади маро пайгирӣ карданашон, аз ҳаромхӯрӣ ҳарос доштани кампири Робия, бархӯрди падару бобоям ба шаробхорӣ ва мисолҳои дигар, ки аз наздикону ҳамдеҳагон мушоҳида кардаам, бозгӯи нақши мусбати тарбияи дин дар ҷомеа аст. Дар

замони шӯравӣ ҳарчанд ба зидди дин мубориза мебурданд ва ақидаи атеистӣ тарғиб карда мешуд, мардуми тоҷик дар дохили хонаводаҳо фарзандонашонро аз фарқи байни ҳарому ҳалол огоҳ мекарданд. Ин тарбия, чи тавре ки аён мешавад, дар худдорӣ аз дуздиву ҳаромхӯрӣ, зулму ноҳақӣ, шаробхорӣ ва дигар ахлоқи нописандида мусоидат менамуд.

## ХОТИРОТИ КӮДАКӢ ОМАД БА ИСТИҚБОЛИ МАН

***(Шаҳриёр)***

Дӯсти азизи ман, устод Шодимуҳаммад Сӯфизода намунаи рӯшанфикрони замон аст. Ба наздикӣ кори илмии пурарзише дар мавзӯи "Май дар адабиёти форсӣ" ироа кард, ки қатрае аз дониши ӯст. Кори пурарзишаш фарогири мавзӯи мазкур аз умқи қарнҳо то ба имрӯз аст.

*Сӯфӣ ар бода ба андоза хӯрад, нӯшаш бод,*
*В-арна андешаи ин кор фаромӯшаш бод!*
*Он, ки як ҷуръа май аз даст тавонад додан,*
*Даст бо шоҳиди мақсуд дар оғӯшаш бод!*

Ҳофизаи инсон дар кӯдакӣ воқеаҳоро дақиқ сабт мекунад ва муносибат ба онҳо дар идомаи ҳаёт таъсир мегузорад. Агар падидае дар ҳофизаи шахс бо хосияти манфӣ сабт шуда бошад, баъдан дар ҳаёт ӯ ба зуҳури он падида ҳамеша манфӣ муносибат мекунад. Решаи амалу кирдори инсон аксаран дар нохудогоҳ аст. Чанд чиз аз замони бачагӣ ба нохудогоҳи ман асари амиқ гузоштааст.

Хонанда ёд дорад, ки ман дар китоби "Моҷарои рафта" зодгоҳам- Панҷрӯдро "деҳаи тиллоӣ" номида будам.

Дар зеҳни навраси ман Панҷрӯд ва ҷомеаи он воқеан боиси ифтихор буд. Дар тасаввури ман мардони панҷрӯдӣ ҳар кадом шабеҳи як қаҳрамони мусбат аз китобҳои хондаам буданд. Садамаи аввалине, ки ба ин зеҳнияти ман ворид шуд, ин буд:

Дар он замон дар Панҷрӯд чанд нафар иштирокчиёни Ҷанги бузурги Ватании солҳои 1941-1945 зиндагӣ мекарданд. Аз байни онҳо Рашид Ато ном мард хидматнишондода буд ва давлат аз ӯ қадрдонии хос мекард. Ба ӯ мошини ройгон дода буд ва нафақаи хуб ҳам мепардохт. Ин мард дар зеҳни ман Рустами Дастон буд. Ӯ солхӯрда ҳам бошад, тануманд буд ва чун дар ҷанг аз пояш тир хӯрда буд, як зонуяш хам намешуд ва бинобар ин ба асои кӯтоҳе такя карда роҳ мерафт, ки салобаташро бештар менамуд. Қиёфаи ӯ низ ба танаш муносиб ва салобатдор буд. Хулоса, Рашид Ато ҳам дар назди давлат ва ҳам дар ҷомеа як фарди бообрӯ ва намоён ҳисоб мешуд.

Рӯзе дар деҳа овоза шуд, ки ҳамин мардак дар шаҳри Самарқанду атрофи он гадоӣ мекардааст. Ин овоза дар деҳа печид ва ҳамаи сокинонро шокӣ кард. Маҳз ҳамин овоза ба зеҳни навраси ман садамаи аввалини сахт зад. Магар кадом тоҷик мехоҳад Рустами Дастонро дар гадоӣ бибинад?!

Воқеаи дигаре, ки зеҳни маро дар наврасӣ сахт муттаассир карда буд, ба Соқӣ Ашраф ном мард робита дошт.

Дар Панҷрӯд ҷурму ҷиноят вуҷуд надошт, сокинон мисли аъзои як хонавода дар фазои дӯстиву бародарӣ, тибқи меъёрҳои ахлоқии суннатӣ зиндагӣ мекарданд. Ҳар амале, ки аз доираи суннату одатҳои қабулшуда берун бароянд, сахт маҳкум мешуд. Масалан, дар Панҷрӯд расм буд, ки хурдон ба калонсолон салом бидиҳанд. Агар хурде аз иҷрои ин амр сарпечӣ мекард, мавриди накӯҳиши кулли сокинон қарор

мегирифт. Ман боре ҳам нашунида будам, ки касе ба додгоҳ кашида шуда бошад ё барои касе қонун ҷазо таъин карда бошад. Рӯзе дар деҳа миш-миш шуд, ки Соқӣ Ашраф аз зиндон озод шуда, ба деҳа баргаштааст. То ин дам ман аз вуҷуди чунин панҷрӯдӣ хабар надоштам, дар ҳоле, ки ҳар як сокини деҳаро то кӯдаки гаҳвора медонистам. Қабули ин ки як панҷрӯдӣ зиндонӣ бошад, бароям бисёр сахт буд. Ман қарор кардам, ки Соқӣ Ашрафро бибинам, зеро то ҳол дар зеҳнам зиндониён ё ба шакли маҳбусони конслагерҳои замони ҷанг лоғару хароб ё ба навъи ҷинояткорони аҳёнан дар филмҳо дидаву дар китобҳо хондаам зиштрӯву девмонанд шакл гирифта буданд. Соқӣ Ашраф марди газгӯшт ва қоматбаланду сиёҳҷурда буда, лаби поинаш доим боз ва дандонҳои зераш моил ба берун ва доим намуда меистоданд. Дар умум ӯ на ба маҳбусони конслагер ва на ба ғӯлони ҷиноятпешаи зеҳни ман шабоҳат дошт, вале боз ҳам зиндонӣ будани ӯ дар зеҳни ман рахнае зад ва қолабҳои сохтаи "панҷрӯдӣ"-и маро каме халалдор кард.

Як воқеаи дигар ҳам аз бачагӣ дар хотирам нақш бастааст, ки ман онро муфассалтар нақл мекунам, зеро агар он, аз як сӯ, ғариб бошад, аз сӯи дигар, омӯзанда ҳам ҳаст ва мутмаинам аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Ногуфта намонад, ки ин воқеа ба Соқӣ Ашраф ҳам рабт дорад.

Рӯзе аз рӯзҳои Наврӯз буд. Мо дар хирманҷои болои деҳа бозӣ мекардем. Ногоҳ дидам, ки як гурӯҳ бачаҳо дар хамие ҷамъ шудаанд. Ман ва ҳамроҳонам донистанӣ шудем, ки чӣ иттифоқе уфтодааст ва давида ба он ҷо рафтем. Онҳо дар атрофи Мутеъ ном бача, ки дар замин беҳуш уфтода буд, ҷамъ шуда буданд. Як–ду нафар Мутеъро ба ҳуш овардан ӣ мешуданд, вале ӯ тамоман ба мурда монанд буд. Ҷисми ӯ дар даруни лой хобида буд. Ӯ он рӯз либосҳои на-

ви оҳарӣ пӯшида буд. Пироҳани сафеди оҳарияш лойолуд шуда, фақат гиребон ва ҷой-ҷойи тоза мондааш аз нав ва оҳарӣ буданаш дарак медод. Шалвори ба лой ҷӯлидааш поин фуромада, бадани урёнаш низ лойолуд шуда буд ва дар назари бинанда ӯро дар ҳоли зор нишон медод. Маълум шуд, ки Мутеъ, ки ду-се сол аз ман калонтар буд, он рӯз бо чанд нафар ҳамсинфаш шароб нӯшида буд. Аз истеъмоли зиёди шароб ӯ беҳуш шуда буд ва ҳамроҳонаш тарсида, ӯро партофта рафтаанд. Ҳар гоҳ, ки гап дар бораи шаробнӯшӣ ва мушкилоти ба бор меовардаи он равад, он воқеа дар назарам ҷилва мекунад, бахусус, ки ин одати бад ниҳоят нақши фоҷеаборе дар қисмати Мутеъ дошт.

Мутеъ, ки дар Панҷрӯд мағоза кушода буд, солҳои охир дар шаробнӯшӣ зиёдаравӣ мекард. Рӯзе дар шаробнӯшии навбатӣ, дар сари баҳси қарз ӯ бо ҳамқадаҳаш ҷанҷол мекунад ва он ҳамқадаҳ бо корд ба Мутеъ ҳамла карда, чандин захм ба ҷисми ӯ мезанад ва пас аз афтодани Мутеъ сарашро бурида, аз тан ҷудо мекунад. Ман қотилро надида будам, зеро ӯ аз наслҳои нави Панҷрӯд аст, ки ман онро намешиносам. Вале шунидам, ки ӯ ҷисман нисбат ба Мутеъ бузург ва боқувваттар аст. Писархолаам Шодимурод, ки дар додгоҳ иштирок дошт, гуфт, вақте додрас аз ӯ пурсида буд, ки чаро баъд аз ин ҳама корд задан сарро аз тани он ҷисми беҷон ҷудо кард, ҷавоб додааст, ки ман тарсидам, ки бархезад ва маро занад. Аз таъсири шароб дар зеҳни ваҳмзадаи ӯ аз дарку дониш чизе намонда ва комилан ба таври ғаризаӣ амал карда буд.

Қотил набераи Соқӣ Ашраф аст.

# ЗАН АГАР ОТАШ НАМЕШУД, ХОМ МЕМОНДЕМ МО

***(Мирзо Турсунзода)***

Чандест, ки зеҳнамро андешаи мақоми зан дар тамаддун ва ҷомеаи мо машғул медорад. Масъалаи мазкур ба дараҷае ҳассос аст, ки вақте дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар атрофи он баҳс мешавад, ғолибан ба ҷанҷол меанҷомад. Дарвоқеъ, ин масъала бисёр муҳим аст ва аз дӯстони ҷомеашинос ва донишманд даъват менамоям, ки дар боби ин масъалаи доғи рӯз андеша намоянд ва мулоҳизоти худро бинависанд. Ҷонибдори онам, ки ҳар навиштаи арзишманд хиштест, ки дар дарозмуддат ба девори рушди бинои фарҳанги миллӣ изофа карда мешавад.

Медонем, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ин масъала борҳо мавзӯи пажӯҳишҳои густарда ва жарф қарор гирифтааст. Аввалин ва муфассалу ҷолибтарин коре, ки дар ин бора ба чашм расид, асари "Издивоҷ ва ахлоқ"-и мутафаккири инглис Бертран Рассел мебошад. Дар ин китоб Рассел никоҳро аз расмҳои боқимондаи замони кӯҳна медонад. Ӯ бо эътиқод исрор мекунад, ки никоҳ бештар ба хотири мушаххас карда-ни падари кӯдак ва масъулияти ӯ дар таъмину тарбияи фарзанд будааст. Ба андешаи ӯ, дар асри ҳозир, ки ҳам василаҳои пешгирӣ аз бордоршавии занон фаровон аст ва ҳам таъмини кӯдаконро давлат ба уҳда мегирад, дигар никоҳ чандон масъалаи муҳиме нест... Бояд дар ёд дошта бошем, ки ин китоб соли 1947 ба чоп расидааст ва муаллифи он, аз ҷумла барои ҳамин китоб ҷоизаи Нобел дарёфт кардааст.

Муртазо Муттаҳарӣ дар рисолаи "Ахлоқи ҷинсӣ дар ислом ва Ғарб" назари Расселро ба баррасӣ кашида, андешаи худро баён карда, мегӯяд, ки Рассел дар ин китоб шариати

исломро ба назар нагирифтааст. Шариат, ба эътиқоди Муттаҳарӣ, ба ҳамаи суолҳое, ки Рассел мегузорад, ҷавоб гуфта ва ин масъаларо ҳал кардааст. Нукта ин ҷост, ки баҳси Рассел бар сари мамнӯъ будани талоқ дар яке аз фирқаҳои аслии дини масеҳист, Муттаҳарӣ бо ваҷҳи овардани сиғаву талоқ ва иҷозати чандҳамсарӣ дар ислом, ӯро ба пазируфтани ислом ташвиқ кардааст. Ҷое хондам, ки як итолиёӣ дар бораи ин ҳарфи Муттаҳарӣ гуфта буд: "Имтиёзи бузурги дини ислом барои ҷомеаи мардсолор ҳамин иҷозати чандҳамсарист!"

Ҳамчунин Алии Шариатӣ дар асари "Фотима Фотима аст" ба ин масъала расидагӣ кардааст. Шариатӣ ба таври қатъӣ изҳор мекунад, ки ислом ба зан озодӣ овард, ки ҳади аққал қобили баҳс ба назар мерасад...

Китоби антиутопии Олдос Хаксли "Дунёи ҷадид ва ғариб", ки имрӯзҳо воқеият дар Ғарб тақрибан ба он наздик шудааст, низ ҷолиб аст. Ӯ азояндаи ҷомеаи тахайюлие бонги хатар мезанад, ки дар он вафодории байни зану мард ҷурм дониста мешавад. Ҷуфтҳо бояд зуд-зуд шарики ҷинсияшонро иваз кунанд...

Ювал Ной Ҳарарӣ решаву сабабҳои мардсолорӣ дар ҷомеаро ба шеваи хоси худаш ба баррасӣ кашидааст. Қобили зикр аст, ки ӯ дар охир иқрор мекунад, ки омилҳои ин падидаро намедонад, чанд фарзияро баррасӣ менамояд ва ҳамаашро зери шубҳа мегузорад...

Масъалаи ҳуқуқи зан аз назари таърихӣ масъалаи печидаест, ки пажӯҳандагон дар он ба иттифоқи назар нарасидаанд. Зан дар марҳалаҳое дар қавмҳои хосе нақши бориз доштааст, вале ин ки замоне даврони зансолорӣ, ба мисли ҳазорсолаҳои охир, ки даврони мардсолорист, буда бошад, исбот нашудааст.

Андешаи оғози нақзи ҳуқуқи зан дар динҳои иброҳимӣ низ қобили шак аст, чунонки Мэри Бойс дар хулосааш аз динҳои бутпарастии эрониёни қадим мефармояд: "Умед ба зиндагии хушбахти пас аз маргро танҳо мардони ҷангӣ метавонанд дошта бошанд". Яъне имтиёзи мард таърихи дарозтаре дорад, ки ба давраи динҳои бутпарастӣ мерасад.

Дар масъалаи зан ва мақоми он дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон мувозана дар афкори иҷтимоӣ вуҷуд надорад. Афкори иҷтимоӣ ба ду қутб ҷудост. Як гурӯҳ ба шиддат муҳофизакоранд ва ҳатман ҷои занро зери чодар ва кунҷи хона медонанд. Гурӯҳи дигар ба ҳамин андоза дар барандохтани ҳама гуна пойбандии зан ба ахлоқи суннатӣ ифрот меварзанд.

Маълум аст, ки озодии зан дар ин сӯи Ому бар асари тасаллути болшевизм иттифоқ уфтод. Мутмаинан, дар акси ҳол ҳоли зан дар ҷомеаи мо ба мисли кишвари ҳамсоя мебуд, ки ҳоло ҳам зан маншаъи гуноҳ ва мӯҷиби сангсор шумурда мешавад.

Дар муқоиса бо занҳои тоҷики он сӯи Ому вазъи ҳуқуқи зан дар ҷомеаи Тоҷикистон беҳтар бошад ҳам, ин тағйир хеле козиб аст, чунки бар маърифати занон асосёфта нест. Ин озодиҳои козиб хеле зуд метавонад ба ҳолати асри нуздаҳияш баргардад. Қисми аъзами занон розӣ ҳастанд, ки дар ивази таъмини камтарин ниёзҳои зиндагӣ, ба мисли хӯрдану пӯшидан ва боме болои сар доштан, ба кунҷи хона баргарданд ва аз ҳамаи озодиҳо даст кашанд.

Метавон гуфт, мушкили зани тоҷик аслан аз он ҷо маншаъ мегирад, ки озодӣ ба сари ӯ мисли тароша аз бом уфтод. Болшевикҳо синфи феодал ва мутаассиброрӯфта партофтанд ва роҳро барои аз кунҷи торик берун омадани зани тоҷик ҳамвор карданд, вале мафкураи дар тӯли асрҳо ташаккулёф-

таро ба осонӣ наметавон тағйир дод. Чунин ба назар мерасад, ки зани тоҷик (дар умум) то ҳол ба дарки ин арзиш нарасидааст. Баҳсҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар боби озодии занон ғолибан дар байни мардон сурат мегирад. Садои занҳо маъмулан хеле хафиф аст ё аслан шунида намешавад. Ногуфта аз он, ки занҳое ҳам дорем, ки ба шиддат ҳимоят аз он менамоянд, ки худашон ба ҳошия ронда шаванд...

Гурӯҳи мардоне, ки хостори ба ҳошия рондани зани тоҷик ҳастанд, илова бар он ки ҳуқуқи башарро поймол мекунанд, як қувваи созандаи ҷомеаро мехоҳанд аз рушд канор зананд. Як далели асосии тарафдорони ба ҳошия рондани зан "зодаи шайтон" ва таҳриккунандаи ҳисси шаҳвонӣ будани зан аст. Суол ин аст, ки оё ин мардон модару хоҳар ва духтари худро низ қобили эътимод намедонанд? Яъне, ба эътиқоди онон зан агар камтарин имкон пайдо кунад, ҳатман ба хиёнат даст мезанад? Ё туъмаи нохалафе мешавад? Магар зани бомаърифат ва тарбиядида аз уҳдаи ҳимояти худаш намебарояд?

Иштибоҳи дигари аслии касоне, ки тарафдори ба ҳошия рондани зан ҳастанд, ин аст, ки фикр мекунанд, бо фаранҷӣ пӯшондан ва дар қафас нишондан занҳоро ба як махлуқи кару кӯр табдил медода бошанд. Шояд дар асрҳои гузашта ин кор имконпазир будааст, вале имрӯз бо технолоҷии нав иттилоот мисли сел аз дару девор ворид мешавад ва агар шахс, хоҳ зану хоҳ мард, маърифат надошта бошад, сараро аз носара намешиносад ва ба роҳи баду бадтар рафтан метавонад.

Нобаробарии зану мард дар Тоҷикистон асоси бунёдӣ дорад, аз таълиму тарбият дар оила сар мешавад ва дар тамоми тӯли умри зан марҳала ба марҳала тақвият меёбад. Духтар дар хонаи падару модар мақоми муваққатӣ дорад,

меросбар нест ва табиатан баъд аз писар дар ҷои дуюм меистад. Дар интихоби ҳамсар ҳеч ҳақе надорад ва бояд мунтазир монад, ки марде ба ӯ хостгор шавад ё падару модар барояш шавҳар интихоб кунанд. Вале ҳатто агар дар ин амре, ки ҳеч ихтиёре дар дасташ нест, ақиб монад, "пирдухтар" ё "нолоиқ" дониста мешавад. Дар интихоби касб маҳдуд аст, дар зеҳни ҷомеа басёр касбҳо "духтарона" нестанд. Дар коргоҳ рӯирост мавриди табъизи ҷинсӣ қарор мегирад ва агар ин ҳодиса ошкор шавад, зачру зарари асосиро зан мекашад... Сабабгори ба зани дуюму сеюм ё ҳатто маъшуқа будан розӣ шудани баъзе занон ё бадтар аз он, ба фоҳишагарӣ даст заданашон дар ҳамин омилҳо реша дорад. Зеҳниятҳои бар суннатҳо асосёфта он қадр бори сангин ба рӯи дӯши зан гузоштаанд, ки рафъи он кори сода нест...

Озодии зани тоҷик, ки мо эълон кардаем, дар асл дурӯягие беш нест. Дурӯягӣ маҳз дар ҳамин ҷост, ки бо ин ҳама беинсофӣ нисбат ба занон, мо онҳоро бо мардон баробарҳуқуқ эълон мекунем...

Имрӯзҳо мо шоҳид ҳастем, ки дар натиҷаи кӯшиши рӯшанфикрони ғарбии асри бист занон дар он қисмати дунё озод гашта, ба натиҷаҳои назаррас ноил шудаанд, ки дар таърих бесобиқа аст. Исмҳои Маргарет Тетчер, Мадлен Олбрайт, Ангела Меркел ва дигарон ниёз ба муаррифӣ надоранд.

Ҷомеа ба як иттифоқи назар дар ин масъала ниёз дорад. Ҳамон тавр ки арз шуд, дар асри ҷадид дигар роҳи қайду банд муассир нест. Ҳуқуқи башар низ тақозо менамояд, ки ба озодии ҳар фард эҳтиром гузошта шавад. Агар мо, дарвоқеъ, намехоҳем ба он ҷомеаи антиутопии Хаксли бирасем, вақти он аст, ки барномаҳои умумимиллии рӯшангарой барои занон дошта бошем. Духтаронро аз хурдӣ дар ҳамбастагии

суннатҳои миллӣ бо озодӣ тарбият намоем. Зани тоҷик бояд рӯшанфикр, озод ва озода бошад!

## СУХАНИ ИШҚ НА ОН АСТ, КИ ОЯД БА ЗАБОН
***(Ҳофиз)***

Имрӯз, 16 июни соли 2021, ман бо писари чаҳордаҳсолаам суҳбате доштам. Нури чашми ман Рустам дар хориҷи кишвар таҳсил мекунад. Мавзӯъ иттифоқан ба миён омад. Аз қаду басти Рустам, ки чанд моҳе надида будамаш, болидам ва гуфтам, Рустам ту ҷавонмард шудаӣ, тақрибан зангир шудаӣ... Ҷавоби ӯ маро водор кард, ки ба суҳбат ҷиддӣ муносибат намоям. Ӯ гуфт, модар ва бибияш ба ӯ тавсия додаанд, ки зани тоҷик бигирад ва пурсид, ки фикри ман чист?

Ва ман бо ӯ муфассал суҳбате кардам, ки ҳатталимкон дақиқ инҷо мекорам.

Ҳаёт воқеан неъмати бебаҳоест, ки ба инсон ато мешавад. Модари тифл ӯро нуҳ моҳ дар батн мегардонад, ба сахтӣ ба дунё меорад. Фарзанди инсон, агар нек назар кунем, табиатан яке аз заифтарин зодаҳо дар байни ҷонварон аст. Фарзанди аспу шеру шағолу саг дар лаҳзаҳои аввали баъд аз зодан роҳ мераванд, дар як ё дусолагӣ барои худ қут пайдо мекунанд, фарзанди инсон бошад, ҳадди аққал ҳашт-даҳ сол пас аз таваллуд ниёз ба парвариш дорад, то ин ки тавонад бори тану нафси худро бикашад. Дар ин муддат агар сарпарастии волидон набошад, ба осонӣ туъмаи марг шуда метавонад.

Ин мулоҳиза водор мекунад биандешем, ки ин ҳама ҷоннисории модар барои чист? Чаро ӯ ба чунин сахтӣ фарзанд меофаринад? Ва бо ин ҳаёте, ки ба чунин сахтӣ офаридаву парварида мешавад, чӣ гуна бояд муносибат кард?

Ба андешаи ман, ки офтоб аз нисфи осмони ҳаётам убур карда, рӯ ба нишебӣ овардааст ва баланду пастии ҳаёт дидаам, муҳимтарин чиз дар ҳаёти як инсон хушбахтӣ ва саодат аст.

Киро метавон хушбахт номид?

Ҳамонеро, ки аз ҳаёти худ розӣ бошад.

Чӣ касеро метавон саодатманд донист?

Ҳамонеро, ки хушбахт бошад.

Хушбахтӣ чист?

Ишқ аст! Ошиқ будан аст!

Ишқи зан мардро хушбахт мекунад, ишқи касб, ишқи дониш ба инсон саодат меоварад. Ошиқон зиёданд, вале чун мавзӯи суҳбат издивоҷ аст, ман рӯи ҳамин ишқи инсонӣ тамаркуз мекунам. Ишқи мард ва зан.

Ин масъала меҳварист ва дар ҳаёти як фард сабаби асосии ҳамаи бурду бохти ӯ шуда метавонад.

Эй писар, ин масъаларо аз модар ва бибият напурс, зеро тоҷикон ба ин масъала ҳоло ҳам аз диди суннатӣ менигаранд. Дар урфи мо занро барои писар волидон интихоб мекунанд. Бисёр иттифоқ меуфтад, ки як ҷуфте, ки ҳамсар мешаванд, якдигарро танҳо баъди арӯсӣ мебинанд. Дар ин ҳол ишқ аҳёнан иттифоқ меуфтад, аксар зану мард ба ҳам унс мегиранд, меҳр пайдо мекунанд, аммо ошиқ намешаванд, ҳарчанд шояд фикр кунанд, ки ошиқи якдигаранд.

Вале ишқ чизи дигар аст.

Агар маҷозан баён намоям, рӯҳу ҷони инсонҳо мисли мавҷест, ки басомаде дорад. Дар ҳоле, ки басомади амвоҷи рӯҳи як зан ва як мард мувофиқ ояд, онҳо ба ҳам ошиқу маъшуқ мешаванд. Мувофиқ омадани ин басомадро танҳо ин ду нафар ҳис мекунанд, басо мешавад, ки атрофиён ҳайрон мемонанд ва мегӯянд: "Ин дар он чӣ ёфта?!" Вале он ду шеф-

таи ҳаманд. Бо ҳам хушбахтанд. Ишқи зан ба мард, эътимод ба нафси охириро комил мекунад, нерӯ мебахшад ва ба муваффақиятҳо ноил мегардонад. Беҳуда нагуфтаанд, ки “дар пушти ҳар марди муваффақ зане меистад.”

Вақте доманаи басомади амвоҷи рӯҳу ҷони ду нафар мувофиқ меояд, ҳаминро мегӯянд хушбахтӣ! Ва вақте ин ду тан як мешаванд, ҳаминро мегӯянд саодат! Инсон барои корҳои бузург офарида шудааст. Ҳамин, ки ҳамаи ҷонваронро мағлуб кард ва имрӯз мехоҳад коинотро дар хидмати худ гузорад, исботи ҳамин ҷумла аст. Вақте як нафар ошиқ мешавад, илҳоме ба ӯ нозил мешавад, ки ӯро қодир мегардонад кӯҳҳоро бишикофад…

Аз ҳамин мулоҳиза, эй писар, ман тавсия медиҳам, ки дар ин масъала шитоб макун, ба миллату рангу шакл ошиқ мабош! Рӯзе басомади амвоҷи рӯҳи занеро эҳсос хоҳӣ кард. Ҳамон бахту тахти ту хоҳад буд! Бо ҳамон ба саодат хоҳӣ расид!

## ИШҚ ПАЙДО ШУДУ ОТАШ БА ҲАМА ОЛАМ ЗАД!
### *(Ҳофиз)*

Ҳар вақт, ки достони “Се талоқ” ба ёдам меояд, воқеаи ҷолиби дигар аз солҳои навад дар хотирам зинда мешавад. Соле дар ноҳияи Восеъ кор мекардем ва мақарри мо хонаи як дӯст буд, ки Абдусаттор ном дошт. Мо дар ҳавлии онҳо ҳамроҳи падару модараш мезистем. Ин як ҳавлии дуошёнае буд, ки ошёнаи аввалаш барои анбору ошхона ва ошёнаи дуюмаш барои зист ихтисос дода шуда буд. Ба мо дар ошёнаи дуюм як ҳуҷраро ҷудо карда буданд, ки дар рӯи фарш бистар андохта мехобидем. Субҳонаву шомро

дар берун, рӯи суфа мехӯрдем. Хона дар пешаш замини ҳота дошт, ки дар он сабзавоту полезӣ кишт карда буданд. Ба фарқ аз замини наздиҳавлигии мо дар Панҷрӯд, ин ҷо Бобои Садир, падари Абдусаттор харбуза корида буд. Дар Панҷрӯд аз сабаби кӯтоҳии фасли гармо харбуза намерасад, аммо фасли гармии ноҳияи Восеъ дарозтар ва барои харбуза мусоид аст. Навъи харбузаи Бобои Садир кӯкча – навъи хеле ширин буд. Мо ин харбузаро хеле дӯст доштем, вале Бобои Садир рӯзе якто харбуза диҳад, рӯзи дигар "ҳанӯз нарасидаст" гуфта намедод.

Падару модари Абдусаттор дар утоқи дигар мехобиданд. Як бегоҳ Бобои Садир "ман пеш аз хоб бо меҳмонҳо суҳбат мекунам", гуфта, хоҳиш кард, ки ҷогаҳи хобашро дар ҳуҷраи мо андозанд ва аз он пас ҳар шаб бо мо мехобид. Суҳбати пеш аз хобро ваҷҳ нишон дода бошад ҳам, ба маҳзи ба бистар дароз кашидан ба мо дуо дода мехобид.

Модари Абдусаттор пиразани 60 – 65 сола доим ғур–ғур карда мегашт. Ҳар замон ба Бобои Садир метохт, ӯро ҳамеша танқиду дашном карда меистод, ки барои ман дар муносибати заношавҳарӣ ғайриодӣ буд. Аз рӯзе, ки Бобои Садир дар утоқи мо мехобидагӣ шуд, пиразан бистарашро дар айвон пушти дари мо андохта мехобид, ки шабҳо мо берун бароем, бедор шуда мехест ва ман хеле хиҷолат мекашидам, ки ӯро нороҳат кардам.

Рӯзе дертар, вақти говгум аз кор баргашта дастурӯй мешустем. Барои мо офтоба бо оби гарм мегузоштанд ва мо ба дасти якдигар об мерехтем. Ҳангоме ки Исмоил ба дасти Бобокалонов об мерехт, ман аз Бобои Садир вазъи харбузаро пурсидам. Ӯ "ҳозир дидам, ҳанӯз яктояш ҳам нарасидааст" гуфт. Бобокалонов "мана дуто харбузаи расида" гуфта, аз зе-

ри алафи наздаш ду харбузаи калонро бардошт. Пиразан харбузаҳоро дида, авзоаш беҷо шуд. Ӯ зуд омада, харбузаҳоро гирифт ва ба сӯи Бобои Садир бо чашми ало нигоҳ карда, ба навохтан даромад:

– Мӯсафеди хар, ҳеч гоҳ аз корат намондӣ, худо корота бигира, медонистум, ки ба ҳамин рӯзо гирифторум мекунӣ, асло намегирифтумут. Харбузаҳора таёр кардӣ, ки ба қанчиқут барӣ?

Бобои Садир бо табассуми роздоре дар лабон сукут меварзид ва аз зери чашм ба сӯи занаш менигарист. Пиразан харбузаҳоро ба замин заду шӯяшро навохта – навохта ба пушти хона гузашт ва якбора садояш ба фиғон бадал шуд:

– Рӯт дар ду дунё сиёҳ, мӯсафеди хар, почат бишкана, чӯбои ҳамин нардбон чӯби гӯрут шава.

Ва ба ҳамин минвол дуоҳои бад кардан гирифт. Ман аҷабам омад, ки ин чӣ нардбонест, ки пиразанро якбора асабӣ кард ва ба пушти хона гузаштам. Як нардбон ба таги тирезаи хонаи хоби мо рост карда, гузошта шуда буд.

Асли достон ин буд, ки Бобои Садир гоҳ – гоҳе бо ёрии Исмоил аз пушти хона ба тирезаи хонаи хоби мо нардбон гузошта, шабҳо баъди ҳамаро хоб бурдан бесадо аз тиреза баромада, ба воситаи он номаълумакак фуромада, ба хонаи бевазани ҳамсоя–хушдораш мерафтааст ва пеш аз намози бомдод бо ҳамон роҳ ба утоқ баргашта, гӯё шаби дароз дар утоқ хобида бошад, аз дар мебаромадааст. Сабаби бо мо хобиданаш ҳам ҳамин будааст. Он бегоҳ Исмоил "торик шуд, пиразан намебинад"–гуфта, пеш аз дастшӯӣ нардбонро рост карда монда будааст.

# МӮСАФЕДЕ БУД ДАР ҚИШЛОҚИ МО

Дар "Ёддоштҳо" -и устод Айнӣ ҳодисаи ба зоҳир хандадореро мехонем, ки дар асл гиряовар аст:

"Чӯбдастон либосҳои Нормуродро мекашиданд ва ӯ фарёд мекард, ки «Ман нестам, вай Нормурод дигар аст, номи падари ман Нуриддин аст, номи падари ӯ Шермуҳаммад аст. Агар номи тумани мо фарқ накунад ҳам, аз номи падарҳомо каси дигар будани ҳар кадоми мо маълум аст». Аммо касе ба фарёдҳои ҷонгудози ӯ гӯш надод ва ҷазо иҷро шуд. (Дар дафтарҳои подшоҳии Бухоро номи ҳар касро бе номи падараш ва бо қайд кардани туман (район)-и таваллуд ёфтааш менавиштанд.)"

Номгузорӣ қабл аз замони шӯравӣ дар мо тоҷикон бештар ҷанбаи мазҳабӣ доштааст. Одамон ба фарзандонашон аксаран номҳои мусулмонӣ мегузоштаанд. Рӯҳониён босаводони ҷомеа будаанд ва одатан мардум барои ба фарзандашон ном гузоштан ба онҳо муроҷиат мекардаанд. Табиатан, муллоҳо тибқи қоидаи ислом, номҳои мусулмонӣ пешниҳод мекардаанд, ки ин номҳо ҷузъи фарҳанги номгузорӣ шудааст. Дар замони шӯравӣ ҳам мардум ба ҳамин риволи номгузорӣ идома додаанд. Агар бо диққат назар кунем, сатҳи диндориву таассуби мардуми ин ё он минтақаро низ аз номҳои одамон фаҳмидан мумкин аст ва дар маҳалҳои мазҳабӣ номи ғайриарабӣ тақрибан ба назар намерасад.

Вале, масъалаи дигар ин аст, ки бо омадани ҳукумати Шӯравӣ ва хати сириллик дар номҳо ва хусусан дар тарзи навишти онҳо ҳарҷу марҷи бузург иттифоқ уфтод. Масалан, одамон баъзе номҳо аз қабили Муҳаммадамин, Саидмуҳиддин ва ғайраро дар гуфтор кӯтоҳ, ба тарзи Мадамин, Сай-

муддин талаффуз мекунанд. Вале дар навиштор ба хатти форсӣ онро дуруст ва ба таври пурра менавиштанд. Дар аввалҳои барқарор шудани ҳукумати Шӯравӣ кормандони сабти аснод ҳамагӣ русу русзабон будаанд ва номҳоро ҳамон тавр, ки ба самъашон мерасид, сабт мекарданд. Ҳатто шояд ҷойҳое бо истеҳзо номҳоро таҳриф кардаанд, ки дар натиҷа то ҳол ин ҳарҷу марҷ дар ному насаби миллати тоҷик фаровон ҷой дорад.

Дар китоби дарсии мактабии мо як шеъргунаи ҳаҷвии Мирсаид Миршакар омада буд:

*Мӯсафеде буд дар қишлоқи мо,*
*Синну солаш бештар аз шаст буд.*
*Рӯзу шаб дар хонаи боёни деҳ*
*Нимсеру гушна меҳнат менамуд.*

*Номи ӯ аслан Атобек будааст,*
*Қозие, ки вай ба ӯ мекард кор,*
*«Бек» лозим нест, бар ту бас «Ато»!*
*Гуфта номашро намудаст ихтисор.*

*Гашт воқиф чун аз ин кирдори вай,*
*Завқ карда мирҳазори он диёр,*
*«А» барои ту чӣ лозим, «То» бас аст»!*
*Гуфта номашро намудааст ихтисор.*

Ин порчаи шеърии хандадор намунаи муборизаи синфии Шӯравӣ буд, ки муносибати пешазинқилобии сарватмандҳоро нисбат ба камбағалон ба тамасхур мекашид. Намедонам воқеаи ихтисор кардани номи Атобек то чи андоза воқеият дорад, вале баъдҳо аз сабаби ҳарҷу марҷ дар

номҳо ва бахусус номи худам, ин шеър зуд–зуд ба ёдам меомад. Аммо ҳодисае, ки бо номи худи ман рух дод, муносибати мушобеҳро ба номгузории тоҷикон равшан мекунад, ки натиҷаи сиёсати миллии байни миллатҳои Шӯравӣ буд.

Он замон мо пеш аз гирифтани номаи камол бояд шиноснома мегирифтем. Шуъбаи шиносномадиҳӣ дар маркази ноҳия–шаҳри Панҷекат воқеъ буд. Зодномаҳои моро ҷамъ карда, ба он ҷо мефиристоданд ва пас аз чанд рӯз мо бояд рафта, шиносномаҳоро шахсан мегирифтем ва ба мудирияти мактаб месупурдем, то аз рӯи он номаи камоламонро таҳия кунанд. Дар рӯзи муқарраршуда ман ба шуъбаи аснод дар шаҳри Панҷекат рафта, шиносномаамро гирифтам ва кушода дидам, ки номам "Абдухалис" навишта шудааст. Ба корманде, ки аснодро дод, муроҷиат кардам, гуфт ба сардораш арз кунам. Навбат истода, ба назди сардор, зани руси туршрӯйи паҳлавонҷусса даромада, арз кардам. Ӯ бо тундӣ аснодро аз дастам кашида гирифт ва бо асабоният аз назар гузаронду пурсид:

– Чӣ шудааст?!

Гуфтам, номи ман Абдухалил аст, Абдухалис нест. Як бори дигар ба шиноснома нигарист ва зодномаро кушода, аз назар гузаронду гуфт:

– Ин ҷо ҳамин тур навиштаанд, – ва бо ангушташ ҳарфи "л"–и охири номамро нишон дод. Дидам, воқеан, касе зодномаро пур карда бошад, рӯи ҳарфи охир дубора ранг кашида буд ва дар натиҷа қисмати болоии ҳарфи "л"-и дастнавис як каме ба пеш хамида буд, ки ба назари ин хонум "с" менамуд, ки ҳар тоҷике онро мантиқан ҳатман "л" мехонд. Вале ин хонум тоҷик набуд ва номҳои тоҷикиро намедонист ва дарк намекард, ки Абдухалисноме дар тоҷикон нест. Решаи ин мушкил таҳмили хати сириллик ба забони мост, зеро ба хати ас-

лии забони мо ҳеч номеро наметавон хато навишт, чун тарзи навишти ҳар вожа мушаххас аст.

– Рав, арзатро ба зодноманавис гӯй, аслан чӣ фарқ дорад, ҳамин ҳам шудан мегирад! – гуфта, маро аз дар берун кард. Ман он шиносномаро ба мактаб овардам ва чун то имтиҳонҳои қабули донишгоҳ вақт барои иваз кардани зоднома ва шиноснома кофӣ набуд, муаллимон маслиҳат диданд, ки номамро дар номаи камол Абдухолис нависанд, ки номи худам набошад ҳам, ба ҳар ҳол аз номи бемаънии Абдухалис беҳтар буд. Ҳамин тавр хонуми аснодрависи рус нақши он қозиро дар таҳрифи номи ман бозида бошад, муаллимонамон ба ҳафт пушташ лаънат фиристода, номи наве бароям ихтироъ карданд. Ман солҳои зиёд, то замони Истиқлол чанднома будам. Маъмурон ҷое номамро "Абдухалис", ҷое "Абдухолис" менавиштанд ва ҷое, ки худам аснод пур кунам, "Абдухалил" сабт мекардам.

Солҳои аввали Истиқлол вақте шиносномаи тоҷикӣ мегирифтам, аввал зодномаамро иваз кардам ва барои шиноснома ҳуҷҷат супурдам. Кори ман ҳамеша бо шитоб аст ва ин бор ҳам сафари хориҷӣ доштам. Вақте ба идораи аснод барои гирифтани шиноснома омадам, бо ҳаяҷон шиносномаро кушода, номамро хондам, ки дуруст навишта шудааст, вале ба маҳзи насабамро дидан, "тарбуз аз бағалам уфтод". Ин дафъа корманди бесавод насабамро "Халиқов" навишта буд ва айнан ҳарфи ҳамон хонуми рус – "чӣ фарқ дорад, шудан мегирад"–ро такрор кард. Намедонам миллати ин корманди аблаҳ чӣ буд?! Ҷузъиёти суҳбатамро бо ӯ намеоварам, вале умедворам, ки вокуниши онлаҳзаинаи ман барояш дарси хубе шуда бошад. Он рӯз барои дуруст кардани он саҳв фурсат кам буд ва дар натиҷа чанд соли дигарро бо асноди ғалатдор гузарондам. Ниҳоят азм кардам, ки ному насабамро ба сурати урфӣ ва

миллӣ дуруст намоям ва имрӯз дар аснод ному насаби ман Холиқзода Абдухалил Абдуҳамид навишта шудааст.

Солҳои навад, замони кашмакашҳои пас аз Истиқлол, Қаҳҳор Маҳкамов – Раисҷумҳури вақт дар мусоҳибаи телевизионӣ ба суоли рӯзноманигор дар бобати мухолифаш Абдумалик Абдуллоҷонов бо шӯр ҷавоб дод:

– Вай Абдуллоҷонов не, Абдуллоев! Абдуллоҷоноваш чизе?!

Абдуллоҷонов яке аз мухолифони Маҳкамов буд ва ба гӯши Маҳкамови комунисту русмаоб "ҷон"-у "хон" ва ғайра унсурҳои бегона ва нолозим метофтанд.

Ман дар хотир гирифтани ном ва қиёфа ҳофизаи хубе надорам. Ному қиёфаи касони як–ду бор дидаамро хуб дар хотир нигоҳ дошта наметавонам ва ин боиси хиҷолатам мешавад. Зеро мо тоҷикон расм дорем, ки пас аз аввалин вохӯрӣ бо ҳамдигар қарин шавем ва дар вохӯриҳои баъдӣ ҳадди аққал ним соат бо зикри ному насаб аз ҳам ҳолпурсӣ кунем.

Боре дар Бемористони Ибни Сино ҳофизи халқии ҷумҳурӣ, шодравон Душанбе Паллаев ҷарроҳии дил шуд. Ҳофизи ширинбаёну нотакрор Душанбе Паллаев шахси кушодчеҳра ва самимиест. Пас аз ҷарроҳӣ саломатии ӯ барқарор шуд ва аҳёнан ба бемористон барои назорати пизишкон меомад. Рӯзе, тақрибан пас аз як соли ҷарроҳияш ҳамроҳи Комрон дар назди даромадгоҳ ӯро вохӯрдем. Ман, ки садои ӯро хеле дӯст медорам ва вақти дар бемористон бистарӣ буданаш зуд–зуд ба аёдаташ мерафтам, аз диданаш хушҳол шуда, оғӯш кушодам:

– Акаи Чоршанбе, хуш омадед!

Ба назарам, ӯ низ аз вохӯрӣ хушҳол шуд, зеро қиёфаи хандонаш каме сурхӣ гирифт. Оғӯш ба оғӯш салом кардем ва

пас аз ҳолпурсӣ ӯро то бахш ба назди пизишк ҳамроҳӣ кардем. Комрон маро ба гӯша кашид.

– Номи устод Панҷшанбе аст, – гӯшакӣ кард ӯ.

– Ман чӣ гуфтам? – навбати сурхшавии ман расид.

– Чоршанбе гуфтӣ, – гуфт Комрон.

– Бибахшед, устод Панҷшанбе, ки ман номатонро иштибоҳ гирифтам, – ба ислоҳ шитофтам ман.

– Номи устод Душанбе Паллаев аст, – гуфт пизишк, ба аснод нигоҳ карда.

Устод бо табассум ба ман нигоҳ мекард, замин намекафид, ки маро фурӯ барад, вале агар ҳам мекафид, фикр мекунам Комрон, ки ба ман "узри бадтар аз гуноҳ" ёд дода ва акнун ранги рӯяш мисли гули анор гашта буд, пеш аз ман худро ба он меафканд.

Номгузорӣ дар мо тоҷикон падидаи ҷолибест. Одамон бовар доранд, ки ном ба сарнавишти соҳибаш таъсиргузор аст. Аз ин сабаб номҳое ба мисли Санг, Ҷовид, Истад ва ғайраро ба фарзандонашон мегузоранд, то дарозумр шаванд. Баъзан ҷойном, касб, номи меваҳо ва фаслу идҳо низ ба ҳайси ном истифода мешаванд. Масалан, Кӯлобӣ, Хоркаш, Олуча, Баҳор, Наврӯз ва ғайра аз ҳамин қабиланд. Номи гузаштагонро низ мегузоранд. Аксаран мо тоҷикон аз номи одамон, ҳатто ба кадом маҳал тааллуқ доштани онҳоро фаҳмида метавонем.

Суннати номгузорӣ дар халқи мо чунин аст, ки сараввал ба бузургони хонавода муроҷиат мекунанд, то номи кӯдакро гузорад, вале таърихан аз шахсони саводноки маҳал низ дархости ном мекардаанд.

Дӯсте доштам, ки панҷ духтар дошт ва дар орзуи писардор шудан буд. Ниҳоятан "бахт"-аш омад кард. Рӯзе дар хиёбон бо Абдулҳаким ӯро вохӯрдем ва вақте эълом кард, ки

писардор шудааст, таваллуди писарро барояш табрик гуфтем. Абдулҳаким, ки бо ӯ робитаи дӯстии наздиктаре дошт, пурсид:

– Писаратро чӣ ном кардӣ?

– Темур, – ҷавоб дод ӯ.

– Дигар ном наёфтӣ? – пурсид Абдулҳаким. Сухан сӯи дигар рафту мо хайрухуш кардем. Он дӯст баъд аз чанде маро диду пурсид:

– Номи Темур чӣ мушкил дорад?

– Чӣ шудааст, чаро мепурсӣ? – суол кардам ман.

– Охир, онрӯз Абдулҳаким эрод гирифт ва вақте отам ҳам донист, гуфт "уқа номе нест", зоҳиран ӯ расми тоҷикиро зери пой гузошта, бе маслиҳати падар кӯдакро ном карда буд.

## ЗИ НОМУСОИДИИ РӮЗГОР МЕТАРСАМ

***(Соиб)***

Маълум аст, ки яке аз заъфҳои асосие, ки кишвари моро осебпазир мекунад, мушкилоти иқтисодӣ аст. Мутаассифона, ин мушкилот сабабгори рӯзафзун ташанную пайдо кардани вазъи иҷтимоию сиёсӣ гардидааст. Сабаби аввали он равиши фармонӣ дар мудирияти иқтисод мебошад. Чанд навъи мудирият дар иқтисод маълум аст. Дар иқтисоди бозорӣ ҳадди дахолати давлат кам буда, соҳа бар асоси арзу тақозо ва рақобат фаъолият мекунад. Дар иқтисоди нақшавӣ маблағгузории соҳаҳо дар асоси ниёзи соҳаҳо ва имконоти буҷа амалӣ мешавад, ки сарчашмаҳои маблағ аз қабл таъйин ва таъмин мешаванд. Дар иқтисоди фармонӣ ҳама чиз беназм ва мувофиқи фармоиш сурат мегирад, ки ҳамеша ба варшикастагӣ меоварад.

Солҳои охир равиши фармонӣ бонкҳоро муфлис карда, ягона сарчашмаи бе ин ҳам заифи маблағгузории соҳаро ба нобудӣ кашонда, зиёда аз он, пасандозҳои ночизи мардумро аз дасташон рабуда, фақрро сартосарӣ мекунад. Бе ягон шакку шубҳа сабаби асосии муфлисии бонкҳо истифодаи манобеи онҳо барои сохтани иншооти фармоишӣ будааст, ки ба ҳеҷ унвон мумкин набудаву нест. Ба наздикӣ видеое дар шабакаҳои иҷтимоӣ дастрас шуд, ки такондиҳанда буд. Дар он як муҳоҷири меҳнатии тоҷик аз Русия бо телефон ба бародараш шиква мекард:

– Ба занам бигӯ, ки ман аз куҷо пул ёфта фиристонам? Бе ин ҳам дар рӯи фарши бетонӣ мехобам, гурдаҳом аз кор монданд. Ғайр аз нони қоқ чизе намехӯрам. Ҳамаи пули ёфтаамро фиристодам. Ба Худо, зиндагӣ ба дилам зад! То кай мисли саг зиндагӣ кунам?! Мепартоям ҳамин кора меоям ман ҳам ҳамон ҷо дар қатори шумо бекор мегардам...

Ӯ як марди 40-45 сола, гиря мекард ва суханҳояшро бо дашномҳои қабеҳ оро медод. Акнун тасаввур кунед, касе, ки бо ин заҳмат чанд сӯмаке ёфта пасандоз кардааст, бо сабаби муфлис шудани бонкҳо онро аз даст доданаш чӣ қадр сахт аст. Муттаассифона, шумори хонаводаҳое, ки аз пули муҳоҷирони меҳнатӣ харҷ мекунанд ва рӯзашон ба сахтӣ мегузарад, аксариятро ташкил мекунанд. Дар чунин ҳолат зиндагии муҷаллои як қишри хурди ҷомеа дар муқобили вазъи мардум ба оташи ғазаби онҳо афзуда, шикофи иҷтимоиро васеътар месозад. Ин вазъ норозигии мардумро ба ҳадди ниҳоӣ расонда, ташаннуҷи иҷтимоӣ ба бор овардааст.

Сабаби дувуми вазъи пешомада дастандаркор будани нафарони тасодуфӣ ва ношоиста дар раъси сохторҳои иқтисодӣ аст ва сабаби дигари уфт дар иқтисод фасоди бесобиқа мебошад, ки ба тасаллути комил ва дахолати ноҷои

мақомоти моливу идорӣ ба кори соҳибкорон марбут аст. Дар натиҷаи ин омилҳо дар риштаҳои иқтисод бухрон ба дараҷаи ниҳоии шиддат расидааст.

Албатта, агар дар кишвар ҷои кор бо ҳадди ақалли маош мавҷуд мебуд, одамон то ин дараҷа сарсон намешуданд ва вазъ ин қадр ташаннуҷ пайдо намекард. Вале, муттаассифона, ба ҷои сохтани ҷойҳои нави корӣ корхонаҳо баста мешаванд. Яке аз сабабҳои баста шудани корхонаҳо фишори сахти молӣ ва фарёддрас надоштани соҳибкорон аст.

Мувофиқи пажуҳиши Бонки ҷаҳонӣ ва ширкати ҳисобрасии PricewaterhouseCoopers, Тоҷикистон дар радаи нӯҳ кишваре қарор гирифтааст, ки қонун сангинтарин бори молиётиро ба соҳибкорон пешбинӣ менамояд. Илова ба бори молиётӣ, шумори мақомоти тафтишгар хеле зиёд аст ва ин тафтишҳо ба фаъолияти соҳибкорон халал эҷод мекунад. Вақти соҳибкор бештар сарфи ҳамин тафтишҳои зиёду нолозим ва аксар хӯрдагирона мешавад. Бозрасҳо ба далелу асноди корхонаҳо эътино надода, санад тайёр карда, ба додгоҳҳо мефиристанд ва додгоҳҳо бе ҳеч баррасӣ бар зидди соҳибкор ҳукм мебароранд. Ин бозрасҳо бояд дурустии иҷрои қонун ва пардохтҳои молиётиро назорат намоянд, вале амалан, бо мақсади овардани даромади изофӣ ба буҷа, мураттаб ба корхонаҳо барои "тафтиш" фиристода мешаванд. Онҳо ба ҳадде густох шудаанд, ки вобаста ба гардиши молии корхона парвандаи хостаашонро месозанд ва соҳибкорро маҷбур мекунанд, ки бо пардохти қисме аз ин маблағ, ҳамчун ҷарима ба буҷа ва додани ришваи ҳангуфт ба онҳо, ҷонашро харад. Дар натиҷа маъмурон ба ҳар сомонии изофии ба буҷа ворид кардаашон, ҳадди ақал ду баробари онро ба ҷайби худ мезананд. Метавон гуфт, ки ҳамин тафтишгарҳо ба ҷои он "боевик"-ҳо арзи вуҷуд кардаанд ва

беибо тохтутоз мекунанд. Кай рӯзе бирасад, ки инҳо “халъи силоҳ” шаванд?!

Соҳибкорон медонанд, ки дар додгоҳ ҳуқуқашонро ҳимоя карда наметавонанд, зеро додгоҳҳои иқтисодӣ дастур гирифтаанд, ки ҳамаи баҳсҳои иқтисодӣ бе эътино ба далелу мадраки соҳибкорон, ба суди мақомоти давлатӣ ҳал шавад.

Ин иқдомот сабабгори баста шудани корхонаҳо ва рахт бастани сармоягузорон аз кишвар шуд, ки вазъро якбора бадтар кард. Воқеан, ин тавтеае зидди амнияти иқтисодии кишвар буд, ки наслҳо товонашро хоҳанд пардохт!

Додгоҳҳои иқтисодӣ ба пуррагӣ ба "ҳуқуқи телефонӣ" гузаштаанд. Ҳукми онҳо на дар асоси қонун ва инсоф, балки бо фармоиши телефонӣ аз "боло" баровarда мешавад, ки эътимоди соҳибкорон ва маблағгузоронро ба ҳифзи сармояашон нест кардааст. Ин аст, ки ҳама мехоҳад сармояашро аз кишвар берун барад. Ширкатҳои Мегафон, ТСелл, Русал ва ғайра омодаи бо ним нарх бизнесашонро фурӯхта, халос шудан ҳастанд. Агар корхонае то ҳол аз кишвар фирор накардаast, аз ноилоҷист, яъне харидор наёфтааст...

Он солҳо ҳамин ширкатҳои мобилӣ ва дигар ширкатҳои маблағгузори хориҷӣ гаштаву баргашта ба ҳукумат нома навиштанд, ки фазои сармоягузорӣ тоқатфарсо мешавад, вале ба ин ҳушдорҳо касе эътино надод. Баръакс Кумитаи молиёт фишорро рӯи бизнес дучанд кард ва ширкатҳои байналмилалиро ҷаримаҳои ҳангуфт баст ва шикоятҳои онҳо ба додгоҳ бесамар монданд. Ин тасмим, дарвоқеъ, ҳамон моҷарои “куштани мурғ” буд. Бо куштани мурғ дуруст аст, ки як бор гӯшт мехӯрӣ, вале баъд ҳам аз мурғ ва ҳам аз тухм маҳрум мешавӣ.

Албатта, омилҳои дигар низ ҳастанд, ки ин ду – се намуна "муште аз хирворанд". Дарвоқеъ, имрӯз вазъ ба гунае

шуда, ки аз мардум охирин дилбастагӣ –"умед" рабуда шуда, вазъи хатарноке ба миён омадааст, ки метавонад ба инфиҷори иҷтимоӣ оварад.

Вазъи мавҷуд чораҳои қатъӣ металабад. Дигар бо нимиқдомот вазъро ислоҳ кардан имкон надорад. Агар сатҳи олии кишвар ба дарки вазъ воқиф ва омодаи чораҷӯӣ бошад, танҳо дар он ҳолат пеш рафтан мумкин мегардад. Ислоҳот бояд қатъӣ ва бебозгашт бошад ва ин, пеш аз ҳама, иродаи сиёсӣ дар сатҳи олиро тақозо мекунад. Сароҳатан ва аланан ислоҳоти иқтисодӣ-иҷтимоӣ бояд аз сатҳи олӣ эълон бишавад. Худи эълон кардани ислоҳот аз сатҳи олӣ "умед"–ро ба мардум бармегардонад ва сатҳи ташаннуҷро поён бурда, барои ислоҳ кардани вазъ муҳлати иловагӣ фароҳам мекунад.

Ба андешаи ман, агар ислоҳот пеш гирифта шавад, бояд интихоби шахсони роҳбарикунандаи вазорату муассисаҳои иқтисодӣ дар асоси барномаи рушди онҳо сурат бигирад. Дар назди вазорату муассисаҳои соҳавӣ аз ҳисоби коршиносони соҳа гурӯҳҳои корӣ сохта, барномаҳои кӯтоҳ ва дарозмуддат қабул кардан лозим мешавад.

Маблағгузориро дар риштаҳое, ки дар кишвар заминаи хуб доранд ва зуд ба суд мерасанд, авлавият эълон кардан лозим мешавад. Аз назари инҷониб, ин риштаҳо кишоварзӣ, саноати сабук, сайёҳӣ, барқи обӣ ва истихроҷу коркарди маъданҳо буда метавонанд. Дар ҳоли мудирияти хуб ин риштаҳои иқтисоди кишвар дар зарфи ду-се сол садҳо ҳазор ҷои кори босифат хоҳанд сохт. Бояд ба ин риштаҳо имтиёзҳои молӣ ва идорӣ дар назар гирифта шавад.

Дар баробари ин чораҳо давлат бояд ба вазифаи аслии худ, яъне дастгирии соҳибкории миллӣ пардозад ва ғайр аз нигоҳдорӣ ва тақвияти зерсохтҳо барои бозорёбии содирот бистари мусоид муҳайё кунад, аз ҷумла, қонунҳои

байникишварӣ бо кишварҳои хориҷии харидори потенсиалии молу колои кишварро танзим намояд.

Бояд фаъолияти додгоҳҳои иқтисодӣ танзим карда шуда, онҳо танҳо дар асоси қонун мунсифона ҳукм бароранд ва назорати Кумитаи мубориза бар зидди фасод аз рӯи фаъолияти онҳо пурзӯр карда шавад. Албатта, суоли муҳим ин ҷост, ки аз рӯи ин кумита кӣ бояд назорат барад? (Дар тамоми кишварҳои мутамаддин ин назорат бар дӯши рӯзноманигорон аст) Ҳуқуқи вакилон барқарор карда шавад, зеро имрӯз нақши вакилон миёнаравӣ барои додани ришва дар байни корхонаву додрас асту халос. Ҳеч додгоҳе ба далелу санади онҳо эътино намедиҳад. Дар ҳоли қонунсолор шудани соҳа батадриҷ эътимоди соҳибкорон ва сармоягузорони дохиливу хориҷӣ эҳё шуда, маблағгузории соҳаҳо ҷон мегирад.

Пеш аз ҳама, як хосияти умумии кишварҳои иқтисоди муваффақдошта сатҳи пасти фасоди молӣ мебошад. Дар дунё моделҳои зиёди иқтисоди муваффақ, аз қабили Сингапур, Куреи Ҷанубӣ ва ғайра ҳастанд, вале барои мо онҳо метавонанд роҳнамои умумӣ бошанд. Соҳаи иқтисод ба омилҳои зиёд, аз қабили иқлим, мавқеи ҷуғрофӣ, тавони молӣ, роҳу зерсохт, арзу тақозо ва ғайра сахт вобаста мебошад. Аз ин сабаб он "қабо" ба ин "қомат" хуб наменишинад. Низоми иқтисодии созгор бояд барои кишвар дар ҳамин ҷо "дӯхта" бишавад, ки кори ҳамон гурӯҳҳои корӣ хоҳад буд. Ҳамчунин ҷалби мушовирони кордидаи хориҷӣ асари ислоҳотро башиддат боло мебарад.

Рӯзи 14.12.2018 Бонки ҷаҳонӣ дар маркази "Созидание" ҷамъомад доир карда, вазъи иқтисодиро баррасӣ кард ва "Эъломияи иқтисодии Тоҷикистон"-ро ироа намуд. Тавсияҳои он метавонанд хосияти раҳбурдӣ дошта бошанд.

Ин ҳам метавонад як фурсате бошад, ки ҳукумат аз он истифода карда, оғози ислоҳотро эълон намояд ва мутмаинан Бонки ҷаҳонӣ ва муассисаҳои молии байналмиллалӣ ислоҳотро дастгирӣ ва маблағгузорӣ хоҳанд кард.

## ҲАР ЧӢ АНДӮХТАМ, ИН ТОИФАРО РИШВА ДИҲАМ

***(Хоқонӣ)***

Аз китоби “Моҷарои рафта” хонанда медонад, ки мо барои содироти пахта аз ниҳодҳои кишвар аснод дарёфт мекардем. Нарх аз тарафи бурс, маблағгузорӣ аз тарафи бонк, сифат аз тарафи стандарт бояд тасдиқ мешуд ва баъд аз он гумрук содиротро иҷозат медод. Рӯзе корманди масъули содироти ширкатамон шикоят кард, ки корманди Кумитаи стандарт санади мувофиқаро намедиҳад ва ришва металабад. Ман аз Комрон хоҳиш кардам, ки ба қазия расидагӣ кунад. Ӯ баъд аз боздиди он дастандаркори кумита баргашта, тасдиқ кард, ки воқеан корманд бо пуррӯӣ талаби ришва мекунад. Комрон бо раиси Кумитаи стандарт қарори мулоқот гузошта буд. Рӯзи дигар пас аз мулоқот хурсандона хабар овард, ки раис ваъда додааст, ки дар корхонае ки ӯ роҳбарӣ мекунад, чунин худсариҳо пешгирӣ мешаванд. Вале дар муроҷиати дубора масъули содироти мо боз ба ҳамон минвол посух гирифт. Ин дафъа он корманди кумита миқдори ришваро ҳатто боло бурда буд. Комрон ба ӯ суханони раисашро расонд, аммо ӯ бо истеҳзо ҷавоб дода буд.

Ман водор шудам, аз вакили корхона хоҳиш намоям, ки ба номи раиси Кумитаи стандарт аризаи шикоятӣ омода кунад ва барои шикоят ба мақомот низ омодагӣ бинад. Рӯзи

дигар вакил ба назди ман даромада, иттилои ҷамъкардаашро гуфт. Аз гуфтаи ӯ маълум мешуд, ки ин корманди пуррӯй ҷияни раиси кумита аст ва тамоми дахлу харҷи кумитаро ҳамин танзим мекунад ва мартабаи раис ба дараҷае будааст, ки мақомот ҳам бо ӯ сар ба сар шудан намехостаанд...

## ЧУН НАХОҲӢ ТУ РИШВАВУ ПОРА

**(*Авҳадӣ*)**

Омили мусоидаткунанда ба фасоди молӣ дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, маоши пасти кормандони муассисаҳо ва мақомоти давлатӣ аст. Дар ин росто ду омил барои кам кардани фасод зарурист:

– кормандони давлатӣ бояд бо маош ва рифоҳ таъмин карда шаванд;
– таъмини иҷтимоии онҳо дар замони бознишастагӣ бояд ба мизоне бошад, ки ғами "фардо" надошта бошад ва онҳоро барои пасандоз кардан ба ришвагирӣ маҷбур насозад;

Маълум аст, ки агар даромади корманд ба харҷи рӯзгораш нарасад, ӯ сарчашмаи даромад меҷӯяд ва осон ба гирифтани ришва даст мезанад. Вале агар ӯ донад, ки харҷи рӯзгораш таъмин ва дар замони бознишастагӣ рифоҳи ӯ ва фарзандону наздиконаш бо хадамоти иҷтимоӣ, аз қабили хадамоти тиббӣ ва таҳсилоту ҷои кори муносиб фароҳам мешавад, ниёз ба андӯхтани сарват ва пасандоз барои "фардо" нахоҳад дошт.

Роҳи аслӣ ва муассири назорат аз рӯи аъмоли фасодомези кормандон озодии васоити ахбори умум мебошад. Ҳамаи кишварҳои пешрафта ин масирро тай кардаанд ва

чунон ки арз шуд, роҳи мубориза бо ин мараз мушаххасан якест.

Ҳама ёд доранд, ки чанд сол пеш, қабл аз насби дурбинҳои "Шаҳри бехатар" ҳаракат дар роҳҳои Душанбе чи тавр буд. Ҳеч ронандае қоидаи роҳро риоят намекард. Чароғи сурху сабз ва аломатҳои чорроҳа барои ронандаҳои бечорае мисли ман буданд, ки аз наздик шудан ба хатарноктарин нуқтаи роҳ хабар медоданд. Дар чорроҳаҳо барои пиёдагардон воқеан хатари зери чархи мошинҳои бадвоҳима мондан вуҷуд дошт. Вале рӯзе ин бесарусомонӣ якбора хотима ёфт. Ронандаҳо ба якбор боинтизом шуданд, ҳама нишондоди чароғи роҳнаморо бечунучаро иҷро мекардагӣ шуданд, зеро дар чорроҳаҳои шаҳр дурбинҳо насб шуд, ки нақзкунандагонро ошкор карда, ҷарима мебанданд. Ба ҳамин содагӣ! Ҳар ронанда дар назди ҷайби худ масъулият пайдо кард. Нақз? Ҷарима, бифармоед!

Шеваи пешгирии фасод низ ба ҳамин содагист. Озодии баён. Ҷомеа, бахусус рӯзноманигорон бодиққат мисли дурбинҳои назоратӣ аз паси фасодкорон назорат хоҳанд кард. Ҳар мансабдоре пеш аз даст задан ба фасод андеша хоҳад кард, ки чӣ расвоӣ ва ҷазое дар пеш хоҳад дошт! Соли 2017 Кумитаи амнияти миллӣ як гурӯҳи бузург ва воломақоми ришвагирро ошкор ва боздошт кард, акнун фикр кунед, ки қудрати ин кумита бо таҳқиқи рӯзноманигорон як шавад, чӣ балое ба сари муфсидон меорад?!

Вақте Раисҷумҳури Туркманистон Сафармурод Ниёзовро пурсиданд, ки вазири ба сирқати чил миллион доллари будҷа муттаҳамро чӣ ҷазо интизор аст, ӯ ҷавоб дод:

– Ман ӯро аз мансаб гирифтам, барояш ҳамин ҷазо кофӣ аст!

Мисли ҳамин воқеа, рӯзе Раисҷумҳури Тоҷикистон аз Кумитаи телевизион ва радио дидан кард. Раиси кумита Убайдулло Раҷабов аз куҳна будани таҷҳизот шикоят карда, аз таҷҳизоти пешрафтаи диҷитолӣ тавсиф кард ва гуфт, ки мутаассифона, Кумитаи телевизион барои хариди ин таҷҳизот пул надорад, вагарна сифати барномаҳо хеле беҳтар мешуд. Дар ҳамон вохӯрӣ Раисҷумҳур ба Вазорати молия дастур дод, то аз сандуқи махсус маблағи лозимаро ба Кумита бидиҳанд.

Пас аз чанде Раисҷумҳур дар ҷаласаи ҳукумат аз раиси Кумитаи телевизион мепурсад, ки хариду насби таҷҳизот анҷом шуд ё на? Вале раиси кумита забонхоӣ мекунад ва ниҳоят арз мекунад, ки пул то ҳол ба кумита дода нашудааст.

Бо дастури кишвардор мақомоти тафтишотӣ ба ин кор машғул шуданд. Маълум шуд, ки раиси шуъбаи марбути Вазорати молия ба муҳосиби Кумитаи телевизион шарт мондааст, ки барои гирифтани маблағ бояд даҳ дарсади онро нақд ришва диҳад. Мақомот муҳосибро бо дастгоҳи сабти овоз ва микрофон муҷаҳҳаз карда, ба назди корманди вазорат фиристоданд. Раиси шуъбаи вазорат барои тавҷеҳ кардани порахӯрияш, ба корманди кумита тамоми ҷузъиёти фасодкории вазоратро ошкор кард, ки аз сӯи мақомот сабт гардид. Дар ин суҳбат ба киҳо ва чӣ гуна тақсим шудани ин ришваро гуфта дод, ки сарриштааш то сатҳи болои вазорат рафта мерасид. Ин расвоии бесобиқа расонаӣ шуд. Ҳама интизор буданд, ки мансабдорони ин вазорат бо расвоӣ аз мақом барканор мешаванд. Вале ғайр аз ҳамон раиси шуъба касе ҷазо надид.

# РИНДОНИ ТАШНАЛАБРО ОБЕ НАМЕДИҲАД КАС

***(Ҳофиз)***

Табиист, ки дар ин авзо аз фасоди густарда кулоҳбардорон низ суистифода мекарданд. Ҳодисаи ҷолибе шунидам аз кулоҳбардоре, ки дар ноҳияи Панҷекат маъруф аст. Дар бораи кулоҳбардориҳои ӯ ҳикоят зиёд аст.

Луқмон бо додситони кулл ошно буда ва равуо доштааст. Аз ин дӯстияш суистифода мекард. Рӯзе ба назди раиси шаҳри Панҷекат омада, бо ташвиш мегӯяд, ки дирӯз дар рӯи мизи Додситони кулли ҷумҳурӣ номае дидааст, ки барои тафтиши иҷрои қонун ба шаҳри Панҷекат гурӯҳеро эъзом карданист. Ва бо дилсӯзӣ пурсидааст, ки оё раис омода аст? Ҳеч кӯмаке намехоҳад? Ва бо каллаҷунбонӣ чанд камбуди раисро рақам зада мегӯяд, агар инҳо ошкор шаванд, халос шуданатон душвор мешавад.

Раис бо ташвиш чора мепурсад, Луқмон мегӯяд бояд бо Додситони кул суҳбат ва саъй карда, тафтишотро лағв кунад. Вале, худатон медонед, ки "бе пул суханат асар надорад" гуфта, ба раис ишора мекунад.

Дар ниҳоят раис, ки медонист тафтишгарон "аз зери нохун" ҳар қадр хоҳанд "чирк" меёбанд, ба зорӣ медароядз: "Луқмонҷон, як бало кун, ҷонамро аз азоби вохӯрӣ бо хунхорон халос кун" ва тибқи машварат чанд баста пулро ба кисаи Луқмон мехалонад. Луқмон калла ҷунбонда, "Кӯшиш мекунам, бояд зуд равам, генералро пайдо кунам" гуфта, бо раис хайрухуш мекунад.

Луқмон баъди чанд рӯз ба назди раис баргашта, мегӯяд: "Масъала ҳал шуд" ва боз аз раис як зиёфат ҳам хӯрда, аз пайи ҷашни арӯсии писараш мешавад. Рӯзи тӯй дар дами

дарвоза ба касоне, ки табрикаш мегӯянд, “Ин тӯи раис”, “Ба раис табрик гӯед” гуфта, ҷавоб медиҳад. Вақте мепурсанд, ки тӯи ту ба раис чӣ дахл дорад? Мегӯяд: “Пули тӯйро барзиёд раис доданд”.

## МАРО ЗИ ТАЪНАИ БЕГОНА ОН ҶАФО НАРАСИД
### (Авҳадӣ)

Иттиҳоди Шӯравӣ дар дунё иттиҳоди давлатҳои сусиёлистиро сохта буд, ки баробари фурӯпошии Шӯравӣ аз байн рафт. Қисме аз ин давлатҳо дар Аврупои шарқӣ буданд, ки Шӯравӣ онҳоро дар ҷанги дувуми ҷаҳонӣ аз дасти фашистон озод карда буд.

Саршавии раванди фурӯпошии иттиҳоди байни кишварҳои сусиёлистӣ дар Аврупои шарқӣ аз иттифоқи аҷибу ғарибе сар шуд. Моҳи декабри соли 1989 дар Румонӣ дар натиҷаи кудато раисҷумҳур Чаушеску бо хонумаш Елена аз сӯи додгоҳи низомии махсус ташкилшуда дар як ҷаласаи якунимсоата ба қатл маҳкум ва билофосила дар ҳавлии додгоҳ парронда шуд, ки ҳамин воқеа нуқтаи оғози инқилобҳои зиддикомунистӣ дар кишварҳои ҳамсоя шуд.

Сабаби хашми мардум зиндагии шоҳонаи хонаводаи Чаушеску дар муқобили зиндагии нимгуруснаи аҳолӣ буд. Маводи хӯроквориву сӯхт камчин ва дастнорас буд, барқ бо маҳдудият дода мешуд ва дар бемористонҳо одамон аз набуди барқ мефавтиданд, дар ҳоле, ки барои саги Чаушеску аз Ландан бо ҳавопаймо хӯрок меоварданд ва худи ин сагро бо лимузин дар иҳотаи кортежи дучархаҳо мегардонданд.

Кишварҳои Аврупои ғарбӣ, ки то ҳол дар иттиҳоди мухолиф қарор доштанд, аз озодихоҳии ин кишварҳо дастгирӣ карданд ва ба кӯмаки онҳо шитофтанд. Он солҳо аз сабаби уфти бесобиқаи иқтисодӣ, худи давлати Шӯравӣ, ки қаблан ба кишварҳои Аврупои шарқӣ ёрона медод, ба кӯмаки кишварҳои ғарбӣ ниёз дошт ва қарзҳои ҳангуфте ҳам дарёфт кард. Ёдам ҳаст, қарзи Русия дар назди кишварҳои аврупоӣ, бахусус "Клуби қарздиҳандагони Порис", ки чанд кишвари аврупоӣ муассисаш буданд, ба милёрдҳо доллар расида буд ва коршиносон онро мояи нигаронӣ медонистанд, ки шояд истиқлоли Русияро ба хатар андозад. Баъдан Русия дар солҳои баланд будани нархи газу нафт бо истифода аз ин имконоти нодир ин қарзи бузургро якбора пардохт, ки моҷарои хос дошт.

Вале ҳамон ҳукумати тозатаъсиси Румонӣ бо сароҳат эълон кард, ки барои обод кардани ватанаш ба қарз ниёз надорад ва "миёнҳоро муҳкам мебандад". Ин ба он маъно гуфта шуда буд, ки шикамҳоро фурӯ мекашанд ва озодиро қурбони шикам намекунанд, зеро бо гирифтани қарз кишвари қарзгир зери таъсири тарафи қарздиҳанда мемонад ва дар тасмимгириҳо бояд шартҳои онро риоят кунад. Ман ҳоло ҳам ин тасмими румониҳоро ба хубӣ ёд дорам, зеро бо рӯҳияи ман созгор буд ва ҳаст.

Тирамоҳи соли 2014 аз Кумитаи сармоягузорӣ ба мо даъватнома фиристоданд, ки дар вохӯрии соҳибкорони ҷумҳурии Чех, ки ҳамроҳи раисҷумҳурашон ташриф оварда буданд, иштирок кунем. Рӯйхати соҳибкорони онҳо замима шуда буд, ки дар он намояндаҳои ду-се донишгоҳи пизишкӣ ва бемористон низ буданд. Барномаи вохӯрӣ, аввал суханронии раисони ҷумҳур ва баъдан вохӯриҳои дутарафаи соҳибкорони хоҳишмандро пешбинӣ мекард.

Раисҷумҳури чех Милош Земан дар суханронияш ҳаҷми ҳамкории байни кишварҳои Чеху Тоҷикистонро нокифоя арзёбӣ карда, сабаби онро як қарзи ҳалношуда байни кадом корхонаи чех бо корхонаи тавлиди симони шаҳри Душанбе донист ва эълон кард, ки дар вохӯрии имрӯзааш ҳали ин масъаларо ёфтааст ва изҳори умедворӣ кард, ки он қарз ба зудӣ пардохта ва роҳи ҳамкориҳо боз мешавад.

Баъд аз суханрониҳо моро ба толори вохӯриҳои дуҷониба роҳнамоӣ карданд. Аз як сӯ, одати кунҷковиям сабаб шуда бошад, ки бисёр мехостам донам кишварҳои қаблан ҳампаймон ба куҷо расидаанд, аз сӯи дигар, мехостам бо намояндаҳои донишгоҳи пизишкӣ ва бемористон суҳбат карда, бинам, ки кадом роҳҳои ҳамкорӣ вуҷуд дорад. Таҷҳизоти пизишкии пешрафтаи аврупоӣ воқеан фавқулода аст ва доим нав мешавад. Мехостам бибинам, ки чеҳҳо чӣ технолоҷии наве пешниҳод мекунанд.

Ғайр аз ин, дар дунё ҳар сол конфронсҳои илмии пизишкӣ баргузор мешаванд, ки дар онҳо дастовардҳои нав ба пизишкон рӯнамоӣ шуда, сатҳи дониши мутахассисонро боло мебаранд. Мехостам донам, ки дар он кишвар кай ва дар кадом риштаҳо конфронс баргузор мешавад ва шарти иштирок чӣ гуна аст.

Дар толор мизҳои зиёд гузошта, номи ширкатҳоро дар рӯяш сабт карда буданд. Ман мизи яке аз донишгоҳҳоро ёфта, худамро муаррифӣ кардам, вале аз сӯи онҳо иштиёқе барои суҳбат надидам. Намояндагони донишгоҳ чанд маҷалларо ба ман дода, ҳаминро хонед, ҳамааш навишта шудааст, гуфта, аз суҳбат худдорӣ карданд. Бароям хеле аҷиб буд. Мизи бемористонро ёфта суҳбат карданӣ шудам, боз ҳамон муносибати сард. Аҷабам омад ва аз онҳо даъват кардам, ки ба бемористони мо таш-

риф биёранд ва имконоти ҳамкорӣ бо моро бинанд. Намоянда забонхоӣ кард "мо намехоҳем вақти шуморо ҳадар кунем, зеро дар барномаи мо имкони қарздиҳӣ нест". Тими соҳибкории Чех бо зеҳнияте омада буд, ки дар ин кишвар фақат қарз мегиранд ва баъдан онро барнамегардонанд. Ҳамин мисол намунаи рӯшани нигоҳи сармоягузорони берунӣ ба фазои соҳибкорӣ дар кишвар аст, ки натиҷаи бесарусомонӣ ва фасод мебошад.

## ХИРОҶИ МАМЛАКАТЕ ТОҶУ АФСАРАШ БУДА
### *(Фаррухӣ)*

Ҷомеа барои нигоҳдории давлат молиёт месупорад ва кормандони давлатӣ бояд дар ивази маошу имтиёзҳое, ки барояшон аз ҳамин сарчашма дода мешавад, ба беҳтарин навъ дар хидмати ҷомеа бошанд.

Ба ақидаи коршиносон, Ибни Халдун аввалин иқтисоддоне аст, ки пойдории давлатро мустақиман ба сиёсати иқтисодӣ рабт додааст ва онро исбот кардааст. Ба ақидаи ӯ, нақши давлат аз таъмини авлавияти қонун барои таъмини рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ иборат аст. Ӯ мегӯяд, ки тасаллути мақомоти қудратӣ бар иқтисод сабабгори уфти иқтисодӣ ва дар натиҷа уфти давлат мегардад.

Китоби “Муқаддима»-и Ибни Халдун аз сӯи Муҳаммад Парвини Гунободӣ дар миёнаи асри бист ба забони форсӣ тарҷима шуда бошад ҳам, ниҳоят соли 2019 аз сӯи Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ ба хати сириллик баргардон шуда, дар дастраси тоҷикистониён қарор гирифтааст. Месазад, ки ин китобро ҳама касоне, ки дар умури давлат ва иҷтимоиёт дастандаркоранд, рӯи миз дошта бошанд ва бихонанд. Бисёр

мавзӯъҳое, ки дар китоб баррасӣ шудаанд, имрӯз ҳам аҳаммияти воқеӣ доранд ва метавон онҳоро ба кор гирифт.

Барои мисол, Ибни Халдун дар масъалаи молиёт (андоз) ва таъсиру аворизи он барои давлат мегӯяд: “Ва ҳангоме ки мизони тақсимбандӣ ва таколиф, ки бар раоё таҳмил мекунанд, андак бошад, мардум бо шигифтӣ ва пушткор ба кӯшишу фаъолият мепардозанд ва дар натиҷа ободонӣ ба таври рӯзафзун тавсеа меёбад, зеро дар натиҷаи камии боҷ ва ночиз будани миқдори хароҷ некӯҳол мешаванд ва зиндагонии онон қарини беҳбуду рафоҳ мегардад. Ва ҳар гоҳ ободонӣ тавсеа ёбад, бар шумораи таколифу тақсимбандии хароҷситонӣ афзуда мешавад ва дар натиҷа хароҷ, ки аз маҷмӯаи таколифи мазбур ба даст меояд, низ фузунӣ меёбад.”

Ҳар қадар, ки бори молиёт сабук бошад, ҳамон қадар ба шавқу иштиёқи соҳибкорон меафзояд ва ба фаъолият ҷалб мешаванд ва аз сабаби афзоиш ёфтани шумори онҳо даромади молиёт ба хазинаи давлат зиёд мешавад. Метавон дар ин ҷо илова кард, ки фазои озоду молиёти сабук ҳамчунин ба афзоиши рақобат ва дар натиҷа беҳ шудани сифат ва арзон шудани нарх низ мусоидат менамояд.

“Ба иллати фурӯ рафтан дар нозу неъмат ва таҷаммулхоҳӣ ниёзмандиҳо ва одоту русуми онон (давлат) фузунӣ ёбад, он вақт бар ... хароҷи раоёву барзгарон ва кишоварзон ва дигар касоне, ки хароҷ мепардозанд, меафзоянд... Сипас бар таколифи мазбур пай дар пай ва миқдор ба миқдор меафзоянд...”

Вале вақте давлат ба таҷаммулхоҳӣ (ҷашну маросими пурхарҷ ва сохтмонҳои пурҳазина) рӯй орад, ба тадриҷ мизон ва теъдоди молиётҳоро боло мебарад.

“Он гоҳ изофоти мазбур аз ҳадди эътидол хориҷ мешавад (ва раият беҳбуди зиндагӣ ва некӯҳолии пешинро аз даст

медиҳад) ва аз иштиёқ ба ободонӣ бозмеистад, зеро вақте ки махориҷу вомҳо ва мизони хароҷгузории худро бо миқдори баҳрабардорӣ ва суди худ месанҷад ва мебинад суди андаке бармедорад, он вақт дар вартаи навмедӣ ғӯтавар мешавад. Аз ин рӯ ҷамъияти бисёре ба куллӣ аз ободонӣ даст мекашанд...", "...то он ки саранҷом ободонӣ ва иҷтимоъ дар сарошеби сукут фурӯ меафтад, зеро умеди мардум ба тавлиди сарвату ободонӣ қатъ мегардад."

Рӯзе мизони молиёт ба ҳадде боло мешавад, ки барои соҳибкорон суде намемонад ва онҳо лоилоҷ ангезаи ободониро аз даст медиҳанд ва аз он даст мекашанд.

"Ва фарҷоми носозгори ҳамаи инҳо оиди давлат мешавад, зеро суди ободонӣ ва тавлиди сарват ба он бозмегардад."

Дар ниҳоят, баландии молиёт ва касод шудани соҳибкорӣ ба зарари давлату давлатдорӣ хатм мешавад.

"Қавитарин муҷиботи ободонӣ ва тавлиди сарват иборат аз тақлили ... молиётҳо бар ободкунандагон аст, то ҷое ки имконпазир бошад, чӣ аз ин роҳ рӯҳи пушткор ва фаъолият барои ободонӣ дар мардум бедор мешавад, чӣ яқин мекунанд аз он суд мебаранд ва баҳрабардорӣ мекунанд"

Роҳи асосии тақвияти соҳибкорӣ кам кардани молиёт аст, мегӯяд ин мутафаккир. Сабаби асосии касри будҷа, ҳарчанд боварнакарданӣ намояд ҳам, баланд будани мизони молиёт аст!

Ростӣ, тавсияи дигаре ба ин андешаи коромад илова кардан наметавон. Ман мутмаинам, ки дастандаркорони соҳаи иқтисоди кишвар натанҳо ин китоб, балки садҳо китоби дигарро дар ин боб хондаанд. Вале, тааҷҷуб аз он аст, ки мо "бар шонаҳои ин бузургон нишаста", чаро натавонистем иқтисодамонро дуруст мудирият намоем?!

Ҳоммер дар боби ин китоб мегӯяд: "Муқаддима"... аз кутубест, ки куллияи риҷол ва вазирону умаро ва умуми равшанфикрону коркунони дастгоҳҳои мухталифи давлати Усмонӣ (Туркия) онро мутолиа мекунанд." Барои донистани рози муваффақияти давлати Туркия ҳамин иқтибос аз Ҳоммер кофист.

Ба наздикӣ ба Туркия сафар доштам ва аз соҳибкоре дар боби тафтишу дахолати мақомот суол кардам, фармуд, дар тӯли 13 соли корияш боре ҳам бо мақомот рӯбарӯ нашудааст.

## ЗАМОНА БА МАРДУМ ШУД ОРОСТА
### *(Фирдавсӣ)*

Имрӯз, ки ман қарор кардам ин сафҳаро ба ин нома биёфзоям, охири сентябри соли 2022 аст ва бар асари ҷанги Русия бар зидди Украин ҷавонони русиягӣ аз тарси басиҷшавӣ кишварашонро тарк мекунанд. Дирӯз наворе дар интернет пахш шуд, ки ҷавоне мегуфт, то ҳол ҳаёти хубу ороме дошт ва ҳоло дар Тоҷикистон саргардон асту намедонад чӣ кор кунад. Рамзист, ки соле пеш навори дигари шабеҳи ҳамин аз забони як афғонистонии гуреза аз дасти Толибон ашки хонуми рӯзноманигорро равон карда ва дунёро такон дода буд.

Русиягиҳо мисли дигар ақвоми шӯравӣ аз сиёсату пропагандаи давлати Шӯравӣ комилан беангеза шуда буданд. Тоталитаризм ва пропагандаи давлатии Шӯравӣ аз одамон халлоқият ва шӯру шавқро комилан салб карда буд. Умуми мардум дар ҳама ҷанбаҳо ба умеди давлат буданд, интихоб ва ихтиёр надоштанд, дар чаҳорчӯби идеолоҷии "кумунистӣ"

мезистанд ва худро хушбахт медонистанд. Ёд дорам, роҳ надодани сиёҳпӯстон ба нақлиёти ҷамъиятӣ дар Амрико, барномаи Ибтикори дифоъии истротежики Пентагон, тасаллути Исроил дар минтақа ва ғайра бо аксҳои корикатурӣ дар рӯзномаҳои шӯравӣ ончунон даҳшатбор ҷилва меёфт, ки ман ба тамоми он нафрат доштам ва аз кишвари "сулҳпарвар"–и худ ифтихор мекардам.

Ҳукуматҳо ҷавобгӯи тақдири миллатҳо ҳастанд. Вале, пеш аз ҳама, миллатҳо масъули онанд, ки чӣ низоме бар онҳо ҳукумат мекунад. Агар давлат тасаллути комил пайдо кунад ва аз миллат ҳисоб набарад, метавонад ба тавтеаҳое мисли ҳамин ҷанги Русия бо Украин даст занад, ки мӯҷиби бадбахтии наслҳо мешавад. Аз ҳамин сабаб ҳеч кас наметавонад аз тақдири давлату миллате, ки дар он зиндагӣ мекунад, шона холӣ кунад. Роҳи асосӣ ва қонунии таъсири миллат бар давлат ва сиёсат интихобот ва раъйпурсиҳост, ки рукни асосии мардумсолорист. Насли ман шояд ин падидаи мардумсолориро ҷой андохта натавонад, зеро мо, аввалан шӯравизодаем ва сониян тоҷики суннатгаро. Боре аз як мушовири олмонӣ, ки ба яке аз ширкатҳои мо даъват шуда буд, рози муваффақияти кишварашро пурсидам. Дарвоқеъ, ҳайратовар аст, ки олмониҳо дар фурсати нисбатан кӯтоҳ пас аз ҷанги ҷаҳонии дуввум, ки кишварашон ба хок яксон шуда буд, чӣ тавр тавонистанд ба яке аз иқтисодҳои аввали дунё ноил шаванд? Ӯ ба сароҳат ҷавоб дод: "Авлавияти қонун" ва илова кард: "Ин авлавият аз риояи қонунҳои роҳ ва ронандагӣ сар мешавад."

Зеҳнияту афкори насли ман ва калонтарҳоро тағйир додан душвор аст. Хонанда шоҳид аст, ки муаллиф чанд бор дар ҳамин нома тарафдори шикасти қонун будааст, Бобоҷон Ғафуровро барои ҷазо надодани падари пири он куҳнасарбоз

тамҷид мекунад, қотили Саидаи фолбинро ҷавонмард меҳисобад ва ғайра. Вале дунё, хушбахтона, ба сӯи ҷомеаи озод ва мардумсолор, ки авлавияти қонун ва шоистасолориро дар батн дорад, равон аст. Насли нави мо бояд ба ҳамин сӯ майл дошта бошад. Мо бояд тамоми заминаҳоро барои мардумсолорӣ ва авлавияти қонун омода созем, то баъдан аз ин кишвар фарзанду наберагонамон ифтихор намоянд.

Мардумсолорӣ, ба гуфтаи сиёсатмадори маъруфи ғарбӣ Винстон Черчил "навъи бадтарини мудирияти ҷомеа аст, вале инсоният беҳтар аз онро кашф накардааст".

Дар солҳои баъд аз Истиқлол дар татбиқи мардумсолорӣ дар Тоҷикистон шитобкорӣ мушоҳида шуд. Мисоли рӯшани ин гуфта ҳамон воқеаҳои аз сар гузаронидаи миллат аст. Чи тавре ки хонанда аз ин нома ва аз китоби “Моҷарои рафта” дарёфт, нухбагони миллат ҳанӯз аз сатҳи маҳал боло нарафта буданд. Раисҷумҳури аз тариқи раъйдиҳӣ интихобшударо фақат ба хотири он ки аз маҳали эшон нест, қабул накарданд ва тазоҳурот ташкил намуда кишварро ба ҷанг кашиданд.

Мусаллам аст, ки дар ҷомеа гурӯҳҳои зиёд вуҷуд доранд ва манфиаташон ҳам гуногун аст. Моҳияти мардумсолорӣ ин аст, ки намояндае, ки раъйи бештар меорад, бояд аз сӯи ҳамагон қабул шавад ва гурӯҳи мухолиф метавонад дар канори он қарор гирад ва бо интиқод нақши созанда дошта бошад, вале таъқибу танбеҳ нашавад. Ва дар раъйдиҳии баъдӣ бо барномаи созанда талош кунад, то раъй ба даст орад. Камбудии асосии демокросӣ дар ин аст, ки як нафар роҳбар мешавад ва намояндаи ақалият наметавонад ҳамзамон бо намояндаи аксарият роҳбарӣ кунад. Вале дар ҷомеаҳои пешрафта як иҷмоъе дар байни аксарияту ақалият шакл мегирад ва манфиатҳои ақаллият низ риоя мешаванд. Ин формул, ки

намояндагони ақаллият дар мухолифат қарор гиранд ва аз фаъолияти ҳукумат интиқод кунанд, дар ҷомеаҳои пешрафта нақши созанда дорад...

## ДАР БЕХАБАРӢ МАРД ЧӢ ҲУШЁРУ ЧӢ МАСТ

***(Хайём)***

Дар "Наврӯзнома"- и Хайём дар фасли "Андар ёд кардани қалам" омадааст: "Таъсири қалам салоҳ ва фасоди мамлакатро коре бузург аст ва худовандони қаламро, ки муътамад бошанд, азиз бояд дошт."

Дар солҳои аввали Истиқлоли Тоҷикистон расонаҳои озод, аз қабили “Чароғи рӯз”, “Адолат” ва ғайра зуҳур карданд, ки дар воқеъ, намоди рӯзноманигории озод буданд. Онҳо ба қадре маъруфият касб карданд, ки ба шумори зиёд чоп мешуданд ва даст ба даст мегаштанд. Тақрибан ҳамаи мардум рӯзномахон шуда буданд. Ин падида ба бедорӣ ва маърифат мусоидат мекард. Вале, мутаассифона, бо саршавии ҷанги дохилӣ фаъолияти ин рӯзномаҳо қатъ шуд. Илова бар ин, дар авҷи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон тақрибан нашри ҳамаи рӯзномаҳо қатъ шуда буд. Ду–се рӯзномаи давлатӣ, ки нашр мешуд, таъсири чандоне ба афкори умумӣ надошт.

Дар аввали солҳои дуҳазорум аз баракати фазои мусоид аввалин расонаи мустақил–ҳафтиномаи "Asia plus" ба забони русӣ арзи вуҷуд кард. Ин расона аз сӯи Умед Бобохонов роҳандозӣ шуд ва як муддат танҳо расонаи сатҳи баланд дар Тоҷикистон буд. Он солҳо ин зеҳниятро сохта буданд, ки расонаи хуб фақат ба забони русӣ метавонад бошад ва забони тоҷикӣ тавони фаннӣ надорад ва танҳо дар соҳаи адабиёти

бадеӣ метавонад корбарӣ дошта бошад. Дар ҳақиқат, забони тоҷикӣ дар солҳои охири ҳокимияти Шӯравӣ хеле таназзул карда, дар асл ба ҳадди як забони хонагӣ расида буд. Коргузории соҳаҳои фаннӣ ба забони русӣ буд. "Asia plus" ҳамин зеҳниятро тақвият дод. Вале инро ҳам бояд гуфт, ки Умед Бобохонов тавонист дар кишвар мактаби рӯзноманигории навини худро ташкил кунад. Ба андешаи ман, матолиби ин рӯзнома воқеӣ ва созанда буданд.

Соли 2003 ҳафтаномаи "Нерӯи сухан" ва соли 2004 "Рӯзи нав" аз сӯи рӯзноманигорони тоҷик ба забони тоҷикӣ ташкил шуданд. Ин рӯзномаҳо бори дигар исбот карданд, ки ба забони тоҷикӣ низ метавонад расонаи хуб вуҷуд дошта бошад, вале, мутаассифона, ҳардуи он пас аз фаъолияти яксола баста шуданд. Сабаби баста шудани ин расонаҳо, аз диди ман, риоя накардани "чӣ гуна гуфтан" буд. Онҳо аз аввал ба интиқоди тунди фаъолияти ҳукумат ва нафарони масъул пардохтанд. Ҳарчанд ин рӯзномаҳо бо баҳонаҳои молиётиву ғайра баста шуда бошанд ҳам, сабаби асосӣ ҳамин интиқоди тундашон буд.

Чун дар асари тундравиҳо ин расонаҳо баста шуданд ва фазои иттилоотӣ маҳдуд шуд, акнун ҳатто танқиди созгор ҳам тунд менамуд ва дар марҳалаи баъдӣ тасмими бастани "Asia plus" ҳам гирифта шуда буд. Шунидам, ки танҳо дахолати сафири Амрико имкон дод, ки хабаргузории "Asia plus" баста нашавад, вале зери фишору маҳдудияти дастрасӣ ба сайти интернетии он, нақши ин ҳафтанома ҳам ба ҳадди ақал расонда шуд. "Asia plus" ҳоло ҳам ҳамчун расонаи мустақил чоп мешавад, вале дар иҷрои рисолати худ тақрибан нақше надорад. Дар натиҷаи фишор рӯи расонаҳо яке аз рукнҳои асосии демократия дар кишвар тақрибан ба сатҳи нестӣ расида ва барои ривоҷи фасод роҳи калону мум-

фарш боз шудааст. Акнун, мансабдорони сатҳи поин ҳам ҳеч саде дар пеши худ намебинанд ва фасоди густарда доман паҳн карда, пеши роҳи рушдро гирифтааст.

## МУЗД ОН ГИРИФТ, ҶОНИ БАРОДАР, КИ КОР КАРД

***(Саъдӣ)***

Дар китоби нависандагони инглис Джонатан Линн ва Энтони Джей "Бале, ҷаноби вазир", ки ба лаҳни танзомез бюрокрасии инглис ҳаҷв карда мешавад, байни муовини доимии вазир, роҳбари дастгоҳи вазорат сэр Хамфри Эплби ва котиби хоси вазир сэр Бернард Вули мукотибаи ҷолибе сурат мегирад. Хамфри ба Бернард менависад:

"Ба ман маълум шуд, ки вазир бидуни мувофиқа бо мо мехоҳад бо кормандони хурди вазорат вохӯрӣ анҷом диҳад. Тафсилотро ироа намоед".

Бернард ҷавоб медиҳад:

"Ҷаноби Вазир мехоҳад аз наздик бо тамоми қишрҳои кормандони вазорат шинос шавад ва донад, ки онҳо ба чӣ кор ва чаро машғул ҳастанд".

Хамфри:

"Вақте Вазир мудирияти вазоратро ба даст гирифтанӣ мешавад, дар вазорат ҳарҷу марҷ ба миён меояд. Вазоратро бояд ман, ки бисту панҷ сол собиқа ва таҷрибаи корӣ дорам, мудирият кунам... Ӯ бояд ба корҳои ташрифотӣ машғул бошад, ӯро чи мондааст ба корҳои вазорат ва кормандон".

Ҳамин тавр, дар ин китоби бо танзи зарифи инглисӣ навишташуда муборизаи вазир бо дастгоҳи вазорат ҳаҷв карда мешавад. Муаллифон нотавонии вазирро дар муқобили

тавтиаву дасисаҳои маъмули бюрокрасӣ ба таври ҷолиб нишон медиҳанд.

Фазлиддин Шомуродов, як шиноси ман дар як вазоратхонаи кишвар ба ҳайси раиси бахши нерӯи инсонӣ кор мекард. Ӯ мутахассиси хуби соҳааш буд. Мусаллам аст, ки нерӯи инсонӣ омили асосии муваффақияти ҳар муассиса аст. Мисли ин ки раиси собиқи ин идора аҳаммияти ин масъаларо, ки ҳаёту мамоти кор ба сатҳи тахассусӣ ва кордонии кормандон вобаста аст, хуб медонист, ки чунин кормандро ба ин шуъба роҳбар гузошта буд.

Вазири нави ин идора дар рӯзҳои аввали кориаш пас аз иваз кардани ронандаву нигаҳбон ва дигар кормандони бахши хоҷагидорӣ ба наздикону хешовандонаш ин шиноси манро ҳозир карда, ба ҷавони дар наздаш нишаста ишора карда, дастур дод:

"Ҳамин ҷияни манро ба ягон кори нағз қабул кун!" ва имкони суол додан надода, бо ишораи даст ӯро аз утоқи корӣ берун фиристод.

Ҷияни вазир аслан аз ин соҳа набуд ва Фазлиддин майна об мекард, ки ӯро ба чӣ кор бигирад. Ронандаву нигаҳбонон ва ҳатто назофатчиён ба ҳамин наздикӣ ҳама бо фармони ҳамин роҳбари нав иваз шудаанд. Боқӣ ҳама мансабҳо тахассусианд. Ду–се рӯз пас вазир ҳини баррасии аснод зери лаб пурсид:

– Ҷияна ба чӣ кор мондӣ?

– Ҳоло фикр карда истодаам, – ҷавоб дод Фазлиддин.

– Зудтар ҳал кун, кори хуб бошад! – парвандаҳоро сӯи раиси персонал тела дода, бо рӯи турш хитоб кард вазир.

Тақрибан баъд аз як ҳафта вазир Фазлиддинро даъват карда пурсид:

– Чаро ҳоло ҳам кори ҷиянро ҳал накардӣ?!

– Ҷаноби вазир, намедонам ба чӣ кор қабул намоям, ихтисосаш дигар аст, ғайр аз ин ҳама мансабҳо банданд, ҷои холӣ надорем, – ниҳоят арз кард дӯстам.

– Ҷои холӣ надорӣ?! – бо садои таҳдидомез пурсид вазир ва давом дод:

– Аз пагоҳ фармони аз кор холӣ шудани худат ва ба ҷои худат ба кор пазируфта шудани ӯро барор!

Ҳамин тавр ҳам шуд.

Вазирҳои инглис бояд аз вазирҳои мо тарзи корро биомӯзанд.

## РОЙИ ВАЗИРОН ТУРО БА КОР НАОЯД
### *(Рӯдакӣ)*

Мо, сарони ширкатҳои пахтаро ба ҷаласаҳои ҳукуматӣ, ки дар он масъалаи пахта баррасӣ мешуд даъват мекарданд, чи дар марказ ва чи дар минтақаҳо. Рӯзе дар ҷаласаи ҳукумати вилояти Хатлон масъалаи чидани пахта баррасӣ мешуд. Ҳукумат ба маъракаи чиниш аҳаммияти вижа медод, зеро дар ин маърака теъдоди зиёди сокинон ба кор фаро гирифта мешуданд ва аз дастмузди онон молиёт ситонда мешуд, ки барои пур кардани буҷа муҳим буд. Аз ҳамин сабаб ҳар сол пеш аз чиниш, дастмузди чинакчиён аз сӯи ҳукумат муайян ва сабаби баҳси гарм дар байни сармоягузорону ҳукуматҳои маҳаллӣ мешуд.

Дар ҷаласаи ҳукумати вилоят, ки таҳти роҳбарии раиси вилоят мегузашт ва дар он раисони ноҳияҳову сарони ширкатҳои сармоягузор иштирок мекарданд, муовини сарвазир – намояндаи ҳукумати марказӣ Қозидавлат Қоимдодов низ ҳузур дошт ва қарори ҳукуматро дар бораи дастмузди

чинакчиён эълон кард. Раиси ноҳияи Вахш Нуров Сайвалӣ хеста эътироз кард:

– Ин маблағ кофӣ нест, ман талаб мекунам, ки ба он афзуда шавад!

Раиси вилоят ба Нуров хитоб кард:

– Дидӣ, ки ин қарорро муовини сарвазир, рафиқ Қоимдодов эълон кард! Ту аз фармони ӯ саркашӣ мекунӣ?!

– Қоимдод равад, дар Бадахшон фармонфармоӣ кунад,– билофосила ҷавоб дод Нуров ва толор аз ханда ларзид.

## ЗАМОНА ПАНДЕ ОЗОДВОР ДОД МАРО
### *(Рӯдакӣ)*

Баҳори соли 2015 меъмори шаҳри Душанбе дархости мулоқот кард. Дар мулоқот ӯ, пеш аз ҳама, эълон кард, ки аз номи шаҳрдор Маҳмадсаид Убайдуллоев омадааст ва ҳар ҳарфе мегӯяд, ман чунин ҳисобам, ки онро дақиқан аз забони шаҳрдор шунидам.

Шумо бояд ба хубӣ аз қаноти сеошёнаи биноятон даст кашед, агар ба хубӣ даст накашед, бо бадӣ ин бино аз шумо гирифта мешавад!

Ман ба гӯшҳоям бовар накардам ва ба Комрон нигаристам, аз вазъи шокии Комрон донистам, ки гӯшҳоям маро фиреб накардаанд. Пас аз лаҳзае ба худ омадам ва бо истеҳзо ҷавоб додам, ки агар ҷаноби раис хоҳанд, ҳамаи биноро бигиранд, аз дасти мо бадӣ намеояд.

Ӯ оҳанги истеҳзои маро нафаҳмид ё аз канори гӯшҳояш рад кард ва идома дод:

Агар ба хубӣ медода бошед, пас ҳукумати шаҳр ба шумо иҷозат хоҳад дод, ки дар қисмати охири ин замин бинои

дигаре созед ва зараратон ҷуброн шавад. Ман гуфтам, ба раисатон бигӯед, ки ман ҳеҷ биное намесозам, зеро худи ҳамин биное, ки ӯ онро ба бадӣ гирифтан мехоҳад, бо кафолату қавли эшон, ки ҳеҷ дахолату дастдарозие ба он сурат нахоҳад гирифт, харидаам.

Қисмати сеошёнаи бино бо зерзаминаш тақрибан чор ҳазор метр масоҳат дошт ва дар он фурӯшгоҳу бонк ва корхонаҳо иҷора менишастанд. Дар ниҳоят он қаноти биноро шикастанд ва замин ба ҳолати аввалааш, яъне вайрону валангор баргашт ва ин солҳо ҳамчун намоди зӯргӯии мақомот ба соҳибкорон ҷилва дорад. Аз ҷуброни зарар низ ҳеҷ хабаре нест.

## БАД БУДУ ҲАРҶӢ БУД, НАБОЯД МУРУР КАРД

***(Қарибӣ)***

Моҳи январи соли 2020 дар расонаҳо хабари пайдоиши вируси SARS CoV-2 дар Чин паҳн шуд. Дар аввал касе ба он эътино надод, зеро қаблан аз пайдоиши як навъи дигари ҳамин вирус дар Африқо гузориш шуда буд, ки паҳншавии онро ба зудӣ пешгирӣ намуда буданд. Дар марҳалаи аввал ин вирус бештар мавзӯъи мазоҳу масхара қарор гирифта буд. Сараввал мегуфтанд, ки он танҳо ба ирқи зард таъсир мекунад, дигар ирқҳо аз он масуният доранд. Шоеъае паҳн шуд, ки ин вирус махсус аз сӯи созмонҳои ҷаҳонӣ барои чип задан ба одамон ихтироъ шудааст. Яки дигар мегуфт, ки мубталошудагон безуриёт мешаванд ва ин вирус барои контрол кардани шумори ҷамъияти ҷаҳон ва танҳо барои чиниҳо сохта шудааст ва аз ин қабил шоеъот.

Ҳатто баъзе кишварҳо ба ҳушдори Созмони беҳдошти ҷаҳонӣ эътино надоданд. Масалан, Италиё дар шабакаҳои телевизионӣ ва расонаҳо таблиғи махсус ҷорӣ кард, ки “ҳар касе аз ин вирус гурехтан хоҳад, ба сайру саёҳат ба Италиё биёяд.” То ин дам баъзе кишварҳо рафтуо бо Чинро маҳдуд мекарданд. Мақомдорони Италиё фурсатро барои ҷалби бештари сайёҳон муносиб донистанд ва парвозҳо ба кишварашонро бештар карданд, вале бехабар аз он ки чӣ балое ба сарашон меояд. Дар натиҷа баъд аз як ё ду ҳафта маҳшаре дар он кишвар барпо шуд. Дигар аз шабакаҳои хабарӣ ва телевизионӣ саҳнаҳои даҳшатангез ба намоиш расид. Аз шумори беохири фавтидагон бар асари бемории Кувид зери таъсири вируси SARS CoV-2 навор пахш мешуд. Корвони мошинҳои ёрии таъҷилӣ ба дари бемористонҳо навбат меистоданд, зерзамини бемористонҳо ва сардхонаҳоро нишон медоданд, ки аз ҷасади фавтидагон пур буд.

Рӯзи чоруми март Тоҷикистонро бар асари ин ахбор ваҳшат зер кард, мардум аз шаҳристон ва деҳистонҳо бо мақсади захира кардани маводи ғизоӣ ба бозори шаҳрҳо рехтанд. Орду равған ва дигар маҳсулоти мавриди ниёзи аввалияро аз бозорҳо ба истилоҳ “рӯфтанд”. Нарх дар бозор бамаротиб боло рафт ва ҳукумат маҷбур шуд бозорҳоро бибандад.

Миёнаҳои моҳи апрели соли 2020 акси томографии хонуме ба дасти мо расид, ки эҳтимолан аз илтиҳоби шуш бар асари вируси куруно дарак медод. То он дам вазорати тандурустӣ бо вуҷуди ахбори бемориву маргумир дар вилояти Суғд, аз тарси он ҳолат, ки дар моҳи март дар бозорҳо рух дода буд, вуҷуди ин вирус дар кишварро инкор мекард. Ман, ки ба ҳарфи вазорат он қадр бовар надоштам, аз пизишкони бемористон хоҳиш кардам, ин акс-

ро ба устодони эронӣ бифиристанд, зеро аллакай вирус дар он кишвар бедодӣ мекард ва пизишкони Эрон дар шинохти ин беморӣ иттилои зиёд доштанд. Ду мутахассиси баландпояи он кишвар, ки бо мо ҳамкорӣ доранд, таъйид карданд, ки ба эҳтимоли зиёд илтиҳоб дар ин акси томографӣ асари вируси куруност. Вале рӯзи дигар намояндаи Созмони ҷаҳонии беҳдошт дар Тоҷикистон Галина Перфилева изҳор кард, ки вирус дар кишвар вуҷуд надорад ва барои исботи суханаш теъдоди тестҳои анҷомшуда ва таъйиди натиҷаи он тестҳо аз сӯи бемористонҳои Русияву Инглистонро мисол овард. Ростӣ, то он замон ҳар каси аҳли мантиқ ба изҳороти Вазорати тандурустӣ бовар надошт, вале ин изҳороти намояндаи як созмони "бообрӯ"-и умумиҷаҳонӣ ҳамаро қадре ором кард.

Бо вуҷуди он ки акси ба дасти ман расида дар бемористони дигаре гирифта шуда буд ва ман наметавонистам сад дар сад ба он такя кунам ва ҳамчунин изҳороти намояндаи Созмони ҷаҳонии беҳдошт вуҷуди вирусро рад мекард, боз ҳам ба ҳар даре, ки дастам мерасид, онро кӯфтам ва шубҳаамро арз кардам.

Дар ҳамин марҳала ман як вохӯрие бо кормандони намояндагиҳои Созмони ҷаҳонии беҳдошт ва Созмони Милал доштам. Он замон теъдоди чандҳазораи шаҳрвандон аз хориҷ оварда, дар қарантина нигоҳ дошта мешуданд. То он замон ҳукумат тавониста буд аз воруди вирус ба кишвар бо қатъ кардани парвозҳо ва бастани марз пешгирӣ кунад. Акнун масъалаи муҳим дуруст риоя кардани қарантинаи баргаштагон ва озмоиши онҳо барои ошкор кардани вирус буд. Агар ҳеч нафаре бидуни қарантина ва тест ба ҷомеа роҳ дода намешуд, аз воруди вирус пешгирӣ кардан имкон дошт. Ман аз корманди Созмони ҷаҳонии беҳдошт суол кардам, ки оё

ҳамаи касоне, ки аз хориҷи кишвар оварда шуданд, тести Кувид -19 мешаванд? Ҷавоби ӯ аҷибу ғариб буд, мегуфт, ин тестҳо қиматанд ва ҳамаро тест кардан гарон меуфтад. Дар ҳоле, ки теъдоди қарантиншудаҳо тақрибан ҳафт ҳазор ва тестҳои мавҷуд бисту панҷ ҳазор эълон шуда буд. Вақте ман исрор кардам, ки агар дар марҳалаи кунунӣ тестҳоро сарфа кардан хоҳанд, дарояндаи наздик баҳои бамаротиб гаронеро хоҳанд пардохт, боз ҳам гуфт: «Дар ин мавзӯъ суолҳо зиёданд, вале ҷавоб сифр!» ва аз ҷавоб гурехт…

Бо назардошти хатари сироят ба кормандони бемористон, дар ҷаласаи фаврии мудирият қарор кардам, ки кормандони идориро ба кори фосилавӣ гузаронда, кормандони тиббиро бо васоили ҳифзи шахсӣ таъмин намоям. Хушбахтона, дӯзандагии Мино Комронӣ дар биноӣ бемористон ҷойгир буд ва зуд ба дӯхтани либоси ҳифозатӣ ва моск оғоз кард. Аз бозори сохтмонӣ айнаку ниқобҳои шишагии сохтмончиёнро харида, ба кормандон пӯшондем. Ҳамчунин ба Вазорати тандурустӣ нома навишта, дастурамал, иҷозаи қабули беморони Кувид-19 ва таъмини васоили ҳифзи шахсии кормандонро дархост кардам.

Ростӣ, дар марҳалаи аввал воҳимаи вирус хеле зиёд буд ва интизор мерафт, ки теъдоди беморон то ҳадде бирасад, ки меҳмонхонаҳо ҳам ба бемористон табдил дода шаванд. Ман дарк мекардам, ки ба кишвар душмане ворид хоҳад шуд, ки зиддаш фақат кормандони тиб ҷангида метавонанд.

Дар ҷаласа қарор кардем, ки омодагиҳои лозимаи таъсисотӣ ва таъминотӣ барои бистарӣ ва табобати маризони Кувид-19 гирифта шавад. Бахши уфунӣ қоидаҳои хос дорад: кормандоне, ки бо беморони уфунӣ кор мекунанд, бояд аз тариқи долони безараркунӣ хориҷ шаванд, то уфунатро ба берун ва бахшҳои дигар мунтақил нанамоянд, аз ин сабаб

дар сохтмони бахшҳои бемористон як қатор сохтусоз роҳ андохта шуд.

Аз бистуми апрел сар карда, теъдоди муроҷиаткунандагон ба бахши рентген ва томографи компютерии бемористон афзоиш ёфт. Дигар ҳар рӯз панҷ–шаш нафар бо илтиҳоби шуши монанд ба он акси қаблӣ ошкор мешуданд, вале вазорат вуҷуди вирусро комилан рад мекард. Мо дар бемористон тести Кувид-19 надоштем ва мутахассисони мо ин ташхисро асоснок карда наметавонистанд.

Бояд гуфт, ки мутаассифона, дар ҳамин марҳалаи тақдирсоз ҳам фасод кори худашро кард. Касоне ёфт шуданд, ки бо истифода аз роҳи фасод қарантинаро давр зада, вирусро ба ҷомеа ворид карданд. Илова бар ин, бархе одамон дар шимоли кишвар аз хало дар марзи Қирғизистон ва Ӯзбекистон истифода карданд ва сару каллаи вирус ба зудӣ дар он минтақа намудор гашт.

Ман қаблан чанд ёддошти кӯтоҳе дар сафҳаи фейсбукӣ навишта будам, то одамон аз эҳтиёт кор гиранд, зеро хомӯшии вазорат одамони зиёдро дар марзи хатар қарор медод. Ниҳоят, вақте дидам, ки теъдоди мубталоён хеле зуд меафзояд, қарзи инсонии худ дониста, саҳарии рӯзи сиюми апрел аз тариқи сафҳаи фейсбук вуҷуди вирус дар кишварро хабар додам. Хушбахтона, баъди нимрӯзӣ вазорат низ вуруди вирусро таъйид кард ва чораҳои пешгирӣ аз шуюъи марговари он шурӯъ шуданд.

Рӯзи душанбе, чоруми май ду бахши бемористон комилан барои қабули беморони уфунӣ омода карда шуд. Робитаи байни ин ду бахш бо бахшҳои дигар қатъ ва баромадан аз онҳо аз тариқи долонҳои махсуси безараргардонӣ ташкил карда шуд. Дастуроти табобати маризони Кувид-19 дар асоси тавсияҳои вазорати тандурустӣ таҳия гашт ва таъминоти

бахшҳо бо таҷҳизоту дору ва лавозими масрафӣ комил гардонда шуд.

Барои пешгирӣ аз сирояти вирус, ба кормандони тиббии бемористони Ибни Сино, онҳо бо васоили ҳифзи шахсӣ таъмин ва дар меҳмонхонаи Шумон қарантина карда шуданд, зеро чунин ба назар мерасид, ки вирус дар ҷомеа васеъ паҳн шудааст. Ҳамчунин ресторани Шумон дар хидмати онҳо қарор дода шуд. Акнун, бемористон бо риояи тамоми қоидаҳо барои қабули беморони уфунӣ омода буд.

Аввалин шуда дар шаҳри Душанбе як корманди аршади додситонӣ қурбони вирус гашт, мегуфтанд ӯ қарантинаро давр зада, кадом наздикашро, ки аз хориҷ омада буд, аз марз ба хона бурда ва сироят ёфтааст. Аз ин ба баъд дар шаҳр воҳимаи вируси куруно ончунон авҷ гирифт, ки телефонҳои бемористон беист занг мезаданд. Муштариёне, ки қаблан дар бемористони мо табобат мегирифтанд, талаб мекарданд, ки онҳоро қабул кунем. Ҳатто даъво мекарданд, ки чаро дар рӯзи бадбахтии мардум аз ёрӣ ба онҳо саркашӣ мекунем?! Аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ моро ба буздилӣ ва нокасӣ муттаҳам мекарданд. Аз ситоди ҷумҳуриявии мубориза бо куруно занг зада, хоҳиш мекарданд, ки маризонро қабул кунем. Вале Вазорати тандурустӣ ҳамоно дар ҷавоби номаи ман хомӯшӣ ихтиёр карда буд.

Дар рӯзҳои аввали эпидемия чор нафар коргарони мо, ки ба кори фосилавӣ гузаронда шуда буданд, дар хонаҳояшон сироят ёфтанд. Ҳоли ду нафарашон, ки дар хона табобат мегирифтанд, вазнин буд. Ниҳоят, рӯзи ҳафтуми май ман қарор кардам, ки бояд ба доди мардум расид. Ба худам гуфтам: беморонро бе иҷозаи расмӣ қабул мекунам. Агар ҷазою подоше ҳаст, баъд мебинам! Аввалин шуда ҳамин ду нафар корманди худамон–устод Абдулқодири Рустам ва

Ғафуров Шукур бо ташхиси эҳтимолии Кувид-19 ба бемористон бистарӣ гардонда шуданд.

Хушбахтона, ҳукумати кишвар ситоди муқобила бо Кувид 19-ро таъсис дод, ки Сарвазири кишвар Қоҳир Расулзода сардори ситод ва Вазири умури дохила Рамазон Раҳимзода муовини ӯ таъин шуданд. Онҳо омада, бемористонро диданд ва аз омодагии мо сипосгузорӣ намуданд. Дар рӯзҳои баъдӣ ҳар кӯмакеро, ки дархост мекардам, дареғ надоштанд.

Ман қаблан бо вазири умури дохила робитаи дӯстӣ доштам, вале Қоҳир Расулзодаро дида бошам ҳам, шиносоии наздик надоштам. Дар натиҷаи ҳамкорӣ дар муқобила бо бемории Кувид, дар байни мо муносибати хуби дӯстона барқарор шуд. Имрӯз, ки ман ин сатрҳоро менависам, ин ду дӯсти азиз сиҳату саломат дар мансаб дар хидмати мардуманд. Сарсабзу поянда бошанд!

## БАНИ ОДАМ АЪЗОИ ЯКДИГАРАНД
**(*Саъдӣ*)**

Дар рӯзҳои аввали вуруди вируси куруно ба кишвар камбуди шадиди дору пеш омад. Одамон аз сомонаҳои интернетӣ ё аз пизишкони шиносашон номгӯи доруҳои барои дармони Кувид-19 лозимаро дарёфта, ба доруфурӯшиҳо рехтанд ва тамоми он доруҳоро рӯфтанд. Аз дорухонаи бемористони Ибни Сино низ теъдоди зиёди ин доруҳоро дархост мекарданд, касоне ҳам буданд, ки мехостанд ҳарчи ҳаст, ҳамаро бихаранд. Аз сабаби он ки мо интизор доштем, моҳҳо ба дармони ин маризӣ машғул бошем ва ҳамчунин ба кормандони бемористони Ибни Сино дар ҳоли мубтало шудан дармони ройгон ваъда карда будем ва хавфи

он вуҷуд дошт, ки доруҳои лозима тамом шаванд, ман маҷбур шудам дар фурӯши доруҳои мазкур маҳдудият ҷорӣ кунам. Вале ҳатто бо вуҷуди маҳдудият анбори дору зуд холӣ мешуд.

Бемористони Ибни Сино асосан доруро аз Эрон ворид мекунад, вале он кишвар аз сабаби бедоди бемории Кувид-19 содироти доруро манъ карда буд. Ман, тибқи мақоли «аз карнайчӣ як пуф», ба сафири Эрон нома навишта, дархост кардам, ки дар хариди дору аз он кишвар ба мо мусоидат намояд. Вақте нома ирсол шуд, намояндаи сафорат дар суҳбати телефонӣ гуфт, ки аз сабаби камбуди дору дар Эрон, дар ҳалли қазия хушбин нест, вале ҳатман номаи моро бо рӯйнавис ба Вазорати беҳдоштașон мефиристанд. Ман бо пешбинии ӯ мувофиқ будам ва умеди зиёд надоштам, зеро медонистам, ки фурӯши доруҳои дархостии мо дар худи он кишвар мамнӯъ шуда ва танҳо бо таъйиди бемории Кувид ба одамон дода мешавад. Ғайр аз ин, аз бозе, ки Амрико аз муоҳидаи Барномаи ҳастаии Эрон хориҷ шуда, таҳримҳои ноҷавонмардонаи нав бар сари он кишвар бор карда буд, давлати Эрон содироти доруро шадидан маҳдуд намуда буд ва қаблан ҳам мо ба душворӣ иҷозаи хариди дору дарёфт мекардем.

Вале баъд аз ду–се рӯз, вақте ҷавоби Вазорати беҳдошти Эронро шунидам, тааҷҷубамро ҳадду канор намонд! Вазорат дастур дода буд, ки ба бемористони Ибни Синои Тоҷикистон ҳар қадар ки мехоҳад, доруҳои мавриди ниёзро бидиҳанд!

*Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст*
*Дар парешонҳолию дармондагӣ.*

Чизи ҷолиби дигар ин буд, ки доктор Ҳабибуллоҳ Мусавӣ Баҳор – устоди Донишгоҳи улуми пизишкии

Ҳамадон, раиси анҷумани эндоурологҳои Эрон, ки аз ҷараёни мукотибот бохабар буд, бо вуҷуди серкорӣ изҳори омодагӣ карда буд, ки шахсан ба Теҳрон ояд ва хариду ирсоли доруро анҷом диҳад. Доктор Ҳабибуллоҳ Мусавӣ Баҳор дар тӯли фаъолияташ дар бемористони Ибни Сино хидмати шоёне барои мардуми Тоҷикистон карда буд. Ғайр аз он ки беморони зиёде аз дастони шифобахши ӯ табобат ёфтаанд, ҳамчунин, тавре зикр шуд, аз Вазорати беҳдошти Эрон имтиёзи қобили таваҷҷуҳе барои табибони тоҷик ситондааст. Дар асоси саъйу пойфишориҳояш Вазорати беҳдошти он кишвар барномаҳои давраии ройгон барои довталабони тоҷикистонӣ пешбинӣ кардааст, ки табибони зиёд ба даврабинӣ ва баланд бурдани сатҳи дониши худ фаро гирифта шуданд.

Дар ин ҷо бояд номи доктор Алӣ Саломат зикр гардад, ки бо маблағгузории сангин чунин имконоти бесобиқаро барои ташхису дармони замонавӣ дар кишвари мо фароҳам кардааст. Доктор Саломат аз рӯзҳои аввали вогирӣ дар кишвар доим саъй мекард, ки саҳмашро барои дармони бемории Кувид ироа намояд. Мутахассиси варзидаи сироятшинос – доктор Вусуқиро барои омадан ба Тоҷикистон омода карда буд, ки дар асари баста будани марз омада натавонист, вале худи ҳамин нияти нек бозгӯи муҳаббати ин марди дарёдил ба мардуми шарифи Тоҷикистон аст!

Аз рӯзҳои аввали саршавии вогирии вируси куруно дар Тоҷикистон докторон Сомӣ Алдубунӣ ва Аббос Таваккулиён низ пайваста бо мутахассисони бемористон дар тамос буданд ва саъй мекарданд ҳар ёрие, ки аз дасташон ояд, бикунанд. Доктор Сомӣ ва доктор Таваккулиён ғайр аз машваратҳои онлайнӣ, ҳаррӯза иттилооти нави илмӣ дар бораи Кувид-19-ро дар дастраси мутахассисони бемористон қарор медоданд.

Доктор Ораш Алоӣ, ки саодати ошноӣ бо эшонро надорам, пайваста бо мутахассисини ҳамаи бемористонҳои кишвар дар иртибот буд ва ба онҳо бо назардошти иттилоъи навини ҳамарӯза машварату ёрӣ мерасонд.

Ростӣ, дар он лаҳзаҳои ҳассос чунин эҳсос кардам, ки ин дӯстони эронӣ ғами моро ғами худашон ҳисобида, ҳамчун ба шаҳрвандони кишвари худашон дилсӯзона муносибат мекарданд.

Ман ба сафорати Эрон нома навишта, миннатдории худро арз кардам. Бо дӯстон низ дар суҳбатҳои телефонӣ аз иштирок ва дилсӯзияшон сипосгузорӣ баён намудам. Бо ин ёддошт хостам, ки шаҳрвандони кишвари азизи Тоҷикистонро низ аз амали ҷавонмардонаи ин дӯстон мутталеъ созам ва ин амали ҷавонмардонаи дӯстони ман ба унвони рамзи дӯстии ду миллат то ин нома ҳаст, дар ҷаҳон бимонад.

## ҲАРГИЗ ҶАҲОНУ МУЛК ЧУ ТУ ҚАҲРАМОН НАДОШТ

***(Масъуди Саъд)***

Бемории Кувид-19, ки бар асари сирояти вируси куруно ба бадани одам пеш омад, барои илми тиб нав буд ва мушкилоти ғайриинтизор ва пешгӯинашаванда ба бор овард. Мушкили асосии табобати беморон ин буд, ки дастуроти табобат зуд-зуд тағйир мекард. Мутахассисон ба беморон ёрӣ мерасонданд ва раҳорaҳ аз натиҷаҳои табобат дониш касб мекарданд. Доим додаҳои нав ба даст меомад ва дар асоси он дастуроти тоза ироа мешуд. Ҳатто баъзан дар як рӯз ду дастури зидди ҳам меомад. Масалан, рӯзе барои як бемори вазнин мутахассисони хориҷӣ доруи «Калетра» тав-

сия доданд. Ин дору дар бемористон мавҷуд набуд. Вақте баъди чанд соат бахши таъминоти бемористон он доруро пайдо ва ба бахш дастрас кард, аллакай дастури манъи он содир шуда буд.

Дар дунё теъдоди мубталошудагон ба ин бемори̇ он қадр афзоиш ёфт, ки ҳатто дар баъзе кишварҳо маҷбур шуданд бемористонҳои саҳрои̇ бунёд кунанд ва меҳмонхонаҳоро ба бемористони махсуси уфуни̇ ихтисос диҳанд. Аз телевизион ва шабакаҳои иҷтимои̇ ҳамвора аз ҳамагирии ин вирус хабарҳои ваҳмангез пахш мешуд. Ин ахбор ҷои ҳама хабарҳои дигарро гирифта, сокинони Тоҷикистонро низ сахт ба таҳлука оварда буд.

Росташ, ягон кишвари дунё ба ворези чунин теъдоди бемори уфуни̇ ба бемористонҳо омодаги̇ надошт. Дар ҳеч кишвари дунё теъдоди зарурии мутахассисони сироятшинос барои чунин пандеми̇ мавҷуд набуд ва дар як лаҳза ҳамаи пизишкон ба табобати чунин беморон маҷбур шуданд.

Бемористони Ибни Сино барои қабули бемориҳои уфуни̇ тарроҳи̇ нашуда буд. Мо мутахассисони дохили̇ ва сироятшинос дошта бошем ҳам, таҷрибаи қабул ва нигаҳдории ин беморонро надоштем. Хушбахтона, интернет имкон дод, ки дастуроти табобат ва равиши кор дар бахшҳои уфуни̇ хеле зуд ва осон дар дастраси ҳамаи бемористонҳо ва мутахассисон қарор гирад.

Нукта ин аст, ки ҳамин фурсат афзалияти дузабонии кормандони тибби тоҷикро бармало кард. Ҳам Эрон ва ҳам Русия қабл аз мо мубориза бо ин бемориро сар карда, дар табобати он таҷриба андӯхта буданд. Агар устодони эронии мо доим онлайн машварат медоданд, дар бахши русизабони интернет низ ҳамеша додаҳои охирини ташхису табобат ва равиши бархӯрд бо ин бемори̇ нашр мешуд, ки дониши му-

тахассисони бемористонро такмил мекард. Кормандони бемористони Ибни Сино дар ҷаласаҳои пизишкӣ зуд бо дастуроти табобатӣ ошно мешуданд ва баҳсҳои илмӣ барпо мекарданд.

Як мушкили асосие, ки ин беморӣ пеш овард, ҳифзи кормандон аз сироятёбӣ буд, зеро онҳо дар хати пеши ҷабҳа қарор мегирифтанд. Истифодаи васоили ҳифзи шахсӣ барои нигоҳ доштани мутахассисон аз сироятеёбӣ дониши хос мехост. Кормандоне, ки барои кор дар бахшҳои ба истилоҳ «сурх» интихоб шуда буданд, чанд рӯз тарзи истифодаи ин васоилро машқ карданд, то ин ки ҳангоми истифодаи ин либосҳо ба сироят мубтало нашаванд. Он рӯзҳо бемористон давраи сарбозиро ба ёдам овард, ки ба мо тарзи истифодаи моски зидди шимиёӣ ва либосҳои зиддиуфуниро ёд медоданд.

Либосу василаҳои ҳифозатии омодакардаи мо тахассусӣ набуданд, зеро васоили ҳирфаӣ дар бозор мавҷуд набуд. Мо аз матои обногузар либоси пайваст дӯзондем ва айнаку ниқобҳои сохтмончиёнро аз бозор харидем. Дар зери ин либосу айнакҳо кормандон арақ мекарданд ва ҳаракату кор беҳад душвор буд. Москҳои маъмулии ҷарроҳӣ ба дард намехӯрданд ва мо маҷбур шудем, аз дока москҳои бисёрқабата дӯзонем, ки он ҳам нафасгириро душвор ва корро сахттар мекард. Вале чора надоштем, зеро он замон ҳанӯз моску васоили ихтисосӣ ба бозор ворид нашуда буд.

Он замон, ҳарчанд маълум буд, ки қисми зиёди одамон ин бемориро сабук мегузаронанд, вале теъдоди зиёди талафшудагони кормандони тиббӣ дар ҷаҳон ваҳм меангехт. Мо ҳама медонистем, ки хатари сироят ва аворизи вазнин вуҷуд дорад ва мо бояд бемористонро ба бахши уфунӣ табдил дода, ба табобати беморони Кувид пардозем. Дар он

марҳала якчанд нафар пизишкон бо ман мувофиқат карданд, боқӣ дудила ё моил ба ақиб кашидан буданд, ки қобили дарк буд. Мудирони бемористон чандин бор дар ҷаласаҳои мухталиф бо кормандон суҳбат карда, мефаҳмонданд, зидди ин “душмане”, ки ба кишвар ворид шудааст, танҳо мо метавонем биҷангем ва агар аз васоили ҳифзи шахсӣ дуруст истифода барем, аз сироят эмин хоҳем монд. Дар ҷаласаҳои мукаррар ман низ кормандони бемористонро ташвиқ мекардам, ки ин вазифаи ҷонии мост ва мо набояд ақиб кашем. Дар ниҳоят ҳама мувофиқат карданд ва байти маъруфи Саъдии Шерозӣ шиори кории бемористон баргузида шуд:

*Он на ман бошам, ки рӯзи ҷанг бинӣ пушти ман,*
*Он манам, к-андар миёни хоку хун бинӣ саре.*

Ман бори аввал либоси ҳифозатии тиббӣ ба бар кардам ва дар даромадгоҳи бемористон ба кормандони тиббӣ дар қабулу роҳнамоии беморон кӯмак мекардам. Соате кор кардан дар дохили ин ғилофи ҳавоногузар бисёр мушкил ва тоқатфарсо буд. Кормандони бахшҳои ба истилоҳ «сурх» дар бастҳои ҳашт ва дувоздаҳсоатӣ кор мекарданд. Танҳо касе, ки боре ин либосҳоро ба тан кардааст, метавонад тасаввур кунад, ки ин чӣ чолишест! Соатҳои дароз шахс на ташнагӣ шикаста метавонад ва на даст ба чашму рӯйи арақшори худ бурда! Ман чанд бор ба бахшҳои «сурх» барои баррасӣ рафтаам ва медонам, ки кор дар он бахшҳо чи қадр мушкилу тоқатфарсост! Ман ба кормандони он бахшҳо барои таҳаммулашон офарину аҳсант мехонам!

Борҳо вақте ба бахшҳои мазкур рафтам, ба чашмони беморон нигоҳ кардам ва осори яъсу ноумедиро дидам, зеро онҳо аксаран фикр мекарданд, ки ин вирус марговар ва ин рӯзҳои охири ҳаёташон аст. Ҳатто бо ноумедӣ ба кормандон

шиква мекарданд, ки ҳатто мурдаашонро наздиконашон нахоҳанд дид, зеро он замон ҷанозаи фавтидагони уфунӣ зери назорати шадиди мақомот бо муқаррароти беҳдоштӣ дафн мешуд. Кормандони тиббӣ дар он рӯзҳо ба наздикон ва ягона манбаи умеди беморон табдил ёфта буданд. Вале беморон, ҳатто бо вуҷуди заъфу яъс, чун кори мушкили кормандонро ҳаррӯза бо чашмони худ медиданд, ҳама бо як забон аз онҳо сипосгузорӣ мекарданд ва аҳсант мехонданд!

Имрӯз, ки ман ин ёддоштро менависам, ифтихор мекунам ва хушбахтам, ки аз он беморон дар бемористони Ибни Сино касе нафавтид, ҳама сиҳату саломат ба хонаҳояшон баргаштанд. Чанд нафарашонро ҳини мураххасшавӣ дидам. Дар чашмони аз хастагии беморӣ фурӯрафтаашон дигар осори тарсу яъс набуд, мегуфтанд: «Аввал Худо, вале баъд бо ёрии кормандони шумо умри дубора ёфтам». Шунидани ҳамин ибора кофист, ки ҳама ранҷи он заҳамот ҷуброн шавад!

## БИРАВ, ЗИ ТАҶРИБАИ РӮЗГОР БАҲРА БИГИР!
## (Рӯдакӣ)

Бухрони вируси куруно баъзе камбудиҳои ҷомеаи моро бармало кард. Ба андешаи банда, яке аз ин мушкилҳо набудани рӯзноманигорони ошно ба соҳаи тиб буд, ки дар расондани иттилои дуруст ба мардум мушкил пеш овард.

Дар тӯли моҳи апрели соли 2020 ман бештар ба омода кардани бемористон ва кормандон барои муқобила бо вирус банд будам. Интизор надоштам, ки дар ин муддат ҷомеа ин қадр ангехта шавад. Баъзе рӯзноманигорони ҳангомасоз ва шуҳратталаб бо истифода аз фурсат мардумро ба зомби табдил дода буданд. Бар асари навиштаҳои бемояи онҳо одамон

фикр мекарданд, ки ин вирус охири кор аст. Ба ҳар кас ки сироят кунад, ҳатман ӯро хоҳад кушт! Яке ҷеғ мезад: «Чаро мо ҳамагӣ 500 дастгоҳи танаффуси сунъӣ дорем, чаро 5000 на?!» Дар ҳоле, ки аслан намедонист ин чи дастгоҳест! Намедонист, ки мо панҷсадто ҳам надорем! Он замон Вазорати тандурустӣ барои кам кардани ваҳму ваҳшат чунин омор дода буд. Намедонист, ки аллакай тавсия мешавад, ки беморон ба он ҳадди вазнинӣ расонда нашаванд, ки ба ин дастгоҳ ниёз пайдо кунанд. Омори он замон бозгӯи он буд, ки зиёда аз навад дарсади беморони Кувид-19, ки ба дастгоҳи танаффус васл мешаванд, зинда намебароянд. Вале шояд барои ин зумра хабарнигорон ва блогерон хабарсозӣ ва грантазхудкунӣ аз суботи ҷомеа муҳимтар буд! Онҳо дигар ҳам сироятшинос, ҳам мутахассиси ҳамагирӣ ва ҳатто донандаи бахши эҳё шуда буданд. Ба ҷои он, ки бо маром одамонро ба пешгирӣ аз сирояти вирус роҳнамоӣ кунанд, дар додани ахбори ваҳмангез мусобиқа мекарданд.

Ба андешаи ман, агар мо рӯзноманигорони соҳавӣ медоштем ва онҳо бо дарки мавзӯъ ва масъулият рафтор мекарданд, мо дар он марҳала ҳолати шабеҳ ба имрӯз медоштем. Маълум аст, ки имрӯз ҳам вирус ҷое гум нашудааст, танҳо мардум аз роҳҳои пешгирӣ ва паёмадҳои ин вабо воқиф шуданд, эҳтиёт мекунанд ва дар ҳоли мубтало шудан, бе ваҳму ваҳшат ба табобат мепардозанд.

Мутаассифона, дар марҳалаҳои баъдӣ ҳам бархе аз рӯзноманигорон бесалоҳиятии худро батамом ба намоиш гузоштанд. Яке менавишт, ки доруи зидди вирус кашф шудааст ва он лимӯву филфилу ҳазориспанд аст ва нархи ин ашё дар бозор ба ҳаво мерафт. Дигаре тавсияи шибҳидухтуреро бофта мебаровард, ки сурх пӯшидану сурх хӯрдану сурх нӯшидан

таваҷҷуҳи вирусро ҷалб мекунад, ки бӯи қавоиди зиндонҳои низоми Шӯравиро дошт.

Тоҷи ин ҳама шибҳирӯзноманигорӣ таблиғи пизишки кундзеҳн ё байторе буд, ки исрор мекард, маҳлули антибиотикҳои буз доруи муассири зидди куруност! Дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳазорон нафар дар зери ин матлаб шарҳ навишта, он маҳлулро суроғ мекарданд. Мутмаинан, нафарони зиёде онро дастрас ва истифода карданд.

Вақте ман шоҳиди ин тарсу ваҳшати мардум гаштам, рӯзи сеюми май ёддошти кӯтоҳи дигаре дар сафҳаи фейсбукӣ навиштам ва аз рӯзноманигорон хоҳиш кардам, ки ҷомеаро ором намоянд. Ва боз ҳам ҳар дареро, ки дастам мерасид, кӯфтам. Дар натиҷа суханронии банда аз шабакаҳои телевизион пахш шуд. Дар он суханронӣ ман барои нахустин бор, роҳҳои воруди вируси куруно ба бадани одам, роҳҳои пешгирӣ аз олудашавӣ ва муҳимтар аз ҳама, сартосар кушанда набудани онро тавзеҳ додам. Дар идома, тарзи рафтор дар ҳоли мубтало шудан ба ин бемориро низ арз кардам, ки дар давоми якчанд рӯз аз ҳамаи шабакаҳои телевизион ба такрор пахш шуд ва мардумро огоҳу ором намуд. То ҳол, одамон маро мешиносанд ва миннатдорӣ изҳор мекунанд, ки дар он замон роҳнамоӣ кардам.

## ВА ПАРЕШОНИИ МО ҲОДИСАЕ БУД ҒАРИБ
## *(Қарибӣ)*

Дар рӯзҳои аввали моҳи майи 2020, дар пайи буҳрони Кувид-19 аз мақомоти қудратӣ пайиҳам ба бемористон номаҳои дархостӣ ворид шуд, ки дар бораи шаҳрванди Эрон – хонум Хотира Фарзӣ маълумот бидиҳем. Ин хонум тобистони соли 2018 бо роҳхати Донишгоҳи омӯзгорӣ дар

бемористон муддате таҷрибаомӯзӣ карда буд. Риштаи таҳсилаш равоншиносӣ буд.

Вақте мақомоти шаҳриву ҷумҳуриявии додситонӣ, Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи амният паси ҳам дар бораи ӯ иттилоъ хостанд, барои ман ҷолиб шуд, ки бо ӯ чӣ иттифоқе уфтода ва чаро аз бемористоне, ки ӯ ду сол пеш ҳамагӣ як моҳ давраи таҷрибаомӯзӣ гузаштааст, иттилоъ мехоҳанд?

Рақами телефони ӯро пайдо кардам ва занг задам. Ӯ дар бемористони сироятӣ дар Зарафшон бистарӣ буд. Мегуфт, ба Кувид-19 гирифтор шудааст ва он ҷо табобат мегирад. Вирусро аз наздикони он додситон гирифтааст, ки фавти аввалини расмии ин беморӣ дар пойтахт буд, зеро бо онҳо робита ва равуо доштааст. Вале мақомот ӯро сарчашмаи вуруди вирус ба кишвар тахмин мекардаанд, зеро он замон вирус дар Эрон бедод мекард ва мақомот дар рӯзҳои аввали буҳрон мехостанд бемори «сифр»-ро пайдо кунанд. Хонум Фарзӣ мегуфт, ки аз августи соли 2019 аз Тоҷикистон берун сафар накардааст ва муҳрҳои марзбонии гузарномааш шоҳиди ин иддаояш ҳастанд.

Ман аз ӯ пурсидам, ки чаро дар бораи ӯ ҳама аз бемористон маълумот мехоҳанд, накунад худашро корманди мо муаррифӣ карда бошад? Ӯ бо савганд рад мекард, вале қавлаш қобили эътимод набуд, зеро дар сафҳаи фейсбукияш худро корманди мо навишта буд. Чун хонуми ғарибе буд ва дар ҳоли беморӣ, сахт нагирифтам, танҳо тавсия додам, ки он навиштаро аз сафҳааш ҳазф кунад ва барояш шифои комил хостам.

Рӯзе аз рӯзҳои аввали буҳрони куруно аз сафорати Эрон занг зада, хоҳиш карданд, ки арбоби шоистаи санъати Тоҷикистон устод Ҷӯрабек Назриро аз бемористони Истиқлол ба

бемористони Ибни Сино интиқол диҳем. Ман аз масъули бистарии беморони куруно доктор Малика Юсуфова хоҳиш кардам, ки бо он бемористон тамос гирад ва имкони интиқолро баррасӣ намояд. Пас аз чанде доктор гузориш дод, ки ҳоли бемор вазнин аст, ғайр аз сатҳи пасти оксижени хун, ихтилоли мағзӣ ва узвҳои дигар низ пайдо кардааст ва интиқол тавсия намешавад. Бемористони Истиқлол бахши эҳё ва мутахассисони лозимаро дорад ва бояд мариз дар он бемористон ба бахши эҳё гузаронда шавад.

Дар рӯзҳои баъдӣ чандин нафари дигар занг зада, васотат мекарданд, ки беморро бипазирем. Ман ба онҳо ҳамон тавсияро арз мекардам.

Рӯзе Шаҳриёр – писари устод занг зад. Худро муаррифӣ ва низ хоҳиш кард, ки падарашро ба бемористони Ибни Сино интиқол диҳем. Ман пурсидам, ки устод дар чӣ ҳол аст ва оё аз бахши эҳё баромадааст?

Ӯ гуфт, падараш дар бахши эҳё нест ва дар бахши маъмулӣ бистарист. Аҷабам омад ва пурсидам, ки оё имкон дорад бо пизишк суҳбат кунам? Ӯ гӯширо ба пизишк дод. Ман худамро муаррифӣ кардам ва вазъи беморро пурсидам. Пизишк гуфт, шаби гузашта сатҳи оксижени бемор то 38 дарсад поён омада буд ва ҳоло дар ҳадди 70-80 дарсад номуназзам аст.

– Пас чаро дар бахш бистарист? Чаро ба бахши эҳё мунтақил намекунед? – бо таҳайюр пурсидам ман.

– Ӯ намехоҳад ва ба ҳарфи мо гӯш намедиҳад,– ҷавоб дод пизишк.

Барои он ки ба хато роҳ дода нашавад ва дар ҳини интиқол иттифоқи ногуворе науфтад, бори дигар аз доктор Малика хоҳиш кардам, ки бо он пизишк суҳбат карда, вазъро рӯшан намояд. Пас аз суҳбат иттилоъ дод, ки ғайр аз норасо-

ии шушӣ дар мариз норасоии гурда ва мағзӣ низ шиддат пайдо кардааст, зеро аломатҳо ва натиҷаи озмоишҳояш хуб нестанд. Дар бахши умумӣ мондани бемор хатарнок аст, тавсия мешавад, ки ҳарчи зудтар ба наздиктарин бахши эҳё гузаронда шавад.

Ман бозпас бо Шаҳриёр суҳбат карда, хоҳиш намудам, ки бо пизишкон ҳамкорӣ кунанд ва бечунучаро беморро ба бахши эҳёи ҳамон бемористон, ки дар табақаи дигар ҷойгир аст, интиқол диҳанд. Арз кардам, ки агар дору, васила, таҷҳизот ё ҳар машварате лозим аст, бо ман тамос бигирад.

Пас аз ду рӯз хабари фавти устод Ҷӯрабек Назрӣ расид. Худо аз арши барин ҷойгоҳаш диҳад!

## ДАРДАМ АЗ ЁР АСТУ ДАРМОН НИЗ ҲАМ
## (*Ҳофиз*)

Бухрони вируси куруно як масъалаи доғи дигари иҷтимоиро доғтар кард ва он ҳам нобасомониҳои низоми тандурустии кишвар аст. Бешубҳа, ин низом ба ислоҳоти бунёдӣ ниёз дорад. Аз замони шӯравӣ низоми тандурустии кишвар чанд ислоҳоти ҷузъӣ дида бошад ҳам, тағйири аслӣ накардааст ва як системи дарҳамбарҳам ва нокоромад боқӣ мондааст. Мафкураи ҷомеа низ дар робита ба ин соҳа дар ҳамон сатҳи шӯравӣ мондааст. Ин ҳолат обрӯи тибби тоҷикро, ки дар он замон ҷойгоҳи баланде дошт, костааст.

Дар будҷаи кишвар ба соҳаи тандурустӣ тақрибан як милёрду ҳаштсад миллион сомонӣ ҷудо шуда, ки ба андешаи коршиносон нокифоя аст. Мизони маоши кормандо-

ни тиб ночиз буда, ҳатто барои рӯзгузаронии сода намерасад. Тибқи қароре, шаҳрвандон мувазэафанд ба хазонаи бемористонҳои давлатӣ маблағ супоранд, вале раванди тақсими ин маблағҳо норӯшан аст ва ба боло рафтани маоши кормандон чандон мусоидат намекунад. Мутахассисони соҳа имкони боло бурдан ва такмил додани дониши худ дар кишварҳои пешрафтаро надоранд. Бемористонҳо бо доруву васоили масрафӣ ба таври кофӣ таъмин нестанд. Таҷҳизоту таъсисот фарсуда ва корношоянд. Бо вуҷуди ин, мардум аз кормандони соҳа, табобати босифат ва ройгонро интизор доранд.

Маълум аст, ки табобат ҳамеша хароҷоти ҳангуфт металабад. Доруву васоили масрафии тиббӣ дар кишвар кам тавлид мешаванд ва аксар воридотӣ ҳастанд. Нигоҳдории таҷҳизот ва таъсисот харҷи гарон дорад. Бисёр иттифоқ меуфтад, ки дар асари авориз харҷи муолиҷа, ҳатто чанд маротиба бештар аз пешбинии қаблӣ меафтад.

Ба андешаи ман, як бемористон масъули таъмини сифати баланди дармон аст ва хароҷот набояд пеши роҳи мутахассисонро бигирад. Мо бояд дар масъалаи ислоҳоти соҳа чораҷӯӣ намоем. Агар мо барои мутахассисон шароити сазовор фароҳам наоварем, онҳо ба кишварҳои дигар меравāнд ва вазъи соҳа бадтар мешавад. Бахусус буҳрони куруно ин воқеиятро бароямон ошкор кард, ки дар ҳолатҳои пандемӣ ва изтирорӣ мо мемонему ҳамин тиббу табиби тоҷик!

Хулоса, дармон кори пурхарҷест ва харҷи он аз ҷое бояд пардохта шавад.

Вале аз куҷо?

Ин “баҳси дигар” аст.

## БАҲСИ ДИГАР

Соле чанд маротиба шаҳрвандони кишварҳои Аврупоӣ ба бемористони Ибни Сино муроҷиат мекунанд. Одатан сайёҳон ба сабаби осеб, кормандони муассисаҳои байналмилалӣ бо заҳролудшавии ғизоӣ ва бо дарди дилу гурда бистарӣ мешаванд. Мутахассисони бемористон ба ин беморон ёрии аввалия мерасонанд. Дармони аслӣ ва асосиро онҳо дар кишвари худашон мегиранд. Бисёр иттифоқ меуфтад, ки барои интиқоли як бемори хориҷӣ ҳавопаймои махсус меояд ва мо бо мошини ёрии таъҷилии бемористон беморро то фурудгоҳ бурда, таҳвил медиҳем. Бори аввал, вақте барои як шаҳрванди осебдидаи хориҷӣ ҳавопаймои махсус омад, ман тааҷҷуб кардам, ки шояд шахси муҳимме бошад, зеро парвози махсус ҳазинаҳои гарон дорад. Вале ба тадриҷ фаҳмидам, ки дар он кишварҳо ҳама «муҳим» будаанд.

Дар ҷомеаҳои озод ва мардумсолор таъмини иҷтимоӣ ва минҷумла саломатии шаҳрвандон яке аз шартҳои асосии тавофуқи байни ҷомеа ва давлат аст. Аз ин сабаб қонунҳои он кишварҳо табобат ва саломатии шаҳрвандонро кафолат медиҳанд. Одамон як қисми даромади худро ба сандуқҳои бимаи дармон медиҳанд ва дар иваз ройгон табобат мешаванд. Харҷи дармони шаҳрвандон ба пуррагӣ аз ҳамин сандуқҳо пардохта мешавад ва онҳо аз харҷи ҳангуфти ногаҳонӣ эминанд. Ин сандуқҳо он қадр сарватманданд, ки ҳатто барои интиқоли бемори зери пӯшиши бимаашон парвози махсус мефиристанд.

Дар ҷомеаи Тоҷикистон одамон барои ҷашнҳо, хариди хона, мошин, ҷиҳози хона ва ҳатто хароҷоти мурдан пасандоз мекунанд, вале ҳеҷ гоҳ барои дармон чизе пас намегузоранд.

Шояд фикр мекунанд, ки ҳеч гоҳ касал намешаванд? Ё ҳоло ҳам тибқи тафаккури замони шӯравӣ фикр мекунанд, ки табобат бояд ройгон бошад?

Табиатан беморӣ ногоҳ пеш меояд ва хароҷоти зиёд металабад, ки шаҳрвандон барои он омодагӣ надоранд. Бухрони Кувид-19 бори дигар собит кард, ки ин масъала дар кишвари мо бояд танзим шавад. Ҳама шоҳид будем, ки номураттабии кори соҳа ташаннуҷи иҷтимоии бесобиқа ба бор овард.

Мо дар бемористони Ибни Сино ба умқи ин мушкил аз солҳои аввали роҳандозӣ пай бурдем. Бемористон имконоти бесобиқаеро дар ихтиёри мардуми кишвар гузоштааст, вале мутаассифона, на ҳама имкони пардохти харҷи онро доранд. Мушкили асосии рушди соҳаи тиб муназзам набудани пардохтҳо ва маблағгузории нокифояи соҳа аст.

Ҳамон тавр ки қаблан зикр карда будам, будҷаи кишвар ба соҳаи тандурустӣ чизе мисли дусад сомонӣ ба сари ҳар шаҳрванд ҷудо мекунад. Пӯшида нест, ки корафтодагон солона ба ин соҳа маблағи бештар аз инро мустақим ва ғайримустақим мепардозанд. Агар дуруст ҳисоб шавад, маблағҳое, ки аз будҷа ва мустақиму ғайримустақим шаҳрвандон ба ин соҳа мепардозанд, маблағи каме нест. Кишварҳои пешрафта моделҳои мухталифи бимаи дармонро сохта ва мавриди истифода қарор додаанд. Мо низ бояд барои танзими пардохтҳо ва маблағгузории дурусти соҳа чораандешӣ намоем. Ба андешаи ман, дар асоси омори дурусти муроҷиати шаҳрвандон ба бемористонҳо бо барномарезии фарогире кори соҳаро танзим кардан имкон дорад ва зарур аст. Дар акси ҳол таназзули соҳаи тиб онро ба нестӣ меоварад. Агар пардохтҳо ва харҷи маболиғ танзим шавад, соҳаро хеле беҳтар мудирият кардан мумкин аст. Ба ҳадде, ки

бо ҳамин ҳаҷми маблағ тамоми дармонро, ба ғайр аз амалҳои текнулужии ҷадид, ройгон ва ба таври шоиста ташкил намудан имконпазир мебошад. Шояд дар солҳои аввал барои дармондагонамон ҳавопаймо фиристода натавонем, вале ислоҳоти соҳа имкон медиҳад, ки мардумро бо хидмати шоиста таъмин намоем, ки ин ислоҳот албатта иродаи сиёсӣ мехоҳад!

## ХУДОҶОН, ТОҶИ ДУНЁРО НИГАҲ ДОР

Дар рӯзҳои бемории Кувид адибон саъй мекарданд ба дарди мардум шарик бошанд. Шоири ширинкалом Фарзонаи Хуҷандӣ шеъри отифие навишта буд, ки як гурӯҳ овозхонон онро бо маҳорати баланд суруданд:

*Худоҷон, аз бало моро нигаҳ дор,*
*Замину осмонҳоро нигаҳ дор.*
*Балорову ваборо дур андоз,*
*Тамоми пиру барноро нигаҳ дор.*
*Бимон, фарзанди одам рӯз бинад,*
*Навонав насли фардоро нигаҳ дор.*
*Ман ин ҷову ҷигарбанди ман он ҷост,*
*Ту ин ҷорову он ҷоро нигаҳ дор.*
*Замин чун гавҳаре рӯи кафи туст,*
*Ту ин луълӯи лолоро нигаҳ дор.*
*Худо гӯянд акнун бехудоён,*
*Ки, ё Раб, тоҷи миноро нигаҳ дор.*
*Ба Наврӯзи нав овардӣ ҷаҳонро,*
*Баҳори тозаэҳёро нигаҳ дор.*
*Бани Одам якаъзо мешавад боз,*
*Ту ин пайванди зеборо нигаҳ дор.*

*Бароям Тоҷикистон тоҷи дунёст,*
*Худоҷон, тоҷи дунёро нигаҳ дор.*
*Суман нуру чаман нуру Ватан нур,*
*Ту ин нури Таъолоро нигаҳ дор!*

Иҷрои овозхонон он қадр бо сӯз буд, ки махсусан байти човруми ин шеър ба ман сахт таъсир кард, зеро ҷигарбанди ман Манижа донишгоҳи тиббии шаҳри Маскавро хатм карда, дар яке аз бемористонҳои он шаҳр кор мекард ва амалан дар марзи хатар қарор дошт.

## БА ФАРҲАНГ БОШАД РАВОН ТАНДУРУСТ
**(*Фирдавсӣ*)**

Таҳсилоти ман улуми инсонист ва ман ҳамеша ба аҳли илму адаб алоқа доштам. Вақте дар бемористони Ибни Сино ба кор оғоз кардам, ошноиҳо, аз ҷумла бо аҳли адаб бештар шуд. Як иттифоқи хуҷаста–шиносоӣ бо дӯсти азиз, шоир Ҳасани Қарибӣ низ дар ҳамин марҳала рӯй дод. Ӯ дар симати раиси Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ–тоҷикӣ дар Тоҷикистон кор мекард.

Қаблан зикр кардам, ки мо мутахассисони бемористонро барои давраҳои омӯзишӣ ба Эрон мефиристодем ва дар ин сафар барои онҳо донистани хати форсӣ тавсия мешуд. Барои ташкили дарси омӯзиши хат ман ба Ҳасан муроҷиат намудам ва ӯ дар бемористон ин дарсҳоро ба роҳ монд ва аз ҳамин нуқта ошноии наздиктари мо шурӯъ шуд. Баъд аз он барои кумак ба боло бурдани дониши мутахассисони соҳаи тиб "Ҳазорвожаи пизишкии фарҳангистони забон ва адаби форсӣ" ва китобҳои доктор Саидмаҳмуди Алавиён, раиси анҷумани ҳепотити Эрон, дар бораи анвоъи

ҳепотит ва сиррози ҷигар низ аз хати форсӣ баргардон шуда, ба чоп расиданд.

Бинои Пажӯҳишгоҳ дар назди хонаи ман ҷойгир шуда буд ва ман ҳини пиёдагардӣ аз назди он мегузаштам ва аз ҳоли Ҳасан хабар мегирифтам. Пажӯҳишгоҳ китобхонаи хуб ба хати форсӣ дорад, ки ман гоҳ–гоҳ аз он истифода мекардам ва боре дар суҳбат дар боби китобу китобхонӣ, ман аз "Шоҳнома" ёд кардам, ки устод Сотим Улуғзода пораҳои онро бо баргардон ба наср тартиб дода буд ва дар замони мактабхонӣ хонда будам. Дар натиҷаи ин суҳбат, ба дархости ман ва пайгирии Ҳасан ва лутфи устод Фаридуни Ҷунайдӣ, шоҳномапажӯҳи эронӣ, ёздаҳ ҷилд китоб бо унвони "Достонҳои Рустами паҳлавон" бо забони равон ба ду хат–сириллик ва форсӣ барои кудакони тоҷик омода ва чоп шуд.

Рӯзе дар суҳбат аз Ҳасан хоҳиш кардам, ки барои фарзандони ман китоби омӯзиши алифбои форсӣ пайдо кунад. Маълум шуд, ки дар "Бунёди Саъдӣ"–и Эрон, китоби махсуси омӯзиши хати форсӣ барои хориҷиён ба забонҳои инглисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ ва ҳатто қазоқӣ навишта шудааст ва он "Гоми аввал" ном дорад. Ин китоб хеле ҳушмандона ва зебо тарроҳӣ шудааст, ки омӯзиши хати форсиро ба аҳли ин забонҳо осон мекунад. Аз он ҷое, ки мо ҳамзабон будем, дар ҳамкорӣ бо бунёди мазкур нусхае аз ҳамин китоб барои форсизабонони сирилликхон омода ва нашр карда шуд.

Шабе аз шабҳои қадамзанӣ дар хиёбонҳои Душанбе бо Ҳасани Қарибӣ суҳбат аз устод Садриддин Айнӣ пеш омад ва ин ки ӯ пешниҳоди баргузории бузургдошти ин устоди ягонаи тоҷикро ба "Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ"–и Эрон додааст. Ӯ бояд дар як муддати кутоҳ аз адибони тоҷик дар бораи устод Садриддин Айнӣ, чанд мақола дархост ме-

кард. Нигарон буд, ки фурсат кутоҳ аст ва шояд ба дӯстон заҳмат эҷод шавад. Ман ба ӯ як воқеаро аз мактабхониям, ки ба устод рабт дошт, нақл кардам. Ӯ аз ман хоҳиш кард, ки ҳамон воқеаро бинвисам ва ба ӯ бидиҳам. Ман хеле зуд он воқеаро тасвир ва ба паёмгираш ирсол кардам. Фардои он рӯз ӯ эълон кард: "Чӣ ҷолиб, дақиқан ҳамон чиро, ки дишаб гуфтӣ, навиштаӣ!" ва изофа кард, ки навиштаи маро низ ҳамчун мақола ба вижаномаи бузургдошти устод Айнӣ мефиристад. Ман шӯхӣ пиндоштам ва бо ҳазл ба сабки гуфтори эронӣ ба ӯ гуфтам "Моли шумост!" Баъд аз муддате ӯ китоби маҷмуаи мақолоти бахшида ба хадамоти илмӣ ва фарҳангии он абарустодро ба ман дод, ки навиштаи ман воқеан дар он нашр шуда ва ҳатто сармуҳаррири он ёднома як ибораи маро иқтибос ҳам карда буд. Дӯстии ман бо устод Ҳасани Қарибӣ сабаб шуд, ки ман ба навиштан ташвиқ шавам ва саранҷом китоби аввали ман "Моҷарои рафта" маҳсули ҳамин рафоқат аст.

Ин дӯстиву ҳамкорӣ сабаб шуд, ки китоби "Моҷарои рафта" ҳамон сол дар Эрон ба хати форсӣ низ ба табъ бирасад. Ҷолиб ин, ки ба наздикӣ нусхаи онро дидам, ки чопи дувум буд. Яъне, дар Эрон китоби муаллифе чун ман, ки ба хонанда ношинос аст, ба чопҳои баъдӣ мерасад, дар ҳоле ки дар Тоҷикистон бахше аз ҳамон 500 нусхаи чопи аввал то ҳол хонандаи худро наёфтааст.

Китобҳои муаллифони тоҷик дар Эрон қаблан ҳам баргардон ва чоп шудаанд, вале Ҳасани Қарибӣ бо як ношир ҳамкорӣ мекунад ва чопи китобҳои тоҷикиро аз тариқи ҳамин интишорот, ки "Орван" ном дорад, ба роҳ монд, ки хеле муассир аст. Чопи китоби "Ҷаҳони андешаи Носири Хусрав"–и устод Нозир Арабзода, "Пойҳо ва рӯйҳо"–и устод Абдулқодири Рустам, "Шеъри нағз"–и устод Абдунабӣ Сат-

торзода ва китобҳои дигар маҳсули дӯстиву ҳамкориҳои банда бо дӯсту бародари азиз Ҳасани Қарибӣ будааст.

Мутаассифона, бар асари ташаннуҷ дар робитаҳои сиёсӣ байни Эрону Тоҷикистон фаъолияти пажӯҳишгоҳ қатъ шуд ва Ҳасан ба Эрон баргашт, вале дӯстии мо ҳамчунон пойдор монд ва бардавом бод!

## ИН ҲАРИФОН ХИДМАТИ ҶОМИ ҶАҲОНБИН КАРДААНД
**(*Ҳофиз*)**

Тобистони соли 2018 дӯсти азизам Рустам Шакурӣ аз Маскав ба ман паём фиристода, хоҳиш кард, ки як дӯсти олимашро, ки аз Конодо ба Душанбе меояд, вохӯрам ва агар коре дошт, ёрӣ намоям. Ба зудӣ Ричард Фолтс – дӯсти ӯ, олими эроншинос ба Душанбе омад ва ҳафтае ин ҷо сукунат дошт. Ӯ дар пайи навиштани китобе дар бораи таърихи тоҷикон буда ва мақсади ин сафараш ҷавоб ҷустан ба суолҳояш будааст. Ман бо ӯ якчанд мулоқот доштам ва бо чанд нафари дигар низ барояш вохӯрӣ созмон додам, ки умедворам барояш муфид буда бошад.

Қабл аз сафари Ричард, дар соли 2018 матни суханронии ӯро, ки дар маҷаллаи “Бухоро” дар Эрон чоп шуда буд, устод Абдулқодири Рустам ба хатти сириллик баргардон ва ба он мақолаи ҷавобӣ навишта, дар рӯзномаи “Озодагон” чоп карда буд, ки ба вокунишҳо мувоҷеҳ шуд.

Ричард Фолтс дар матни суханронии худ, ки ба ёдбуди олими эроншиноси амрикоӣ Ричард Фрой бахшида шуда буд, чанд нуктаи баҳсбарангезро баррасӣ намуда буд. Якеаш ба номи забони форсӣ, дигараш ба мавзӯи баргашт ба хати

форсӣ ва сеюм нукта ба мансубияти классикони адабиёти форсии тоҷикӣ ба эрониён ва тоҷикон рабт дошт. Фолтс дар масъалаи даъвои тоҷикон ба ворисии классикони адабиёт, бахусус Ҳофиз ва Саъдии Шерозӣ тунд бархӯрд карда, онро "зеҳнияти миллигароии ифротӣ" номида буд.

Фолтс тақрибан баъд аз як ё ду моҳе, ки ин баҳс дар рӯзнома ва шабакаҳои иҷтимоӣ баргузор шуда буд, ба Душанбе омад. Аввалин коре, ки ман кардам, ӯро ба устод Абдулқодири Рустам муаррифӣ намудам, то ин масъала бо худаш низ тарҳ шавад, зеро ҳайф буд, ки ин аввалин китоб дар бораи тоҷикон дар Ғарб нуқтаи назари машкукро поягузорӣ кунад. Албатта, ҷавоби устод Абдулқодири Рустам мудаллал навишта шуда буд, вале Ричард дар ақидаи худаш пойфишорӣ мекард. Ман баъд аз бозгашти Ричард аз Рустам Шакурӣ низ хоҳиш кардам, ки ба ӯ нома нависад ва ин мавзӯъро матраҳ намояд. Ӯ низ ба Ричард Фолтс нома навишта, мавзӯъро тавзеҳ дода ва чанд китоберо дар ин бора муаррифӣ карда, хондани онҳоро ба ӯ тавсия дода буд, ки нусхаи мактубашро ба ман ҳам фиристода буд. Ғайр аз ин ман мувофиқи хоҳиши Ричард ӯро ба чанд нафари дигар, аз ҷумла ба Ҳасани Қарибӣ, ки он вақт раиси Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ тоҷикӣ буд, низ васл кардам ва дар зимн ба онон масъаларо тавзеҳ додам.

Дар давоми сафараш, ки ҳафтае ба дарозо кашид, мо чанд бор бо ҳам мулоқот кардем ва дар бораи ин назараш низ баҳсҳо доштем. Вақте дар баҳс гирифтор мешуд, аз идомаи он сарпечӣ ва хомӯшӣ ихтиёр мекард.

Як масъалае, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ мавзӯи баҳси доимист ва гоҳ–гоҳ тезутунд мешавад, ба мансубияти фарҳанги минтақа марбут аст. Олимнамоҳое агар рӯзе Ибни Синоро турк хонанд, бори дигар мусиқӣ ё осори дигари

фарҳангиро ба худ нисбат медиҳанд. Ман фикри Ричардро дар ҳамин масъала пурсидам. Ӯ хеле возеҳ ҷавоб дод, гуфт, агар баҳсе ҳаст, ҳамин ҷо дар байни шибҳиолимон аст, барои олимони соҳа дар тамоми дунё ин масъала равшан аст, ҳарчи мероси фарҳангӣ дар ин минтақа ҳаст, ҳама моли шумо эрониёни шарқист.

Шахсияти Ричард Фолтс ҷолиб аст. Ӯ ба забони форсӣ хеле хуб ҳарф мезанад, хати форсӣ ва сириликро нағз медонад. Аз қавли худаш, ӯ мутаваллиди Иёлоти мутаҳидаи Амрико аст ва ба нишони эътироз аз сиёсатҳои жеополитикии давлати ИМА довталабона аз шаҳрвандии он кишвар даст кашида, шаҳрвандии Конодоро гирфтааст. Ҳини кор дар донишгоҳи Монтреали Конодо ба хонуми эроние издивоҷ кардааст. Дар он ду-се мулоқоте, ки доштем, ман пай бурдам, ки ӯ дониши амиқ дар бораи таърихи қадими мо дорад, аксари сарчашмаҳои мавҷудро фаро гирифта буд ва чизҳои ҷолибе нақл мекард. Умедворам, ин ривояту қиссаҳоро дар китобаш оварад, ки воқеан хонданиву донистанианд.

Масалан, назараш дар бораи дини қадимии мардуми сарзамини минтақаи мо – Осиёи Миёна ҷолиб буд. Мегуфт, ки дини қадимии ин сарзамин буддоӣ ё зардуштӣ набудааст. Барои исботи ин фикраш далелҳои қонеъкунанда дошт, ки ба сарчашмаҳо ва бозёфтҳои ҳафриётӣ асоснок буданд. Мегуфт, намедонад мардуми ин диёр аҳли кадом дин будаанд, вале мутмаин аст аҳли динҳое, ки то ҳол пиндошта мешуд, набудаанд.

Чизи ҷолиби дигаре, ки аз ӯ шунидам, ин буд, ки дар қадимулайём гузаштагони мо расми аҷибе доштаанд ва ӯ онро дар осори Ҳеродот хондааст. Гуфт, гузаштагони шумо барои тарбияти коҳин, шахсро аз кӯдакӣ интихоб карда ва дар

ҳамон кӯдакӣ ӯро аспсаворӣ омӯхта, маҷбур мекардаанд солҳо урён, аспро бе зин, пушти луч саворӣ кунад, то тухмҳояш аз байн раванд ва имкони фарзанд доштанаш набошад. Коҳинҳо он замон масъулияту салоҳиятҳои бузург доштаанд. Ба эътиқоди роиҷ, сараввал надоштани нафси шаҳвонӣ одамро оромтабиат мекунад, сониян онҳо намехостаанд, ки чунин масъулияту салоҳияте, ки коҳинҳо доранд, авлодӣ шавад.

Барои ман ҷолиб аст, ки чӣ қадр замон бурда бошад, ки дувуним-се ҳазор сол пеш гузаштагони мо чунин таҷрибаеро касб карда будаанд? Ва ин ҷавоби хубест барои ононе, ки гузаштагонро нодонтар аз мо медонанд.

Тобистони соли 2019 китоби “Таърихи тоҷикон- эрониёни шарқӣ” дар Ландан ба забони инглисӣ ба чоп расид. Ричард дар ин бора ба ман нома навишт ва ҳини сафараш ба Маскав ба воситаи Рустам Шакурӣ як нусха фиристод. Китоб ба забони фасеҳ навишта ва хуб бандубаст шудааст. Муаллиф донандаи хуби мавзӯъ аст ва тавонистааст саргузашти чандҳазорсолаи мардумони ин сарзаминро дар дусад саҳифа хеле муъҷаз ва возеҳ баён кунад. Ба ҳайси аввалин китобе, ки аз сӯи як олими ғарбӣ ба забони инглисӣ дар бораи таърихи мо – тоҷикон навишта шуда, он ҳоизи аҳаммияти вижа аст.

Имрӯз, ки китобро хондам, дидам, ки Ричард Фолтс оҳанги гуфторашро дар он масъала нарм карда бошад ҳам, он маънии машкукро ҳазф накарда, вале ин нуктаи кӯчак аз арзиши ин китоб накоҳидааст. Дар умум китоб аз иттилооти бикри таърихӣ саршор буда, дар рӯҳияи хушбинона навишта шудааст.

## Ё СУХАН САНҶИДА ГӮ, ЭЙ МАРДИ ДОНО, Ё ХАМӮШ

***(Ҳофиз)***

Воқеаи ҷолиберо аз забони профессур Фолтс шунидам, ки аз аҷобати таоруф дар Эрон аст. Марди эроние зани олмонӣ гирифта ва бо занаш барои муддате ба Эрон меояд. Ин мард рӯзе бо ҳамсараш ба хонаи амакаш меҳмон мешавад. Хонуми олмонӣ пиёнуро дида, ба он мечаспад ва бо шавқ оҳанге менавозад. Аз пиёну хеле хушаш омада, ба соҳибхона мегӯяд:

– Пиёнуятон олист!

– Моли шумост! – лутф мекунад соҳибхона. Арӯси олмонӣ бехабар аз таоруфоти эрониён ташаккур мекунад ва рӯзи дигар мошин мефиристад, то пиёнуро ба хонааш биёранд. Хешовандон ҷамъ шуда, машварат мекунанд ва ба қарор меоянд, ки барои обрӯрезӣ нашудан пиёнуро бояд фиристод, онҳо ба чунин хулоса меоянд, ки арӯси олмонӣ зиёд ин ҷо намемонад ва вақти рафтан пиёнуро ҳамроҳаш бурда наметавонад, зеро сангин аст. Ҳамин тавр ҳам мешавад ва пас аз баргаштани арӯси олмонӣ пиёну ба соҳибаш бармегардад. Ҳамон тавр, ки ман пули дизиро рӯзи дигар пардохтам.

## ПУЛИ ДИЗӢ

Зимистонҳо ягона дилхушии мо бачаҳои Панҷрӯд яхмолакбозӣ буд. Мо онро "ғеҷонак" меномидем. Дар болои деҳа як нишебие буд, ки дар фасли сармо ях мезад. Мо баъд аз дарс аз корҳои хона гурехта, ба он ҷо мерафтем ва табъи дил бозӣ мекардем. Бозӣ аз он иборат буд, ки ба сари

он шеб баромада, босуръат ба поён сур мехӯрдем. Масофаи ғеҷидан ҳамагӣ даҳ–понздаҳ қадам буд. Шеб каб-кабуд ях мезад ва болоравӣ душвор буд. Ҳини боло рафтан афтидану дар барфу ях ғелидан зиёд иттифоқ меафтид, ки тамоми либосамонро тар мекард. Бегоҳ вақте ба хона меомадем, фиғони модарам мебаромад:

– Боз яхмолакбозӣ рафтӣ?

– Не.

– Либосҳота дар куҷо тар кардӣ? Оғила тоза накардӣ, дарсҳота ҳам тайёр накардӣ! Ҳоло исто, додот биёянд!

Ин таҳдид хеле муассир буд. Бадтарин ҷазо барои мо он буд, ки падарам аз кори мо норозӣ бошанд, гарчанд ҳеч гоҳ аз падарам натанҳо танбеҳ, балки ҳарфи баланд ҳам нашунида будем.

Баъдан, охири солҳои навад вақте шунидам, ки деҳаи Сафедорак дар дараи Варзоб пойгоҳи лағжабозӣ дорад, ба он ҷо рафтам ва дидам, ки ҳамон яхмолакбозии бачагии моро ба таври густардатаре ба роҳ мондаанд. Танобҳои барқӣ одамро кашида, ба баландӣ мебарорад ва таҷҳизоти махсус имкон медиҳад, ки шахс бо суръати боло поён ҳаракат кунад, ки бамаротиб лаззати бештар дорад. Ман, ки ҳоло ҳам ҳавои бачагӣ аз сарам нарафта буд, ошиқи ин варзиш шудам. Дар муддати кӯтоҳе асосҳои онро азхуд кардам ва он яке аз саргармиҳои ман шуд. Барои варзиш ва тафреҳ ба кишварҳои дигар ҳам сафар мекардам. Барои варзишу тафреҳ ба пойгоҳҳои Русия, Утриш, Свис ҳам рафтаам.

Боре шунидам, ки Эрон низ пойгоҳи лағжабозӣ дорад. Ин пойгоҳ Дизин ном дошта, макон ва шебаш хеле фарох ва фавқулода хуб аст. Ман бо фарзандонам, ки низ лағжабозиро дӯст медоранд, як ҳафта дар он ҷо тафреҳ ва истироҳат кардем.

Ғизоҳои эронӣ хеле сабук ва солиманд, вале барои мо ғайриодатанд. Рестурони меҳмонхонаи пойгоҳ ғизоҳои олӣ таёр мекард, вале дили мо хӯроки одаткардаамон – оши палав, хомшӯрбо, гӯштбирён ва ғайра мехост. Ман аз корманди меҳмонхона пурсидам, ки дар ин наздикӣ рестурони дигаре ҳаст? Ӯ сарашро хорида, бо дили нохоҳам гуфт:

– Ошёнаи поин як ошхона ҳаст, вале... он ҷо мо худамон хӯрок мехӯрем.

Аҷабам омад ва аз зинаҳо поин рафтам ва дидам, ки воқеан ошхона аст ва бӯи ғизо меояд. Ба назди марде, ки мизҳоро тоз мекард, рафта пурсидам.

– Ғизо чӣ доред?

– Дизӣ, – гуфт ӯ бодиққат ба ман зеҳн монда.

– Дизӣ чист? – боз суол кардам ман.

– Обгӯшт, бобо шумо боло бурӯ ун ҷо барот ғизои хуб мидан, и ғизо барои шумо немише, – гуфт ӯ ва якбора кунҷковии маро бедор кард.

– Ба ман якто дизӣ диҳед, – пушти миз нишаста, хоҳиш кардам ман.

Ӯ рафт ва дар рӯи як лаълӣ як кӯзаву коса ва чумча овард. Кӯза гарм буд. Ин аз ҳамон кӯзаҳои сафолӣ буд, ки дар он "суп пити" мепазанд. Барои ман ҷолиб буд, ки дар дохили кӯза чист?

– Дизиро омода кунам барот? – пурсид ошпаз аз ман.

– Бале, лутф кунед, – хоҳиш кардам ман.

Ӯ бо чумча аз дохили кӯза картошкаву гӯшт ва сабзиву дигар маҳсулотро ба коса кашид ва бо кафлесчаи чӯбӣ он ҳамаро кӯфта – кӯфта хамир кард ва пеши ман гузошт. Ин ғизо пеш аз кӯфтан ҳамон хомшӯрбои тоҷикӣ, вале ба таври "суп пити" пухта шуда буд. Ман хомшӯрборо ба ҳамон шакли аслаш бе кӯфтан дӯст медорам. Каме аз он хӯрдам ва ба-

рои пардохтани пулаш ба назди мард рафтам. Аз лаҳҷаи ман аҷабаш омада, пурсид, ки ман моли куҷоям? Эрониҳо нохудогоҳ одамро ҳам “мол” мегӯянд. Ман гуфтам:

– Ман аз Тоҷикистонам.

Ӯ, ки қаблан меҳмони тоҷик доштааст, хеле хушнуд шуд ва аз ман хеле хуб пазирой кард.

Пуле, ки ӯ пурсид хеле ночиз буд. Вақте ман хостам пардохт намоям, ӯ “Қурбони шумо, қобил надоре, шумо меҳмони мо ҳастӣ, ин пуле нест, қобил надоре” гуфта, исрор кард. Воқеан пули дизӣ маблағи хурде буд ва чун аз тоҷик будану ба форсӣ ҳарф задани ман хеле хушаш омада буд, фикр кардам, ки ӯ мехоҳад маро меҳмондорӣ кунад ва агар дар пардохт исрор кунам, шояд хуб набошад. Ташаккур кардам ва рафтам. Рӯзи дигар дар назди даромадгоҳи меҳмонхона аз остинам дошт:

– Оғо, пули дизиро намедӣ?

## БИСЁР САФАР БОЯД, ТО ПУХТА ШАВАД ХОМ
## *(Саъдӣ)*

Дар охирҳои моҳи апрел ва рӯзҳои аввали майи соли 2019 сафари маъмулие аз он сафарҳои нимкориву нимтафреҳӣ ба Эрон доштам, ки ба таври ғайриодӣ анҷомид. Дар бораи фарҷоми ғайриодии ин сафар дар охир хоҳам навишт, нахуст бархе бардоштҳоямро аз ин сафар ба дӯстон арз медорам, ки мутмаинам аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Аслан, ният карда будам, ки дар масъалаҳои таъминоту таҷҳизоти бемористон бо ҳамроҳии дӯсти азизам доктор Алӣ Саломат дидору гуфтугӯҳое анҷом дода, бо истифода аз даъвати рафиқи шафиқ Ҳасани Қарибӣ зодгоҳи ӯ – Кошону

Қамсар ва Язду Оташкада ва Дахмаи онро бо иттифоқи доктор Асғари Додбеҳ, ки худ зодаи ин шаҳри куҳанбунёд аст, бибинам.

Бояд гуфт, ки шароити равуо ва ҳамкорӣ дар байни Эрону Тоҷикистон ба сабаби сардии равобити сиёсӣ ва дар натиҷа набудани парвози мустақим башиддат мушкил гаштааст. Акнун аз Душанбе то Теҳрон тариқи Истанбул, Дубай ё масирҳои аз ин ҳам дуртару пурҳазинатар рафтан мумкин аст. Билети ман аз масири Истанбул таҳия шуда буд, ки ҷамъан дувоздаҳ соат вақт гирифт, дар ҳоле, ки қаблан парвози мустақим ҳамагӣ каме бештар аз ду соат вақт ва се баробар камтар ҳазина дошт. Машаққати роҳ пушти сар шуд ва ман ба мақсад расидам. Дар парвози дурудароз нороҳатие дар мавзеи камар ҳис карда бошам ҳам, пешвози гарми дӯстон заҳамоти сафарро ҷуброн кард, бахусус хабари баргузории намоишгоҳи китоб, ки он рӯзҳо дар Теҳрон ҷараён дошт, табъамро хуш кард. Нуктаи ғайриинтизор ин буд, ки бо талоши Ҳасани Қарибӣ бояд рӯзи дигар дар ин намоишгоҳ рӯнамоии китоби ман – “Моҷарои рафта” баргузор мешуд...

## КИШВАРИ КИТОБ

Масъалаҳои кориро арз намекунам, зеро барои хонанда ҷолиб нахоҳад буд. Нимаи аввали рӯзи дигар ба намоишгоҳи китоб рафтем. Раҳорах Ҳасан мегуфт, ки ҷонибҳо баргузории рӯнамоии китоби маро дар шароити ҳассоси равобити кунунӣ салоҳ надонистаанд. Ман, ки воқеан хостори ҳарчи зудтар ислоҳ шудани вазъи бавуҷудомада дар байни ду кишвар ҳастам, фавран аз ин пешниҳод ҷонибдорӣ кардам. Ҳасани Қарибӣ нимшӯхӣ гуфт:

– “Чопи китобат дар Эрон сабаби қатъи фаъолияти ман дар Тоҷикистон шуд, метарсам, ки баргузории рӯнамоӣ боиси мамнӯъулвуруд шуданам гардад”, ки сабаби истеҳзо ва шӯхиҳои зиёди ману доктор Саломат гардид.

Воқеан, соли пеш, дақиқан рӯзи баъд аз ин ки хабари чопи китоби “Моҷарои рафта” ба хати форсӣ дар Эрон аз сӯи яке аз мухолифони сарсахти ҳукумати Тоҷикистон дар фейсбук гузошта шуд, Ҳасани Қарибиро дар Душанбе ба Вазорати умури хориҷа эҳзор карда, ҳушдор доданд, ки фаъолияташро мутаваққиф кунад. Намедонам, ин ду ҳодиса чӣ қадр ба ҳам рабт доштанд, вале шӯхии Ҳасан ба ҳамин маъно буд.

Намоиши китоб дар “Мусалло”-и шаҳри Теҳрон баргузор мешуд. Ман қаблан дар китобфурӯшиҳои Эрон будам ва аз ғановату пуродам будани онҳо шигифтзада шудаам, вале ҳатто тасаввур карда наметавонистам, ки ин намоишгоҳ ба чӣ вусъате ҷараён дорад. Онро бемуҳобо мешавад шаҳри китоб номид. Барои осон шудани тасаввури хонанда бозори “Корвон”-и Душанберо мисол задан мумкин аст. Ман чанд сол пеш ба бозори Корвон рафта будам ва чунин анбӯҳи одамону гармии савдоро фақат дар он ҷо дидаам. Хонандаи тоҷик метавонад ҳамин бозорро бо растаҳои беохири моломол аз китоб ва харидор тасаввур кунад.

Дар растаҳои намоишгоҳи китоб номирон аз рӯи ҳарфҳо раддабандӣ шудаанд. Ғурфаҳо пури китобҳои гуногун бо беҳтарин сифатанд. Барои осон пайдо кардан китобҳои илмӣ, дарсӣ, тахассусӣ, бадеӣ ва ғайра дар растаҳои ҷудогона ҷой дода шудаанд. Дар ин “шаҳр” ҳар китоберо, ки дил хоҳад, метавон пайдо кард. Охирин китобҳои илмии муътабартарин марказҳои илмии дунё билофосила дар ин кишвар ба забони форсӣ тарҷума шуда, дастраси ҳамагон ме-

гарданд. Азбаски Эрон ба “Қарордоди байналмилалии ҳуқуқи муаллиф” напайвастааст, дар ин кишвар ҳар китобе-ро метавон бе иҷозати муаллиф тарҷума ва чоп кард. Дарёф-ти иҷозати муаллиф ҳам замону заҳмат ва ҳам харҷи изофӣ мехоҳад, ки ноширони ин кишвар аз ин ҳама озоданд ва китобҳои навин зуд ба алоқамандон дастрас мешаванд. Воқеан, эрониён “агар илм дар Сурайё бошад, онро ба даст меоранд”!

Замони боздиди мо махсус дар нимаи аввали рӯз – вақти камодамии намоишгоҳ гузошта шуда буд. Ба гуфтаи Ҳасани Қарибӣ, ин соатҳо хилваттарин вақти намоишгоҳ бу-данд, вале ба назари ман истилоҳи “хилват” ё “камодам” ба воқеияти ин ҷо камтар дуруст мегирифт, зеро ҳатто дар ин соатҳо анбӯҳи одамон дар растаҳо равуо доштанд ва машғули дидану харидани китоб буданд. Кормандони мағозаҳои китобфурӯшии шаҳру вилоятҳо ароба–ароба (истилоҳ аз “Рисолаи манғития”-и Аҳмади Дониш) китоб мехариданд ва ба мошинҳои боркаше, ки дар берун интизор буданд, бор мекарданд.

– Баъдтар роҳи гузар намеёбӣ,–шарҳ медод Ҳасан.

Мо раста ба раста тамошо мекардем ва ман аз ғановати ин намоишгоҳ ба шигифт меуфтодам. Китобҳои дарсӣ ран-горанг ва басо дилкаш тарроҳиву чоп шудаанд. Дар риштаҳои кишоварзиву домдорӣ, кӯҳканиву сайёҳӣ, пизиш-киву муҳандисӣ, фалсафаву ҷомеашиносӣ, фарҳангу дониш-нома ва ғайраву ҳоказо ҳазорон ҳазор китоб ба намоиш ва фурӯш гузошта шудаанд. Намояндагони нашрияҳо дар ғурфаҳо тақрибан аз тамоми навигарии табъу нашр дар соҳаи марбутаашон бохабаранд ва харидоронро роҳнамоӣ мекунанд. Ҳар китобро чанд ношир ба сабку сифати гуногун нашр кардаанд. Табъу нашр дар ин кишвар воқеан пешрафта

аст ва дар ин ришта рақобат ҳам ба сифат ва ҳам ба нархи китобҳо таъсири мусбат гузоштааст. Китобҳои босифат бо нархҳои арзону дастрас фурӯхта мешаванд.

Ман бори дигар афсӯс хӯрдам, ки надонистани хати форсӣ мардуми моро аз ин махзани бузурги дониш маҳрум сохтааст. Ин анбори беохири иттилоъу дониш ба забони мо таҳия шудааст ва агар мо хати бобоёнамонро биёмӯзем, ин ҳама дар хидмати мо хоҳад буд!

Баъд аз соате сайри растаҳо ба ғурфаи муассисаи интишоротии «Орван» расидем, ки чӣ тавре зикраш рафт, як ҷанбаи кораш нашри китобҳои тоҷикӣ ба хатти форсист ва чопи китоби банда ҳам кори ҳамин ношир аст. Дидани китобҳои устод Садриддин Айнӣ ва бахусус чопи тозаи «Ғуломон» ва «Ҷаллодони Бухоро» чи қадр маро хурсанд карда бошад, дидани китоби «Моҷарои рафта» ҳамон қадр маҳзунам гардонд, зеро он ягона намунаи насри имрӯзаи мо дар ин ғурфа буд, дар ҳоле, ки китобҳои зиёди адибонамон бештар сазовори ҷой дар ин намоишгоҳанд. Чунончи арз шуд, чопи китобҳои тоҷикӣ ба хати форсӣ дар Эрон аз сӯи интишороти "Орван" ба мудирияти Шаҳром Султонӣ, бо саъйу кӯшиши дӯсти азиз Ҳасани Қарибӣ равнақ гирифт, ки хидмати шоёнест барои ҳарду тараф ва шоистаи ситоишу қадрдонист.

Гаштугузори мо ноаён то соате баъд аз зуҳр идома кард, ки дар тӯли ин ҳама вақт даҳ дарсади он «шаҳр"-ро ҳам фаро нагирифтем. Дар ин соат нороҳатии мавзеи миёнам зиёд шуд ва мо қарор кардем, ки боздидро хотима бахшем. Ин тасмим боз аз он ҷиҳат саривақтӣ буд, ки анбӯҳи одамон дар растаҳо афзуда, дигар ба қавле "ҷои сӯзанзанӣ намонда буд". Ман акнун бовар кардам, ки Ҳасан вақти дурустеро барои боздид интихоб карда будааст. Акнун растаҳои намоишгоҳи китоби

Теҳрон душворгузар шуда буданд. Ин гуна душворгузар шудани растаҳои бозору фурӯшгоҳҳоро дар Душанбе танҳо дар рӯзҳои арафаи иди Қурбон барои хариди маҳсулоти хӯрокворӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Намедонам, тавонистам таассуротамро аз ин намоишгоҳ ба хонанда бирасонам ё на, вале худам аз он то ҳол мутаассирам.

## ИН ҲАРФҲО БАРОИ ТУ "КОШОН" НАМЕШАВАД

Пас аз ду рӯзи сукунат дар Теҳрон тибқи ният ва барномаи қаблӣ роҳии Кошон шудем. Қаблан дӯсти азизам Ҳасани Қарибӣ, ки худ аҳли ин шаҳр аст, аз "Кошу" (ба талаффузи кошониён) бароям нақлҳо карда буд ва интизор доштам, ки як шаҳри дигаре аз он шаҳрҳои шарқиро бибинам. Вале дуруст фармудаанд, ки "шунидан кай бувад монанди дидан". Ҳеч интизор надоштам, ки чунин шаҳри ҷолиберо хоҳам дид.

Баробари ворид шудан ба шаҳр, мо боғи Фини машҳури Кошонро, ки дар масир воқеъ буд, тамошо кардем. Боғи Фин мисли муъҷиза, аз он бӯстонҳои сарсабзу хуррам бо ҷӯйҳо ва фавворахои мусаффост, ки дар миёни биёбон танҳо дар афсонаҳо вомехӯранд. Коҷҳои ин боғ умри чандсадсола доранд ва мисли он бузургчанорҳои Душанбе, ки дигар аксар бе ному нишон шуданд, танумананд. Дар як тарафи боғ, ки дар асл бӯстонсарои салотин будааст, ҳаммоми Фин ҷойгир аст, ки маҳз дар ҳамин ҳаммом Амири Кабир –вазири машҳури Қоҷориён бо дастури Носириддиншоҳ кушта шудааст. Дидани макони қатли он вазири боҳушу некрой одамро ба андеша водор мекунад...

Таассуроте, ки танҳо ин макон ба ман гузошт, на ҳар шаҳре гузоштааст...

Чизи дигаре, ки дар Кошон маро тасхир кард, ҷои сукунати мо буд. Ҳасан бо исрор пешниҳод мекард, ки як шаб ҳам бошад, бояд дар "Хонаи таърихии Эҳсон" маскан гузинем. Доктор Саломат ба ин пешниҳод бо истеҳзо бархӯрд карда, исрор мекард, ки дар ҳотел биистем. Ман пешниҳод кардам, ки аввал барои боздид ба "Хонаи таърихии Эҳсон" меравем ва дар ҳамон ҷо тасмим мегирем. Ин пешниҳоди мусолиматомез оташи баҳсро фурӯкаш кард ва пазируфта шуд.

Ҳарчанд Ҳасани Қарибӣ бо исрор моро ба хонаи таърихӣ даъват карда бошад ҳам, чӣ будани онро бароямон тавзеҳ надода буд. Шояд мехост бароямон ногаҳонӣ бошад ва ба зеҳнамон бештар асар гузорад. Вале хонаҳои таърихии Кошон воқеан диданист. Ман дунё гаштаам, вале чунин сабки хонасозии боҳушонаро дар ҳеч куҷо надидаам ва фикр накунам, дар ҷои дигар чунин сабку тарроҳие мавҷуд бошад. "Хонаи таърихии Эҳсон" дар асл як хонаи суннатии бозсозишудаи кошонӣ аст, ки ҳуҷраҳои онро ба сайёҳон иҷора медиҳанд ва сайёҳ дар фазои воқеии кошонӣ зиндагӣ мекунад. Шабе, ки ман дар ин хона иқомат кардам, яке аз беҳтарин шабҳоест, ки берун аз Ватан гузарондаам. Фазои оромбахши он хона ҳамеша дар ёдам хоҳад монд.

Вақте ки ба "Хонаи таърихии Эҳсон" расидем, мо аз кӯфти роҳ ба чизе аҳаммият надода, аз зинаҳо поин рафта, ба саҳни ҳавлӣ фуромадем. Ман ба атроф нигоҳ карда, аз тарҳи ғайриодии хона ҳайратзада шудам. Ҳавлӣ ба таври кофӣ фарох буда, дар байн ҳавзу боғча ва катҳои нишаст дошт. Чор сӯи ҳавлиро даричаву тирезаҳои пурнақшу нигор ва зинаҳои хиштии болову поинраванда оро медоданд, ки дар умум

мисли ҳисор ҳавлиро иҳота карда буданд ва ман аз зебоии он моту мабҳут шудам. Утоққои мо ба ҳамон сабки суннатии кошонӣ хеле одиву дилкаш тазйин шуда буданд, ки доктор Саломатро низ тасхир кард ва ӯ аз исрор рӯи ҳотел даст кашид ва ба мондан дар ин фазои афсонавӣ розӣ шуд. Магар мешуд нашавад?!

Ман чунон ба ваҷд омада будам, ки дарди камарро, ки дар роҳ хуруҷ карда буд, фаромӯш карда, аз сӯй ба сӯе медавидам ва шодӣ мекардам. Дар рӯи як зинаи танг "барои расидан ба бом" навишта буданд. Ман фавран аз он зина боло рафтам ва ба пушти бом расидам. Канори бом бо як девори ду -дунимметрӣ иҳота шуда буд, ки ман онро девори хонаи ҳамсоя гумон карда будам. Бомҳои хонаҳои суннатии Кошон низ ба таври ҷолиб пӯшида шудаанд. Онҳо лойӣ буда, гунбадшакланд ва бо гили махсусе андова мешаванд, ки обро намегузаронад.

Дучархаҳои рӯйи бом диққатамро ҷалб карданд ва ман аз Ҳасан пурсидам:

– Чаро дучархаҳоро бо ин ҳама заҳмат боло оварданд? Ӯ ба ман нигоҳи аҷибе афканду гуфт:

– Боло нест.

Ва нигоҳи ҳайрони маро дида:

– Ин бом бо кӯча ҳамкаф аст, – гуфт.

Ман ки аз кӯча бо зина ҳафт-ҳашт метр поён рафта, ба ҳавлӣ расиданам дар ёдам намонда буд, аз сабаби он ки бо зинаи дигаре болои бом баромада будам, фикр мекардам, ки ҳадди аққал ду ошёна аз замин болоям. Вақте Ҳасан дид, ки бовари ман намеояд, ба дарвозае, ки дар канори бом буд ва ман то ҳол ба он аҳаммият надода будам, ишора кард. Ман ба дарвоза наздик шуда, аз роғи он ба берун нигоҳ кардам, боме, ки ман дар рӯи он меистодам, дақиқан ҳамкафи роҳи кӯча

буд. Ин дучархаҳо рост аз кӯча тавассути ҳамин дарвоза ба рӯи ин бом омада буданд. Ҳавлии зебое, ки маро мафтун кард, дар умқи замин сохта шуда буд! Ман ба ин сабки меъмории гӯшношунид шавқи бештар пайдо кардам.

Худ ба худ дар зеҳнам такрор мекардам: хонаҳои Кошон дар зери замин сохта шудаанд! Боми хонаҳои Кошон ҳамкафи замин аст!

Меъморони кошонӣ сараввал заминро кофта, табақаҳои якуму дуюми хонаро дар дохили он чуқурӣ давродавр месозанд ва дар байн барои як ҳавлӣ низ ҷой мегузоранд. Шахс аз кӯча бо як зина ба пастии шаш-ҳаштметра фуромада, ба як ҳавлии сарсабз мерасад, ки давродавраш утоқҳо бино шудаанд. Табиист, ки утоқҳо чун дар умқи заминанд, ба берун тиреза надоранд ва тирезаҳои онҳо ба ҳавлӣ нигоҳ мекунанд. Агар кафи ҳавлии хона дар чуқурии ҳафт-ҳашт метр ҷойгир шуда бошад, боз аз ин каф ба зерзаминҳо зина мефурояд, ки чуқурияшон на камтар аз се метри дигар аст. Тамоми ҳуҷраҳои зист ва зерзамин аз тариқи сӯрохиҳои дохилидеворӣ бо бодгирҳо васланд, ки дар фаслҳои гуногун дамои хонаҳоро танзим ва мутобиқ менамоянд. Бодгир як падидаи меъмориест, ки дар кишварҳои мо маъмул нест, вале дар гузашта меъморон барои мутобиқ кардани дамои манзил аз ин "кондисионерҳои табиӣ" моҳирона истифода мебурдаанд. Махсусан, барои Кошон, ки дар биёбон ҷойгир аст, нақши бодгирҳоро наметавон нодида гирифт.

Дар умум ҳуҷраҳои хонаҳои суннатии Кошон дар кулли сол ҳарорати миёнаро нигоҳ дошта, барои зиндагӣ дар биёбон хеле мувофиқанд. Зерзамини ин хонаҳо дар ин шаҳри биёбонӣ воқеан бозёфти бебаҳоест, ки нақши яхдони табииро барои нигоҳ доштани маҳсулоти хӯрокӣ иҷро мекардааст.

Меъмории хонаҳои суннатии Кошон аз истеъдоди фавқулодаи аҳли ин диёр шаҳодат медиҳад, ки дар замонҳои қадим дар биёбони сӯзон макони роҳат барои зиндагӣ тарроҳӣ кардаанд.

Ба гуфтаи Ҳасан, дар қадим аксари хонаҳои Кошон аз зерзамин ба ҳам роҳ доштаанд. Дарвоқеъ, хонаҳо дар Кошон аксаран девор ба деворанд ва дар байни зерзамини хонаҳо нақб кандан набояд кори душворе буда бошад, ки ҳусни дигари ин меъмории беназир аст.

Ба қавле, дар замони ҳамлаи душман мардум аз роҳи ин зерзаминҳо ба чоҳҳо паноҳ бурдаанд ва он роҳҳо ҷони мардумро харидаанд. Дар Эрон кошониҳоро ба шӯхӣ "Кошӣ бағ бағу" меноманд, ки ба ҳуҷуми муғул ва ба чоҳҳо паноҳ овардани мардум рабт мегирад. Ривоят аст, ки муғулҳои одамшикор ба чоҳҳо санг меандохтаанд ва кошониёни панаҳшуда бо садои кабӯтар ҷавоб мегардондаанд.

Сабку тарроҳии ин хонаҳо сода нест, он аз таҷрибаи ҳазорсолаи мардуми боҳуши ин диёр сарчашма мегирад, ки таҳқиқоти коршиносона мехоҳад.

Бозори шаҳри Кошон яке аз диданиҳои ҷолиби дигари ин шаҳр аст. Бозор бо сабки меъмории қадимӣ аз лою гил бо сақфи гунбадшакл сохта шудааст ва дар он ғайр аз дидани меъмории ҷолиби тақрибан ҳаштсадсолаи он, имрӯз ҳам маҳсулоти саноеъи дастии косибони кошониро аз қабили қоливу порча, ҷавоҳирот, гулоби машҳури Қамсар, ширинӣ ва ғайра харидан мумкин аст.

Як воқеияти дигар бозгӯи истеъдоди мардуми Кошон дар тиҷорат аст. Кошониҳо тавонистаанд бо тарғиби Теппаҳои Сиялку боғи Фину бозсозии хонаҳои таърихӣ ва таблиғи гулоби Қамсару саноеъи дастӣ, шаҳрашонро ба макони сайёҳӣ табдил бидиҳанд, ки солона миллионҳо сайёҳ,

чи аз хориҷ ва чи аз дохил ба сайри ин шаҳр меоянд ва аз ин ҳисоб зиндагии мардумаш нисбат ба шаҳрҳои атроф бамаротиб хуб аст. Маҳз ба ҳамин сабаб мизони бекорӣ дар Кошон баробар ба сифр аст ва аз остонҳои ҳамҷавор ба ин ҷо муҳоҷирати корӣ вуҷуд дорад.

Ҳамин тавр, дар шаҳр ба ғайр аз хонаҳои таърихие, ки сайёҳ қабул мекунанд, чанд хонаи таърихии дигар, аз қабили хонаи Буруҷердӣ, хонаи Таботабоӣ ва ғайра бозсозӣ шудаанд ва ҷои боздиди сайёҳонанд, ки ман дар он ҷо анбӯҳи сайёҳони хориҷиву дохилиэрониро мушоҳида кардам.

Чизи ҷолиби дигар барои ман лаҳҷаи мардуми Кошон буд, ки онро шунидан мехостам, зеро қаблан аз суҳбатҳои Ҳасани Қарибӣ вожаҳоеро дарёфта будам, ки танҳо дар баъзе қисматҳои Тоҷикистон роиҷанд. Дар ин ҷо мардум ба лаҳҷаи хосу ширини забони форсӣ суҳбат мекунанд, вале, мутаассифона, эронӣ набудани маро дида, саъй мекарданд бо ман ба забони инглисӣ гап зананд. Вақте ҳам мефаҳмиданд, ки ман "форсӣ баладам" ва "ин забони модарии ман аст", саъй мекарданд бо забони адабӣ суҳбат кунанд, то дарки манзурашон бароям осон бошад. Ман дар мавзӯи лаҳҷаи мардуми ин диёр ёддоште навишта будам, ки онро ин ҷо меорам, то алоқамандон бо ин лаҳҷаи ширин ошно шаванд.

## ФИ ОБ МИЙОД

Замони донишҷӯи ба мо фолклор ва шевашиносӣ низ дарс медоданд. Устод Эшниёзов, донандаи хуби лаҳҷаҳои форсии тоҷикӣ зодгоҳи донишҷӯеро мепурсиданд ва вожаи ҷолиберо аз лаҳҷааш бо гӯиши он маҳал баён мекарданд, ки боиси ҷалби диққату ҳушҳолии мо мегашт.

Тобистонҳо донишҷӯёни бахшҳои филологиро барои “лаҳҷаҷамъкунӣ” ба минтақаҳо мефиристоданд.

Чунин менамояд, ки фолклор – эҷодиёти шифоҳии мардум дар тақдири забони мо нақши муассире доштааст. Ҳатто шояд он яке аз омилҳои асосии зинда мондан ва қобили фаҳм будани забони адабиёти ҳазорсолаамон ба имрӯзиён бошад. Ривояту афсонаҳо ва шеъру таронаҳо ҷузъи ҳаёти мардум шуда, забонро аз марҳалаҳои хатарнок тақрибан беосеб гузарондаанд. Бештари латифаву тарона ва қиссаву афсонаҳои ин жанр “халқӣ” номида мешавад, вале табиист, ки онҳо дар асл муаллиф доштаанд. Номи ин муаллифон на ҳамеша дар ёдҳо мондааст, зеро он бештар аз даҳон ба даҳон гузашта, исми муаллиф зикр намешудааст.

Дар замони бачагии ман мардум дар ҷашну маросимҳо шеърхонӣ мекарданд ва дубайтиҳои дилпазиру хотирмон месуруданд, ки ба як шунидан дар хотир нақш мебаст. Баъдҳо донистам, ки аксари он дубайтиҳо моли Боботоҳири Урён будаанд. Масалан, дубайтии ба лаҳҷаи ширини Ҳамадонӣ сурудаи ӯ:

*Си-пай рӯзей, ки бӯи гул ниёма,*
*Сидои чаҳ-чаҳи булбул ниёма.*
*Бирен ай богубони гул бипурсен,*
*Чиро булбул би сайли гул ниёма.*

Дар ҷашнҳои мардуми Панҷрӯд ин гуна суруда мешавад:

*Ду – се рӯз аст, ки бӯи гул наомад,*
*Садои хондани булбул наомад.*
*Равед аз боғбони гул бипурсед,*
*Чаро булбул ба сайри гул наомад.*

Панҷрӯдиҳо саъй кардаанд, ки "адабитар"- аш кунанд.

Таронаи ширинеро ба лаҳҷаи кошонӣ аз забони муаллифаш – Ҳасани Қарибӣ шунидам, ки маро ба ваҷд овард ва мехоҳам онро бо дӯстон ба миён гузорам:

***Фи об мийод***

*Ту бе ма гуфтӣ, бузак нимир йа рӯ мийод баҳор,*
*Ма бишед мегам, биё и ҳарфору бейзо кинор,*
*Ту мигуй ма мисси Фарҳод бирему кӯ биканам?*
*Ма мегам рошу иқа тийотр сари мо дар нийор,*
*Па уной, ки Хумби Дурран, лобуд ошиқед шудан,*
*Ки ҳама зидан ба кӯҳу шудан у ҷо мундигор?*
*Ма ки гуфтам мехомед, диге чаро ишва мейай?*
*И мену и дили ма, ту ам иҷо собихтиёр.*
*Биё боло гайратан, ту ҷуни ҳар ки дӯс дорӣ,*
*И қида сар ба сари и дили бепирам нейзор.*
*И гуле пандери ма рои ба ҷои недарам,*
*Бад ҷуриям уфтидам, гири туву и рӯзгор.*
*Олиши фик накунӣ я бор изид хасса шудам,*
*Буду я диқа набошӣ, нидорам сабру қирор.*
*Ига ту бишем бугуй, то охириш рафиқидам,*
*Ма мегам «фи об мийод», вале сидошу дар нийор.*

Албатта, барои хонандаи тоҷик ин таронаи ширин тақрибан фаҳмост, вале чанд тавзеҳи хурд медиҳам. Дар лаҳҷаи кошонӣ «бешед» дар мисраи дувум маънои «ба ту» дорад. Ҳамин тавр вожаҳои зайл дар лаҳҷаи кошонӣ ин маъноҳоро медиҳанд: «рошу»-роҳӣ шав, бихез, «тийотр»- театр, «и қида»- ин қадр, «и гуле»- ин гӯша, «гир уфтидан»- дармондан, «олишӣ»- иваз, иштибоҳ, «изид»- аз ту, «буду»- бидон, «диқа»- дақиқа, «фи об мийод»- ҳарфи бепоя. Бояд

зикр кард, ки «рошав», «и қида», «олишӣ» дар Panҷрӯд низ ба ҳамин маъно истифода мешаванд.

Барои касе, ки бо эҷодиёти устод Қарибӣ ошност, ин тарона шояд ғайримаъмул намояд, зеро ӯро бештар ҳамчун муаллифи шеъри ҷиддӣ – иҷтимоӣ мешиносанд, вале ин таронаи ширин бори дигар аз истеъдоди фавқулодаи дӯсти азиз Ҳасани Қарибӣ дарак медиҳад, ки шеъраш сохта ё «зӯракӣ» нест, балки худодод аст, зеро каси соҳибистеъдод ба ҳар коре даст занад, муваффақ мешавад. Табъи саршораш ҳамеша чунин бод!

Дар солҳои аввали Истиқлол дар асари кӯч бастани русзабонҳо, ки аксари сокинони шаҳрро ташкил мекарданд, Душанбе аз мардуми маҳаллӣ, ғолибан мардуми ҷануб пур шуд. Мардум аз музофот бо худ расму русум ва лаҳҷаашонро ҳам меоварданд. Барои ман, ки дар риштаи забон таҳсил кардаам, ҷузъиёти ин лаҳҷаҳо ҷолиб буд. Масалан, дар Кӯлоб барои ҳолпурсии ҳамдигар «Гулаку сангут созанд?» гуфта мепурсанд, ки ба маъно ҳолпурсии аҳли хонадон аст. Ба шарҳи Абдулмумин, ки худаш зодаи он минтақа аст, "гулак" духтар ва "санг" писарро ифода мекардааст, ки ба ман хеле ҷолиб намуд ва ман ҳам барои ҳолпурсӣ ин ибораи халқиро истифода мекардам, ки ба забонам нишаста буд. Боре баъд аз салом ба Комрон «Гулаку санг созанд?"- гуфта суол додам. Ӯ билофосила ҷавоб дод: "Ҳама глай!"

## БА ҚАМСАР МЕРАВАМ, ТО ҒАМ САР ОЯД

***(Нусратулло Арбобӣ)***

Нимаи дувуми рӯзи дигар, пас аз сайри хиёбонҳои Кошон ва дидани сабки меъмориву ҳунарҳои мардуми ин шаҳр, ки хоҳ – нохоҳ сайёҳро ба сайри таърихӣ ме-

барад, ба сӯи Қамсар – фароғатгоҳи кошониён равон шудем. Қамсар макони бӯстонсароҳои беруназшаҳрии сокинони Кошону атрофи он аст. Тавсифи ин маконро намекунам, зеро касе, ки аҳли диёри биҳиштие чун Душанбест ва Варзобу Ромит ва дараҳои шодоби Ҳисорро дидааст, шояд на ҳама ҳуснҳои ин мавзеъро дида тавонад.

Чизи ҷолибе, ки Қамсарро дар саросари Эрон маъруфу машҳур медорад, гулоби он аст. Замин ва иқлими ин мавзеъ барои киштукор хеле мувофиқ набошад ҳам, мардуми боистеъдоди ин диёр тавонистаанд занҷираи санъати ҷолиберо роҳандозӣ кунанд. Дар фасли баҳор, пеш аз расидани гармои сӯзанда дар қитъаҳое, ки обёрии қатраӣ мешаванд, навъи махсуси гули садбарг ва дигар рустаниҳои хушбӯйу доруиро мепарваранд ва гули онҳоро чида, аз он гулоб мекашанд. Дастгоҳи гулобкашӣ аз дегҳои бузурги хумшакл, ки аз боло бо лӯлаҳо ба зарфҳои сафолии дар дохили ҳавзи об гузошташуда васланд, иборат аст. Гулро бо миқдоре об ба ин дегҳо рехта, аз зер оташ мемонанд, ки ба ҷӯш омада, арақи он бухор шуда, аз тариқи лӯлаҳо ба зарф мерезад ва оби ҳавз онро сард мекунад. Қамсариҳо бо камоли майл сайёҳонро ба дохили корхона даъват мекунанд ва барои чашидан гулоб медиҳанд. Дохили ин корхонаҳо аз бӯи гулу раёҳин мисли растаи атторон муаттар аст. Сайёҳ метавонад ҳамон ҷо анвоъи гулоб супориш ва харидорӣ намояд. Гулоб, бахусус гулоби Қамсар дар Эрон басо машҳур буда, яке аз манбаъҳои даромади кошониён ва омили ҷалби сайёҳ ба ин диёр аст. Мо шабе дар бӯстонсарои музайяну муҷаҳҳази дӯсти азиз, доктор Асғари Додбеҳ– адабиётшиноси маъруф гузаронда, ба саёҳат идома додем. Дар Қамсар дарди мавзеи камар зиёд шуда бошад ҳам, ман онро аз шамол кашидани мавзеи миён диниста, бо бастани миёнбанди махсус иктифо кардам.

Пеш аз сафар ман аз дӯстон хоста будам, ки агар имкон бошад, деҳаи Мосуларо, ки яке аз диданитарин деҳаҳои қадимии дунёст ва дар остони Гелон воқеъ аст, бибинам. Ман аксҳои ин деҳаро дида, ошиқи он шудаам. Ба ғайр аз ҷойгиршавӣ ва сабки хоси меъмории он, ки боми хонаи поинӣ барои болоиҳо кафи кӯча аст, дидану шунидани забони мардуми он – толишон бароям бағоят ҷолиб аст. Ғайр аз ин, иди Наврӯз ва ҷашни арӯсиҳо дар ин деҳа хеле зебо таҷлил гирифта мешаванд, ки ман умед доштам оинбандии ҷашнеро бибинам.

Тибқи нақша макони баъдии исти мо шаҳри Язд буд. Роҳ аз Кошон ба Язд аз канори деҳаи Абёна – як деҳаи дигари таърихӣ мегузарад. Пешниҳоди Ҳасани Қарибӣ якдилона пазируфта шуд ва мо қарор кардем, ки саре ба ин деҳа бизанем, ки назири Мосула аст.

Абёна дарвоқеъ диданист. Он деҳаи қадимие буда, аз санги сурх сохта ва дар фарози кӯҳпорае ҷойгир аст. Сокинони он сабки хоси либос доранд ва ба забони хос такаллум менамоянд. Онҳо ба забони худ деҳаашонро Вийуна меноманд, "вий" бед ва номи деҳ ба маъно "бедистон" аст. Агар ман аз як сӯ аз сабки меъмориву хусусиятҳои фарҳанги сокинони Абёна муттаассир шуда бошам, аз сӯи дигар анбӯҳи сайёҳоне, ки мушоҳида кардам, маро шигифтзада кард. Умедворам ба зудӣ мазеъҳои кӯҳистонии кишвари мо низ ҳамин тавр пур аз сайёҳ гарданд, зеро дар зебоӣ бикр ва беназиранд.

Алоқамандон метавонанд дар бораи Абёна маълумоти бештарро аз интернет пайдо кунанд. Ман боз ҳам тибқи мақоли "шунидан кай бувад монанди дидан" сайри ин деҳаи зеборо ба касоне, ки гузарашон ба ин диёр меуфтад, тавсия мекунам.

Дарди камар имкон надод, ки ман Абёнаро табъи дил тамошо кунам. Мо ба сафар идома додем ва пас аз сайри кӯтоҳи деҳаи "Аҗдо"-деҳаи модарии устод Ҳасани Қарибӣ, ки дар масир воқеъ буд, ба Язд расидем.

## ҲАРЧАНД АЗ ХОКАМ, ВАЛЕ БИНВИС АЗ ОТАШ
### *(Қарибӣ)*

Ин шаҳр яке аз куҳантарин шаҳрҳои Эрон аст, ки дар маъхазҳои ду-се ҳазор сол қабл аз милод ёд мешавад. Аз рӯи кофтуков ва иттилоъи бостоншиносон ин шаҳр дар замонҳои Ҳахоманишиён маскунӣ будааст. Язд ҳамчун маркази зардуштиёни Эрон маъруф аст. Ривоят ҳаст, ки дар асари омадани дини ислом қисми зиёди зардуштиёни ин шаҳр ба Ҳинд кӯч бастаанд, ки то имрӯз ҷомеаи онҳо бо номи "Парс"-ҳо дар он кишвар зиндагӣ мекунанд.

Ҳадафи ба дидани ин шаҳр рағбат доштани банда ҳам боздид аз Оташкадаву Дахма ва ҷомеаи зардуштиён буд, ки қаблан бо чанде аз онон дар Душанбе ҳамсуҳбат шуда, иштиёқ пайдо карда будам.

Доктор Асғари Додбеҳ, он марди накӯному фархундапай тибқи ваъда бо парвоз расида, барои мо ҷойгоҳи хубе дар маркази шаҳр омода карда буд. Дӯсти азиз доктор Алӣ Саломат мошини роҳате барои сафар таҳия карда бошад ҳам, аз дарозии роҳ, боздиди Абёнаву Аҗдо ва кӯфти сафар дарди камари ман бамаротиб зиёд шуда, маро замингир кард. Кор ба ҷое расид, ки дард дар мавзеи камару пойи чап имкони роҳ гаштан намедод. Дӯстон ба иттифоқ ба қарор омаданд, ки сафар бояд қатъ шавад ва ба Теҳрон баргардем. Вале ман ман набудам, агар то ин ҷо омада, Оташкада ва

Дахмаро намедидам. Пас аз хобидан ва оромиш пайдо кардани дард, баъд аз нисфирӯзии рӯзи дигар ман исрор кардам, ки ба дидани он маконҳои таърихӣ равем. Барои пешгирӣ аз эътирози дӯстон худамро "тақрибан сиҳат" вонамуд кардам. Хушбахтона, дар асари истироҳати дароз дард камтар шуда буд. Мо ба дидани Оташкада рафтем.

Ин Оташкада дар маркази шаҳри Язд, дар ҷое ки зардуштиён муқаддас медонанд, бо маблағи зардуштиёни Ҳинд бино шудааст. Он ҳавлии сабзу хурраме бо коҷҳои ҳамешасабз ва ҳавзи об дар марказ дорад. Бинои Оташкада боҳашамат сохта шуда ва дар пештоқаш рамзи зардуштӣ – "Фуруҳар" нақш карда шудааст. Даромадани сайёҳон ба дохили бино мумкин аст, вале толоре, ки дар он оташи муқаддас фурӯзон аст, аз толори ташрифи сайёҳон бо девори шишаӣ ҷудо карда шудааст. Воруд ба утоқи асосие, ки зардуштиён дар атрофи оташ муқарраароти диниашонро анҷом медиҳанд, барои сайёҳон мамнӯъ аст. Ман, ки як сол дар Ҳинд будам ва маъбадҳои ононро бисёр дидаам, Оташкада ва оташгоҳро дар қиёс бо бутхонаҳои онҳо тасаввур мекардам. Фикр мекардам, як оташдони сангиеро бибинам, ки дар рӯи фарш сохта шуда ва дар канори он мӯбаде оташков дар даст бо ваҷоҳати释 мармуз ҳар замон рӯ ба осмон карда, дуо хонда ва бо он оташков ҳезумҳоро рӯйи ҳам мекарда бошад. Дар асл саҳнае, ки ман аз паси шиша дидам, комилан чизи дигар буд. Дар миёни толори васеъ ҷоми бузурги давраш зиёда аз як метр аз филизи тиллорангро, ки шояд биринҷӣ бошад, дар баландии зиёда аз як метр гузошта буданд ва дар дохили он оташ рӯшан буд. Ман аввал боз ҳам ба қисматҳои дигари толор нигоҳ карда, он оташдонеро меҷустам, ки дар асари дидани маъбадҳои ҳиндуён дар зеҳнам шакл дода будам.

Маъбадҳои ҳиндуён хеле рангубор ва бутҳо дорад. Онҳо дар маъбадҳояшон шамъҳо бо бӯи хос мегузоранд, ки ростӣ, дили маро беҳузур мекарданд. Илова ба ин, дар он маъбадҳо ба бинандагон ва эътиқодмандон хадамоте аз қабили гузоштани нақш дар пешонӣ, гузоштани кадом як баргҳои рустанӣ дар даҳон ва ғайра пешниҳод мекарданд. Ман ҳам интизор доштам, ки чунин як маъбадеро хоҳам дид.

Вале ин маъбад ва бахусус оташгоҳаш шукӯҳу шаҳомати хос дошт. Ҷоми бошукӯҳ бо оташ дар болотарин ва беҳтарин ҷойгоҳ гузошта шуда буд. Хушбахтона, аксҳои Оташкадаи Язд ва оташгоҳи он дар интернет фаровонанд ва алоқамандон метавонанд он аксҳоро бибинанд.

Дар толори сайёҳӣ ба ғайр аз тасвири Зардушт ва нақшҳои дигар, дар лавҳаҳо иттилои лозимаро барои сайёҳон навишта буданд. Аз яке аз ин навиштаҳо бармеомад, ки ин оташ дар тӯли ҳазорсолаҳо хомӯш нашудааст ва якуним ҳазор сол пеш аз Оташкадаи Кориён ба деҳаи Ақдо, ки мо раҳораҳ онро дида будем, оварда ва ҳафтсад сол дар он ҷо фурӯзон будааст. Баъд ба шаҳри Ардакон бурда ва дар он ҷо сесад сол нигаҳдорӣ шудааст. Тақрибан панҷсад соли охир дар Язд аз оташкада ба оташкада фурӯзон нигаҳдорӣ мешудааст.

Дар лавҳаи дигаре, ки диққати маро ҷалб кард, ин матн навишта шуда буд: "Оташ қиблаи зардуштиён нест ва онҳо фақат дар дохили оташкада рӯ ба оташи муқаддас, ки монанди парчам мемонад, меистанд ва ба ситоиши Худованд мепардозанд. Зардуштиён ба ҳангоми намоз рӯ ба нур истода ва Аҳуромаздоро парастиш мекунанд. Зардуштиён оташро поку тамиз медонанд, ки боис мешавад зардуштиён аз он ба унвони робит байни худу Аҳуромаздо истифода кунанд, ҳамчунин онҳо мӯътақиданд, ки оташ Аҳриманро аз онҳо дур

мекунад ва монеъи васвасаи Аҳриман ё шайтон мешавад. Агар бихоҳем рӯ ба оташ шудани зардуштиёнро далел бар кофирии онон бидонем, пас мусулмонон низ кофир мебошанд, зеро ба самти сангу чӯб намоз мехонанд ва барои ғайри худои якто саҷда мекунанд. Пас наметавон зардуштиёнро кофир номид.”

Мо баъд аз дидани Оташкада ба гузари зардуштиён рафтем. Маркази шаҳри қадимии Язд, ки гузари зардуштиён низ дар он ҷост, дар шакли гилӣ боқӣ мондааст. Кӯчаҳои пурпечутоб ва аҳёнан сақфдор сайёҳро ба сайри таърихӣ мебаранд ва шахс худро дар умқи таърих ҳис мекунад. Дар яке аз он кӯчаҳо мо бо ду нафар зардуштӣ вохӯрдем, ки якеашон бо исми Манучеҳр чун аз Тоҷикистон будани маро шунид, гӯё як нафар наздикашро дида бошад, чашмонаш барқ заданд ва бо муҳаббат аз Тоҷикистон суҳбат мекард. Ӯ аз интернет наворҳои видеои ҷашни Наврӯз ва дигар ҷашну маросимҳои Тоҷикистонро дида буд ва мегуфт, Тоҷикистонро хеле ва хеле дӯст медорад.

Аз нақли ӯ маълум мешуд, ки дар асари фишорҳои низоми динии Эрон ва ҷаҳонишавӣ, ҷомеаи зардуштиёни Язд камодам ва камранг шудааст. Ӯ мегуфт, мавҷи дувуми ҳиҷрати зардуштиён ба Ҳинд идома дорад, ки шояд ба зудӣ кам касе аз ҷавонони зардуштӣ дар ин шаҳр бимонад. Ман аз расму русум ва одатҳои зардуштиён суҳбат кардан мехостам, вале Манучеҳр хеле забонхоӣ мекард, шояд зиндагӣ дар як кишвари мазҳабӣ намояндагони дини ақаллиятро ба эҳтиёткорӣ одат кунонда бошад.

Ҷои дидании дигаре, ки зеҳни маро машғул медошт, Дахмаи зардуштиён буд, зеро маълум аст, ки қаблан онҳо мурдагонашонро намегӯронданд, балки дар Дахма мегузоштанд. Тақрибан панҷоҳ сол қабл қонунан дар Дахма гузошта-

ни ҷасад манъ шуда, ҳоло дар ин шаҳр дахмаҳо ҳамчун осорхонаи таърихӣ вуҷуд доранд. Мо пас аз гаште дар гузари зардуштиёни Язд ба Дахма, ки дар канори Язд ҷойгир аст, рафтем. Дар беруни шаҳр ду Дахма ҳамчун осори таърихӣ ҳифз шудаанд, ки барои боздиди сайёҳон дастрасанд. Муҷтамаи дахма аз як ҳамвории бузург ва ду теппаи кӯҳмонанд дар канори он, ки бо девор иҳота шуда, иборат аст. Дар ҳамворӣ чанд сохтмони гилии ба сабки ғайриодӣ сохташуда ва аз ин сохтмонҳо пайроҳаҳо ба пои он кӯҳтеппаҳо мебаранд. Дар фарози он баландиҳо ду созаи гирди бузург бо даври тақрибан 18-20 метр вуҷуд доранд, ки ба онҳо аз тариқи зинаҳо баромадан мумкин аст.

Дар асари боздиди Оташкада ва сайри гузари зардуштиён дарди камари ман хурӯҷ карда бошад ҳам, ман “сир бой намедодам”, зеро маълум буд, ки ба маҳзи ошкор кардани дард, дӯстон боздидро қатъ мекарданд. Бе ин ҳам пинҳонӣ ба қиёфаам нигариста, вазъамро “назорат” карданашон аз назарам пинҳон намемонд. Ман ба худ қарор кардам, ки ҳар чи бодо бод, бояд Дахмаро ҳам бибинам.

Сохтмонҳои дар ҳамворӣ сохташуда як сақфи гунбадшакл дар миён ва чор даромадгоҳи бузург аз чор гӯша дошт, ки ҳеч дару дарвозае надошт ва касе аз мо нафаҳмид, ки ин сохтмонҳои булаҷаб барои чиянд. Дар канори пайроҳаҳо лавҳҳо насб карда, иттилои лозим ба сайёҳонро дар онҳо навишта буданд. Дар як лавҳа тавзеҳоти комили ин сохтмонҳо дода шуда буд. Ҳар як аз ин сохтмонҳо ба яке аз деҳкадаҳои зардуштиён тааллуқ доштааст, ки вақти барои дафн овардани наздикашон маросимҳои диниро дар дохили ин бино анҷом медодаанд ва ҳини интизорӣ аз боду борон ва офтоби биёбон дар дохили он паноҳ мебурдаанд.

Мо ором–ором сохтмонҳоро дида, ба сӯи кӯҳтеппа равон шудем. Аз ҳамворӣ то Дахма, ки тақрибан дар баландии панҷоҳ метр қарор дошт, аз сангу хок зинаҳо сохта буданд. Гӯё ин зинаҳоро махсус сохта буданд, ки касоне чун ман, бо дарди камар, ҳатто фикри боло рафтанро накунанд. Баландии зинаҳо баъзан аз ним метр ҳам баланд буд ва теъдодашон аз сад бештар. Доктор Саломат ҳар лаҳза маро ҳушдор медод, ки вазъам метавонад бад шавад ва исрор мекард, ки аз раъйам гардам, вале гӯши ҳарфшунав куҷост?!

Бо ёрии дӯстон он зинаҳо паси сар шуданд ва ман Дахмаро ҳам дидам. Дар болои кӯҳтеппа як даври азиме бунёд кардаанд, ки замини он бо санг фарш шудааст ва ба даври он аз санг девори баландиаш тақрибан се-чорметрӣ кашидаанд. Барои даромадани сайёҳон дар девор роҳе кушодаанд, вале дар лавҳе навиштаанд, ки қаблан вақте дар Дахма ҷасад мегузоштаанд, даромадан ба он аз тариқи сӯрохе имконпазир будa, ки дари оҳанӣ доштааст ва танҳо нафарони махсус ҳаққи ворид шудан ба Дахма доштаанд. Дар байни фарши ин давра чоҳе дуруст кардаанд, ки устухонҳои мурдагонро баъди гӯшташро хӯрдани паррандагон ба он меандохтаанд ва асид (кислота) рехта, ҳал мекардаанд.

Ҳам вақти баромадан ва ҳам вақти фуромадан доктор Саломат гоҳ бо Ҳасани Қарибӣ ва гоҳ бо ронандаи яздии мо барои ба тарзи бад сохта шудани зинаҳо даъво мекард, гӯё ин ду бечора гунаҳкори асосӣ бошанд. Сабабгори даъво ҳам дарди камари ман буд, бечора доктор аз ман бештар дард мекашид. Мо як навъ ба мошин расида, ба бошгоҳамон баргаштем ва гӯё мӯҳлати истифодаи камар ва пои ман ба поён расида бошад, ки аз пой уфтодам. Хушбахтона, вақти дароз кашидан дард эҳсос намекардам, вале вақти нишастан ва роҳ рафтан дард тоқатфарсо гашта, ҳатто баъзан якбора пои ча-

пам карахт мешуд. Ман ҳарчанд саъй кунам ҳам, дигар пинҳон доштани дард номумкин гардид.

Воқеан, хеле дошт дод, ин ҷисми фарсудаи ман! Дар масири Теҳрон – Кошон – Язд ҳарчи дар нақша доштем, дидем ва ҳатто бештар, бахусус таҳаммули он зинаҳои ба таври муҳандисии хос сохташудаи Дахма, ки барои нафари солим ҳам чолише буд!

Қарор кардем, ки он рӯзу рӯзи дигар истироҳат кунем ва бо беҳ шудани вазъам бо парвоз ба Теҳрон баргардем ва вазъи камарро ташхис кунем. Рӯзи дигар ман ҳис кардам, ки роҳ рафта метавонам ва мо бо аввалин парвоз ба Теҳрон баргаштем. Аз фурудгоҳ мустақим ба бемористон рафтем ва маро аз ташхиси МРТ гузаронданд. Вақте аз утоқи МРТ берун омадам, аз ваҷоҳати доктор Саломат фаҳмидам, ки дар навор нуқси муҳиме ошкор шудааст. Дар муоина аз каллаҷунбонии доктори мағзу асаб фаҳмидам, ки ӯ ба шиддат аз вазъи камари ман нигарон аст. Хулосаи ӯ ин буд, ки вазъам бе ҷарроҳӣ хуб намешавад. Рӯзҳои баъдӣ бо ибтикори доктор Саломат мо чанд пизишки дигарро ҳам дидем ва ҳама ҳайрон мешуданд, ки ман ҳоло ҳам қобилияти роҳгардӣ дорам. Аз навори МРТ бармеомад, ки як диски сутунмӯҳраи ман кафида, сеяки сӯрохии дохили мӯҳраро ишғол ва ба ҳамин миқдор ҳароммағзро зер карда буд. Ин диски камари ман чура дошт ва қаблан пизишкони Бемористони Ибни Синои Душанбе ба ман тавсияҳои лозимро барои эҳтиёт кардан аз ҳар гуна фишор дода буданд. Вале чун дарде эҳсос намекардам, тавсияҳои онҳоро ҷиддӣ қабул накарда, қабл аз ин сафар ва дар тӯли он ба камарам фишори зиёд оварда будам, ки диск аз бепарвоии ман ба дод омада, гӯё аз шиддати хашм таркида буд. Воқеан “то дил накунад дард, надонӣ, ки дилат ҳаст”.

Пизишкон ба ман «истироҳати мутлақ» тавсия карданд ва ман дар меҳмонхона маскун шудам. Ҳамаи ин ҳодисаро барои он нақл мекунам, ки як бардошти дигари ин сафарро ба дӯстон бирасонам. Аз рӯзе, ки дар камари ман дард пайдо шуд, доктор Саломат ва Ҳасани Қарибӣ гӯё ин дардро дар бадани худашон ҳис мекарданд. Вақте дар Язд ман аз пой уфтодам, ба навбат дар болини ман менишастанд. Ҳамин тавр, вақте он ташхиси воҳимаангез гузошта шуд ва ман дар меҳмонхона бистарӣ гардидам, ин ду рафиқи мушфиқ лаҳзае аз ман ғофил набуданд, ба илова дӯсту ошноёни зиёди эронӣ пайваста ҳузурӣ ё телефонӣ хабар мегирифтанд ва изҳори ҳамдардиву таманнои зудтар шифо ёфтан мекарданд. Дӯстонро ном намебарам, зеро метарсам, ки аз зиёдии теъдод ва фаромӯшхотирӣ номи касе ногуфта монад, вале як чиз бароям мушаххас шуд, ки эрониён дар суннати дӯстиву бародарӣ фарқе аз мардуми мо надоранд. Муҳаббати онҳо ба банда илова ба суннати рафоқату дӯстӣ, ки аз арзишҳои Озодагон будааст, ҳамчунин нишонаи муҳаббат ба тоҷику тоҷикистонӣ буд. Мардуми одии Эрон воқеан Тоҷикистонро дӯст медоранд ва онро Ватани дувуми худ меҳисобанд. Инро борҳо аз барқ задани чашмонашон бо шунидани номи Тоҷикистон мушоҳида кардаам. Ман ҳам Эронро дӯст медорам ва онро Ватани дувуми худ меҳисобам.

Пас аз чор рӯзи бистарӣ ҳолам беҳтар шуд ва ман тавонистам бо ҳамон масири дурудароз аз тариқи Истанбул ба Ватан баргардам ва табобату истироҳатро дар ин ҷо давом диҳам. Мутаассифона, аз сабаби дарди камар натавонистам китобҳои харидаамро ҳамроҳ биёрам, вале умедворам ба зудӣ ба дастам бирасанд.

Ба умеди шифо, ҳар шарро хайре ҳаст. Хайри нохушии пешомада бо банда ин аст, ки ниҳоят шароит фароҳам омад,

то чанде аз давуғеҷ биёсоям ва ба нимнавиштаву нонавиштаҳоям бипардозам, ки қисми зиёди ин нома маҳсули он замони дард аст. Ҳар шебе қобили табдил ба фароз аст!

## АМОНАТДОРИ ХУБЕ БОШ, ЭЙ ДӮСТ!
***(Маҳмуди Шарифӣ)***

Бояд иқрор кунам, ки ман мактаби миёна ва донишгоҳро ба забони модариам тоҷикӣ – форсӣ хонда бошам ҳам, дониши забонии ман ба он ҳадде набуд, ки ҷасорат ба навиштан намоям. Забони модарии ман–форсии тоҷикӣ дар замони Шӯравӣ башиддат таназзул карда ва сатҳи забондонии мардум ба таври бесобиқа паст рафта буд. Забони тоҷикӣ ба ҳошия ронда шуда буд ва мардуми тоҷик дар ҳоли дузабонӣ мезистанд, вале ҳарду забон, ҳам тоҷикӣ ва ҳам русиро хуб намедонистанд. Ёд дорам, дар солҳои аввали Истиқлол барои касоне, ки дар интихобот ба мансабҳо номзад мешуданд, яке аз талабот донистани забони модарӣ буд. Ҳатто писари Ҳилол Каримов, падараш муаллифи китоби алифбои тоҷикӣ бошад ҳам, забони тоҷикиро намедонист ва бо ваъдаи он ки дар кӯтоҳтарин муддат забонро хоҳад омӯхт, ба интихобот роҳ дода шуд.

Медонед, ки ман дар фаъолияти соҳибкориям бо соҳибкорони эронӣ ҳамкорӣ кардам ва ҳамин иттифоқ дар такмили дониши забонии ман таъсири мусбат гузошт, ки ба ҷасоратам ба навиштани ин китоб афзуд. Дар тӯли солҳои охир аз тариқи моҳвора, шабакаи телевизиони “Gem TV” дар Тоҷикистон дастрас шуд, ки ба забони форсӣ филму сериал пахш мекунад ва дар беҳ шудани сатҳи забондонии мардуми Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Аз таърих медонем, ки дар асари истилои араб ба Эронзамин забони форсӣ ба ҳошия ронда ва тақрибан ба нестӣ расида буд. Дар замони давлатдории Сомониён ин забон дар Бухоро ба ҷойгоҳи худ, ба дарбор баргашт ва баъдан дар кулли Эронзамин ба маснади аслияш нишаст, ки ҳама форсизабонон хостгоҳи забони форсиро Бухоро медонанд.

Дар асри Шӯравӣ забони форсӣ дар Мовароуннаҳр боз ҳам ба ҳошия ронда шуд ва бо пошхӯрии Шӯравӣ ба маснади худ баргашт. Хушбахтона, ин дафъа эрониён забонро некӯ нигаҳдорӣ карданд ва ба мовароуннаҳриён дар бозгашти он кӯмак карданд, гуфтан мумкин аст, ки он воми худро бозпас доданд. Зиҳӣ ҳар касе, ки воми худ бозпас бидиҳад!

Чунон ки дар оғоз гуфта омад, муаллиф навиштани ин китобро қарзи худ дониста, ба ду сабаб ба иншои он иқдом кардааст: нахуст, ин ки иншо кардан тақозои табиаташ гашта ва дувум, натавонистааст ба тақдири миллату кишвараш бетафовут бошад. Агар каму костие дар матн ба чашм бирасад, хонанда бузургворӣ кунад ва бибахшад, зеро шуғли асосии муаллиф навиштан нест.

Ба умеди Худо!

## МУНДАРИҶА

Пешгуфтор....................................................3

Ба ҳар ҳолат, ки будам, бо ту будам, Меҳан, эй, Меҳан!...........5
Вазъи пойтахт....................................................9
Чӣ резӣ чунин хуни ман бегуноҳ? ....................................11
Туро оштӣ беҳтар ояд зи ҷанг ......................................13
Кунун бишнав аз ман яке достон .....................................15
Яке кушта фитода..................................................30
Куҷо донанд ҳоли мо... ............................................31
Арӯси ҳазордомод..................................................33
Халъи силоҳ ......................................................35
Додгоҳи аввал, гаравгонгирӣ ........................................38
Додгоҳи дувум, ҷиноят..............................................42
Гузаштаи ногувор ..................................................44
Миллати хушбахт...................................................47
Миллати муваффақ ..................................................48
Гаште дар Хатлон ..................................................50
Ғаме бар сина чун кӯҳи Бадахшон ....................................53
Бузургию меҳраш ҳисори ман аст......................................61
Дар оҳанги суғдӣ, навое дарӣ........................................63
Устод Лоиқ Шералӣ..................................................66
Ҳунар хор шуд, ҷодуӣ арҷманд .......................................72
Саргардонӣ рӯи пули сакарот.........................................75
Дар кӯи хароботу хурофот фитодем....................................78
Кафани куҳна .....................................................83

Бе рӯи туам на ақл барҷост, на дил ........ 84
Кас набуд аз рози дониш бениёз ........ 85
Шӯълаи умед ва фазои созанда ........ 90
Додгоҳи иқтисодӣ, адолат ........ 93
То кай ғами он хӯрам, ки дорам ё на ........ 95
Соҳибкорӣ ........ 96
Дигаргуна шуд бахту баргашт ҳол ........ 101
Ин беша гумон мабар, ки холист ........ 103
Чӣ зиён туро, ки ман ҳам бирасам ба орзуе ........ 107
Ҷон аз он хуршед нурафшон шавад ........ 109
Шӯхмеъморам ба олам тарҳи нав андохта ........ 111
Дилам гашт хуррам зи бозори ӯй ........ 113
Эй, ки дастат мерасад, коре бикун! ........ 114
Табаҳ дид аз ин кор бозори хеш ........ 116
Кор агар баста буд, кушоиш ёфт ........ 119
Набояд, ки дур уфтӣ аз ёварон ........ 124
Гузаштаҳо гузашта ........ 125
Роҳе, ки дар он наҷот бошад, бинамо! ........ 127
Ҳурмати модарӣ аз ёд бибурд ........ 128
Фазои муқаддас ........ 129
Ба тариқе, ки кас гумон набарад ........ 130
Устод Муҳаммадҷон Шакурӣ ва Герострат ........ 132
Калонгирхӯҷа ........ 136
Худ ғалат буд он чӣ мепиндоштем ........ 137
Хишти аввал гар ниҳад меъмор каҷ... ........ 141
Даст аз талаб надорам ........ 145
Шумон ........ 150

Гаронмоятар кист аз дӯстон? .......... 152
Рафтори нек, гуфтори нек, пиндори нек .......... 159
Чунин гуфт Хоҷа Абулфазли дабир .......... 161
Чунин аст расми қазову қадар .......... 165
Мусалмонон, мусалмонон, мусалмонӣ зи сар гиред .......... 170
Бигӯяму накунад рахна дар мусалмонӣ .......... 174
Туро донишу дин раҳонад дуруст .......... 178
Хотироти кӯдакӣ омад ба истиқболи ман .......... 179
Зан агар оташ намешуд, хом мемондем мо .......... 183
Сухани ишқ на он аст, ки ояд ба забон .......... 188
Ишқ пайдо шуду оташ ба ҳама олам зад! .......... 190
Мӯсафеде буд дар қишлоқи мо .......... 193
Зи номусоидии рӯзгор метарсам .......... 199
Ҳар чӣ андӯхтам, ин тоифаро ришва диҳам .......... 205
Чун нахоҳӣ ту ришваву пора .......... 206
Риндони ташналабро обе намедиҳад кас .......... 209
Маро зи таънаи бегона он ҷафо нарасид .......... 210
Хироҷи мамлакате тоҷу афсараш буда .......... 213
Замона ба мардум шуд ороста .......... 216
Дар бехабарӣ мард чӣ ҳушёру чӣ маст .......... 219
Музд он гирифт, ҷони бародар, ки кор кард .......... 221
Ройи вазирон туро ба кор наояд .......... 223
Замона панде озодвор дод маро .......... 224
Бад буду ҳарчӣ буд, набояд мурур кард .......... 225
Бани одам аъзои якдигаранд .......... 231

Ҳаргиз ҷаҳону мулк чу ту қаҳрамон надошт ........ 234
Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир! ........ 238
Ва парешонии мо ҳодисае буд ғариб ........ 240
Дардам аз ёр асту дармон низ ҳам ........ 243
Баҳси дигар ........ 245
Худоҷон, тоҷи дунёро нигаҳ дор ........ 247
Ба фарҳанг бошад равон тандуруст ........ 248
Ин ҳарифон хидмати ҷоми ҷаҳонбин кардаанд ........ 251
Ё сухан санҷида гӯ, эй марди доно, ё хамӯш ........ 255
Пули дизӣ ........ 255
Бисёр сафар бояд, то пухта шавад хом ........ 258
Кишвари китоб ........ 259
Ин ҳарфҳо барои ту "Кошон" намешавад ........ 263
Фи об мийод ........ 268
Ба Қамсар меравам, то ғам сар ояд ........ 271
Ҳарчанд аз хокам, вале бинвис аз оташ ........ 274
Амонатдори хубе бош, эй дӯст! ........ 282

*Холиқзода Абдухалил Абдуҳамид*

# ҲАВОДИСИ РӮЗГОРИ МАН

Ба чоп __.12.2023 иҷозат дода шуд. Андозаи $60x84^{1}/_{16}$.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Palatino Linotype.
Ҷузъи чопии шартӣ 18,0.
Теъдоди нашр 500 нусха. Супориши №___.